**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# САДРИДДИН АЙНӢ - МАОРИФПАРВАР

***Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори 140-солагии устод Садриддин Айнӣ***

**ДУШАНБЕ – 2018**

Зери назари доктори илми фалсафа, профессор
Саид Нуриддин Саид.

Садриддин Айнӣ - маорифпарвар. – Душанбе, 2018, - 254 с.

**Мураттибон:**
Хуршед ЗИЁӢ
Обидҷон МАҲМУДЗОДА
Эҳсон САФАРЗОДА

**Муҳаррирон:**
М.РУСТАМЗОДА
Н.ОХУНЗОДА

*Дар ин маҷмӯа мақолаҳои олимон ва донишмандони ҷумҳурӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ ҷамъоварӣ шудааст. Китоб барои устодону омӯзгорон, хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ва муҳаққиқон пешбинӣ шудааст.*

# БУНЁДГУЗОРИ АДАБИЁТ ВА ФАРҲАНГУ МАДАНИЯТИ НАВИНИ ТОҶИК

## (Ба ҷои пешгуфтор)

Дар ҳар як давру замон номи халқу миллатро фарзандони хирадманду заковатпеша, фидокору қаҳрамон ва бонангу номусаш зиндаву поянда медоранд ва шуҳрату маҳбубият мебахшанд. Бунёдгузори адабиёт ва фарҳангу маданияти навини тоҷик устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсиятҳои бузурги таърихист, ки бо кору пайкор, талошу муборизаҳои собитқадамонаи худ дар шароиту давраи нави таърихӣ номи тоҷиконро вирди забон ва шуҳрати ҷаҳониён гардонид. Дар замони барои тоҷикон тақдирсози солҳои 20-уми садаи XX устод Айнӣ бо далелҳои қотеи таърихӣ, илмӣ ва адабию фарҳангӣ ва осори гаронбаҳояш ватандорони аслӣ ва ҳақиқӣ будани тоҷиконро дар сарзамини Осиёи Миёна ба таври барҷаста собит сохта, даъвоҳои беасоси душманони халқи тоҷикро фош намуд ва ба ҷаҳониён бо ҳисси баланди миллӣ ва ифтихормандӣ иброз дошт.

*Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,*
*Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.*

Воқеан, дар он замони мураккабу бағоят пурпечутоб исботи мавҷудияти халқи тоҷик, чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд, «аҳамияти басо муҳими таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо намуд. Зеро фош сохтани моҳияти ақоиди иртиҷоии миллатгароён яке аз шартҳои ташаккули фарҳанги сусиёлистии тоҷик ба шумор мерафт». Ана дар ҳамин гуна вазъияти таърихӣ устод Айнӣ сина сипар карда, ҷасурона ба майдони мубориза баҳри ҳимояи манфиатҳои миллии тоҷикон ворид гардид. Ӯ бо таълифи мақолаҳои пурмуҳтавои публитсистӣ, эҷоди ашъори оташбори инқилобӣ, аз ҷумла бо хитобияҳои барномавии худ ва гуфтори сидқии ватандӯстонаи кору

фаъолияти бевоситаи амалӣ ва ҳидояту даъваткунанда шурӯъ кард. Аз ҷумла:

*Айнӣ ба як ғазал натавон шарҳи ҳол кард,*
*Бояд ба инқилоб навиштан китоби сурх.*
*Инчунин, устод Айнӣ эълон дошт:*
*Вақти он омад, ки дар саъю амал ҳиммат кунем,*
*Дар сари осудагии хеш худ хидмат кунем.*

Бо навиштани шоҳкории шиносномаи миллат – китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дигар осори арзишманду гаронбаҳои таърихию адабӣ дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, бедориву худшиносии миллати тоҷик хидматҳои арзандаву барҷастаеро анҷом дод, ки дар оянда сармашқи кору фаъолияти амалии дигар фарзандони фарзонаи миллат қарор гирифтанд. Шуҷоату ҷасорати беназири устод Айнӣ, ки тоҷиконро ҳамчун «як қавми бузург»-и ориёӣ ба маънои асилу наҷибзода, тоҷдору олимартаба ва озодманишу шариф муаррифӣ кардан дар он шароите, ки тоҷиконро ба куллӣ инкор мекарданд, бо қатъият ва ҷиддият аз ҷониби ин шахсияти халқпарвару ватандӯсти ҳақиқӣ таъкид намудани ин масъалаи бағоятдараҷа тақдирсозу ҳалкунандаи ҳақиқати таърихӣ хеле муҳим буд: «Дар Осиёи Миёна, хусусан дар хоки Бухоро ва Туркистон ба будани як қавми бузурге бо номи тоҷик бояд касе инкор надошта бошад. Соҳиби маданияти куҳан ва адабиёти куҳансол будани ин қавм низ ҷойи инкор нест». Ин суханон гувоҳи равшани фидокорӣ ва қаҳрамони миллӣ будани ин фарзанди барӯманди халқи тоҷик мебошад. Дар тамоми давраҳои минбаъдаи фаъолияти иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии устод Айнӣ чунин корномаи ибратомӯзи ӯ баҳри наслҳои минбаъда, алалхусус дар даврони Истиқлолияти давлатӣ тимсоли содиқона хидмат кардан ба нафъи халқу ватани азиз хоҳад буд. Ва дар ҳақиқат, чунонки шоири шаҳир Лоиқ Шералӣ мефармояд:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

***Нуриддин САИД- доктори илми фалсафа, профессор***

*Намоз ҲОТАМОВ – профессори*
*Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат*

# УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ
# ВА ҲАРАКАТИ ҶАДИДИИ БУХОРО

Устод Садриддин Айнӣ дар зиндагии худ давра ва воқеаҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Давраи аввали зиндагии устод замони амирӣ, замони асримиёнагӣ – феодалӣ ва оғози муносибатҳои сармоядорӣ бошад, пас давраи дигар, замони мубориза барои барҳам додани тартиботи куҳна ва бунёди ҷамъияти нав – сотсиалистӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин ҳам ин ҳар ду давр дар эҷодиёти устод ба тарзи васеъ инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла ташаккулёбии равия, ё худ ҳаракати ҷадидӣ дар Бухоро, ки мо ин ҷо каме таваққуф карданием.

Дар нимаи дуюми асри XIX, дар замони пойдории тартиботи амирии Бухоро, ки ҳомиёни он дар аморат ягон хел тағйиротро намехостанд, фарзанди барӯманди халқи тоҷик, асосгузори равияи маорифпарварӣ Аҳмад махдуми Дониш (1826-1897), бо гуфтаи устод Айнӣ, «чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон зоҳир мешавад,… дурахшид».[1] Ин марди фозил бо эҷодиёти худ, махсусан асари машҳураш «Наводир – ул – вақоеъ», як зумра зиёиёни Бухороро ба ҳаёти нав бедор намуд. Яке аз он бедоргаштагон устод Айнӣ ба ҳисоб меравад.

Худи устод Айнӣ таассуроташро аз мутолиаи «Наводир – ул – вақоеъ»-и Аҳмади Дониш чунин баён кардааст: Ман ин китобро такрор ба такрор хондам ва «аз он лаззати зиёд гирифтам… Баъд аз ин фаҳмидам, ки чаро Аҳмад-махдумро кофир мегуфтанд. Ӯ дар ин китоб муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс,

---

[1] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. –Душанбе, 1987 –С. 20.

беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст.

Ана барои ҳамин ӯро кофир мегуфтаанд! Баъд аз ин кӣ будани Аҳмад-махдумро шинохтам ва назарам ба муллоҳо ва ба дарсҳои мехондагиам дигар шуд.

Хулоса, дар сояи мутолиаи ин китоб дар фикрам тағйироте пайдо шуд».[2] Яъне «...назари мо – давом медиҳад устод Айнӣ, - ба амир, вазир, ба муллоҳо ва ба зиндагии онрӯза қариб тамоман дигар шуд».[3] Ин тағйирот барои донистани ҳақиқати ҳоли мардуми аморати Бухоро ва пайдо намудани роҳҳои ислоҳ намудани онҳо ба ҳисоб меравад.

Охири асри X1X ва махсусан, аввали асри XX, аморати Бухоро дигар аз хабарҳои ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонист. Ба Бухоро низ ҳар гуна рӯзномаҳо омада мерасиданд, ки онҳо оид ба воқеаҳои гуногуни ҷаҳон маводҳо нашр менамуданд.

Аз ҷумлаи рӯзномаи “ Тарҷумон”, ки солҳои 1883-1914 дар Боғчасарой, бо ташаббуси яке аз саромадҳои асосии ҳаракати ҷадидияи тотор Исмоили Ғаспарӣ (1851-1914), бо забони тоторӣ чоп мешуд, аз тарафи тоторони осиёимиёнагӣ дар байни зиёиёни ғайритотор низ паҳн мегардид. Дар Бухоро инчунин маҷаллаҳои “Ҳабл-ул-матин”, ки дар Ҳиндустон, “ Чеҳранамо” ва “Парвариш”, ки дар Миср ба забони форсӣ нашр мешуданд, низ паҳн мешуданд. Дар зери таъсири ин рӯзномаю маҷаллаҳо, ки дар саҳифаҳои онҳо, аз ҷумла оид ба Бухоро мақолаҳои танқидӣ чоп мешуданд, назари зиёиёнро нисбат ба ҳақиқати ҳоли аморат тағйир медоданд. Агар бо суханҳои устод Айнӣ гӯем «табиӣ ин газетаҳо... ба як қисми аҳолӣ каму беш фикрҳои нав медод».[4]

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таъсири эҷодиёти Аҳмади Дониш, таъсири матбуоти давр, аз ҷумла афкори

---

[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С. 23.
[3] Ниг.: Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам // Куллиёт. Ҷилди 1. – Сталинобод, 1958. –С. 51.
[4] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. –С. 24.

ҷадидони тотор, инчунин инкишофи муносибатҳои молию пулӣ, дар Бухоро равия, ё худ ҳаракати ҷадидӣ ташаккул ёфт.

Ҳаракати ҷадидия дар аввал ҳамчун ҷараёни фарҳангию маърифатӣ, сипас ҳамчун ҷараёни иҷтимоию сиёсии ислоҳотхоҳона, охирҳои асри XIX ва аввали асри XX дар байни зиёиёни бедоргаштаи маҳаллии Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухоро ба вуҷуд омадааст. Тарафдорони ин ҳаракат ақибмондагии иқтисодию сиёсии мулки худро ба хубӣ дарк намуда, қафомондагии маънавии мардуми онро эҳсос карда, чун пешгузаштагонашон – маорифпарварон дар андешаи он буданд, ки: 1) бо роҳи паҳн намудани маърифат (дар асоси ислоҳи усули куҳнаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, ташкили мактабҳои усули нав, паҳн намудани адабиёти навину нашри рӯзномаю маҷаллаҳо) аҳволи мардумро беҳтар намоянд; 2) ба ислоҳи тарзи идоракунии мулки худ ноил гардида, барои дар қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ инкишоф ёфтани он шароит муҳайё кунанд; 3) ба барҳам додани ҳар гуна разолатҳои давр – бетартибию ғоратгариҳо ҳангоми ситонидани андозҳо, худсарии амалдорон ва ғайраҳо мушарраф шаванд; 4) бо роҳи ислоҳот дини исломро ба талаботи замони нав – инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ-капиталистӣ мутобиқ гардонанд.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки махсусан ҷадидони Бухоро, дар аввал худро “ҷадид” наномидаанд. Ин номро ба онҳо гӯё чун калимаи таҳқиркунанда, муқобилонашон гузоштаанд. Барои гузоштани чунин ном аз тарафи ҷадидон ташкил намудани мактабҳои усули нав (ё худ усули ҷадидӣ ҳам мегӯянд) сабаб шуда буд. Дар ин бора устод Айнӣ, ки худ аз ҷумлаи аввалин фаъолони ин ҳаракат ва то соли 1916 яке аз сарварони он буд, чунин ишора мекунад: “Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон (яъне тарафдорони мактаби усули нав – Н.Ҳ.) дар марҳилаи аввал мактаби усули ҷадидия сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин

фирқаро “ҷадид” ё “ҷадидӣ” номидаанд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққӣ ва пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро “ҷавонбухориён” (мисли ҷавонтуркон) меномиданд”[5]

Калимаи “ҷадид” арабӣ буда, ба форсии тоҷикӣ маънои “нав”, “тоза”-ро дорад ва дар он ягон ифодаи таҳқиркунанда ё худ таҳқиркунӣ дида намешавад. Вале он солҳо, махсусан дар шароити аморати Бухоро, ҳомиёни тартиботи куҳна ҳар каси ба худ аз рӯи ақида муқобилро “ҷадид” - гуён таҳқир менамуданд. Оҳиста-оҳиста ин калима нисбат ба ҳамаи онҳое, ки тарафдори ислоҳот буданд, мактабҳои усули нав мекушоданд, дар чунин мактабҳо таҳсил менамуданд ва ё бо он алоқа доштанд, умуман нисбат ба ҳамаи онҳое, ки ҷӣ ба тартиботи асримиёнагӣ ва ҷӣ усули куҳнаи таълимӣ розӣ набуданд, истифода мегардид. Ниҳоят, онҳо бо ҳамин номи “ҷадид” дар таърих дохил шуданд ва худи ҷадидон низ онро нисбат ба худ ва ҳамфикронашон на ба маънои таҳқир, балки озодона истифода мебурданд.

Дар асл ҷадидон дар марҳилаи аввал худро “ҷавонон”, “ҷавонфикрон”, “маорифпарварон”, “тараққипарварон”, “ислоҳотпарварон”, “ислоҳотхоҳон”, “навпарастон” ва ғайра меномиданд. Ба ғайр аз ин ҷадидони Бухоро, чуноне дар боло ишора кардем, ба ҷавонтуркони Туркия пайравӣ намуда, худро “ҷавонбухориён”, ҷадидони Хева бошанд, худро “ҷавонхевагиҳо” меномиданд. Дар навбати худ ҷадидон низ муқобилони худро “куҳнапарастон”, “қадимиён”, “қадимпарастон”, “тарафдорони усули куҳна” ва ғайра меномиданд. Аз ҳамин сабаб ҷанҷоли тарафдорон ва муқобилони мактаби усули нав дар таърих ба номи “низои байни ҷадидону қадимпарастон” маълум аст ва он ҷанҷол сол аз сол шиддат ёфта, махсусан дар шароити Бухорои амирӣ бештар шакли фоҷеавиро мегирифт.[6]

---

[5] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. –с.70.

[6] Ниг.: Ҳотамов Н. Б. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924). Нашри дуюм. –Душанбе, 2007. –С. 117.

Дар шароити аморати Бухоро ҳаракати ҷадидӣ ягона ҳаракати мухолифин буд. Аз ҳамин сабаб ҳукумати амирӣ аз рӯзҳои аввали бавуҷудоии ҳаракати ҷадидия тарафдорони онро таъқиб намуда, фаъолияти мактабҳои усули нави онҳоро манъ кард. Чунин муносибат суръати аз ҷиҳати ташкилӣ танзим ёфтани ҳаракати ҷадидияи Бухороро тезонид. Махсусан, соли 1909 аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шудани мактаби усули нави Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877-1934) ва С.Айнӣ, ки бо номи «Мактаби Мунзим» маълум буд, тарафдорони ҳаракати навро ба ғазаб овард ва баръакс онҳоро бо ҳам наздиктар намуд. Тарафдорони мактаби усули нав минбаъд бо ҳам тез-тез вохӯрда, оид ба тақдири Бухоро, мардуми он, корҳои мактабу мадрасаҳо суҳбатҳо меоростанд. Дар натиҷа солҳои 1909-1910 дар Бухоро ҳаракати ҷадидия ҳамчун ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷамъиятию сиёсӣ аз ҷиҳати ташкилӣ ташаккул ёфт.

Чуноне дар боло ишора намудем, С.Айнӣ бо ҳамроҳии дӯсти худ М.А.Мунзим дар маркази ҳаракати ҷадидияи Бухоро, аниқтараш аз ҷумлаи сарварони он буданд. Инак, мувофиқи маълумоти С.Айнӣ он солҳо ҷадидони бухороӣ вазъи аморатро ба инобат гирифта, баҳри инкишоф ва ободии ватани худ-Бухоро, инчунин баҳри хушбахтии мардуми он, дар назди худ чун мақсаду маром, иҷрои вазифаҳои зеринро гузоштаанд: дар соҳаи маориф - барҳам додани бесаводӣ ба воситаи кушодани мактабҳои усули нав, ислоҳи таълим дар мадрасаҳо, паҳн намудани адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯза; дар соҳаи ҳимояи манфиати халқ-бо роҳи ташвиқот ба мардум фаҳмонида додани разолатҳои ҳукуматдорони амирӣ, исрофкории амир ва аҳли дарбор, инчунин дар байни мардум барҳам додани исрофкориҳои зиёд ҳангоми тӯй, мотам (маъракаҳои азодорӣ) ва дигар маъракаҳо; дар соҳаи мустаҳкам намудани иттифоқ ва дӯстии мардум -бо

роҳи фаҳмондадиҳӣ барҳам додани низоъҳои мазҳабӣ ва ғайраҳо.[7]

Минбаъд ба ҳаракати ҷадидияи Бухоро, дар қатори зиёиён, инчунин намояндагони тоҷирони маҳаллӣ, ба монанди миллионери номӣ Муҳиддин Мансуров ва писари ӯ Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1934), ки аз ҷумлаи маърифатпарварон буданд, дохил гардиданд. Дар натиҷа ба мақсаду мароми маърифатпарваронаи ҷадидони Бухоро боз иловаҳо дохил шуданд. Аз ҷумла: дар соҳаи тиҷорат-дар тамоми сарзамини аморат муҳайё намудани имконият барои инкишофи тиҷорат ва бартараф намудани ҳаргуна монеаҳои мавҷуда, дар Бухоро барпо намудани биржа, роҳҳо, купрукҳо ва ғайра; дар соҳаи моликият- на танҳо таъмин намудани дахлнопазирии моликият, балки дар асоси қонун муҳофизат намудани он аз ҳар гуна ниятҳои бадқасдонаи амиру амалдорон, ба тартиб даровардани тақсимоти об ва ғайраҳо илова шудаанд.[8]

Ин ҳама вазифаҳое буданд, ки дар асоси онҳо ҷадидони Бухоро бояд дар аморат фаъолият мекарданд. Дар ҳақиқат ҳам ҳалли чунин мақсаду маром дар шароити онвақтаи Бухорои амирӣ як инқилобе менамуд. Зеро, аксари онҳое, ки дар сари қудрати ҳукуматдории амирӣ буданд, ё худ ба он нуфузи зиёд доштанд, ҳанӯз ҳам аз пешрафтҳои ҷаҳон хулосаҳои зарурӣ набароварда буданд ва мехостанд, ки Бухороро мисли пештара, бе ягон тағйирот нигоҳ доранд. Масалан, ҳанӯз аввалҳои асри XX

---

[7] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро.-С-69-70.

[8] Ниг.: Андешаҳои овардашударо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ низ асосан тасдиқ мекунанд. Чунончӣ, аввали соли 1911 ду нафар тоҷирони номии Бухоро – К. Азизов ва Ҷӯрабек Арабов ҳангоми вохӯрӣ бо намояндаи амир, ба амир аз номи тоҷирон таклифҳои зеринро пешниҳод кардаанд: 1) дар Бухоро барпо намудани биржа; 2) сохтани кӯпрукҳои нав; 3) дар бозорҳо ҷорӣ намудани назорати қатъӣ аз болои дурустии тарозу ва ченкунии газворҳо; 4) ба тартиб даровардани тақсимоти об; 5) манъ намудани тӯйҳои бодабдаба (яъне серхарҷ); 6) диққати ҷиддӣ додан ба фаъолияти мактабҳои ибтидоӣ. (Бойгони Марказии Давлатии ҳарбии таърихии Русия, фонди 400. Рӯйхати 1. Дафтари 3924. –Варақаҳои 87-87[а]).

як гурӯҳ муллоҳои иртиҷоъпарасти бухорой, ҳатто дар чароғи керосинӣ нишонаи инқилобро дида, барои истифодаи он дар масҷидҳо сахт муқобил баромадаанд. Ё худ яке аз шахсони бонуфузтарини Бухоро Ғиёз махдуми аълам барои дар Бухоро кушодани намоишгоҳи кино ва сангфарш намудани кӯчаҳо сахт муқобил баромада буд. Ин муқобилиятҳо танҳо бо дахолати кормандони агентии сиёсии Русия бартараф карда шудаанд.

Ҷадидон ҳақиқатан ҳам давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварони асри XIX буданд. Бинобар ин онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест. Вале ин ҳаракатро нисбат ба моарифпарварони асри XIX "як қадам ба қафо" гуфтан хатост. Баръакс, ҳаракати ҷадидия нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро, маорифпарварони аввал норасоиҳои замонро дар асарҳо, суҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, худ барои амалии онҳо чандон корҳои назаррасе накардаанд. Ҷадидон бошанд, дар давраи аввал аксаран фаъолияти худро бо кори амалӣ-ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра сар карданд.

Ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ намудан низ хатост. Зеро, чуноне таъкид намудем, фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою муллозодаҳо, мударрисҳо ва талабагони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Бинобар ин онҳо ҳеҷ гоҳ аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд ва ин тавр шуданаш мумкин ҳам набуд. Аз аҳли ғайримусулмон-яҳудиёни маҳаллӣ аксаран хайрхоҳон буданду халос. Бинобар ин ҷадидон, аз доираи шариати дини ислом набаромада, бо роҳи ислоҳот мулки худ ва мардуми онро аз ҳолати бенавоию қашшоқӣ бароварда, ба қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон расонидан мехостанд.

Маълум аст, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX, дар асоси идеологияи миллатчиёни турк - туркизм, ақида ва ё худ равияи дигар-туркпарастӣ (пантуркизм), бо

марказ дар Туркия, ба вуҷуд омада, инкишоф ёфт. Мувофиқи таълимоти туркпарастон як қатор миллатҳои ҷаҳон, ба монанди – юнониҳо, форсҳо, арабҳо аллакай хароб шудаанд ва онҳо гӯё оянда надоранд; қисми дигари миллатҳо, аз ҷумла халқҳои Аврупо гӯё ба интиҳо мерасанд; танҳо қисми сеюми миллатҳо, ки ба онҳо танҳо туркҳоро нисбат медоданд, гӯё инкишоф меёбанд ва ояндаи дунё насиби онҳост. Аз ин рӯ, онҳо "ягонагии миллӣ ва давлатии" ҳамаи халқҳои туркзабонро тарғиб мекарданд. Роҳи асосии амалӣ гардидани мақсадашонро дар ягонагии забони туркӣ дида, барои ба туркӣ гардонидани забонҳои ғайритуркӣ шурӯъ намуданд. Дар ҳудуди давлати Туркия, он забонҳоро, ки туркӣ намуданашон ғайриимкон буд, барои ҷисман нест кардани он халқҳо шурӯъ намуданд. Бинобар ҳамин ҳам, солҳои 1915-1916 дар ҳудуди ин давлат ташкил намудани қатли умумии халқи арман бе сабаб набуд.

Туркпарастӣ дар ҳудуди империяи Русия байни миллатчиёни тотори Қриму Поволже махсусан, ҳамовозии зиёд пайдо кард. Зеро, онҳо дар ин равия воситаи ягонаи ҷудоӣ аз давлати Русияро медиданд. Бояд таъкид кард, ки қисми тарҷумонҳо ва ҳатто амалдорони хурди давлати Русия, ки бо корҳои Осиёи Миёна машғул буданд, низ аз ҷумлаи тоторҳо буда, баъзеи онҳо дар қатори ҷадидони тотор, ҳамин равияро дастгирӣ мекарданд.

Дар натиҷа ҷавонони осиёимиёнагие, ки ба Туркия ва ё ба Қриму Поволже сафар кардаанд, ё худ аз тарафи ҷадидон барои таҳсил фиристода шудаанд, бо зудӣ, ба таъсири ҳамин равия меафтоданд. Минбаъд онҳо чун шахсони барои забони худ бегона, тағибгарони равияи туркпарастӣ ба воя мерасиданд ва амал мекарданд.

«Баъд аз Револютсияи Феврал – ба хотир меоварад устод Айнӣ, - дар сари ҳаракати ислоҳотталабӣ, мисли Фитрат ва Усмонхӯҷа ҷадидоне гузоштанд, ки онҳо дар Туркия хонда омада, ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Онҳо на танҳо дар байни худ, балки ба мардуми шаҳри

Бухоро ҳам, ки бештарини онҳо забони ӯзбекиро намедонистанд, бо забони туркии усмонӣ гап мезаданд».[9]

Дар шароити Осиёи Миёна туркпарастон мавҷудияти на танҳо тоҷиконро, балки ӯзбекон, туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва дигар халқҳои туркзабонро низ тамоман ба эътибор намегирифтанд. Тоҷиконро “туркҳои бо таъсири адабиёти классикии форс забони худро гумкарда” ҳисоб мекарданд. Бинобар ин, онҳо мегуфтанд: “тоҷикҳо бояд ба асли худ-туркҳо табдил дода шаванд”.

Оид ба муайян намудани туркпарастии ҷадидони Осиёи Миёна ҳушёрии ҷиддӣ лозим аст. Пеш аз ҳама, бояд ба инобат гирифт, ки ҳаракати ҷадидӣ ва туркпарастӣ ҳеҷ гоҳ ҳаракати ягона набуд ва на ҳамаи ҷадидон дар тамоми даври фаъолияташон туркпараст буданд. Махсусан дар давраи аввали фаъолияти ҷадидони Бухоро таъсири равияи туркпарастӣ нисбатан хело кам буд. Аз ҳамин сабаб ҳам ҷадидони Бухоро аввалин мактаби усули нав ва аввалин рӯзнома - «Бухорои Шариф»-ро ба забони форсии тоҷикӣ ташкил намудаанд. Вале пӯшида нест, ки нуфузи туркпарастӣ дар фаъолияти онҳо сол аз сол меафзуд. Зеро, худи ҷадидони Осиёи Миёна дар симои давлати Туркия намунаи ибратбахши давлати тараққикардаи исломиро дида, нисбат ба он таваҷҷуҳи зиёде пайдо карда буданд.

Дар натиҷа қисми зиёди зиёиёни бедоргаштаи тоҷик, ки дар равия ё худ ҳаракати ҷадидия дохил буданд, низ бо равияи туркпарастӣ заҳролуд шуда, минбаъд худро турк ҳисоб намуда, нисбат ба миллат ва забони худ хиёнатҳои зиёде кардаанд.

Ҷадидон – ҷавонбухороиён минбаъд, вобаста ба воқеаҳои ба амал омада, мавқеи худро тағйир медоданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи таъсири инқилоби февралии Русия (соли 1917) ва сарнагун шудани ҳукумати подшоҳии рус, фаъолияти маорифпарваронро дуюмдараҷа ҳисобида, ба ҷои аввал масъалаи ислоҳи ҳукумати амириро гузоштанд.

[9] Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1. –С. 71-72.

Баъди инқилоби октябрии Русия (соли 1917) қисме аз онҳо роҳи инқилобро пеш гирифта, ҳатто ҳизбҳои худро ташкил намуданд. Қисми дигарашон мавқеи аксулинқилобиро ишғол намуда, ба муқобили тартиботи Шӯравӣ мубориза бурданд.

Ҳамин тавр, устод Айнӣ дар давраи аввали ҳаракати ҷадидии Бухоро дар ин ҳаракат фаъолона иштирок карда, воқеаҳои иштирок ва мушоҳида намудаашро моҳирона ба қалам додааст. Аз ҳамин сабаб асарҳои устодро нодиртарин сарчашма оид ба фаъолияти ҷадидони Бухоро ҳисобидан мумкин аст. Ҳангоме ки устод Айнӣ дар мавқеи ҷадидӣ меистод, ӯ асосан ба фаъолияти маърифатпарварӣ машғул буд.

* * * * *

***Ҳасан МУРОДИЁН-доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДҚ ба номи Носири Хусрав, Корманди шоистаи Тоҷикистон***

## ВАСИЯТИ УСТОД АЙНӢ ДАР МАВРИДИ ИНТИШОРИ ДЕВОНИ САҲБО

Дар ибтидои садаи XX баъд аз маорифпарварон ба арсаи сиёсат ҷадидон ворид гардиданд, ки ба афкори сиёсӣ ва ҷамъиятии давр такони ҷиддӣ бахшиданд. «Агар маорифпарварони нимаи 2-юми асри XIX, - мегӯяд профессори шодравон Наҷмӣ Сайфиев, - дар асарҳои худ нуқсонҳои усули давлатдории амирони манғитияро зери танқиди сахт гирифта бошанд, ҷадидон – маорифпарварони ибтидои асри XX фаъолияти худро бевосита аз ташкили мактабҳои усули нав, нашри маҷаллаю рӯзномаҳо оғоз намуданд, яъне онҳо фаъолияти худро аз корҳои амалӣ сар карданд» (1,515). Ҷадидони машҳури ибтидои садаи XX ҷавонбухориёниислоҳотгарое буданд, ки худро ҳеҷ гоҳ ҷадид

наномидаанд, балки ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар мегуфтанд. Ба ин гурӯҳ Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарҳоро мансуб медонанд (1,515).

Устод С.Айнӣ дар қатори онҳо аз миёни сардамдорони давр, дороён ва олимони дин шахсонеро низ ном бурдааст, ки бо ҷадидия аҳди ҳаммаслакиву ҳамрайъӣ баста буданд. Ба ин гурӯҳ Ҷаҳонгирбеки Қаровулбегӣ, Мулло Мирхон Порсозода, Мулло Низом Собитии тотор, Мирзошоҳи Фоиз (писари Мирзохон – оқсақол), Ғуломризои қаровулбегӣ, Мулло Очилдӣ – писари Мулло Боқӣ, Муфтӣ – домулло Икром, Қозӣ Абдусамадхоҷа, Қозӣ Шарифҷон – махдуми Садри Зиё, Қозӣ Саидҷон, Мирзо Саҳбобӣ ва дигаронро дохил кардааст (2,71).

Яке аз симоҳое, ки ӯро устод С.Айнӣ «...пири равшанзамири хонақоҳи инқилобу таҷаддуд» (3, 269) ва Шарифҷон – маҳдуми Садри Зиё мавсуфро «Ношири эълони ҳақ» (4, 281) номидааст, Мирзо Ҳайити Саҳбост. Устод С.Айнӣ бо Саҳбо чун шоир ва ходими намоёни сиёсию давлатӣ, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX нақши мондагор бозидааст, баҳои баланд додааст.

Устод С.Айнӣ соли таваллуди Саҳборо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (3, 267-270) ва «Ёддоштҳо» (4, 281-282) зикр накардааст, вале дар ҳамаи асарҳо ҷойи таваллуди шоирро ноҳияи Комоти қадима ва Вобканди имрӯзаи Бухоро нишон додаанд. Соли мавлуди шоир дар «Гулшани адаб» (7,395) низ зикр нашудааст, вале профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Саидҷон Алиев – муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ (5,6) дар истинод ба хотираи Ҳалима Мухторова – набераи Саҳбо (9,26) соли мавлуди шоирро 1850 (идомаи умр 68 сол), муаллифи қиссаи «Саҳбо» Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид (6,3) 1845 (73 сол), мураттиби «Ёди ёри меҳрубон» Мирзо Муллоаҳмад 1262

ҳ. /1846м. – 73 сол, 8,763) муқаррар кардаанд. Аммо агар ба маълумоти устод Айнӣ такя намоем (… синни Саҳбо ва рафиқаш (Ҳоҷӣ Додхоҳ – Ҳ.М.) ба ҳафтод наздик буд» - 3,269), соли таваллуди Саҳборо метавон 1848 тахмин зад.

Тибқи маълумоти устод С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо», Саҳбо дар аҳди амир Абдулаҳад – вақте ки ӯ ҳокими Кармина буд, ба хидмати дарбор ҷалб гардида, баъди амири Бухоро шудани Абдулаҳмад низ дар хидмати дарбор монд ва ба рутбаҳои «туқсабо» ва «бӣ» шарафёб шуда буд. Саҳбо дар маҷлисҳои Шарифҷон махдуми Садри зиё ширкат варзида, камбудиҳои амирро бепарда фош мекардааст, ҳатто дар ҳузури амир низ аз баёни сухани ҳақ ҳазар намекардааст (4,281; 3,269).

Устод С.Айнӣ дар истинод ба «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон махдуми Садри Зиё ин хислатҳои Саҳборо нишон додааст:

*Дигар шоире ҳаст донишшиор,*
*Зи тумони Комоти мулки Бухор,*
*Ки Мирзо Ҳайит ному Саҳбо – лақаб,*
*Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.*
*Фазилатшиоре ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба нерӯи бозуи он покдин,*
*Дар ин аср н-омад ба рӯйи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ (3,270).*

Ҳамчунин устод С.Айнӣ дар идомаи суханаш аз номи Садри Зиё аз саховатмандӣ, вафодорӣ ва ҷоннисории Саҳбо забони тавсиф мекушояд:

*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҷ аст кони вафо.*
*Ба пойи касе гар занад хор неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш (3,270).*

Саҳбо илмомӯзиро дар мадрасаҳои Бухоро идома додааст, онро то ба охир расонида натавониста бошад

ҳам, дар айни таҳсил шеъри салису равони ӯ мухлисони худро пайдо кардааст. Ҳамагон ӯро чун шоири комил ва инсони фозил эътироф намуда, дар маҳфилҳои адабии Бухоро ба маҳсули хомааш баҳои баланд медоданд. «Ба сифати шоире дар вақте ки амир Абдулаҳад ҳокими Кармина буд, ба хидмат ҷалб шуда, - таъкид менамояд устод Айнӣ. - Баъд аз он ки амири мазкур ба ҷойи падар ҳукмрон гардид, Саҳбо ҳам ба хидмати дарбор монда. Саҳбо бинобар собиқаи хидматаш ҳарчанд ба мансабҳои бузург расид, аммо аз он ҷо, ки ҳамеша фасоди аҳли дарбор ва навоқиси ҳукумати амирро далерона танқид мекард, на аз амир, на аз вазир, на аз соири аҳли дарбору уламо рӯйи гарме надид» (3,269).

Махсусан, баъди ба сари қудрат омадани амир Олимхон, ки аз айёми наврасиаш бо Саҳбоситораашон рост намеомад, мавқеи шоир тангтар гардид. Ин аст, ки номбурда Саҳборо аз дарбор ронда, ба мансаби миробии Шаҳррӯз таъин намуд, вале дид, ки ӯ дар байни кишоварзон соҳиби обрӯю эътибор гардид, ба ҳарос афтода, ӯро ба мақоми серғавғои миршаби Бухоро гузаронид. Аммо Саҳбо дуздону роҳзанону қиморбозонро ба ҷояшон шинонида, тартиботи шаҳрро рӯзонаю шабона ба низом даровард. Амир аз ин пешрафти Саҳбо сахт барошуфта, ӯро бо андак дастмузди амалдорӣ бознишаста намуд.

Саҳбо барои сарфи рӯзгор тамоми ашёи хонааш ва анҷоми ороишоти занашро ба фурӯш гузошта, дар айёми бознишастагӣ ба мутоилаи китобу нашрияҳои ҷанбаи маорифпарварӣ ва инқилобидошта, ки аз Россия, Тотористон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо ба Бухоро ворид мегардиданд, машғул мешуд. Саҳбо моҳияти инқилобро баробари матбуоти даврӣ аз суҳбат бо болшевикони маҳаллӣ ва рус фаҳмида, рӯҳияи инқилобӣ пайдо кард. Норозиёни дарбор дар атрофаш ҷамъ шуда, аз аҳли дарбор ва амир изҳори нигаронӣ мекарданд. Амир аз ин амали Саҳбо ба ҳарос афтода, пайти мувофиқи аз байн бардоштанашро меҷӯст ва ниҳоят ин фурсат низ

муҳайё шуд. Амир дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии Россияи подшоҳӣ тавассути ҷосусони худ қариб номи 40 нафарро навишта, ҳамчун ашхоси хатарнок ба қушбегӣ месупорад (10,18). Ба феҳраст номҳои Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Додхоҳ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигаронро низ ворид намуда буданд. Насрулло қушбегӣ якоякашонро ба маҳкама даъват карда, бо баҳонаи рӯзномахонӣ аз онҳо баёнот мегирад ва танбеҳашон медиҳад. Баъдан истиқомати доимии Саҳборо дар Бухоро амир ва қушбегӣ балохез донista, ба кори маъмурӣ ӯро ба Яккабоғ мефиристанд, вале ӯ дар ин мансаб низ дер наистода, истеъфо дода, дубора ба Бухоро бармегардад ва ба сафи мухолифони зидди аморат мепайвандад.

Баъд аз ҷадидкушии амир моҳи апрели соли 1917 Саҳбо дар арки амир ҳабс карда мешавад, вале баъдан аз маҳбас халосӣ ёфта, бо мақсади раҳоӣ аз таъқибот барои иштирок дар намоиши ҷавонбухориён Саҳбо ба Когон фирор мекунад, вале Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Мирбобо, Муҳсинзода ва Мирзо Назрулло ба муҷозоти 75 чӯб задан маҳкум мешаванд.

Баъди чанд фурсат амир Олимхон бо мақсади исёнгаронро аз марказ дуртар бадарға карда, нест намудан Саҳборо беки Қубодиён ва Ҳоҷӣ Додхоҳро беки Қӯрғонтеппа таъин мекунад (10,19). «Амир барои рӯирост ба маҳбас кашидан ва куштани ӯ аз ғазаби халқ метарсид, чунки халқ бобоямро беҳад ҳурмат мекарданд, суханони ӯро хуш мепазируфтанд, – мегӯяд набераи Саҳбо Ойишабибӣ Мухторова. – Барои ҳамин ҳам амир Олимхон бо роҳи ҳиллаю найранг мегузарад. Бобоямро ба ноҳияи Қубодиён ҳоким таъин мекунад, зеро куштори Саҳбо дар ҳамон ҷо пешбинӣ шуда буд. (Дар асл барои куштани Саҳбо фармони махфӣ содир шуда буд» (9,23).

Моҳи марти соли 1918 амир Олимхон ва атрофиёнаш ҳазорҳо ҳаводорони инқилоб ва иштирокчиёни намоиши ҷавонбухориёнро ба қатл маҳкум сохтанд. Амир додарарӯси худ Давронбек– писари Абдураҳмонбеки миршабро ба Бухорои шарқӣ фиристода, бо супориши

амир Ҳоҷӣ Додхоҳро дар Қӯрғонтеппа ва Мирзо Ҳайити Саҳборо дар Қубодиён кофир эълон карда, бо роҳи сангсор намудан ба қатл мерасонад.

Устод Айнӣ низ аз фоҷиаи Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» бо сӯзу гудоз ёдовар шудааст ва таъкид намудааст, ки «Ин абёт ҷасорати адабии Саҳборо, ки оқибат сарашро ба боди зулм дод, ба хубӣ баён менамояд» (3, 270). Вале оид ба тафсилоти қатли Саҳбо дар Қубодиён дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (3) ва «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ (4) маълумот мавҷуд нест. Набераи Саҳбо Оишабибӣ Мухторова дар хотирааш овардааст, ки «Пас аз чанд вақт хабари шуми дар Қубодиён баста, сангсор карда, кушта шудани бобояшро (бо думи асп баста кашидан) шунида, ғамгин шудем» (9,23). Ҳамчунин мавсуф дар охири хотироташ боз ба ин фоҷиа баргашта, нақл мекунад, ки соли 1950 шоир Мирзо Турсунзода ҳангоми сафари Бухоро ба хонадони онҳо низ меҳмон шуда, дар истинод ба нақли пиронсолони душанбегӣ дар бораи кушта шудани Саҳбо ҳикоя мекунад: «... саҳарии барвақт (вақти азон) Саҳборо бо дастони баста аз арк мебароранд. Дар он ҷо якчанд аспе, ки барои қатли Саҳбо омода карда шуда буд, меистоданд. Ба думҳои ана ҳамин аспҳо шоири дасту пояш кишанзадаро мебананд ва ба аспҳо қамчин мезананд. Аспҳо тӯрида, ба тарафи кӯҳ медаванд. Мурдаи шоир дар кӯҳ мемонад. Амир Олимхон ҳатто ҷасади ӯро барои гӯронидан монеъгӣ мекунад» (9,25).

Номзади илми филология Ҷумъабой Азизқулов низ дар мақолаи «Имону инсофи устод Айнӣ» аз Махдуми Тӯрон, хатиби масҷиди Хоҷа Зайниддини Бухоро нақл мекунад, ки бо Саҳбо дар Қубодиён зиндонӣ буда, золимона ба қатл расонида шудани Саҳборо ба чашми худ дидааст (11,27).

Муаллифи қиссаи «Саҳбо» Неъмат Муҳаммад Саид баҳонаи қатли Саҳборо «... ҷосуси русҳо, душмани Амир Олимхон..., шоир не, як ғайридини бехудо, аз Бухоро гурехта, ба Қубодиён омада, худро бек эълон кардааст»

(6,70) арзёбӣ намуда, овардааст, ки Саҳбои даступобастаро бо либоси сафед ба майдон мебароранд. Ҷаллоди қавиҳайкали зарде бо каланд ба сари ӯ мезанад. Ӯ калавида ба замин меафтад. Мардум ӯро сангсор мекунанд ва аз таги сангҳо ҷасади ӯ метапид. Саҳбо ваҳшиёна қатл шуда, ҷасадаш дар хандақи пушти қалъа партофта мешавад, то ки туъмаи сагон гардад» (6,70,81).

Дар китобҳои «Энсиклопедияи Қубодиён» (12,20) ва «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз» (13,138) тафсилоти қазияи қатли Саҳбо ба таври зайл оварда шудааст: «Соли 1918 бо дастури амири Бухоро Мирзо Ҳайити Саҳбои 70-сола бо иттиҳоми ҷадидӣ ваҳшиёна ба қатл расонида мешавад. Аввал Саҳборо дар таги девори Қалъаи мир сангсор мекунанд ва сипас, ҷасадашро ба думи асп баста, бузкашӣ намуда, ба таги кӯҳи Хоҷағозиён бурда мепартоянд. Мувофиқи гуфтаи сокини куҳансоли Гузари Боло (Қубодиён – Ҳ.М.) Мулло Мухтор, чанд нафар ашхоси дилсӯзу худотарс ҷасади хуншору афгори шоири номуродро оварда, пинҳонӣ дар қабристони гузари Қиёти Қубодиён ба хок месупоранд. Турбати шоир дар сағонаи Қиётиён, ки ду километр дуртар аз деҳа ҷойгир аст, воқеъ мебошад. Мувофиқи баъзе ривояҳо ва нақли соҳибкори Қубодиёнӣ аз гузари Қиёт Нормуъмин Юлдошев гузаштагони ӯ ҷасади Мирзо Ҳайити Саҳборо дар сағонаи авлодии худ дафн намудаанд. Дар вазъияти даҳшатбори онвақта на ҳар кас ҷуръати ба хок супоридани шоирро мекард. Қиётиён бо сабаби бухориаслу соҳибмансаб будан ва ба ҳайси тӯраҳо нуфуз доштанашон шояд ҷуръат намуда, ҷасади шоири ҳамшаҳриашонро дар сағонаашон ҷой дода бошанд».

Илова ба гуфтаҳои болои рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ аз ноҳияи Шаҳритус дар мақолаи «Қатли Саҳбо дар Қубодиён» (сомони faraj.tj аз 02.07.2012) дар истинод ба мақолаи сокини ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев «Фоҷиаи қатли мири Қубодиён»//Адабиёт ва санъат аз 31.05.2002, №21-22) ва суҳбат бо мавсуф аз қавли амакҳояш Валӣ ва Маҳмадалӣ қатли Саҳбо рӯзи ҷумъа иттифоқ афтода. Нафаре атрофиёнашро бовар

мекунонидааст, ки Саҳбо ҷадид асту дар Бухоро бар зидди амири Бухоро баромадааст, табааи Россияро қабул кардаасту аз мусулмонӣ берун шудааст. Усто Абдукарими чармгари ҳаммаҳаллаашон бошад, мегуфт: «Мирзо Саҳбо аз таги эзораш боз як эзори калтача мепӯшидааст, ки он расму одати ҷадидҳо будааст» (ҳамон ҷо, с.2). Тафсилоти қатли Саҳбо ин ҷо дигархелтар аст: шахси бадафти танумандe бо чӯбдасти дарозе бо тамоми қувва ба сари Мирзо Саҳбо мезанад. Бар асари зарбаи мудҳиш сари шоир кафида, хун фаввора зада, ба куртаи сафедаш ҷорӣ мешавад ва ӯ бо ду даст сарашро дошта, ба замин пуштнокӣ меафтад. Баъд аз ин издиҳоми ба шӯромада бо сангҳо ба ӯ ҳуҷум мекунанд. Баъдан бо фармони амир ҷасади шоирро дар қабристони мулло Амон гӯронидан намемонанд ва аз як пояш бо ресмон баста, ҷасадашро дар думи асп кашида, ба дасти мулло Қара бурда мепартоянд, то ки туъмаи сагу шағолҳо гардад (ҳамон ҷо, с.3).

Устод С.Айнӣ дар охири маълумоти оид ба Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааш ба аҳли илму адаби тоҷик муроҷиат карда мегӯяд:

«Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯйиро ба табъу нашр кардани девонаш бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» (3,270).

Дар робита ба ин суханон дар аксар сарчашмаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва тазкираҳо (1,5,7,10,11,13) таъкид шудааст, ки девони Саҳбо то ҳанӯз дастрас нест. Танҳо Неъмат Муҳаммад Саид дар муқаддимаи қиссаи «Саҳбо» аз мавҷудияти девони Саҳбо хабар дода, мунтахаби ашъори Саҳборо бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ (9) ба ҷумҳурӣ ворид намудааст, ки мунтахаби ашъори мазкурро Азизи Фаттоҳ девони Саҳбо пиндоштааст. Саидҷон Зубайдуллоев, устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ афсӯс мехӯрад, ки то имрӯз девони Саҳбо пайдо нашудааст. Ӯ хонандаро бар ғалат андохта, мероси адабии Саҳборо иборат аз 15 ғазал, 2 муҳаммас ва 1 мусаддас мепиндорад (10,19). Вале Мирзо Муллоаҳмад дар «Ёди ёри меҳрубон»

(8) аз мавҷудияти девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи Пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон хабар дода, ҳамчунин, аз интишори мунтахаби ашъори шоир дар соли 1991 дар шаҳри Тошканд ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ хабар додааст.

Бояд гуфт, ки мутоилаи муқаддимаи ашъори мунтахаби Саҳбо (9,3-27), ки бо шарофати муаллифи қиссаи «Саҳбо» Ҳоҷӣ Неъмат Муҳаммад Саид даст дод, моро ба рӯзгор ва осори шоир ошно сохт ва аз пайи ба даст овардани девони Саҳбо шудем. Инак, нусхаи девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар Тоҷикистон низ мавҷуд аст. Аз мавҷудияти девони Саҳбо аввалин бор номзадҳои илм Б.Ҳасанов ва Р.Холиқов хабар доданд (9,10). Девон таҳти рақами 1982 дар захираи дастхатҳои ба номи Ҳ.С.Сулаймонови АИ Ӯзбекистон маҳфуз аст. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки девонро худи шоир бо дастонаш китобат кардааст ва дар саҳифаҳои 1-5 муҳри шахсии шоир гузошта шуда, дар муҳр «Мирзо Саҳбо, 1328» (1907 мелодӣ) навишта шудааст. Девон бо хатти нимшикастаи настаълиқ навишта шуда, аз 263 саҳифа фароҳам омадааст. Зиёда аз 550 адад ғазал ва мухаммасҳои шоир ҷамъ оварда шудааст, ки 61-тои он (27 ғазалу 34 мухаммас) бо забони ӯзбекӣ эҷод шудааст. Дар маҷмӯъ, девон дорои 12900 мисраъ мебошад. Бояд гуфт, ки дар мобайни девон 10 саҳифа холист. Эҳтимол баъдан шоир онро пур карданӣ будааст. Гоҳо баъзе ғазалҳоро оғозаш ҳасту анҷомаш афтодааст. Ашъори шоир дар девон бо алифбои арабӣ ҷо ба ҷо шудааст. Аз мутолиаи девон маълум мешавад, ки шоир баъдан бо ранги фарққунанда ба девон ислоҳу таҳрирҳо ворид намудааст, баъзе абёташро сайқал додааст. Ҳатто дар ҳошияи саҳифаҳо вазни баъзе ғазал, мухаммас, мусаддас, марсия, фироқнома ва мувашшаҳҳояшро нишон додааст. Аз нақли Ойишабибӣ Мухторова маълум мегардад, ки дар истиснод ба гуфтаи бобои падараш Саидбек Саҳбо девони бисёр доштааст, вале бисёрии онҳо бо фармони амир Олимхон дарёфт ва сӯзонида мешаванд (9,24). Ба гуфти Неъмат Муҳаммад Саид дар Қубодиён одамони амир

хонаи Саҳборо кофта, шеърҳои як соли охир навиштааш ва достони нотамоми «Қубодиённома»-ашро мусодира намуда, оташ мезананд (6,81). Ҳақиқатан ҳам шеърҳои дар даҳ соли охири умр (солҳои 1908-1918 таълифнамудаи шоир то ҳол нопайдост. Вале он рӯз дур нест, ки девони ашъори Саҳбо (манзур нусхаи таҳти №1982 дар АИ Ӯзбекистон) дастраси хонандаи тоҷик хоҳад шуд ва васияти устод С.Айнӣ оид ба барқарорсозии ҳолномаи Саҳбо ва интишори девони ӯ ҷомаи амал хоҳад пӯшид.

**Пайнавишт:**


1. Н.Сайфиев. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX).- Душанбе: Маориф, 1988, 414с.
2. Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро.\\ Дар китоби «Энсиклопедияи назму насри тоҷику форс».-Душанбе, 2010.
3. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик – Душанбе: Адиб, 2010, с. 267 – 270; 447с.
4. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. // Дар китоби «Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009, 680с. – С.281.
5. ЭСТ. Ҷилди 7. – Душанбе, 1987, с. 6.
6. Неъмат Муҳаммад Саид. Саҳбо (қисса). – Қӯрғонтеппа, 2014, 102с.
7. Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 5. Тартибдиҳанда А.Афсаҳзод, Л.Сулаймонова, Ҷ.Додалишоев ва дигарон. – Душанбе: «Ирфон», 1980, с. 395 – 401.
8. Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон- Варорӯдон то Ҳинд. (Аз садаи 10 то аввали садаи 21-и ҳиҷрӣ). Бо муқаддимаи устод Эраҷи Афшор: Бо кӯшиши доктор Мирзо Мулоаҳмад. – Теҳрон: интишорони Тӯс, 1380 ҳ., с.763-772.

9. Саҳбо (Танланган шеърлар) – Ташкент: Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти. Муқаддима, 1991. – С. 3-27.

10. Саидҷон Зубайдов. Мирзо Ҳайити Саҳбо – адиби қубодиёнӣ\\ Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», 2016, №1, с. 17-19.

11. Ҷумъабой Азизқулов. Имону инсофи устод Айнӣ. // Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», 2016, №4, с. 26-35.

12. Энсиклопедияи Қубодиён. – Душанбе, 2014, с. 19-20.

13. Қуввати Дод, Фозили Абдурашид, Қиёмиддин Сатторӣ. Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то имрӯз. – Душанбе: Бухоро, 2014, с. 137 – 142.

* * * * *

***О.Ҳ.ҚОСИМОВ-***
***доктори илмҳои филологӣ,***
***Н.Б. ЗУҲУРОВ-***
***устоди калони кафедраи***
***ДДТТ ба номи А.Сино***

# УСТОД АЙНӢ ВА ТАНЗИМИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ

Устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он шахсиятҳоест, ки дар саҳнаи таъриху рӯзгор бо талошу заҳмати хеш, бо кору пайкору андешаи фарох ва ковишу ҷусторҳои беандозаи худ дар сарнавишти миллату мардуми мо нақши боризу нотакроре гузоштааст. Осори сершумору нотакрори ӯ, рисолаҳои таърихии ҳақбунёд, иттилооту мулоҳизаҳои густурда дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик”, пажӯҳишҳои амиқу бунёдии ӯ дар таъриху фарҳангу маънавиёти тоҷик заминаҳои эътибору ҳувияти миллии моро устувор намуда, симои таърихии миллати моро ҷолибу мукаммал сохтааст.

Набардҳои ҷонфидоёнаи ӯ ба хотири дар саҳнаи таърих побарҷо нигоҳ доштани ному мақоми миллати мо,

пойдору мустаҳкам доштани забони тоҷикӣ чун забони миллӣ, таъмини тавоноӣ ва қудратмандии забони давлатӣ ва таркиби луғавии он нақши абадӣ ва арзандаву пояндае гузоштаанд.

Устод Айнӣ дар фарҳанги навини тоҷик дар самти истилоҳшиносиву вожасозӣ низ фаъолияти пурсамар анҷом дода, барҳақ номи неку муътабаре аз худ боқӣ гузошт. Аз файзу баракати шахсияти беназири устод Айнӣ ва осори мондагораш на танҳо миллати мо, балки бисёре аз халқу миллатҳои хешу ҳамсоя баҳраҳо бардоштаанд.

Чунон ки аз зиндагиномаи ибратбахши устод Айнӣ бармеояд, мавсуф бар иловаи саҳми бесобиқааш дар риштаҳои мухталифи илму адаб дар кори луғатнигорӣ ҳам саҳми арзанда гузошта, як фарҳанги нимтафсилии забони муосири тоҷикро байни солҳои 1936-1938 [1:99] ба вуҷуд овардааст, ки соли 1976 бо номи “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик” дар Душанбе дар нашриёти “Ирфон” ба чоп расидааст.

Мо тасмим гирифтаем, ки зимни ин нигошта ва иқдомҳои дигари устод Айнӣ перомуни нақши гузоштаи ӯ дар луғатнигории тиббӣ изҳори андеша намоем. Ӯ, то ҷое ки мо огаҳӣ дорем, бо ду роҳ рӯйи ин мавзӯъ дахл намудааст: якум, тафсир додан ё истифода бурдани истилоҳоти тиббӣ зимни тадвини луғати нимтафсилӣ, осори адабӣ, публитсистӣ, илмӣ-публитсистӣ ва нигоштаҳои дигари хеш [7:32; 10:93 ]; дуюм, роҳнамоӣ ба кори луғавии шинохтае дар риштаи тиб, ки дар сохтани фарҳанги тиббии аз нигоҳи ҳаҷм бесобиқа ва барои даврони мо ниҳоят муҳим, саҳм гирифтааст.

Устод Айнӣ дар “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”, тибқи мушоҳидаҳои мо, беш аз 200 вожаву истилоҳоту ибораҳои марбути тибро тафсиру тавзеҳ дода, бо дониши мукаммал мушоҳидагарии хешро дар мавриди падидаҳои соҳаи тандурустӣ ошкор намудааст. Аз он ҷумла, дар ин фарҳанг истилоҳоти соматикӣ, номҳои бемориҳо, ҳолати ҷисмониву рӯҳӣ,

номи гиёҳҳои табобатӣ, доруворӣ ва дигар вожаҳои марбути тиб тафсиру тавзеҳ ёфтаанд.

Масалан, дар тафсири калимаи *гамбода* дар ин луғат устод Айнӣ пас аз сабти калима ба хатти форсӣ овардааст: “бемориест, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад”. Ба ҳамин монанд, дар шарҳи калимаи *гамдида* чун вожаи ин соҳа устод Айнӣ ҳолати рӯҳии инсонро бо ифодаҳои “алами дарунӣ кашида, мотамзада, андӯҳдида” тасвир намуда, тафсири худро бо байти Ҳофизи Шерозӣ устувор намудааст (2.499). Қобили зикр аст, ки дар фарҳангҳои классикӣ гунаи дигари ин калима – *гамбора* – ёдоварӣ шудааст, ки бо унсури *бор/бора* ба маънии “зиёд, фаровон, маҷмӯъ” сохта шудааст (ба монанди ҷӯйбор, рӯдбор, хушкбор) ва *–вор/-вора* низ гунаи он маҳсуб мегардад.

Тавзеҳоти муфассале дар мавриди вожаву истилоҳоти *ришта, саръ, зуком, қайсари нохуна, сиркангубин, сир, зардоб, барас, реш, сомеа, сипурз, хафақон, сӯхта, сӯхтанӣ, нохуна, судда, судоъ, сафеда, сафро, парда, пардаи инабӣ* ва даҳҳо калимаҳои дигар аз таваҷҷуҳи хосаи устод Айнӣ ба тиб ва истилоҳоти тиббӣ дарак медиҳанд.

Сазовори таҳсин аст, ки устод Айнӣ ба инъикоси истилоҳоти тиббӣ дар ибораҳои рехта низ нигоҳи вижа зоҳир намуда, бо ин роҳ бисёре аз мафҳуму истилоҳоти байни мардум мураввaҷро дар “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ” дарҷ кардаву тафсир намудааст. Масалан, маҳз тавассути ин луғати нодири устод Айнӣ решаи ибораи рехтаи “аз қайсараки нохун гузаронидан” –ро ба маънии “сахт тафтиш кардан, бо азият пурсуҷӯ кардани касе” пайдо намудан мумкин аст. Устод Айнӣ дар боби луғати *нохуна* дар бораи мавҷуд будани “беморие дар аспу хар” бо ин ном маълумот медиҳад (2.270). Ва дар мавриди тафсири калимаи *қайсар,* пас аз ишораи се маънии ин вожа, ибораи *қайсару нохуна* –ро сабт карда, онро низ “аз бемориҳои аспу хар” шарҳ медиҳад. Дар “Бурҳони қотеъ” калимаи *нохуна* тафсири муфассали худро пайдо кардааст: “*нохуна* - маразест аз амрози чашм ва он гӯште бошад, ки

дар гӯшаи чашм ба ҳам мерасад ва батадриҷ тамоми чашмро мегирад..., ва он чи дар чашми одамӣ ба ҳам мерасад, агар илоҷ накунанд, зиёда гардад, ва ончӣ дар чашми аспу астар ба ҳам расад, агар дарсоат набуранд, ҳалок созад" (20). Қисми аввали таркиби *қайсару нохуна* дар фарҳанги устод Айнӣ ба маънии истилоҳи тиббӣ шарҳ наёфтааст, вале равшан аст, ки маъхази устод сарчашмаҳои лексикографии классикии тоҷик будаанд. Фарҳангҳои классикӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шакли дурусти ин калима *қайсарӣ* قيسري буда, муродифи он جعل *ҷуъал* аст ва аз маъниҳои сершумори ин калима зоҳиран ба ҷонвари (ҳашароти болдори) "саргинғалтон, саргингардон" мансуб будани ин мафҳум ошкор мешавад (20), ки сабабгори бемории махсуси чорпо мегардад.

Устод Айнӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ" иттилооти ҷолибе дар гунаҳои истилоҳоти тиббӣ пешниҳод кардааст.Масалан, дар шарҳи калимаи *парда* ӯ ибораҳои *пардаи чашм, пардаи гӯш* -ро оварда, ба ҳайси намунаи бо ин калима таркиби "пардаи ангурӣ"–ро пешниҳод месозад ва дар навбати худ, барои шарҳи он чун истилоҳи тиббӣ ба гунаи омехтаи тоҷикиву арабии он "пардаи инабӣ" руҷӯъ менамояд: "**Пардаи ангурӣ** - *нигоҳ кун ба* **пардаи инабӣ. Пардаи инабӣ** яке аз пардаҳои чашм" (2.286).

Бад ин тариқ, "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ"-и устод Айнӣ яке аз фарҳангҳои ҷолиби давраи нави фарҳангнигории тоҷик аст, ки бо риояи беҳтарин суннатҳои луғатнигории тоҷик тадвин гардида, дар бораи соҳаҳои гуногуни кору рӯзгор, аз он ҷумла, роҷеъ ба вожаву истилоҳоти соҳаи тиббу тандурустӣ ба мо маълумоти фаровони нодиру ҷолиб медиҳад.

Илми луғатнигории тоҷик дар даврони шӯравӣ бо ҳузуру вуҷуди чандин осори пурарзиши дигар менозад, ки яке аз онҳо «Фарҳанги тиббӣ» - навиштаи донишманди бахши беҳдошти иҷтимоӣ, номзади илми тиб, профессор М.Я. Расулӣ (25·08·1920-2·03·2008) ба ҳисоб меравад. Ин

фарҳанг дар ҳаҷми панҷ китоб ба шакли русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ байни солҳои 1973-1988 ба табъ расидааст[9: 62; 5:448].

Бино ба таъкиди муаллифи шодравони ин фарҳанг ӯ бевосита аз соли 1946 бо дастури Ҳукумати Тоҷикистон барои ба иҷро расонидани ин кори муҳим мепардозад [13:8; 12:11]. Қисми асосии фарҳанги мазкур фарогири беш аз 50 000 истилоҳ [13: 4, 10, 11] дар риштаи тиб ё риштаҳои бо ин илм муҷовир мебошад, ки ғолибан хусусияти энсиклопедию тафсирӣ дорад [13:11; 3:61; 9:63; 11:91; 8:66;].

Шояд М.Я. Расулӣ дар ибтидо фақат ҳудуди 50000 истилоҳу номвожаро дар мадди назар гирифта, баъдан бо гирд омадани маводи фаровон маҷбур ба афзудани теъдоди истилоҳу номвожаҳо гаштааст, ки падид омадани мулҳақот бар чор ҷилди асосӣ ин гумони моро тақвият мебахшад. Бо ин ҳол мавсуф ҳангоми ба чоп расонидани фарҳанги русӣ-тоҷикӣ-англисии хеш дар ҳамқаламӣ бо А. Аҳмадов, ки аслан дар заминаи баргаҳои «Фарҳанги тиббӣ»-и мазкур анҷом ёфта ва минбаъд нотамом боқӣ монд, теъдоди умумии истилоҳу номвожаҳои панҷ китоби мавриди назарро наздик бар 80 000 медонад ва шояд ҳамин гуфта дурусттар бошад. Аммо дар таъзияномае, ки раёсати ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба муносибати даргузашти ин фарҳангнигори бузург нашр намудаааст, ҳаҷми луғати тиббии мавриди назар баробари 300 ҷузъи чопӣ ва теъдоди истилоҳоти шомили он беш аз 80000 шумурда мешавад [ 4:133]. Аз рӯйи мушоҳидаи мо, фақат теъдоди истилоҳу номвожаҳои ҷилди якум норӯшан боқӣ монда, чор китоби боқимонда шомили 70000 моддаи луғавӣ мебошанд. Дар ин сурат метавон ҷилди якумро фарогири 10000 истилоҳу номвожа донист.

Ҳангоми таҳия ва тадвини асари мазкур бахши русии калимаҳо ба асоси «Фарҳанги русӣ-руминии истилоҳоти тиббӣ» (Бухарест, 1961), номгӯйи амроз ва алоими онҳо асосан бар пояи «Фарҳанги маълумотномавии синдрому симптомҳои амроз» (Варшава, 1962), овонависии

эпонимҳо ва шарҳи русии истилоҳот аслан дар тавофуқ бо маводи “Энсиклопедияи бузурги тиббӣ” (нашри севум, ҷилдҳои 1-19, Москва, 1974-1982), вале бар ҳасби зарурат аз манбаъҳои дигар, ҳамчунин бахши тоҷикии итстилоҳот бо истифода аз луғатномаҳои тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ ва забонҳои миллии дигар, бахши лотинии истилоҳот бошад, бо дарназардошти маводи «Фарҳанги лотинӣ-украинӣ-русии истилоҳоти тиббӣ»-и М.Ф. Книпович (1948), «Фарҳанги кисагию амрикоии тиббӣ» (Филаделфия-Лондон, 1953), «Фарҳанги лотинӣ-русӣ»-и И.Х. Дворетский, Д.Н. Королков (Москва, 1949), аммо бо тағйиру табдил, тааммул, бознигарӣ ва виростории зарурӣ сурат гирифтааст. Имлои калимаҳои русию тоҷикӣ мутаносибан бар пояи «Луғати имлои забони русӣ» (нашри VI, Москва, 1965) ва «Луғати орфографӣ» дар таҳияи Я.И. Калонтаров (1959) шакл гирифта, инчунин номгӯи васоили тиббӣ ба асоси маводи «Олат, асбоб, дастгоҳҳо ва таҷҳизот» (асари нуҳҷилда, Москва, 1960) таҳия гаштааст [13:10-11]. Зимнан нуктаи баҳснок ин аст, ки муаллиф дар мавриди овонависии эпонимҳо ва шарҳи русии истилоҳот ҳамчун сарчашмаи асосӣ ба маводи «Энсиклопедияи бузурги тиббӣ» (нашри севум, ҷилдҳои 1-19, Москва, 1974-1982) ишора мефармояд. Ба пиндошти мо, дар ин гуфта иштибоҳ сурат гирифтааст, зеро нашри асари ҳаҷман бузурги мазкур байни солҳои 1974-1982 воқеъ гашта, ҷилди якуми асари М.Я. Расулӣ соли 1973 аз чоп мебарояд, ки тафовути байни чопи ҷилдҳои аввал аз ин ду асар ҳамагӣ як солро ташкил медиҳад. Гумон меравад, ки дар ин маврид такяи муаллиф бештар бар рӯйи нашри дувуми «Энсиклопедияи бузурги тиббӣ» будааст, ки дар 35 ҷилд байни солҳои 1956-1964 анҷом ёфтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки муаллиф ҳангоми таҳияи ҷилдҳои баъдӣ ба нашри севуми «Энсиклопедияи бузурги тиббӣ» ҳам назар андохта бошад.

Дар даврони Истиқлол мебоист китоби машҳури М.Я. Расулӣ дар ду ҷилди бузург, вале ба гунаи русӣ-тоҷикӣ-

англисӣ (бо ҳаммуаллифии А.Аҳмадов) ба чоп расад. Бино ба таъкиди мусаннифон, бахши русии фарҳанги нав ба асоси ҳамон «Фарҳанги тиббӣ» (1973-1988) бо андаке коҳиш додани ҳаҷми аввала сурат гирифта, профессор М.Я. Расулӣ бахши тоҷикии онро ҷиддан виросторӣ карда, ба ин васила иштибоҳоти мавҷуд дар луғатҳои дузабонаи русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русиро ба иртиботи баъзе номвожаю истилоҳоти тиббӣ то андозае аз байн мебарад [18:5]. Мутаассифона, мо соли 2006 танҳо шоҳиди аз чоп баромадани ҷилди якуми он бо фарогирии 35000 истилоҳу номвожа [18:4] гаштему бас ва бо даргузашти муаллифи асосӣ чопи ҷилди дувум ба анҷом нарасид.

Ба гуфтаи М.Я. Расулӣ, ҳангоми таҳия ва тадвини ин асари мондагор 500 маъхази муътабар ба забонҳои гуногун, маводи рӯзномаю маҷаллаҳо, ҳамчунин фишурдаи беш аз 300 рисолаи номзадию докторӣ [13:16] ба кор рафтааст. Муаллиф ҳангоми нигоштани дебоча ба ҷилди дувум [14:3] ва мулҳақот бо муҳаббату сипос аз исми бомусаммои устод Айнӣ ба хотири маслиҳату роҳнамоиҳои судманду бедареғаш ёдоварӣ мекунад ва ӯро нахустин муқарризи хеш [17:5] меҳисобад.

Мавзӯи баҳси ин нигошта маҳз тафсилоти саҳми устод Айнӣ дар кори падид омадани фарҳанги мазкур мебошад. Чунонки аз баррасии мавод маълум гашт, ягона мулоқоти М.Я. Расулӣ бо устод Айнӣ тирамоҳи соли 1947 дар дафтари кори директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳ. Неъматуллоев бо ташаббуси устод Айнӣ сурат мегирад. Устод Айнӣ ҳангоми гуфтугӯйи телефонӣ бо М.Я. Расулӣ мефармояд, ки «инҷониб бояд барои мулоқот ба дафтари кори шумо равам». Аммо М.Я. Расулӣ ба хотири таъмини фароғату оромии устоди муаззам ва ба ҷой овардани эҳтироми ӯ дарҳол изҳор менамояд, ки «банда бояд ба зиёрати шумо шитобам». Аз муҳтавои мақола бармеояд, ки М.Я. Расулӣ гӯё барои устод Айнӣ дар раҳнамоии таҳсили наздиконаш ёрии беғаразона расонда будааст ва устод Айнӣ майл доштааст сипосу мамнунияти худро ба мусоҳиби ҷавон изҳор намояд. Воқеияти дигар ин аст, ки

устод Айнӣ азми навиштани фарҳанги муосири тиббии М.Я. Расулиро шунида, хостааст имкониятҳои зеҳнии ӯро санҷад ва ҳамчунин дар ин роҳи заҳматписанд ҳамчун шахси ботаҷриба ба ӯ маслиҳат диҳад.

Ҳамин тариқ, М.Я. Расулӣ ба дафтари кории директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳ. Неъматуллоев ҳозир мешавад. Пас аз адои муштараки эҳтиром ва саволу ҷавоби маъмулӣ, устод Айнӣ суҳбати олимона ороста, дар бораи муодили тоҷикии истилоҳи русии «рак», тафсири истилоҳоте чун «ришта», «ҳалила» ва ғ. пурсон мешавад ва байни ин донишмандон дар атрофи истилоҳоти мазкур баҳси созандае барпо мегардад.

Сипас устод аз хусуси душвору тоқатфарсо будани луғатнигорӣ сухан дар миён оварда, таъкид мекунад, ки ин кор ҷуръат, шавқу иштиёқ, фурсату вақти кофӣ ва дониши фарохро тақозо дорад. Баъдан зимни ин суҳбат устод Айнӣ масъалаи ба вуҷуд овардани луғатҳои энсиклопедиро дар ҳамаи бахшҳои илм баррасӣ мекунад [12:11].

Чунон ки маълум аст, дар он ҳангом масъалаи таҳия ва тадвини луғатҳои энсиклопедӣ нав ба миён омада буд ва ҳар касе, ки чунин масъулиятро ба дӯш мегирифт, ногузир буд, то аз фарҳангҳои пешин, ки бо алифбои ниёгон таҳия гаштаанд, сару кор гирад. Худи М.Я. Расулӣ дар оғози ин суҳбати таърихӣ иқрор мекунад, ки ман хатти форсиро ба дараҷаи кофӣ балад нестам. Устод Айнӣ ба муҳаққиқи ҷавон маслиҳат медиҳад, ки барои истифода аз фарҳангҳои пешин шумо бояд ҳатман хатти форсиро ба таври пурра фаро бигиред, зеро бе донистани ин хат дар тадовули имрӯзиён қарор додани андӯхтаҳои донишмандони пешин дар заминаи истилоҳоти илмӣ номумкин менамояд [12:11].

Нигоҳи сатҳие ба маъхазҳои истифодашуда дар фарҳанги тиббии М.Я. Расулӣ ин нуктаро равшан месозад, ки муаллиф то чӣ андоза ба ин фармудаи устод

Айнӣ сарсупурдагӣ нишон додааст, зеро ӯ дар ҷараёни фаъолияти беш аз шастсолаи луғатнигорияш нафақат аз фарҳангҳои пешин, балки дар қатори манбаъҳои фаровони дигар аз дастовардҳои фарҳангнигорони муосири Эрон ҳам бо камоли салиқа ва диққат суд ҷустааст.

Дар қисми поёнии мақола М.Я Расулӣ чунин мегӯяд: «Бо ҳамин мулоқоти аввалину охиринам бо домулло Айнӣ анҷом ёфт. Ниҳоят хурсанд шудам, ки бо домулло суҳбат карда, дар хусуси таълифи луғат фатво гирифтам» [12:11] (зимнан мехостааст «фотиҳа гирифтам» бигӯяд). Лозим ба ёдоварист, ки М.Я. Расулӣ ҳангоми дарҷи манбаъҳои асосии истифодашуда барои асари панҷҷилдаи хеш аз луғати нимтафсилии устод ҳам ном мебарад [16:477].

Сарфи назар аз он ки баъзе донишмандони муосир аз хусуси ҷой доштани камбудиҳои ҷузъӣ дар ин китоби бузург ишора намудаанд [3:61; 9:63: 6.:76-80], боз ҳам фарҳанги мазкур барои луғатнигории тиббӣ монои пойдевори устуворест, ки ҳамаи асарҳои ҳамгуни минбаъда бар рӯйи он бунёд ёфта ва меёбанд. Ин асари бунёдии фарҳангнигори тоҷик дар радифи бузургтарин фарҳангҳои дар даврони шӯравӣ таълифшуда қарор мегирад ва нашри он на танҳо барои осори пизишкӣ ва соҳаи тандурустӣ, балки дар маҷмӯъ барои ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон як рӯйдоди муассиру нодир аст [11:91]. Дар ин амри хайру падидаи муҳими фарҳангиву маънӣ саҳми боризу нақши созандаву босамари устод Айниро равшану арзишманд мебинем.

Ин андешаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки устод Айнӣ дар ташаккулу рушди фарҳангнигории муосири тоҷикӣ, аз он ҷумла вожашиносии тиббии забони тоҷикӣ саҳми арзандаву сазоворе гузоштааст. Нигоштаи мазкур моро ба чунин андешае мерасонад, ки дар ин амр устод Айнӣ, аз як сӯ, бо осори мондагори хеш, аз ҷониби дигар, бо созмондиҳиву роҳнамоӣ, маслиҳату дилсӯзӣ ва дарки нозуки вижагиҳои сохториву маъноии забони миллии мо

ба ҳамаи пӯяндагони роҳи пурбаракати илм чун машъали рахшон рӯшноӣ ва файзу баракат бахшидааст.

**Адабиёт:**


1. Айнӣ С. Куллиёт. Иборат аз 15 ҷилд. Ҷ.1. Душанбе: «Ирфон», 1958.- 346 саҳ.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Иборат аз 15 ҷилд. Ҷ.12. Душанбе: «Ирфон», 1976.- 564+206 саҳ.
3. Бухари-Заде А.Л. *Настольная книга*, стр. 61-62// «Здравоохранение Таджикистана», №6, 1974.
4. Вестник Авецинны, №1, январь-март 2008 г.
5. ДДТТ. Энсиклопедия. Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик,2009.-608 саҳ.
6. Зуҳуров Н. Б. Меъёрҳои тарҷума ва истилоҳу таъбирҳои стоматологӣ, саҳ. 74-82//Қавӣ дар луғат буду дар наҳв чуст (маҷмӯаи илмӣ). Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2011.-170 саҳ.
7. Зуҳуров Н.Б., Юсуфов А.И. Айнӣ ва тиб, саҳ 32-33// Ҷашнвораи устод Айнӣ (Маҷм. илмӣ). Қисми 1[ Фак. рӯзноман. ва тарҷ] ДДМТ. Д.: «Сино», 2000.-40 саҳ.
8. Капранов В., Хашимов Р. Большой медицинский словарь, стр. 66-67//»Здравоохранение Таджикистана», №3, 1975.
9. Лойт А.О, Либготт Е. С. *М.Я. Расулов. Медицинский словарь (Русско-таджикско-латинский), Т.1 (А-З), «Ирфон», Душанбе, 1974 г.* стр. 62-63//»Здравоохранение Таджикистана», №6, 1974.
10. Олимова М.М. Истилоҳоти тиббии «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ, саҳ. 93-95// маҷ. «Авҷи Зуҳал», №2, 2016.
11. Петров Б.Д., *М.Я. Расулов.* Медицинский словарь (русско-таджикско-латинский), т. 1, Душанбе, 1973, 480 стр//Советское здравоохранение, № 11, 1974, стр. 91
12. Расулӣ М. Фатво гирифтам. //»Адабиёт ва санъат», №15, 12 апрели соли 1990.
13. Расулов М.Я. Медицинский словарь. (Русско-таджикско-латинский). В 4-х т. Т. 1 (А-З). Душанбе: ТСЭ, 1973.-480 с.
14. Расулов М.Я. Медицинский словарь. (Русско-таджикско-латинский). В 4-х т. Т. 2 (И-М). Душанбе: ТСЭ, 1982.- 464 с.
15. Расулов М.Я. Медицинский словарь. (Русско-таджикско-латинский). В 4-х т. Т. 3 (Н-П). Душанбе: ТСЭ, 1982.-416 с.
16. Расулов М.Я. Медицинский словарь. (Русско-таджикско-латинский). В 4-х т. Т. 4 (Р-Я). Душанбе: ТСЭ, 1986.-488 с.

17. Расулов М.Я. Медицинский словарь. (Русско-таджикско-латинский). В 4-х т. Том дополнительный. Душанбе: ТСЭ, 1988.-464 с.

18. Расули, М.Я., Русско-таджикско-английский словарь В двух томах. Т. 1 (А-М). [Под общей редакцией профессора М.Я. Расули]-/ М.Я. Расули, А.Ахмедов -Душанбе: «Хумо», 2006.-734 с.

19. Решение научной конференции «Проблемы упорядочения и стандартизации медицинской терминологии». Москва, 29-30 мая, 1975 г., стр. 61-66//, «Здравоохранение Таджикистана», №1, 1976

20. Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ. "Бурҳони қотеъ".- Теҳрон. -1338ҳ. -1278с.

* * * * *

***Қурбон ВОСЕЪ – доктори илмҳои филология, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,***

***Восиева РУХШОНА - доктори илмҳои филология, профессори ДДЗТ ба номи С.Улугзода***

# НИГОҲИ САДРИДДИН АЙНӢ БА РОМАНҲОИ ХАЛҚӢ

Беш аз ҳаштод сол аст, ки ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқи адабиётшиносону маъхазшиносон, таърихшиносону маорифшиносон, ба хусус айнишиносон қарор гирифтааст. Дар бораи устод Айнӣ ҳамчун нозиму носир, адабиётшиносу забоншинос аз мақолаҳои ҷудогона то рисолаву монографияҳо навишта шудаанд, ки дар маҷмӯъ як махзани бузурги тамаддуншиносиро ташкил медиҳанд. Воқеан, Садриддин Айнӣ дар тамаддуни миллати мо аввалин абармардест, ки ба тамоми риштаҳои таъриху фарҳанги ин халқи бостонӣ аз назари шоистаи илмӣ баҳо дода, шукӯҳу шаҳомати осори адабию таърихии миллати моро ба чашми оламиён таҷаллӣ сохтааст.

Дар таърихи адабиёти тоҷик устод Айнӣ бо асарҳои илмии худ доир ба таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун адабиётшинос ва муҳаққиқи мӯшикофу забардаст машҳуру маълум аст. Фаъолияти илмӣ ва адабии Айнӣ хеле васеъ ва доманадор буда, дар осори арзишманде, монанди «Намунаи адабиёти тоҷик», «Устод Рӯдакӣ», «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», «Шайхурраис Абӯалӣ Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Ҳофиз», «Камоли Хуҷандӣ», «Алишери Навоӣ», «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Мирзо Абдулқодири Бедил» ва ғайра инъикос ёфтаанд. Ӯ ба эҷодиёти шоирони классикиву муосири хеш таваҷҷуҳ намуда, осори онҳоро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст, вале мулоҳизаҳои устод дар бораи классикони адабиёти тоҷик ниҳоятдараҷа пурвусъату паҳновар мебошанд. Дар тақвияти ин гуфтаҳо зарур медонем, сухани адабиётшиноси номвари тоҷик Ш.Ҳусейнзодаро ёдовар гардем, ки мегӯяд: «С.Айнӣ дар масъалаи муайян кардани симои ҳақиқии нависандагони классики тоҷик бисёр кор кардааст. Вай дар соҳаи омӯзиши эҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил ва дигарон гузориши қиматбаҳо додааст» (9; 133)

Устод Айнӣ аз нахустин давраҳои эҷодиёташ ба омӯзиши наср таваҷҷуҳи хоса дошт. Мусаллам аст, ки насри бадеии классикии форсу тоҷик, асосан, ба ду шакл – шакли осори насри таълифӣ ва шакли осори насри ривоятӣ ҷудо мешавад. Хусусиятҳои ин ду шакли мансури адабии асрҳои миёнаи форсу тоҷик танҳо бо маълуму номаълум будани муаллифи осор маҳдуд нест, балки дар забон, услуб, композитсия ва тарзи эҷод низ махсусияти вижаро фарогир аст. Насри ривоятии форсу тоҷик бо эҷодиёти лафзии халқ алоқаи мустаҳкам дошта, сарчашмаи асосии он адабиёти шифоҳӣ - фолклор аст. Фолклор ва адабиёти хаттӣ ҳар кадом як қатор хусусиятҳои вижа доранд, аммо нуктаи муҳими тафовути онҳо дар фардӣ ё гурӯҳӣ будани эҷодкор аст. Осори

адабиёти хаттӣ таровиши табъи муаллифи муайян мебошад, ки мувофиқи табъу завқ ва ҷаҳонбинию маҳорати ӯ таълиф шудааст, яъне асари хаттӣ бе иштироки халқ ба вуҷуд меояд. Дар китоби таълифӣ воқеаҳо ҳарчанд сарчашмаи фолклорӣ дошта бошанд ҳам, аз нуқтаи назари муаллиф таҳлил ва тасвир шудаанд. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ дар асари безаволи хеш «Шоҳнома» аз эҷодиёти лафзии халқ басо фаровон истифода намудааст. Дар адабиёти хаттӣ ҳеҷ кас асари муаллифи дигарро ҳуқуқи тағйир додан надорад. Баръакс, муҳимтарин хусусияти умдаи фолклор ҳамеша дар тағйиру такмил будани асар мебошад. Таърихи такомули ҳар як асари фолклорӣ тағйироти бисёркаратаи эҷодиёти гурӯҳӣ аст. Яке аз сабабҳои умри тулонӣ дидани осори фолклорӣ ҳам маҳз дар ҳамин тағйироти пайвастаи он мебошад. Дар натиҷаи тағйиру такмили доимӣ як асари фолклорӣ чандинривоятро пайдо кардааст. Аз ин рӯ, бисёрривоятӣ низ яке аз хусусиятҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ба шумор меравад.

Ба назари мо, асарҳои насри ривоятӣ дар ин хусус як навъ ҳодисаи мобайнианд, яъне чунин асарҳо муддати тӯлонӣ дар миёни халқ маъмулу машҳур буданд, ки он давраи фолклории асарҳои ривоятӣ маҳсуб меёфт. Баъдтар асарҳои насри ривоятиро касе ба шакли китоби алоҳида мураттаб намуд. Ҳар қиссапардоз аз ҳикоят ва қиссаҳои пароканда як асари бузургро ба вуҷуд оварда, дар маъракаҳо нақл мекард. Қиссагӯ ё котибе он асарро китобат карда ба ҳукми адабиёти хаттӣ даровардааст. Аз ин рӯ, дар пайдоиши асарҳои насри ривоятӣ ба ғайр аз халқ саҳми котиб низ муҳим буда, ӯ нақши муайяну мушаххас дорад. Саҳми эҷодии қиссапардоз дар бандубаст, мундариҷа, забону услуб ва ғояи асар ҷиҳати муайянкунанда дорад. Хусусиятҳои шаклию ғоявии романҳои «Доробнома», «Ҳотамнома», «Искандарнома», «Абӯмуслимнома» ва дигар романҳои халқӣ исбот мекунанд, ки дар таҳрири онҳо саҳми фардии нависанда ҳаст. Ҷаҳонбинии ровӣ дар хулосаҳои қиссаву ҳикоят,

бешубҳа самти муҳимму муайянкунанда дорад. Қиссагӯёну котибон кӯшиш кардаанд, ки аз ҳар як асар хулосаҳои маънавию ахлоқӣ бароварда хонандаро тарбият намоянд.

Бояд гуфт, ки устод С.Айнӣ ба эҷодиёти шифоҳӣ муҳаббати хосса дошта, дар фаъолияти эҷодии худ аз он ҳамчун чашмаи хушкнашаванда баҳраи фаровон гирифтааст. Ӯ соли 1936 дар мақолаи худ ба унвони «Зиндаи абадӣ» чунин навишта буд: «Дар «Одина»-и ман фолклор бисёр камаст, дар «Дохунда» як миқдор фолклор ҳаст. Аммо дар «Ғуломон» фолклор – зарбулмасал, латифаҳои халқӣ хеле бисёранд. Ин, бешубҳа, вобаста ба омӯзиши ман Максим Горкийро…» (4; 42).

Дар ҷаҳонбинии илмию адабӣ ва низоми ақидавии С.Айнӣ доир ба адабиёт муносибати ӯ нисбат ба эҷодиёти шифоҳӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Устод ҳамчун нависандаи забардаст дар миёни дигар нависандагони тоҷик, бешубҳа, бузургтарин тарғибгари адабиёти шифоҳии халқ аст. Мусаллам аст, ки фолклор таърихан нисбат ба адабиёти китобатӣ муқаддамтар ба вуҷуд омадааст. Адиби рус М.Горкий фикру андешаи худро оид ба ин масъала, ки онро дар маҷмӯаи «Горкий о литературе» овардаанд, гуфтааст: «Ибтидои санъати сухан дар фолклор аст… То эҷодиёти даҳонии халқро надонем, таърихи ҳақиқии халқи меҳнаткашро дониста наметавонем, зеро эҷодиёти даҳанакии халқ ба эҷод намудани бузургтарин асарҳои бадеии китобатӣ пай дар пай ва ба тарзи муайян таъсир бахшидааст…» (6; 456). Қобили таъкид аст, ки С.Айнӣ аз рӯи ҳамин нишондоди А.М. Горкий амал намудааст, зеро ӯ асосгузор ва назариётчии адабиёти сотсиалистӣ –Максим Горкийро устоди худ мешуморид.

С.Айнӣ дар баробари насри таълифӣ ба насри ривоятӣ ҳам таваҷҷуҳи хосадошт. Муҳаққиқи насри ривоятӣ Ю. Салимов дар ин маврид андешаашро чунин баён намудааст: «Баъди Инқилоби Октябр Айнӣ ба

асарҳои халқӣ таваҷҷуҳи бузурге зоҳир кард. Дар солҳои бист ва баъд материали фолклорро ӯ дар тасвири реалистии воқеияти нави сотсиалистӣ моҳирона истифода бурд...Айнӣ эҷодиёти лафзии халқро аз се сарчашма гирифтааст: адабиёти классикӣ, насри ривоятӣ ва бевосита аз гӯяндагони халқӣ» (7;115).

Дар осори адибони классики тоҷик беҳтарин дурдонаҳои эҷодиёти лафзии халқ гирд омадаанд. Айнӣ аз мероси адабии халқ натанҳо ибораҳои образнок, мақолу зарбулмасал, панду ҳикмат, байту порчаҳои шеърӣ ва латифаҳои халқиро иқтибос кардааст, балки насри ривоятиро ҳамчун манбаи муҳимми мавод ва таҷрибаи адабӣ истифода бурдааст. Қобили зикр аст, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми очеркҳои таърихию бадеии устод С.Айнӣ «Исёни Муқаннаъ», «Темурмалик» ва дигарҳо асарҳои ривоятӣ мебошанд.

Ба осори ривоятӣ чӣ гуна муносибат доштани С. Айниро аз сарсухане, ки адиби забардаст барои «Чор дарвеш» навиштааст, мушоҳида кардан мумкин аст: «Чор дарвеш»- яке аз шоҳасарҳои бисёр дилчаспи халқӣ аст, ки аз замонҳои бисёр пеш сар шуда… то вақти навишта шуданаш пурра ва мукаммал шуда омадааст… Ба болои ин, китоб як хазинаи пурқимати забони адабии классикии сода аст…» (3;5-11).

Агар эҷодиёти Айниро аз ҷиҳати истифодаи насри ривоятӣ ба давраҳо тақсим кардан мумкин бошад, дар давраи аввали он повести «Одина» қарор мегирад. Дар повести «Одина» на фақат сюжетҳои ҷудогонаи насри ривоятӣ, балки дар ҳар саҳифаи асар оҳанги ғарибӣ садо медиҳад ва образҳои асосии асар бо хусусиятҳои зиёди худ қаҳрамонҳои қиссаҳои насри ривоятиро ба хотир меоранд. Махсусан, зиндагии вазнин, муҳити тоқатфарсо, ба шаҳрҳои гуногун сафар кардан, баъзан фиребу найрангро кор фармудани қаҳрамонҳои асар ба қиссаву ривоятҳо хеле наздик аст. Одина, Гулбибӣ, Бибиоиша ва Арбоб Камол аз ҷиҳати амалиёт ва олами ботинӣ қаҳрамонҳои нави реалистӣ ҳастанд, вале дар зиндагии

онҳо хислатҳои қаҳрамонҳои насри ривоятӣ басо барҷаста мушоҳида мешавад. Сюжети повести «Одина»-ро саргузашти пурғуссаи ҷавони ятим ташкил мекунад. Аслан, образи ятим аз қаҳрамонҳои маъруфи қиссаву ҳикояҳои насри ривоятӣ сарчашма мегирад. Тасвири зиндагии вазнини ятимон дар аксари қиссаҳои насри ривоятӣ ба назар мерасад.

Хусусияти дигари муҳимми асарҳои устод Айнӣ дар тасвири одамони оддӣ зоҳир мегардад. Тасвири табақаи поёнии ҷамъият дар насри форсу тоҷик таърихи тулонӣ дорад. Тасвири намояндагони ин табақаҳо дар наср, хусусан насри ривоятӣ як рукни муҳимми халқияти ин жанр мебошад. Аз ин ҷиҳат, романҳои «Искандарнома», «Абӯмуслимнома», «Самаки айёр» аҳамияти махсус доранд. Дар осори насри ривоятӣ, дар романҳои халқӣ миқдори қаҳрамонҳо хеле зиёд буда, ин ҳолат табиатан тасвири оммаро тақозо менамояд, зеро асарҳои ривоятӣ, маҳз барои оммаи мардуми заҳматкаш тартиб дода мешуд. Аз ин сабаб, қаҳрамонҳо низ аксаран аз миёни мардуми оддӣ интихоб шудаанд. Гузашта аз ин, месазад ёдовар гардид, ки гӯяндагону эҷодкунандагони осори насри ривоятӣ шахсоне буданд, ки бештар аз миёни халқ баромада буданд. Масалан, дар романи халқии «Абӯмуслимнома» манфиат ва маромӣ мардуми меҳнатиро ҳамин гуна гӯяндагон ҳимоя менамоянд. Дар он халқ нисбат ба дигар асарҳои адабиёти мардумӣ нақши бештар, ҳатто асосиро мебозад. Қаҳрамони асосии он – Абӯмуслим аз байни мардуми оддӣ баромадааст. Давраи аввали ҳаёти ин қаҳрамон ва сипас шӯриши деҳқонону ҳунармандон ва мардуми бенавои шаҳр, ки пешвои онҳоро ин шахсият ба зимма дошт, алоқаи ногусастанӣ дорад. Персонажҳои мансуб ба табақаи ашроф, ки дар воқеаҳои роман иштирок менамоянд, аксаран дар навбати дуюм ба воқеаҳо кашида мешаванд. Маҳз чунин тасвирсозӣ дар романи «Ғуломон»-и устод Айнӣ мушоҳида мегардад.

Дар эҷодиёти устод Айнӣ манзараҳои зиёди фаъолияти мардум тасвири худро ёфтаанд. Дар «Ёддоштҳо»-и ӯ, ки як манзараи мураккабу рангоранги санъати тасвириро ба ёд меорад, ҳаёти мардуми табақаҳои мухталифи ҷамъияти феодалӣ мунъакис гардидааст. Дар ин асар хонандагони мадраса ва олуфтагон, ҳунармандони исёнгари корхонаи рехтагарӣ ва Шукурбеки интиқомхоҳ амал мекунанд. Бояд гуфт, ки дар тамоми осори насри ривоятии форсу тоҷик ба тасвири ҳунар ва ҳунармандон диққати махсус дода мешавад, ки инро яке аз роҳҳои ба ҳаёти воқеӣ наздик шудани адабиёт ҳисобидан мумкин аст. Масалан, дар романи «Абӯмуслимнома» қаҳрамонҳои асосӣ оҳангар, қассоб, кундашикан, гилкор, харрот, обгинасоз ва соҳиби дигар касбҳо буда, дар асар зиндагии онҳо ба таври муфассал тасвир гардидааст: «ман ҳеҷ фитнае рост накардаам. Фитнангез шумоед, ки мо фақиронро, ки дар хонаи худ нишаста будем, омадед ва қасди куштани мо кардед… Мо чӣ гуноҳ дорем? Касеро накуштаем, роҳ назадаем, мардуми косибем, яке оҳангар, дигаре дуредгар ва харҷи мол медиҳем ва ба ранҷу меҳнати худ дармондаем ва ба ҳазор меҳнат ва заҳмат лаби ноне ба даст меорем, ки зану фарзанди мо биосоянд, моро нагиред! Шарм намедоред, ки ба раъияти худ беҷурм ҷафо раво медоред?!» (1; 304).

Воқеан, дар асари мазкур қаҳрамонҳои асосӣ, ки аз байни аҳли ҳунаранд, корнамоӣ мекунанд. Дар ин асар на танҳо майдонҳои ҷангу ҷидол, инчунин тасвири манзараҳои маишию ҳаётӣ низ кам нест. Як тафовути насри ривоятӣ аз ҳамосаҳои қаҳрамонӣ маҳз дар ҳамин аст. Ба ҳаёти маишӣ ва кору бори ҳаррӯза ва ҳатто ҷузъиёти рафтору кирдори қаҳрамон аҳамият додан нуктаи муҳимми тасвири реалистии ҳаёт мебошад Ин гуна хусусиятҳо дар ҳикояҳои ахлоқӣ мушоҳида намешаванд, вале дар осори насри ривоятӣ, махсусан дар романҳои халқӣ як хатти намоёни услуби баён ва тасвиранд.

Хусусияти дигари романҳои паҳлавонӣ ва қиссаҳои насри ривоятӣ дар он аст, ки тамоми воқеаҳо ва

фаъолияти қаҳрамонон муфассал тасвир меёбад. Ҳамзамон, нуктаи муҳим дар ин гуна романҳо он аст, ки муаллиф хислати қаҳрамонҳоро на аз тарафи худ, балки ба воситаи диалоги қаҳрамонҳои дигари роман баён мекунад. Чунин ҳолатро дар тамоми романҳои халқӣ мушоҳида мекунем. Ҷолиб он аст, ки услуби мазкур бештар ҳангоми тасвири қаҳрамони асосӣ истифода мешавад. Масалан, дар романи «Искандарнома»Ҷолинус дар бораи Насим чунин мегӯяд:«Эй шоҳ, Меҳтар Насим ҳафтоду ду сурат мешавад, бо ҳафтоду ду забон ҳарф мезанад, бори ҳафт шутур накдинаро бар дӯш мекашад. Сари ӯ ба қадри начми ҳиндӣ мебошад. Чашмони ӯ монанди зираи кирмонӣ, дасташ монанди бӯқаламун ва сездаҳ дона мӯйи наҳс бар шона дорад ва кӯсасифат асту монанди ҷин бувад» (5;15).

Ё худ, дар романи «Самаки айёр» мехонем: «Кофури айёр ба Конун гуфт: - Эй сипаҳсолор ва паҳлавон. Мебинӣ, ки овозаи Шағолу Самак чун дар ҷаҳон афтодааст. Эшон кистанд ва кӣ бошанд, ки номи эшон ба забони подшоҳон равад?... Конун гуфт: Чунин аст, ки ту мегӯӣ. Аммо кори мо ҷудост. Эшон номи ҷавонмардон бар худ ниҳодаанд… ва ба шабравӣ ва айёрӣ маъруф гаштаанд, аз ин сабаб номи эшон дар ҷаҳон рафтааст» (8;174-175).

Аз ин ҷиҳат як алоқаи ғоявӣ дар байни насри ривоятӣ ва насри устод Айнӣ мушоҳида мешавад. Маҳз бо ҳамин сабаб насри ривоятӣ дар ташаккули маҳорати эҷодии устод Айнӣ мавқеи муайян дорад.

Хулоса, Айнӣ ҳам ба насри таълифӣ ва ҳам ба насри ривоятӣ таваҷҷуҳи хоса доштааст. Ин нуктаро адабиётшиносон ҳам тасдиқ кардаанд. Доир ба мавқеи анъанаи насри таълифӣ ва ривоятӣ дар осори устод С.Айнӣ дар як силсила мақолаҳову рисолаҳо ишора рафтааст, вале масъалаи алоқаи услубӣ ва композитсионии осори ривоятӣ ва осори устод С. Айнӣ

ҳанӯз ҳамаз ҷиҳати илмӣ ҳамаҷониба омӯхта нашудааст ва ин вазифаи таҳқиқоти оянда мебошад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Абӯтоҳири Тарсусӣ. Абӯмуслимнома. –Душанбе: Адиб, 1994. -432 с.

2.Айнӣ, С. Ёддоштҳо /Куллиёт/ Ҷ.6. -Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. - 414 с.

3. Айнӣ, С. Сарсухан /Чор дарвеш/ -Сталинобод, 1961. С.5-11.

4. Айнӣ, С. Зиндаи абадӣ /Барои адабиёти социалистӣ/, №7, 1936.

5. Куллиёти ҳафтҷилдаи Искандарномаи кабир. – Теҳрон: 1318. -
662с.

6.Горький, М. О литературе. Литературно-критические статьи. - Москва: Советский писатель,1953. - 866 с.

7. Салимов, Ю. Насри ривоятӣ. –Душанбе: Ирфон, 1986. - 128с.

8. Самаки айёр. Ҷ.1. - Душанбе, 1967. - 316с.

9.Ҳусейнзода, Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. –Душанбе: Ирфон, 1985. - 224 с.


* * * * *


***Азиза ДАВЛАТШОЕВА -***
***сардори кафедраи забонҳои***
***Академияи ВКД ҶТ***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***полковники милитсия***


# САДРИДДИН АЙНӢ - ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Ҳар чизе, ки Садриддин Айнӣ дар тӯли умри худ навишт, ҷанбаи маърифатию маорифпарварӣ дошт ва барои босавод сохтани мардум нигаронида шуда буд ва алҳақ, ӯ ба ҳайси муаллими миллати тоҷик ва ба сифати шиносномаи миллати тоҷик дар як давраи тақдирсоз арзи ҳастӣ кардааст.

Айнӣ ба майдони адабиёт ба сифати шоир дохил шуд ва ашъори ӯ чӣ дар даврони амирӣ ва чи дар замони шӯравӣ моҳияти маорифпарварӣ доштанд. Ҳанӯз соли 1907 Шарифҷон махдуми Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» дар мавриди Айнӣ гуфта буд:

*Ба мулки сухан Айнии хушбаён,*
*Чун шамъ аст урёну рӯшанбаён.*
*Ба назму ба насри сухан довар аст,*
*Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст.* **[1]**

Дар даврони Шӯравӣ фаъолияти устод Айнӣ хеле густариш меёбад. Ҳеч як соҳае нест, ки марбут ба миллати тоҷику Тоҷикистон бошаду устод Айнӣ чизе нанавишта бошад. Ӯ пайваста ба таълифи осори манзуму мансур, асарҳои таърихию адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва амсоли онҳо машғул шуда, дар босавод кардани мардуми тоҷик ва ташаккулу тараққии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Аз ин ҷост, ки баъд аз ба истиқлол расидани Тоҷикистон бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин унвони Қаҳрамони миллат ба номи ин бузургвор рақам зада шуд. Нахустин маҷмӯаи ашъори Айнӣ «Ахгари Инқилоб» (1923) ба ду забон: тоҷикӣ ва узбакӣ интишор ёфт. Маҷмӯаи дигари ӯ «Ёдгорӣ» (1934) ашъори даврони шӯравии ӯро фаро гирифтааст. Ӯ ба ҳар муносибат шеъру достонҳо эҷод намуда, ки ба бунёди Тоҷикистони навин бахшида шудаанд. Масалан, достони «Ҷанги одаму об» ба сохтмони шабакаи обёрии водии Вахш бахшида шуда, ки аз серобгардонидани заминҳои ташналаб ва дар ин замина аз дӯстии халқҳои гуногунмиллат ҳангоми бунёди ҳаёти нав ҳикоят мекунад. Достонҳои дастҷамъонаи «Зафарномаи халқҳои Тоҷикистон» (1936) ва «Оби ҳаёт», ки бевосита ба раҳнамоии Айнӣ эҷод шудаанд, таҷаддуди моддию маънавии халқи тоҷикро дар он даврони созандагӣ таҷассум менамоянд.

Айнӣ сабаби ба наср рӯ оварданашро дар пешгуфтори маҷмӯаи «Ёдгорӣ» чунин тавзеҳ медиҳад: *«Чорчӯбаи вазну қофия барои ифодаи мазмунҳое, ки инқилоб илҳом мекард, тангӣ намуд ва ё ин ки қобилияти шеърии ман аз ифодаи он мазмунҳо дар либоси шеър оҷиз омад ва даромадам ба насрнависӣ».* **[2]** Аммо баррасии осори ин адиби мубориз нишон медиҳад, ки Айнӣ дар ҳар ду давраи ҳаёташ- ҳам даврони амирӣ ва ҳам замони шӯравӣ аз назму наср ҷудо набуда, ба ҳар ду шеваи каломи бадеъ иншо мекардааст. Баъд аз солҳои 30 асри XX гарчанде бештар осори насрӣ офаридааст, аммо ба ҳар муносибате шеъру достонҳо эҷод карда, ки фарогири мазмуни дӯстии халқҳо, бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ, ташаккули одами нав ва тарғиби давлати мардумсолорӣ мебошанд. Алалхусус, дар замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939-1945) фаъолияти шоирии Айнӣ боз ҳам бештар вусъат меёбад. Ашъори дар ин солҳо сурудаи ӯ «Мо зи Ҳитлер ниқори башарият гирем», «Марши интиқом», «Қаҳрамони Ленингрод» ва ғайра, ки дар анвои мухталифи адабӣ эҷод шудаанд, дорои мазмуни ватандӯстона, озодипарастӣ ва нафрат ба ҷангу ҷангҷӯён аст. Ӯ халқро ба мубориза зидди истилогарони фашистӣ даъват карда, фидокорию қаҳрамонии халқҳои гуногунмиллати шӯравиро васф намудааст. Айнӣ ғалабаи халқи шӯравиро бар фашизм бо «Қасидаи ҷанг ва зафар» истиқбол кард, ки оҳанги мутантан дорад. Ашъори минбаъдаи Айнӣ амсоли «Барги сабзи дӯстона аз қабили тикаи муҳаббат», «Салом» ба тараннуми дӯстии халқҳо бахшида шудаанд.

Айнӣ ба ҳайси донишманди таърихнигор ҳанӯз дар даврони амирӣ бо навиштани асари таърихии илмӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»(1918) ва китобҳои таълимиаш чун «Таҳсиб-ус-сибён», алалхусус қисмати «Хонадони хушбахт» ҳамчун нависандаи воқеъгаро шуҳрат касб карда буд. Дар 34 соли зиндагии даврони шӯравияш ба сифати шоир, нависанда, рӯзноманигор, таърихшинос, адабиётшинос, забоншинос, мунаққид,

драмнавис ва дар маҷмӯъ бунёдгузори насри воқеъгаро, бахусус насри реалистӣ ва анвоъи мухталифи он дар адабиёти шӯравии тоҷик шинохта шуд. Айнӣ ба ҳайси як донишманди бузург китобу мақолаҳои зиёде дар мавриди забону адабиёти форсии тоҷикӣ, намояндагони бузурги он ва таъриху фарҳанги миллат навишта, ки барҳақ ӯро поягузори адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва таърихшиносии шӯравии тоҷик медонанд. Ин ҷо аз осори мансури бадеии ӯ сухан меравад. Нахустин қиссаи насрии Айнӣ (1920) «Ҷаллодони Бухоро» ном дорад, ки ба забони узбакӣ ба нашр расидааст. Айнӣ нахуст онро ба забони тоҷикӣ дар шакли ҳикоя бо унвони «Фоҷиаи як ҷавони Бухоро» навишта, ба нашриёти Ҷумҳурии Халқии Бухоро месупорад, аммо бино ба сабаби ба форсӣ иншо шуданаш онро чоп намекунанд. Адиб маҷбур мешавад, ки онро ба забони узбакӣ нависад. Дар ин асар ҷадидкушии амир баъд аз воқеаи Колесов бо шеваи ҳикоят андар ҳикоят ба тасвир омадааст. Айнӣ воқеаи мудҳиши қатли омро баъд аз фурӯ нишондани шӯриш (1918) дар Арки амир ба амал омада буд, ба риштаи тасвир кашидааст. Айнӣ аз номи як гурӯҳ ҷаллодон, ки рӯзона ба куштани мардум ва шабона ба бор карда бурдани мақтулон машғул буданд, разолати амир ва амалдорони онро фош намудааст. Қобили зикр аст, ки ин асари Айнӣ сирф бадеӣ нест, балки дар асоси воқеаҳои таърихӣ иншо шуда, як қиссаи мустанадро мемонад. Баъд аз ташкил шудани Ҷумҳурии Мухтори Сотсиолистии Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбакистон Айнӣ ба ҳаёти мардуми кӯҳистони тоҷик рӯ овард ва як қатор мақолаҳо, амсоли «Тоҷикони кӯҳистон», «Аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикони кӯҳистон», «Муносибати тоҷикони кӯҳистон ба ҳукумати Шӯроӣ» (1924) ва ғайра навишта, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расонд. Ин мақолаҳо мавод барои навиштани қиссаи «Одина» буданд. Қиссаи (повест) «Одина» ибтидо бо унвони «Саргузашти як тоҷики камбағал» аз соли 1924 қисм-қисм

дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расид. Қиссаи «Одина» соли 1927 ва «Ҷаллодони Бухоро» соли 1937 дар шакли китоб ба нашр расидаанд. Аз ин рӯ, баъзе айнишиносон «Одина»-ро нахустин асари реолистии Айнӣ мешуморанд. **[3]** Воқеан, ин асар дарёи адабиёти форсии тоҷикиро маҷрои тоза бахшид. Бори нахуст ҳаёти мардуми ранҷбари замону макони муайян мавзӯи тасвири бадеӣ ва намояндаи аҳли меҳнат қаҳрамони он гардид. Адиб дар ин асар дар симои Одина, Гулбибӣ, Бибиоиша, Арбобкамол, Мулло Хокироҳ ва дигарон ҳаёти тоҷикони кӯҳистонро дар ибтидои қарни XX ба тасвири бадеӣ мекашад ва воқеоти асар аслан дар кӯҳистони Қаротегин мегузарад. Забони содаю оммафаҳм, шеваи тозаи баёни андеша, манзаранигорӣ ва образофаринии табиӣ дар баррасии нобаробарии табақотӣ, рӯзгори иҷтимоии мардум асарро хеле ҷаззоб ва хонданбоб кардаанд. Бешак, Айнӣ дар иншои ин асар ҳамон шеваи вуқуъгӯии «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро сармашқи кори худ қарор додааст, вале бо забону шеваи баёни содатар. Воқеоти асар бо пирӯзии Инқилоби Октябр ба поён мерасаду Одина дар арафаи бунёди ҳаёти нав мемирад. Ин қисса сармашқи адибони насли нави тоҷик гардид ва маҳбубияти азим касб кард. Баъд аз тарҷумаи он ба забони русӣ (1929-1931) дар байни хонандагони русзабон низ ҳаводорони зиёд пайдо кард ва аз ҷониби онҳо баҳои сазовор гирифт. Қиссаи «Одина» қабл аз ба сифати китоб ба нашр расиданаш дастраси форсизабонони хориҷӣ мешавад. Хонуми эроние бо исми Шукӯҳи Ховариён аз Теҳрон чунин менависад: *«Дар шумораи шаши маҷаллаи «Роҳбари дониш» зери унвони «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик «Одина», асари Садриддин Айнӣ риштаҳое хонадам, ки эҳсосоти маро муҳаррик шуд ин муросаларо ба шумоҳо, ки ношири афкори озод ва инқилобии форсизабонон ҳастед, бинависам. Ман ҳанӯз ин китоби муқаддасро, ки намунае аз нолаву фарёдҳои бадбахтона ва гирифторони Шарқ аст, надидаам. Ҳанӯз фаслҳои зиёди он ҳар як тоблуи ҳузнангез*

*хоҳад буд, аз пеши чашмам нагузашта, вале ҳамон навиштаи шумо ба ман ҳам собит мекунад, ки тамоми омол ва орзуҳои заҳматкашони Шарқ ва хусусан, форсизабонон дар он ҷамъ хоҳад буд».* **[4]**

Асари дигар Айнӣ «Дохунда»-ро, ки дар адабиётшиносии тоҷик онро «Нахустромани адабиёти шӯравии тоҷик» меноманд, метавон идомаи мантиқии қиссаи «Одина» номид. Романи «Дохунда» дар байни солҳои 1927-29 таълиф шуда, нахуст соли 1930 дар шаҳри Қазони Русия бо ҳуруфи форсӣ ба нашр мерасад ва ба таъкиди Х. Асозода, Айнӣ мехост онро ба шарафи ташкили Ҷумҳурии ҳафтумини Сотсиалистии Тоҷикистон ҳадя намояд. **[5]** Дар ин асар муҳимтарин масоили сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ-мубориза ву талоши аҳли меҳнат барои озодӣ, истиқлоли миллӣ ва бунёди ҳаёти нав дар як давраи муайяни таърихӣ, аз ибтидои қарни ХХ то сеяки аввали он ба риштаи тасвир кашида шудааст. Қаҳрамони асосии «Дохунда» халқи меҳнатӣ буда, фазилати он дар симои Ёдгору Гулнор таҷассум ёфтаанд. Тасвири мавзӯи таърихӣ, вусъати воқеоти марҳилавии сиёсию иҷтимоӣ ва наҳзати таърихии халқ дар ҷодаи навсозии сарзамини худ ба «Дохунда» рӯҳи ҳамосӣ бахшидааст. Ёдгору Гулнор намоди инсони ташаккулёфтаи муборизанд, ки адиб камолоти шахсияти онҳоро вобаста ба тағйироти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ба қалам додаст. Айнӣ дар ин асар муборизаи шадиди ду дунё - феодализми фаношаванда ва сотсиализми навзуҳурро вобаста ба ҳаводиси таърихӣ вуқуъгароёна ба тасвири бадеӣ кашида, ки ағлаби иштирокчиёни он бо исми худ (монанди сарварони босмачиён ва роҳбарони ғоявии онҳо Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Дониёл, Эшони Султон, Анварпошшо, Салимпошшо, Усмон Хоҷаев, Алӣ Ризо ва дигарон) тасвир шудаанд. Мавзӯи ғуломон ва ғуломфурӯшӣ дар Осиёи Миёна, ки аз ҳаёти мардуми ин сарзамин сарчашма мегирад, ибтидо дар қиссаи «Қулбобо» (соли 1928 ба

ӯзбакӣ) ва баъдан дар романи «Ғуломон»-и (1934) Айнӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Ин роман воқеаҳои таърихии бештар аз як қарни (аз соли 1824 то 1933) Мовароуннаҳру Хуросон ва Осиёи Миёнаро фаро мегирад, ки дар мисоли авлодҳову наслҳо ба тасвири бадеӣ кашида шудааст. Вуқуъгароии Айнӣ дар тасвири қонуниятҳои инқилобии тараққиёти ҷамъият асос ёфтааст. Робитаи замону макон, вақту фазо, фард ва ҷамъият, воқеияти ашхос ва ашё дар «Ғуломон» ба таври аҳсан риоя шуда, ки далели равшани ҳуҷҷатписандии Айнӣ, такяи ӯ ба ҳақиқати воқеоти таърихӣ мебошад.

Насри Айнӣ дар солҳои 30 асри XX ҳаматараф рушд намуда, аз ҷиҳати мавзӯю масоил, анвои адабӣ, сабк ва амсоли инҳо ғанӣ гардид. Адиб паҳлӯҳои тозаи зиндагиро мавриди тасвири бадеӣ қарор медиҳад. Қиссаи «Мактаби куҳна» (1934) дар мавриди шеваи номатлуби омӯзишу парвариши мактабҳои замони гузашта мавриди танқид қарор ёфтааст. «Колхози коммунизм» (1934), «Ҷашни торихӣ», «Тирози ҷаҳон (ҳарду 1936) очеркҳое ҳастанд, ки адиб баъд аз сафарҳояш ба рустоҳои Тоҷикистон ба қалам додааст. Қисса (повест-достон)-и «Марги судхӯр» (1936) на танҳо дар адабиёти шӯравии тоҷик, инчунин дар адабиёти Шӯравӣ мақоми сазовор касб кард. Барои Қорӣ Исмат, ки ба сабаби судхӯрӣ ва шиками бузургаш Қорӣ Ишкамба лақаб додаанд, ҳеч чизе муқаддастар аз пул нест. Ӯ ғуломи пул аст, барои ситондани фоидаи қарзҳое, ки ба мардуми муҳтоҷ медод, тамоми қавонини шариатро пушти по мезанад ва аз ҳеч разолате рӯ намегардонад. Ғояи асосии асар ҳалокати дунёи сармоядорӣ ва судхӯрию риёкорист. Марги муфоҷои Қорӣ Исмат ва ба хазинаи ранҷбарон гузаштани сармоя ӯ гувоҳи ин матлаб аст. Қиссаи «Ятим» (1940) ба саргузашти Ятим (Шодӣ Мурод) ном ҷавонест, ки баъд аз инқилоб арбобаш ӯро бо модараш зӯран ба Афғонистон бурда буд, бахшида шудааст. Ҳаёти вазнини тоқатфарсо дар хориҷа ва бозгашти ӯ ба Тоҷикистони Шӯравӣ ва тарбият ёфтану

хидмат кардани ӯ дар бунёди ҳаёти нав хеле олӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст. Насри Айнӣ дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон хеле рушд ёфт. Айнӣ ҳам бо шеър ва ҳам бо наср бо ғояи олии ватанхоҳӣ халқро ба муқобили душман даъват кардааст. Дар ин ҷода насри илмию бадеӣ ӯ ҷолиби диққат аст. «Қаҳрамони халқи тоҷик-Темурмалик» (1944) ва «Исёни Муқаннаъ» (1944) ва як қатор мақолаҳои ӯ ҷанбаи ватандӯстӣ дошта, бо ёдоварии ҳофизаи таърихӣ перомуни аҷдоди қаҳрамону далер ҷавононро бар зидди душмани истилогар сафарбар менамуданд. Муқаннаъ (пешвои шуришчиён бар зидди Хилофати араб дар асри 8) ва Темурмалик (хоқими Хуҷанд ва сарлашкари ғаюр бар зидди муғул асри 12) ҷанговаронро бар зидди душман рӯҳу қувваи тоза мебахшиданд. «Чингизи асри XX», «Деви ҳафтсар», ки такя ба ҳаводиси таърихи миллат ва афсонаву ривоёти он доранд, мақолотест, ки Айнӣ дар накуҳиши фашистони истилогар ва раҳбари онҳо-Ҳитлер бахшидааст. Дар ин асар адиб сарвари фашистонро ба деви ҳафтсар ташбеҳ карда, ки сарбози диловари тоҷик ӯро мағлуб мекунад.

«Ёддоштҳо» (1947-1954)-ро метавон асари ҷамъбастии эҷодиёти Айнӣ шуморид, ки аз чаҳор ҷилд иборат буда, нотамом мондааст. Вақеан, «Ёддоштҳо» як шоҳасари адабист, ки дар адабиёти собиқ Шӯравӣ мақоми шоиста касб кард ва ба Мукофоти давлатии ин кишвар сазовор гардид (1950). Адиб дар чаҳор ҷилди ин шоҳасар ҳаёти халқи тоҷикро вабаста ба саргузашти худ дар солҳои 80-90 асри X1X бо фарогирии муҳимтарин масоил ва ҷузъиёт тасвир кардааст. Айнишиносон ин асарро қомуси халқи тоҷик дар чоряки охири қарни X1X донистаанд. Дар ин асар аз ҳама табақаи мардум намояндагон бо номи худ фаъолият мекунанд. Тамоми воқеоти асар аз номи Садриддин нақл мешавад, вале дар маркази тасвир симои халқи тоҷик бо он ҳама маърифату урфу одаташ ва шебу фарози зиндагияш, муборизаву талошаш, созандагию

бунёдкорияш дар як давраи муайяни таърихӣ ба тасвир омадааст. Дар раванди рушду камоли Садриддин беҳтарин сифати халқ дар симои ӯ тасвир шудааст. «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ба адабиёти халқҳои қазоқу қирғиз ва узбаку туркман такони ҷиддие дод ва дар пайравӣ аз он суннати ёддоштнависӣ дар адабиёти ин халқҳо роиҷ гардид. Айнӣ соли 1917 дар Самарқанд асаре бо номи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ё «Таърихи усули савтия ва инқилоби фикрӣ дар Бухоро» навишта, ба Бухоро барои нашр фиристода буд. Китоби мазкур соли 2005 ба сифати ҷилди панҷуми «Ёддоштҳо» ба нашр расид.

Осори Айнӣ пайванди сунатҳои адабии Шарқ, махсусан адабиёти классикии форсу тоҷик ва Ғарб мебошад. Айнӣ ба воситаи тарҷума ва ба туфайли шогирдонаш аз осори саромадони адабиёти рус огаҳӣ дошт ва худ борҳо қайд карда, ки аз осори М. Горкий, ки бо ӯ ошно буд, баҳра бардоштааст. «Зиндаи абадӣ» (1936), «Омӯзиши ман аз Максим Горкий», «Хотираи фаромӯшношудании устоди бузург» (1936), «Симои фаромӯшнашаванда» (1946) ва «Падари тарбиятгари адабиёти Шӯравӣ» (1951) мақолаҳое мебошанд, ки Айнӣ аз суҳбатҳояш бо Горкий ва баҳрабардорияш аз осори ин нависандаи бузурги рус сухан мегӯяд. Айнӣ шогирдони зиёде ҳам дар соҳаи адабиёт ва ҳам дар ҷодаи илми тоҷик тарбият карда, ки баъдан макотиби бунёдниҳодаи ӯро чи дар соҳаи адабиёт ва чи дар ҷодаи илм идома доданд. Бузургтарин нависандагону шоирони тоҷик чун Ҷалол Икромию Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ… ва донишмандон амсоли Абдулғанӣ Мирзоеву Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шакурию Шарифҷон Ҳусейнзода… боифтихор худро шогирди мактаби бузурги Айнӣ медонанд. Нуфуз ва таъсири мактаби Айнӣ дар инкишофи адабиёти дигар ҳалқҳои Шӯравӣ, хусусан адабиёти қазоқу узбак, қирғизу туркман хеле назаррас аст.

Донишмандони эронӣ дар нашр ва таҳқиқи мероси Айнӣ корҳои назаррасе анҷом додаанд. Дар Эрон чаҳор ҷилди «Ёддоштҳо», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва баъзе дигар асарҳои Айниро бо пешгуфтори муфассал ва шарҳу тавзеҳи илмӣ ба нашр расондаанд. Айнӣ ба ҳайси нависандаи классики адабиёти Шарқ эътироф гардидааст. Алфред Курелла – шоиру носир ва мутарҷими олмонӣ Айниро таҷассуми равобити самарабахши тамаддуни шарқию ғарбӣ медонад. 100-солагии Айнӣ бо қарори СММ (1978) дар миқёси байналмилалӣ ҷашн гирифта шуд. Осори Айнӣ бо 17 забони халқҳои собиқ Шӯравӣ ва 12 забони хориҷӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Хулоса, оғози фаъолияти илмии Айнӣ аз соли 1912 бо мақолаи илмӣ дар бораи рӯзгор ва осори Бедил шурӯъ мешавад, ки дар маҷаллаи «Шӯро» (1912, №2) ба забони тоторӣ ба нашр расидааст. Асарҳои илмии ӯ доир ба таърих, забону адабиёт, кишваршиносӣ, луғатнигорӣ, мусиқӣ, ки дар солҳои мухталиф ба нашр расидаанд, пояи ин илмро дар Тоҷикистон асос гузошт. Масалан «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923), «Материалҳо (мавод) доир ба Инқилоби Бухоро» (Маскав, 1926, ба забони узбакӣ), «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934), «Устод Рӯдакӣ (1940), «Камоли Хуҷандӣ» (1940), «Шайх Муслиҳуддин Саъдии Шерозӣ» (1940-42), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954), «Восифӣ ва хулосаҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1946), «Алишери Навоӣ» (1948) ва ғайра ҳар як дар таърихи илми тоҷик мақоми арзанда доранд. Айнӣ солҳои 20-30 асри XX мақолаҳои зиёде доир ба забон иншо кардааст, ки «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Китобҳои тоҷикӣ», «Луғати нимтафсири тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» (1934) ва ғайра аз он ҷумлаанд. Дар ин мақолаҳо ӯ асоси назариявии шеваи нави забони адабии тоҷикро нишон дода ва дар асарҳои

бадеии худ намунаи равшани соддабаёниро ба майдон гузошт.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Х.Асозода. «Таърихи адабиёти тоҷик», саҳ.,230
2. С.Айнӣ. «Як-ду сухан. Ёдгорӣ», Сталинобод, 1937, саҳ.7.
3. Х.Асозода. «Таърихи адабиёти тоҷик», саҳ. 243
4. Маҷаллаи «Раҳбари дониш», 1928, №6-9, саҳ. 5. / Нақл аз китоби Раҳим Ҳошим. «Солҳо ва саҳифаҳо», 1988, саҳ., 12-13
5. Х. Асозода. «Таърихи адабиёти тоҷик», саҳ. 249.


* * * * *


***С. АМИНОВ***


# МАВҚЕИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ОСОРИ УСТОД АЙНӢ

Устод Садриддин Айнӣ яке аз забардастарин адибони даврони навини адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳам дар назм ва ҳам дар наср қувваозмоӣ карда, дар ҳар ду комёб шудааст. Ҳанӯз яке аз шеършиносони ҳамон давра Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» - и хеш ба қудрати шоирии устод Айнӣ баҳои баланд дода буд. Ӯ чунин нигоштааст:

*Яке аз наҷибони равшанравон,*
*Ки дорад ватан Хиттаи Ғиҷдувон*
*Ба фазлу ҳунар шуҳраи хосу ом,*
*Лақаб Айниву Садриддинхоҷа ном…*
*Ба мулки сухан Айнии хушбаён,*
*Чу шамъ аст урёну равшанзабон.*
*Ба назму ба насри сухан довар аст,*
*Зи насраш, вале назми ӯ хуштар аст…*

*Суханҳои Айнист хуштар зи ҷон,*
*Агар боварат не, биёву бихон.*

Баъдтар дар таълифи осори насрӣ маҳорату истеъдоди устод Айниро пас аз мутолиаи мактуби навиштаи ӯ дақиқан пай бурда, Садри Зиё соли 1902 ҳангоми дар Каркӣ қозӣ буданаш хитобан ба устод мегӯяд: «Ман дар тазкираи худ (ӯ тазкираи шуарои манзум навишта буд) туро дар назм муқтадир, аммо дар наср қувват надорад, аммо Мирзо Абдулвоҳидро дар наср муқтадир ва шеъраш суст аст, - гуфта баҳо дода будам. Маълум шуд, ки ман хато карда будаам. Ту ҳам дар назм ва ҳам дар наср аз вай муқтадиртар будаӣ, - гуфт» (Кул.,ҷ. 1,1958, саҳ. 57).

Аз навиштаҳои нависанда маълум аст, ки авлодан соҳиби савод буда, баробари он дар ҳунарҳои дастӣ, дӯконбофӣ, дуредгарӣ, сангиосиётарошӣ, наққошӣ, кандакорӣ ва ғайраҳо шуғл меварзидаанд. Нависанда дар «Ёддоштҳо» чунин ишора мекунад: «Назар ба нақли падарам, Сайидмуродхоҷа - падари ӯ Сайид Умархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ дӯконбофӣ ва дуредгариро хуб медонистааст. Хусусан дар дуредгарӣ шуҳраташ дуруст будааст»(Кул., ҷ. 6, 1962, саҳ 12).

Айёми кӯдакию хурдсолии ӯ дар деҳаҳои Соктаре ва Маҳаллаи Боло гузаштааст. Худи адиб ин нуктаро борҳо зикр кардааст: «Ба ҳамин тариқа, таваллуди ман дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиҷдувон воқеъ шуда, айёми бачагии томактабиам тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст» (Кул., ҷ.6,1962, саҳ. 15).

Устод Айнӣ зеҳни тез дошта, аз хурдиаш басо кунҷков будааст, ҳар як чизи намефаҳмидаашро борҳо пурсида мегирифтааст ва ин хислати худро то охири умр нигоҳ доштааст. Ин нуктаро зимни суҳбат бо падар, Устоамак ва дӯстонаш пай бурдан мумкин аст.

Тавассути осори устод Айнӣ хонандаи зирак на танҳо ба таърихи Бухорои амирӣ, балки бо зиндагии мардум, расму одатҳои он, ҳунару касб ва пешаҳои маъмули

мардумӣ, тарзу тариқаи зиндагии аҳолӣ, вазъи таълиму тарбия дар мадрасаҳои он даврон, зулму ситами амирони манғит ба аҳолӣ, қашшоқию бенавоии мардуми заҳматкаш, дар сатҳи паст қарор доштани саводнокии аҳолии Бухорое, ки як вақтҳо мардум онро маҳди илму фарҳанг меҳисобиданд, ошноии комил пайдо мекунад. Азбаски давраи тифлию наврасии ӯ, тавре ки ишора шуд, дар деҳот сипарӣ шудааст, қариб тамоми ҳунарҳои мардумиро, ки бештар дар деҳот роиҷ будааст, дар осораш инъикос намудааст. Дар қадами аввал дар асарҳои таълимиаш хонандаи хурдсолро тавассути матнҳои сохтааш бо касбҳо ошно месозад ва аҳамияти онҳоро бисёр дар шакли муъҷаз баён медорад. Масалан, дар китоби дарсии «Духтарбача ё ки Холида» худ матнҳои хурд таҳти унвони «Холида» ҳунари дастиро меомӯзад», «Холида - дӯзанда», «Ҳаёти якшабонарӯзии Холида -ро сохтааст, ки духтарбачаҳоро ба фаро гирифтани ҳунари дӯзандагӣ ҳидоят мекунанд.

Ҳамин тариқа, зина ба зина ин корро дар асарҳояш устод Айнӣ идома дода, дар «Ёддоштҳо» ба авҷи аъло расонидааст, яъне маҷмӯи ҳунарҳои мардумиро ба таври фаровон тасвир кардааст.

Дар адабиёти тоҷик ёддоштнависӣ таърихи куҳан дорад, ки «Сафарнома» - и Носири Хусрав, «Бадоеъ – ул - вақоеъ» - и Зайниддин Восифӣ, «Наводир – ул -вақоеъ» - и Аҳмади Дониш, «Субҳи ҷавонии мо» - и Сотим Улуғзода намунаи барҷаста мебошанд. Дар асарҳои зикршуда ҷо – ҷо ҳунарҳои мардумӣ, махсусан дар «Бадоеъ – ул - вақоеъ» бештар инъикос шудаанд. Дар муқоиса бо он асарҳои ёддоштӣ «Ёддоштҳо» - и устод Айнӣ ба куллӣ фарқ мекунад. «Ёддоштҳо» - и устод Айниро қомуси «ҳунарҳои мардумӣ» номем, ҳеҷ муболиғае нахоҳем кард.

Устод Садриддин Айнӣ шояд ин корро ба хотири он карда бошад, ки, аввалан, хонандаро бо ҳунарҳои мардумии дар Бухоро ва туманҳои он роиҷбуда ошно созад. Сониян, барои ҳар инсони оқилу бофаросат гӯшзад менамояд, ки «ҳунар чашмаест зоянда ва давлатест

поянда», солисан, соҳибҳунар будани мардуми тоҷикро новобаста ба мушкилоти сунъии эҷодкардаи амирони давр нишон додааст ва, ниҳоят, ба хотири ин ки ин ҳунарҳои мардумӣ гумном нагарданду минбаъд ривоҷ ёбанд ва наслҳои минбаъда донад, ки аҷдодонаш чӣ ҳунарҳоеро доро будаанд, дар осораш баъзан муфассал шарҳ додааст.

Агар устод Айнӣ дар шаҳр ба дунё меомаду бузург мешуд, шояд аз дастёбии иттилооти густурда доир ба ҳунарҳои мардумӣ ва баъзе расму одатҳои хуби миллӣ, ки имрӯз онҳоро бо номи анъанаҳои миллӣ ё ҳунарҳои мардумӣ ном мебаранд, бебаҳра мемонд. Ин корро танҳо Айнии зираку мушоҳидакор ва кунҷков анҷом дода метавонисту бас. Дар ин гуфта бояд тардиде набошад, зеро аксари адибон, ба хусус адибони дар деҳот ба воярасида, номи гулу гиёҳҳои одиро намедонанд ва ташхис карда ҳам наметавонанд.

Устокории устод Айнӣ дар ин кор он аст, ки он амалро , яъне тарзи сохтану пухтан ва тайёр кардани таҷҳизот, хӯрок, бозиҳои мардумӣ ва амсоли инҳоро чунон ба қалам медиҳад, ки аз рӯйи навиштаҳояш ҳар як шахси болиғ метавонад, онҳоро худ таҳия намояд. Масалан, оид ба тарзи таҳияи пиёба (пиёзоба) чунин навиштааст: «Пирамард: Мақсудҷон! – гӯён садо кард. - Ту писарам, ба дег як – ду қошуқ равған андохта, доғ кун ва дар вай ду сар пиёзро пора карда бирён кун, баъд аз сурх шудани пиёз ду – се коса об андохта, дар вай чор дона қаламфур ҳамроҳ карда ҷӯшон, ки як пиёбаи (пиёзобаи) тунд шавад. Ба бемор дар ҳамин вақт аз ин беҳтар даво нест ва аз ин хубтар хӯрок ҳам нест. Дар ин ҳавои гарм барои худамон ҳам таоми хубе мешавад» (Кул., ҷ. 7, 1962, саҳ.215). Ва ё дар бораи «байтбарак», ки миёни мардуми мо қаблан роиҷ буда ва имрӯзҳо низ дар макотиб ба таври фаровон истифода мешавад. Ба итминони комил метавон гуфт, ки ин анъанаи миллии мо ҳисоб меёбад. Аз рӯйи ин шарҳ чӣ будану чӣ тавр

гузаронидани «байтбарак» - ро пурра дарк кардан ва ба роҳ мондан мумкин аст:

« - Байтбарак чист? – Ман аз ӯ пурсидам.

Ӯ баъд аз он ки ба ман бодиққат нигоҳ кард:

- Савод дорӣ? – гуфта пурсид.

- Каме хонда метавонам.

- Аз ёд байт медонӣ?

- Якчанд байт медонам.

- Байтбарак ҳамин аст, ки ман як байт аз ёд мехонам, охири он байт бо кадом ҳарф, ки тамом шавад, ту дар ҷавоб байте мехонӣ, ки аввали он бо он ҳарф сар шавад ва баъд аз он ман ба ту ҷавоб медиҳам. Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад, банд шудагӣ – бой додагӣ ҳисоб меёбад.

- Ин тавр бошад, сар кунед.

Ӯ хонд ва ман хондам, тахминан 50 – 60 байт бо ҳам баҳсу ҷавоб кардем. Ӯ дар охир дар «Ж» банд шуд…» (Кул., ҷ.1, 1958, саҳ.26).

Воқеан, бо гузашти рӯзгор ва дигар гаштани сохтори ҷомеа муносибат бо анъанаҳо, расму одатҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дигар шудааст. Як муддат шиорҳои меҳнат шараф аст, садо медод. Ҳоло ағлаби мардум (чи пиру чи ҷавон) роҳи ба осонӣ ба даст овардани маблағро меҷӯянд. Технологияи навин ҷойи таҷҳизоту маводи миллиро маҳдуд мегардонад ва мардумро аз ҳунарҳои дастии миллӣ дур месозад.

Ба хотири пешгирии ин амал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш аз 22 декабри соли 2017, соли 2018 – ро дар кишварамон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон доштанд. Ҳамзамон таъкид карданд, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорону ҳунармандон тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок ба роҳ монда шаванд. Инчунин бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати дар хона истеҳсол кардани молҳои ниёзи мардум ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда шавад. Ин пешниҳоду тадбири андешидашуда басо

саривақтист. Имкон фароҳам меоварад, ки бисёр ҳунарҳои мардумии фаромўшгашта аз нав эҳё гарданд, соҳибкорон дар рушди он ҳиммат гуморанду ҳам ба фоидаи хеш ва ҳам ба манфиати кишвар содиқона фаъолият кунанд ва дар маҷмўъ сармояи худ ва хазинаи давлатро ғанӣ гардонанд.

Чунон ки дар боло ишора гашт, осори устод, ба хусус «Ёддоштҳо» - и Садриддин Айниро қомуси касбу пеша ва ҳунарҳои мардумӣ номидан муболиғае наҳоҳад буд. Дар осори ў оид ба касбу пешаҳои гуногун: тоқиядўзӣ, гачабозӣ, шоҳибофӣ, кафшдўзӣ, рехтагарӣ, пиёбапазӣ, савтхонӣ, байтбарак, гир - гиракбозӣ, подшоҳбозӣ, ҳалвопазӣ, ҳалвои қоқтипазӣ, ҳалвои собунпазӣ, сандуқсозӣ, дарздўзӣ, шустагарӣ, шиннипазӣ, чархиосиётарошӣ, найи оташпуфкун, косагарӣ, чилликресӣ, дуредгарӣ,бофандагӣ, чархресӣ, чўбтарошӣ, кандакорӣ, наққошӣ, дарсозӣ ва ғайраҳо маълумот пайдо кардан мумкин аст, ки ҷумла ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб мегарданд.

Чун муште аз хирвор баъзе порчаҳо – матнҳоро дар шакли мухтасартар манзур месозем, то ки барои ҳамагон ошкор гардад, ки асарҳои устод Садриддин Айнӣ мубаллиғи беҳтарини касбу пеша ва ҳунарҳои мардумианд.

Устод Айнӣ ҳалвои қоқтипазии модарашро бодиққат нигариста, дар «Ёддоштҳо» бо тамоми ҷузъиёташ чунон тасвир менамояд, ки ҳар як хонанда онро мутолиа карда, чунин ҳалво мепазад: «Модарам ҳалвои қоқтӣ пухт, ман ба ў дар оташмонӣ ёрӣ додам: аввал як миқдор ордро дар дег бо равған бирён карда гирифт. Баъд аз он аз шиннии тут, ки аз Соктаре пухта оварда буд, як коса барин дар дег андохта қиём гирифт. Вақте ки ғафсии шиннӣ атола барин шуд, орди бирёнро дар вай ҳамроҳ карда лат зад. Баъд аз лат задан орду шиннӣ хамир барин шуд. Пас аз он бар рўйи лаълӣ орд пошида, он хамирро ба рўйи вай гардонида паҳн кард ва баъд аз сард ва сахт шудан аз вай як порча бурида ба дасти ман дод, дигарашро порча –

порча бурида, ба рӯяш орд пошида, дар қуттӣ чида монд» (Кул.,ҷ.6,1962, саҳ. 26).

Дар повести «Ятим» чилликресиро ин тавр тасвир кардааст: «Соро ба рӯйи як баландии бомчамонанд нишаста, ба чилликаресӣ даромад. Чиллики ӯ бисёр сода буд, ӯ як қайроқи дарозрӯяро ёфта, ба вай як чӯбчаро кӯндаланг баста буд.

Ӯ дар домани худ пашмҳои ғозу шонакардаи бузро дошта, аз он пашм як ҳовучашро ба мушташ гирифт, як тарафи он пашми дар мушташ будагиро ресмонмонанд тофта, ба нӯги чӯбчаи чиллик баст ва дасти пашмдорашро баланд бардошта, бо дасти дигараш қайроқро гирд гардонда сар дод. Ҳар боре ки чиллик гирд мегардид, пашм пеш – пеш тоб хӯрда ресмон мегашт.

Ҳар вақт ки як мушт пашм ёзида, борик шуда, чиллик ба замин мерасид, Соро ресмони тобхӯрдаро ба қайроқ чапучилеб карда мепечонд ва боз як мушт пашм гирифта кори худашро давом медод» (Кул.,ҷ. 4, 1961, саҳ. 216).

Бозиҳои мардумро, ки бо номи «Гачабозӣ» ва «Подшоҳбозӣ» ёд мешаванд, шарҳ додааст. Масалан, оид ба гаҷабозӣ чунин омадааст:

Гачабозӣ ҳамин буд, ки аҳли маҷлис ду тақсим шуда, рӯ ба рӯи ҳам менишастанд, як сангча ё шабаро гача ном медоданд, одамҳои як тарафи муқобил гачаро дар байни худ гирифта, дастонашонро дар зери кӯрпаи сандалӣ медароварданд, яке аз он одамҳо гачаро дар мушти худ пинҳон мекард, аммо ҳамагӣ муштҳояшонро гиреҳ карда, аз зери кӯрпа бароварда, ба тарафи муқобил дастҳояшонро дароз карда, бо як овоз фарёд кардан мегирифтанд.

Гача дар дасти ман аст!

Дар кадом дасти ман аст!

Одамҳои тарафи муқобил дастҳои дарозшударо ягон – ягон гирифта дошта, ба чеҳраи онҳо бо диққат чашм медӯхтанд. Дар охир яке аз онҳо ба кадом даст будани гачаро тахмин кунад, он дастро маҳкам дошта фарёд мекард:

Гача дар дасти ту аст!

Ба ҳамин дасти ту аст!

Ин одам агар ҳақиқатан гачаро ёфта бошад, тарафи ӯ бурдагӣ, вагарна бой додагӣ ба шумор мерафт. Агар шумораи бурди як тараф ба сад расад, марра пурра ва бозӣ тамом мешуд ва тарафи бурдагӣ аз тарафи бой додагӣ ду танга (30 тин) мегирифт. Мағлубшудагон ин пулро аз байни худ ғундошта медоданд. Аммо бойбурдагон ин пулро дар байни худ тақсим карда нагирифта, саҳари ҳамон шаб ба вай аз нахӯдпазӣ шӯрбои нахӯд харида оварда, ғолиб ва мағлуб дар як ҷо бо ҳам мехӯрданд (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 110 – 111).

Дар мавриди тарзи пухтани ҳалвои собунии Шофиркомӣ чунин маълумот додаст: «Ҳалвои собунӣ ҳалвоест, ки онро аз орд, равған ва шакар пухта, ба лундаҳои чормағзмонанд ҷудо карда,ба фурӯхтан ва хӯрдан тайёр мекунанд. Ин гуна ҳалвои собуниро дар Бухоро, Самарқанд ва ҳар ҷойи Осиёи Миёна, ки ҳавлогарӣ бошад, мепазанд.

Ҳалвои собунии шофиркомӣ ҳам айнан аз ҳамон масолеҳ, яъне аз орду равған ва шакар тайёр карда мешавад, аммо тарзи пухтани он дигаргуна буда, ин корро дар райони Шофирком баъзе одамони махсус медонанд… Ҳалвои собунии Шофиркомро ба лундачаҳо ҷудо намекарданд, дар вақти гармиаш ба табақчаҳои сафолии бесири нав мерехтанд ва баъд аз сард шуда бастанаш дар миёна як порча қоғази сафед монда, ҳар ду табақро ба рӯйи ҳам мегардонанд ва ба ҳар кучо баранд ҳам, ҳамин тарз табаққоро ҷуфт – ҷуфт мебурданд». (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 286).

Ҷойи дигар устод Айнӣ мефармояд, ки устоҳо танҳо ба фаро гирифтани як касб қаноат намекарданд. Барои ҳамеша бо кор таъмин кардани худашон чанд пеша - касбро ёд мегирифтанд. Ӯ зиндагию кори Устоамакро чунин тасвир кардааст: «Устоамак ғайр аз кандакории худ ба устохонаҳои дигар ҳам нақшҳои шинам кашида медод, аз ин ҷумла косагарон, читгарон ва гилкорон барои кори худ ба ӯ нақшҳо фармуда мегирифтанд. Ӯ барои косагар ё

читгар дар қоғаз нақшаҳои муносиб мекашид ва атрофи ҳар гул ва нақшаро сӯзан мезад. Онҳо он нақшаро бурда ба рӯйи кори худ монда, аз рӯйи коғаз хокаи ангишт мезаданд ва баъд аз он қоғазро аз рӯйи кор бардошта гирифта, ҷойи хокаи ангишт нишонкардаро, ба тарзе ки дар коғази нақша ишора шудааст, бо рангҳои гуногун нақш мекарданд» (Кул., ҷ.6, 1962, саҳ.101).

Устод Айнӣ зимни шарҳи дуредгарии Устоамак таъкидҳое дорад, ки ҳар як хонандаро ба фикру андеша кардан во медорад, яъне шогирд танҳо побанди таълими омӯзгор нагардад, ӯ бояд ҳамеша дар такмили чизи омӯхтааш бошад, бияндешаду мустақилона амал намояд:

«Рӯзе ман аз вай (Устоамак) пурсидаам:

- Амак: Шумо ин қадар ҳунарро ба кӣ шогирд шуда омӯхтед?

- Ӯ ҷавоб дод:

- Хешовандони мо ҳама дуредгариро медонанд. Намебинӣ, ки падарат усто, амакат усто, амакбобоят ҳам усто буданд, бобо ва бобокалонҳои мо ҳам усто буданд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба касе шогирд нашудаанд ва аз якдигар дида омӯхтаанд, баъд аз он мувофиқи қобилият ва ғайрати худ баъзеҳояшон бисёр ҳунарманд ва баъзашон камҳунартар шуда мондаанд. Ман ҳам тешазаниро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам. Баъд аз он ақли худро кор фармуда, ҳунари худро пеш бурдам. Дар кандакорӣ ман аввалин намунаҳоро аз сангҳои мазори худамон гирифтам ва баъд аз он бо ақли худ нақшҳои шинами хушнамо ёфтам.

Устоамак як нақшро, ки дар коғазе кашида шуда буд, ба ман нишон дода гуфт:

- Ин нақшро дувоздаҳгиреҳ меноманд, - ва қоғази дигареро ба ман нишон дода давом намуд: - ин ҳам дувоздаҳгиреҳ аст, фарқ дар ин ҷост, ки дар ин коғаз дар байни гиреҳҳои дувоздаҳгона ситораҳо ва бодомчаҳо нақш ёфтаанд. Мебинӣ, ки ин дувоздаҳгиреҳ назар ба он дувоздаҳгиреҳи қадимӣ чӣ қадар хушнамо ва назаррабо шудааст. Ана ҳамин майдакориро ба дувоздаҳгиреҳи қадимӣ ман аз ақли худ бароварда ҳамроҳ кардам.

Устоамак қоғазҳоро, ки онҳоро худ андоза меномид, ба ҷузгири чармини худ гузошт ва боз сухани худро давом дод:

- Агар шогирд танҳо ба омӯхтани ҳунари устои худ қаноат мекард, дар дунё ҳеҷ ҳунар пеш намерафт, ривоҷдиҳандаи ҳунарҳо он шогирдон мебошанд, ки аз ақли худ чизҳо ёфта, ба ҳунари устои худ зам мекунанд, - гуфт ва баъд аз он: - исто – исто, ман ба ту як чизи ғалатӣ сохта диҳам, - гӯён аз ҷояш хеста ба ҳавлии дарунаш даромад ва аз он ҷо як най гирифта баровард, ки ним метр дарозӣ дошт ва сӯрохии дарунаш ҳам тахминан ним сантиметр меомад» (Кул., ҷ.6,1962, саҳ.66-67).

Ҷойи дигар усули дигари пухтани шинниии кӯзагиро ин тавр нигоштааст:

«Мӯйсафед ба пухтани шинниии кӯзагӣ сар кард: ӯ шарбати софи аз ҷувол гузаштаро бо як ёми шарбати софи дигар, ки вай аз лойи шарбатҳои кулӯхзада ба воситаи аз ҷувол гузаронидан тоза карда монда шуда будааст (дар ин бора махдум ба ман маълумот дод), дегҳои шиннипазиро пур кард ва Тоҳирҷон оташ мондан гирифт. Мӯйсафед ин шарбатро ба дараҷае ҷӯшонд, ки ҳубобҳои дар вақти ҷӯшиш бар рӯйи шиннӣ пайдошуда ба дараҷаи калонии чашми шутур расиданд. Ранги ин шиннӣ ҳам аз ранги шинниии аввалӣ фарқ дошт: шинниии аввалӣ сиёҳчатоб буд, ин шиннӣ ранги тиллоӣ пайдо кард» (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 221).

Навиштаи зерини устод Айнӣ аз дақиқбаёниаш шаҳодат медиҳад. Ҳиндуҳои дар Бухоро зиндагидошта нӯшокие бо номи «Сабзоб» таҳия мекарданд ва устод тарзи тайёр кардани онро хеле равшану возеҳ шарҳ додааст.

«Сабзоб як нӯшокии масткунанда буд, ки ҳиндуҳо вайро аз алафи барги канабмонанд мекашиданд. Ин алафро тар карда, дар ӯғурча кӯфта, монанди оби кӯкнор аз латтаи софӣ мегузарониданд ва баъд он оби софкардашударо дар қадаҳҳои филизии (металли) ҳиндустонӣ рехта менӯшиданд» (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 57).

Ва ё аз чӯби гуҷум дарсозии Устохоҷаро ин тавр тасвир кардааст: «Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард: дарҳое, ки вай месохт, аз чӯби гуҷум буд. Ӯ тахтаи чӯби гуҷумро чунон сайқал мезад, ки акси ҳар чиз хира бошад ҳам, аз вай намуда меистод. Дар он тахтачаҳои сахт, ки онҳоро «тахтаҳои оҳанин» номидан мумкин аст, бо қаламҳои пӯлодини худ кандакорӣ мекард (Кул., ҷ. 6, 1962, саҳ. 65).

Ва ё саҳҳофи ҳунарманд будани Миродилро хеле хуб ба риштаи таҳрир кашидааст: «Миродил аз ҳунармандтарини саҳҳофон аст. Ӯ ҳарчанд коғазпорчаҳоро бо ҳам часпонда қаламдон месозад, чунон ҳунар ба кор мебарад, ки монанди чӯб сахт ва обногузар мешавад. Коғази рӯяшро аз қоғази равғании Самарқанд мекунад, ки ин коғаз обу намро ба худ намегирад» (Кул., ҷ. 6, 1962, саҳ 115).

Ҳамин тариқ, осори устод Айнӣ, ба хусус «Ёддоштҳо» - и ӯ, оид ба бисёр касбу ҳунарҳои мардумӣ маълумот медиҳанд, ки онро аз асарҳои адибони дигар пайдо кардан мушкил аст. Дар ин асарҳо борҳо таъкид шудааст, ки дар интихоби касб ва фарогирии ҳунарҳои мардумӣ нақши падару модар басо бузург асту дар асл ин кор рисолати падару модар маҳсуб мегардад. Касбу ҳунарро аз хурдӣ ба бачагон бояд омӯхт. Рисолати падару модар аст, ки ба фарзандон аз тифлӣ талқин намоянд, ки «ҳар як дониш мисли ҳар як касбу ҳунар муқаддас ва сазовори ситоиш аст». Чун падари устод Айнӣ «Дар рӯҳ ва дили фарзандон таҳкурсие гузошт, ки ҳеҷ яке аз зарбаҳои тақдир ба он рахнае зада натавонад». Ана ҳамин таъкиду ҳидоятҳои падар буд, ки устод Айнӣ ба чунин мартаба расид. Яъне ҳамаи кори таълиму тарбияро ба дӯши мактаб гузоштан корест ношуданӣ. Бунёдгузори асосии кори таълиму тарбия оила маҳсуб мегардад. Оилаҳо рисолати хешро ҳам дар назди фарзандон ва ҳам дар назди давлат содиқона бояд иҷро намоянд. Агар имкони иқтисодӣ даст надиҳад, шиори «Фарзанд камтар – зиндагӣ беҳтар» -ро сармашқи кори хеш намоянд. Бебозгашт рафт, он давлате, ки барои серфарзандон нақлиёти махсус ва

кумакпулиҳо ҷудо мекард. Сохтори ҷомеаи кунунӣ дигар аст.

Месазад, ки ин паҳлуҳои осори устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқ гирифта шавад.

* * * * *

***Зайналбӣ ХОЛИҚОВА – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ***

## АШЪОРИ МАОРИФПАРВАРИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Агар Аҳмади Дониш дар адабиёти маорифпарварии нимаи дуюми асри Х1Х қадамҳои устувор гузошта бошад, устод Садриддин Айнӣ дар асри ХХ идомабахши ин ҷараён буда, бо ақидаҳои маорифпарваронаи худ дар адабиёти тоҷик ҷойгоҳи мустаҳкам дорад. Афкори маорифпарварии устод Айнӣ дар мероси бою пурқимати ӯ инъикос ёфтаанд.

Ба қавли шоири бузурги форсигӯ Нодири Нодирпур «ҳеҷ шоире ҷовид нахоҳад шуд, магар он ки шоири насл ва замони худ бошад» [1, с. 202].

Мавзӯи илму дониш ва аз худ намудани он чи дар эҷодиёти адибони гузашта ва чи дар ашъори муосирон мавқеи калон дорад. Ин аст, ки устод Рӯдакию Фирдавсӣ, Ибни Синову Хайём, Аттору Саноӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Бедил, Биноию Ҳилолӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш ва дигар шоирони классику муосир илму донишро мавзӯи асосии эҷодиёти худ қарор додаанд. Шоирону нависандагони муосири мо давомдиҳандаи суннату анъанаи неки аҳли адабу фарҳанг мебошанд.

Устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Пайрав, Абдулҳайи Муҷахарфӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Миршакар, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар, Гулрухсор, Муҳаммад Ғоиб, Искандари Хатлонӣ, Ҳақназар Ғоиб, Гулназар Келдӣ, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Саидҷон Ҳакимзода, Фарзона ва дигарон аз ҷумлаи онҳоянд.

Асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ аз зумраи чунин адибонест, ки мавзӯи илму донишро дар маркази диққат гузошта, дар эҷодиёташ пайваста рӯ ба мактабу маориф овардан ва аз худ намудани илму донишро талқин намудааст.

Устод Айнӣ дар як маснавии худ (1911) мактаби усули навро васф намуда, мактабро сababи ҳама гуна пешравию комёбиҳо донистааст. Чунончи:

*Эй монда қадам ба роҳи мактаб,*
*Олист мақому ҷоҳи мактаб.*
*Мактаб сабаби ҳаёт бошад,*
*Мактаб сабаби наҷот бошад.*
*Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,*
*Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад.*
*Мактаб ба ту дод илму одоб,*
*Мактаб ба ту дод дурри ноёб. [3, 25]*

Шоир дар хусуси мактаб сухан ронда, илму дониш ва ирфону маорифро тавсиф намуда, ҳамаро ба ин макони илму дониш даъват мекунад. Устод таъкид мекунанд, ки хоби худро як тараф гузору рӯ ба мактаб биёр. Чунончи:

*Бархез, гузор хоби худро!*
*Баргир ба каф китоби худро!*
*Рав аз ҳама пештар ба мактаб,*
*Шавқ аст туро агар ба мактаб.*
*Саъйе бинамову илму одоб*
*Беҳтар зи шщарики хеш дарёб.*
*То дар ду ҷаҳон азиз бошӣ,*
*Бодонишу ботамиз бошӣ.*

Ё ин ки дар ғазали «Замзами дабистон» (1915) низ устод Айнӣ мактабро васф намуда, бо истифода аз саноеи

адабӣ, махсусан, санъати ташбеҳ хеле хубу дилкаш ба қалам додааст. Адиб **илму маориф**ро ба **сурию савсан**, **толибилмон**ро ба **булбул**, **хома**и дасти онҳоро ба **сарви хиромон** ва **саҳифаҳои коғаз**ро ба **саҳни бӯстон** монанд кардааст, ки чунин суханпардозиҳо ва ёфтани калимоти мувофиқ дар ҷойи лозима хоси адибонест, ки ба умқи илму мароиф сарфаҳм рафтаву дигаронро низ ба он даъват менамояд. Чунончи:

*Мавсими барфу фасли зимистон,*
*Боғи дигар шуд саҳни дабистон.*
*Илму маориф – сурию савсан,*
*Толиби ирфон – булбули дастон.*
*Хома ба ҷавлон – сарви хиромон,*
*Сафҳаи коғаз – саҳнаи бӯстон… [3, 25]*

Дар мисраъҳои охири ин ғазал устод таъкид менамояд, ки агар ин гуфтаҳои моро қабул накунӣ, яъне напазирӣ, бархезу ба сӯи дабистон равон шав:

*Замзамаи мо нағмаи мактаб,*
*Бадрақаи мо илмпарпастон.*
*Гуфтаи Айнӣ гар напазирӣ,*
*Хезу равон шав сӯйи дабистон. [3, 25]*

Ба ақидаи Садриддин Айнӣ, танҳо илму дониш омӯхтан шахсро обрӯманд мегардонад. Адиб таъкид мекунад, ки шахси бекор ҳар кучое, ки равад, обрӯю иззат намеёбад ва танҳо соҳиби кор шудану муътабар гардидан аз хондан сарчашма мегирад. Аз ин ҷост, ки шоир хонандаро боз ба дарс хондану илм омӯхтан даъват менамояд. Устод дар маснавии «Суруди мактаб» (1917) ин нуктаро хеле хуб баён намудааст. Чунончи:

*Биёед, эй шарикон, дарс хонем,*
*Ба бекорию нодинӣ намонем.*
*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад…*
*Биёед, эй рафиқони маонӣ,*

*Ба ҳам гардем ҷӯёни маонӣ.*
*Зи илму маърифат гар баҳра ёбем,*
*Тавон бозӯи нодонӣ битобем. [3, 25]*

Албатта, бе мактаб хондану бе илму дониш андӯхтан касе обрӯманд намешавад. Аз ин рӯ, устод Садриддин Айнӣ дар рубоии зер мактабро макони илму адаб, дур кардани ғаму ранҷу азоб ва дар маҷмӯъ, ҳамчун одамият муаррифӣ намудани шахсияти ҳар як инсон номидааст. Касе бидуни мактаб хондан **одам** намешавад, гуфтааст устод Айнӣ. Чунончи:

*Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб.*
*Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:*
*Одам нашавад касе магар аз мактаб. [3, 25]*

Садриддин Айнӣ дар шеъри «Аз файзи Яздон хон аст мактаб» мактабро чун шеърҳои фавқуззикр васф намуда, **инсоният**ро ба **ҷисм** ва **мактаб**ро ба **ҷон** ташбеҳ додаст:

*Аз файзи Яздон хон аст мактаб,*
*Бар лаъли ирфон кон аст мактаб.*
*Беҷон ҷасадро қадре набошад,*
*Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.*
*Аз мактаб ояд осоиши дил,*
*Марғуби дилҳо з-он аст мактаб. [1, 25].*

Бемактабон ҳаёт надоранд, – мегӯяд адиб, – обу нон, ки сарчашмаи асосии ҳаёту зиндагии инсонҳост, аз мактаб ибтидо мегирад, яъне ба дурустӣ, шахси мактабхон, илму дониш мегирад ва ризқу рӯзиашро ба осонӣ пайдо карда метавонад. Моҳӣ бе об ва мурғ бе дон зиста наметавонад ва **моҳию мурғ** толибилмон, **обу дон** гуфта шоир **мактабу маориф**ро дар назар дорад. Устод Айнӣ дар ин хусус мегӯяд:

*Бемактабонро набвад ҳаёте,*
*Об аст мактаб, нон аст мактаб…*
*Дар чашми биниш нур аст дониш,*
*Дар ҷисми дониш ҷон аст мактаб.*
*Дар моҳии ҷон об аст ирфон,*

*Дар мурғи ирфон дон аст мактаб. [1,25]*

Хулоса, шеъру ғазалҳои маорифпарваронаи устод Садриддин Айнӣ инсониятро ба илму донишандӯзӣ даъват карда, рӯ овардан ба мактабро вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як инсон медонад. Адиб таъкид бар он дорад, ки агар ба мактаб рӯ биёрӣ, агар илму дониш омӯзӣ, обрӯманду соҳибэҳтиром ва дорои мақому манзалат дар ҷомеа мегардӣ.

Устод Айнӣ пайваста ғами халқро мехӯрд, ба ғаму дарди мардум шарик буд. Шояд саволе ба миён ояд, ки чӣ гуна ғам? Кадом ғами халқро устод мехӯрд? Албатта, ин ғам ғами ба дараҷаҳои баланди илму маърифат расонидани фарзандони халқ буд. Устод худро **падари ғам** ва **ғами халқро фарзанди хеш** номида буд:

*Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад. [6, 5]*

Анъанаи тарғиби илму дониш, рӯй овардан ба мактаб, даъвати наврасону ҷавонон ба илмомӯзӣ дар ашъори шоир мақоми хосае дорад. Устод Айнӣ дар шакл, вазн, қофия, воситаҳои тасвири бадеӣ шуҷоати бештаре нишон додааст. Бо истифода аз анъанаҳои даъват ба воситаи шеър аз шеъри классикии тоҷик ва ҳамқадамӣ бо замони шӯравӣ ба адиб имкон додааст, то возеҳу равшан фикрашро сари ин масъала баён созад. Ҳарчанд барои устод Айнӣ «чаҳорчӯбаи назм тангӣ кард ва аз назм гузашт ба наср», аммо эҷодиёти манзуми устод то имрӯз қадру манзалати худро гум накардааст ва ба мазмуни баланду хасоиси хоси даъватомези худ асрҳои аср зиндаю ҷовид хоҳад монд.

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 8.// С. Айнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1981, 524 с.

2. Асозода. Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX (муҳтавои дарсҳои назарӣ барои Донишкадаи филологияи Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон). // Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.

3. Брагинский И.С. О возникновении газели в таджикско-персидской литературе.// И.С. Брагинский. – Советское востоковедение. – 1958, 360 с.

4. Нодирпур Н. Шеъри форсӣ аз Машрута то имрӯз.// Н. Нодирпур. – Теҳрон, 1357. – С. 202.

5. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX). // Н. Сайфиев. – Душанбе: Бухоро, 2012, 660 с.

6. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ.// А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978, 352 с.

* * * * *

***А. КАРИМОВ –***
***мудири кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ, номзади илми филология, дотсент***

# МУБАЛЛИҒИ ҒОЯҲОИ ОЗОДИХОҲОНА

Устод Айнӣ ҳамчун сардафтари адабиёти Шӯравии тоҷик, чун аввалин адибе, ки дар эҷодиёташ ҳаёти воқеии мардумро ошкоро тасвир менамояд, чун асосгузори адабиёти реалистии тоҷик шинохта шудааст.

Ӯ бештар ба жанри публитсистика муроҷиат намуда, нисбат ба ҳаводиси мухталифи давронаш озодандешона таълифот намудааст. Асосан, мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ дар нахустин матбуоти советии тоҷик – маҷаллаи ҳафтаинаи «Шӯълаи инқилоб» (дар Самарқанд аз соли 1919 то соли 1921 баромадааст) ва рӯзномаи «Овози тоҷик» мунташир шудаанд. Ӯ дар мақолаҳои «Оташи инқилоб», «Масъалаи Шарқ», «Аҳволи Эрон», «Бархез, Шарқи мазлум, ки ӯрдӯи Шарқ расид», «Аскари сурх ва сиёсати Шарқ», «Аҳволи ҷанг ва сиёсат», «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб» ва дигарон ба масоили умумибашарии ҳаёти инсон ҳамчун инқилобчии

оташинсухан баромад карда, баҳри озодӣ ва адолат, саводнок кардани мардуми мазлум, озод гардидани эшон аз зулму истибдод ва асорати империалистони Ғарб барои авом маслиҳатҳои муфид дода, ранҷбаронро ба пеш, ба сӯи ҳаёти хуррамона далолат намудааст.

Вай саводомӯзиро манбаи асосии ҳаёти хуррамона маънидод намуда, дар мақолаи «Танвири афкор» бо чунин сатрҳо мароми хешро иброз намудааст: «Ҳеҷ шубҳа нест, ки инсон барои муомила кардан бо милали мухталифа, барои ҳуқуқ гирифтан аз ҳукумат, барои омезиш кардан бо хешу ақрабо, барои тарбият кардани авлод ва оила, барои пеш бурдани касбу ҳунари шахсии худ, барои таъмини маишати ҳаррӯза, хулоса барои зиндагӣ кардан дар дунё(агарчи якрӯза ҳам бошад) ба як фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст мӯҳтоҷ аст. Фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст пайдо намешавад инсонро, магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад, магар аз мактабу мадорис… Ин ҳама маҳрум монданамон аз ҳаққҳои машрӯъ, ин ҳама фоида нагирифтанамон аз имтиёзҳои васеъ аз ҷаҳлу нодониамон аст.»[10]

Устод Айнӣ ҳукумати ҳамонвақтаи Бухоро ва тартибу усули идораашро дар мақолаҳои «Қарори таърихии як иҷтимои фавқулода» ва «Инқилоби Бухоро» ошкоро ба қалам дода, ба касоне, ки аз тафсили аҳволи ҳукумат, қозиёну муфтиёни соҳиб ва ҳофизи шариат бехабаранд, бо далелҳои мӯътамад ва зикри номи эшон маълумоти дақиқ овардааст: «Дар атрофи амир як ҷамоаи заламае аз сипоҳиёни бедодгари нодон ва аз муллонамоёни девсирати бевиҷдон ҷамъ шудаанд.Эшон гоҳе аз номи амир, гоҳе аз номи шариат молу манол, ирзу номуси бандагони худоро тороҷ мекунанд. Зоти амир дар сарои шоҳонаи худ нишаста, байтулмоли муслиминро дар роҳи хоҳиши шаҳвонии худ сарф ва исроф менамояд, писарон ва духтарони раия, ки супурдагони дасти ӯ ҳастанд,

[10] Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9.Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.11

бепарда менамояд, касе, ки ба ҳаракоти шаҳватпарастии ӯ сари мӯе осори адами ризо нишон диҳад, хунашро чун қадаҳи шароб, ҳатто мисли косаи об мерезад..»[11]

Албатта, устод Айнӣ ба истиснои баъзе аз сипоҳиён ё муллоҳои ҳақиқӣ, ки аз аҳли дарбор буданд, ҳарф зада, аз қисмати талхи онон бо надомат, дилсӯзона чунин мегӯяд: «эшон ҳамеша гирифтори ибдор буда, оқибат бо маҳрумияти тамом аз дунё мераванд.»[12]

Бобати ин масъала доктори илми таърих Ҷамшед Ҷӯрабоев дар китоби «Таърихи сиёсии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва миёнаи асри XIX», дар хусуси мақолаи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд»-и устод Айнӣ ва назари сиёсии адибро дар сиёсати ҳокимони манғития ва танқиди баъзе амирон таъкид намудааст[13].

Устод Айнӣ  касони маорифхоҳро, ки дар ҷодаи маданияту илм хидмат кардаанду қалбан ба ҳаракоти разилонаи аҳли дарбор розӣ набуданд, бо зикри исмҳояшон ва бачагони хурдсоли зиёди дар Шаҳри Сабз бо фармуди ҳукумати Бухоро қатл шударо дар мақолаҳояш ҷой додааст.[14]

Устод Айнӣ бо сӯзиши ҷон ба ҳамзамонони хеш ҳушдор медод, ки агар мо озодии худро хоҳем, агар ба ҳуқуқи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ соҳиб шудан хоҳем, поймол шудани ватан, зан ва фарзандонамонро раво надорем, агар аз ин зиндагии бадтар аз маргро нахоҳем, бояд фирқаҳои ҳарбӣ ташкил намуда, ба сафи аскари сурх дароем. Ин маъниро дар мақолаи «Аскарӣ ва ислом» идома дода, дар мақолаи «Сайфу қалам»[15] таъмини ҳуқуқи бани башарро ба воситаи ду қувват – сайфу  қалам арзёбӣ карда, якеро ҷисму дигареро ҷон қаламдод кардааст.

---

[11] Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9.Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.106
[12] Ҳамин ҷо. саҳ.107
[13] Джурабаев Д.Х. Политическая история Бухарского эмирата во второй половине XVIII-середине XIX вв.Изд. «Ношир», Худжанд,2013, стр.67-68
[14] Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9.Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.108
[15]Ҳамин ҷо.саҳ.66

Масъалаи маориф ва ташкил ёфтани мактабҳои ибтидоӣ, доруттаълим(курсҳо) дар мақолаи «Акнун навбати қалам аст»[16] ишора карда, роҳҳои тахсили илм ва маърифатнок кардани ҳар шахсро ба ҳар синну сол, ба ҳар василае, ки ба даст меояд ифшо месозад: «эҳтиёҷи зиндагӣ моро иҷбор мекунад, ки ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соати умри худро… ба таҳсили илм сарф намоем, ба ифода ва истифода машғул шавем, то ки дар машоғили дунявӣ аз дигарон ба қафо монда, аз неъмати илму маърифат… маҳрум ва бебаҳра намонем…Зуд ба кор бошед, бародарон! «Акнун навбати қалам аст».»[17]

Устод Айнӣ бисёр андӯҳгин буд, ки фақиртарину мазлумтарин қавми Туркистон тоҷикони ҳамзамонаш буданд, ки дар кӯҳистон аз ҳар гуна неъматҳои шаҳрӣ маҳрум, гирифтори меҳнатҳои сангин буданд ва бархе аз онон дар шаҳрҳо бо мардикорию ҳаммолию қаровулию саройбонӣ рӯз мегузарониданд. Устод сабаби қафо мондани тоҷиконро аз дигар қавмҳои Туркистон дар камҷуръатии худи тоҷикон медид ва аз мададу раҳнамоии Ҳукумати Шӯроӣ миннатпазир буд. Ӯ ҳамчун ҷонфидои халқу меҳан ва фарзанди содиқи миллат ба ҳар як созмону ташкилоте, ки баҳри пешбурди маънавиёти тоҷикон таъсис дода мешуд, нишоти хоса зоҳир менамуд. Ин масъала дар мақолаи «Қавми тоҷик ва рӯзнома» возеҳ ифода ёфтааст: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад…Имрӯз ба саъйи ҳукумат рӯзномае ба забони тоҷикӣ баромад. Ин рӯзнома ба мисли номаш, албатта, забони тоҷик хоҳад буд. Акнун гуфта мешавад, ки қавми тоҷики Туркистон ҳам забон баровард»[18] (Сухан бобати рӯзномаи «Овози тоҷик» меравад – К.А.)

Адабиётшинос А.Сайфуллоев ҳамчун муҳаққиқи зиндагӣ ва осори устод Айнӣ дар даҳҷилдаи асарҳои

---

[16] Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9.Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.77-82
[17] Ҳамин ҷо. саҳ.79-82
[18]Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9.Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.197

мунтахаб, ки ҳама паҳлӯҳои эҷоду тафаккур, камолоти маънавӣ, хислатҳои бузурги адолатпарварӣ, озодихоҳӣ ва башардӯстонаи устод Айниро моҳирона рӯи коғаз овардааст, бамаврид чунин таъкид менамояд: «Ӯ адабиёти шӯравии тоҳикро бо мавзӯю мундариҷа ва ғояҳои олӣ, сифат ва хусусиятҳои нав бой кард. Гуманизми Айнӣ – гуманизми фаъол, мубориз, ҳаётҷӯёна ва инқилобӣ мебошад. С. Айнӣ натанҳо ба ҳимояти башарият, ба мудофиаи мардуми ранҷбар аз зулму истисмор далерона мубориза бурд, балки бо асарҳои бадеӣ, таърихӣ ва публитсистии худ роҳи наҷот ва озодии онҳоро нишон дод. Ин иштироки фаъолонаи халқи меҳнаткаш дар инқилоби иҷтимоӣ буд. С. Айнӣ истисморгаронро ба марг маҳкум карда ва озодии халқро васф намуд. Ӯ Инқилоби Октябрро, ки дар тамоми таърихи инсоният зуҳуроти олии гуманизм буд, ҳамчун ибтидои эраи озодии ҳақиқии инсоният ба тасвир гирифт, ғояҳои ҳаётбахши онро тараннум кард. Зеро вай дар мамлакати мо сулҳ, озодӣ, бахту саодат, бародарию баробарӣ ва адолати иҷтимоиро тасдиқ кард.»[19]

Вай дар мақолаи «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон» ба хотири аз ҷониби худи ранҷбарони тоҷик омода кардани коркунони шӯро, то вилояти мухтори тоҷикро мувофиқи дарстуруламали Ҳукумати шӯроӣ идора намоянд, тадбироте чанд маслиҳат медиҳад.[20]

Баъд аз 25 соли Инқилоби Октябр устод Айнӣ аз пешрафти санъату адабиёт, иқтисодиёту саноати кишвар бо ифтихор ҳарф мезад. Ӯ мақолаи хешро ҳамин гуна ҳам номгузорӣ карда буд «Бисту панҷ сол»: «Халқи тоҷик…дар ин 25 сол қариб тамоман босавод шуд, садҳо олимони таҳсили олидида – инженерҳо, техникҳо, врачҳо ва дигарҳо расонид. Халқи тоҷик бо вуҷуди маданияти таърихии оламшумули худ дар арафаи Инқилоби Октябр дар зери ғуломии амирони Бухоро ва подшоҳии рус қариб бемаданият шуда монда буд, ана ҳамин халқ дар ҳамин 25

---

[19] Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. Ҷ.2.-Душанбе: Ирфон,1978, саҳ.9-10
[20]Айнӣ С. Куллиёт.Ҷ.9. Нашриёти «Ирфон», Душанбе,1969, саҳ.206

сол соҳиби маданияти олии миллишаклу сотсиалистимазмун гардид.»[21]

Оре, халқи тоҷик номи устод Айниро ҳамчун як фарзанди арзандаю содиқ асрҳо бар забон меорад. Бавижа, осори гаронбаҳои адабӣ, илмӣ ва таърихии устодро аҳли эҷод, олимони имрӯзи адабиёти тоҷик низ зиндаю поянда нигоҳ медоранд. «Бинои мунаввару пуршукӯҳи адабиёти навини тоҷик, ки хеле зебо қомат афрохтааст, пеш аз ҳама бар эҷодиёти С. Айнӣ қарор гирифтааст. Дар мактаби адабиёти устод Айнӣ чандин насли нависандаҳои тоҷик таълим гирифта, адабиёти тоҷикро ба пояҳои баланди ғоявию эстетикӣ бардоштаанд ва худ натанҳо дар мамлакати мо, балки берун аз ҳудудҳои он низ машҳур гардидаанд.»[22]

Яке аз шогирдони ворастаи мактаби эҷодии устод Айнӣ, шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ менависад:

*Чу зери парчами Октябр аз зиндон раҳо гаштӣ,*
*Хаёлам, нуру фазлу шеър аз зиндон раҳо гардид.*
*Ба дунё омадӣ чилсола шогирде, к-аз устодаш*
*Забони мо ба даъватҳои даврон ҳамсадо гардид.*
*Садоятро ҷаҳон бишнид,*
*Ҷаҳони бекарон бишнид.*
*Ту худ як инқилобе дар шуури мардумон будӣ,*
*Ту худ як изтиробе дар ниҳоди ину он будӣ.*
*Ба рағми он ҳама кӯрони таърихи наҷиби мо*
*Ту чун мушти гиреҳбаста, чу тири дар камон будӣ,*
*Ту аз мо сохтӣ моро,*
*Зи мо бишнохтӣ моро…*
*…Чунин андар ҷаҳони гирдгардон,*
*Чунин андар ҷаҳони рӯҳи озодон*
*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд…[23]

---

[21] Ҳамин ҷо, саҳ.307
[22] Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. Ҷ.2.-Душанбе: Ирфон,1978,саҳ.271
[23] Лоиқ Шералӣ. Хоки Ватан. Душанбе, «Ирфон», 1975, са[. 11.

Чуноне дар боло зикр гардид, зиндагиномаи устод Айнӣ саҳафоти заррини китоби таърихи тоҷикон маҳсуб ёфта, ойинаи ибрати имрӯзиёну фардоиён боқӣ мемонад. Истиқлолият имрӯзҳо имконият дода истодааст, ки ба монанди устод Айнӣ ояндабин гардем, ҷонфидои миллату ватани хеш бошем, замони сулҳу осоиштагиро ғанимат дониста, бинои фардои миллатро устувор бунёд намоем, ба қадри озодии виҷдон расида, тамоми ҳастиямонро барои муваффақияти мардуми тамаддунофари тоҷик бубахшем.

* * * * *

***Нурмад ШАМСОВ - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДЗТ ба номи С. Улуғзода***

# САДРИДДИН АЙНӢ -АСОСГУЗОРИ ШЕЪРИ НАВ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

Пайдоиш ва ташаккули «шеъри нав» аз солҳои аввали асри бист ҳамчун раванди умумии рушду таҳаввули шеъри тоҷикӣ ба назар расида, таҳқиқоти он дар осори илмии донишмандон Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров, М. Шукуров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, А. Satторзода, Б. Сирус, А. Ҳакимов, Ю. Акбаров, А. Сайфуллоев, Рустами Ваҳҳоб, Маҷиди Яктоӣ, Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Алиасғари Бувандии Шаҳриёрӣ, Сируси Шамисо ва дигарон мавқеи босазо дорад. Ба таъбири адабиётшиноси Эрон Сируси Шамисо «шакли нимоӣ, ки бад-он шеъри озод гӯянд, шеърест бо вазни арӯзӣ, мунтаҳо мисраъҳои он монанди шеъри суннатӣ маҳдуд бо дуву се ва чаҳор рукн нест ва метавонад камтар аз ду рукн ва бештар аз чаҳор рукн дошта бошад. Қофия дар шеъри нимоӣ ҷои муназзам ва мушаххас надорад» [ 5, 358].

Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шоиронро дар вазн ҳанӯз аз оғози садаи бист дар ашъори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ ва Ҳ. Юсуфӣ мушоҳида намудан мумкин аст, вале давраи нави таҳаввули арӯз дар шеъри муосири тоҷик дар доираи нисбатан васеътар дар назми солҳои 60-ум шуруъ гардид. Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Ҳабибулло Файзулло ва дигар адибони ин давра бо ворид намудани тағйироти эҷодкорона дар вазн бо ривоҷ додани шакли чаҳорпора инкишоф ва таҳаввули бештари арӯзи навро ба вуҷуд оварданд. Ба ин маънӣ, «арӯзи нав як падидаи куллие буд, ки шакли манзуми дорои имконоти номаҳдудро ба майдон оварду ва худ табдил ба пойгоҳе гардид, ки бо такя бар он шоир метавонад тамоми восита ва унсурҳои тоза ба тозаи шеъриро ба кор бигирад...» [4, 46].

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой дар асари «Садри Бухоро» чанд нуктаи ҷолиберо ба муҳокимаи адабиётшиносон вогузор намудааст ва таҳаввули «шеъри нав»-ро дар адабиёти тоҷик ба се давра ҷудо намудааст: «Аз «Тазкори ашъор» [асари Садри Зиё – Ш.Н.] маълум мешавад, ки истилоҳи «шеъри нав» дар адабиёти тоҷикӣ аз солҳои 1905-1907 вуҷуд доштааст ё ки аз таҳрири дувуми «Тазкори ашъор» , яъне, аз даҳаи бисти садаи бист пайдо шудааст» [6, 114]. Дар оғози «Тазкори ашъор» таъбири «шеъри нав» як бор дар боби якум номбар гардида, баъдан, ибораҳои «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» истифода шудаанд. Аммо матлаби муаллиф ҳамоно ишора ба навҷӯию навоварии адибони ин давра дар эҷод мебошад. Давраи аввалро Садри Зиё иборат аз рӯ овардан ба сабки мардумӣ ва унсурҳои гуфтори одӣ дониста, гуфтори омиёна, маҷозҳои халқӣ ва ташбеҳу истиораҳои тозаро, ки аз забони гуфтугӯии халқ гирифта шудаанд, нахустин аломати «шеъри нав» ҳисобидааст. Аломати дувуми он дар мазмуну мавзӯъҳои тоза, ки ба замони нав ва ормонҳои маорифпарварӣ вобастагӣ доранд, аз қабили ормонҳои зебоишинохтӣ (идеали эстетикӣ), ватанпарварию миллатдӯстӣ, озодипарастӣ ва ғайра

таъкид ёфтааст ва «Суруди озодӣ»-и устод С. Айнӣ оғози давраи дувуми шеъри нави тоҷикӣ дониста шудааст. Баъдан, нуфузу ривоҷи тарзи шеъри Нимо Юшич дар адабиёти муосири тоҷик аз солҳои шастуми қарни бист давраи сеюми рушди шеъри нави тоҷикӣ маҳсуб гардидааст [6, 114-115].

Дар хусуси давраи нави таҳаввули арӯз дар шеъри муосири тоҷик адабиётшиносон А. Ҳакимов, С. Давронов, Х. Отахонова, Ю. Акбаров, Рустами Ваҳҳоб ва дигарон ибрози назар намуда, то ба дараҷае оид ба сайри таърихии арӯзи нав, омилҳо ва вежагиҳои он, поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии шеъри нав маълумоти дақиқу муфассал додаанд.

Мавриди таъкид аст, ки шеъри нав дар адабиёти маорифпарварӣ дар ибтидои асри XX ривоҷи тоза ёфта, баландтарин ва охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ шеъри машҳури Садриддин Айнӣ “Суруди озодӣ” (ё “Марши ҳуррият”) мебошад. Устод С. Айнӣ “Суруди озодӣ” (ё “Марши ҳуррият”)-ро соли 1918 эҷод кардааст. Ин шеър ба ҳавои “Марселйеза” – суруди инқилобхоҳони фаронсавӣ, ки ҳоло суруди миллии Фаронса аст, гуфта шудааст. Ин шеър саропо аз хитобу даъватҳои инқилобӣ иборат аст:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй рафиқон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*
*То ба кай гусса хӯрдан ба ҳасрат,*
*Баъд аз ин шодмонӣ намо!*
*Бас ҷафо, бас ситам!.. Эй адолат!*
*Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо! [1, 285]*

Тавре ки ҷилвагар мегардад, ин хитоби шуълавари инқилобӣ мазмуни наве ба адабиёти тоҷикӣ овард. Шакли ин шеър комилан тоза буда, устод Айнӣ барои ифодаи оҳанги фаронсавӣ аз рукнҳои ду баҳри арӯз як вазни нав сохтааст. Устод дар мактуби ба Мирзо Турсунзода 27-уми декабри соли 1948 навиштааш чунин таъкид мекунад: “Вазни ин сурудро мувофиқи шеъре, ки ба русӣ ба ҳамин

вазн гуфта шудааст, ба хусусияти вазни тоҷикӣ тақтеъ карда, дар охир ҳамин вазнро баровардам:

Фоилун фоилун фоилотун

Фоилун фоилун фоилун ( 2 бор)

Дар нақароти ин суруд бошад,

Фоилун фоилун фоилотун (2 бор) ва

Фоилун фоилун фоилун ( 1 бор)" [ 6, 126].

Дар ин хусус адабиётшинос С. Давронов дуруст таъкид месозад, ки "фоилун рукни солими баҳри мутадорик буда, дар натиҷаи илова кардани як ҳиҷо дар охири баъзе мисраъҳо фоилотун шудааст, ки рукни солими бахри рамал мебошад. Пас, вазни "Марши ҳуррият" дар асоси омезиши рукнҳои аслии баҳрҳои рамал ва мутадорик ба миён омадааст, ки дар таърихи арӯз ҳодисаи нав мебошад".[2, 8]

Устод С. Айнӣ дар ин ҷо ба сохтори шеър чанд дигаргунӣ дохил кардааст, ки яке аз онҳо қофиябандии нав аст. Шоир қофиябандии мураббаъро (ааба) ба таври зайл тағйир додааст: аабб, абаб [1, 285].

Яъне, ин бандҳо танҳо ба эътибори шумораи мисраъҳо мураббаъанд, аммо аз ҷиҳати қофиябандӣ навъи нави шеъранд, ки ҳар банди он мумкин қофиябандии дигаре дошта бошад. Аз ҷумла, қофияи ду-ду, яъне маснавигуна – **аабб,** ки онро академик М. Шакурӣ "маснавигун номидааст"[ 6, 127]. Дар ин шеър гоҳ қофия ба тарзи **абаб** меояд, ки онро қофияи "якдармиён" ва гоҳ ба шакли **абба** омадааст, ки онро қофияи "дудармиён" номидаанд. Ба ин тариқ, дар қофиябандии шеъри тоҷикӣ як усули нав ба миён омад, ки барои пайдо кардани навъҳои тоза ба тоза дар қофиябандӣ роҳ кушод. Бо эҷод гардидани "Суруди озодӣ" дар вазн низ усули тоза пайдо шуд, ки он имконияти истифодаи унсурҳои баҳрҳои гуногунро дар вазни шеърӣ ба майдони эҷод овард. Ҷиддияту масъулиятшиносӣ ва серталабии устод Айнӣ боис ба он гаштааст, ки шоир ин шеърро дубора таҳрир намуда, дар бандҳои алоҳидаи он тағйироти

чудогона ворид кардааст. Чунончи, банди зерин, ки дар чопи аввал ба таври зайл омада буд:

*Дар ҷаҳон номи золим намонад,*
*Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.*
*Бар ҳама шаҳди шодӣ чашонад,*
*Ҳуррият, мурувват, иттифоқ*

баъди таҳрири нав чунин тағйиротро соҳиб гаштааст:

*Дар ҷаҳон номи золим намонад,*
*Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.*
*Дар ҳама шаҳди шодӣ чашонад,*
*Ранҷбар, барзгар бо тифоқ! [ 1, 285]*

Дар Куллиёт устод Садриддин Айнӣ, ҷилди 8, ки ашъори ӯ ҷой дода шудааст, шеъри дигаре низ ба мушоҳида расид, ки соли 1324 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба соли 1907-и мелодӣ эҷод гардидааст:

*Субҳоноллоҳ,*
*Имрӯз ба мо ҳодисаи саъб расид,*
*гаштем хароб*
*Аз хоҳиши чархи фалаки дулобӣ.*
*Пурсанд зи ҳол, оҳи бепоён каш,*
*Баргӯ: бад ҳол!*
*Ҷангидани гиждувониву кӯлобӣ,*
*Ин аст ҷавоб [ 1,167].*

Ин шеър низ аз ҷиҳати шакл навовариро доро буда, дар вазни рубоӣ ва бо қофиябандии қитъа суруда шудааст. Агарчи дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар (ва маҷбуб) иншо шудааст, рубоӣ нест, зеро ки қофиябандии он ба таври қитъа мебошад. Фиқраи мустазоди он низ гӯё қофиябандии номаълум дорад. Мисраи дуюм мустазод нест, дурусттар он аст, ки фиқраи мустазоди он дар аввали шеър омадааст, ки "субҳоноллоҳ" мебошад. Яъне, дар ин шеър қоидаи мустазод вайрон шудааст ва ғолибан, устод Айнӣ дар ин ҷо қолабшикании ҷасурона зоҳир намудааст. Дар ин бобат адабиётшинос М. Шакурӣ чунин таъкид намудааст: "Қатъи назар аз он ки монанди ин шеъре дар адабиёти форсии тоҷикии даҳаи якуми қарни бистум ё пеш аз он ва ё пас аз он вуҷуд дошт ё не, ҳатто дар сурате ки ҳамин яке будаву бас, кӯшиши қолабшиканӣ, кӯшиши навоварӣ дар

вазну қофияро қадаме ба сӯи он чи “шеъри нав” номидаанд, метавон донист. Агарчи ин кӯшиш ҳанӯз чандон натиҷае надодааст, аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки аз сар шудани ҷустуҷӯи роҳҳои навангезӣ огоҳӣ медиҳад” [ 6, 125].

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ устод С. Айнӣ дар баробари эҷоди ашъори суннатии классикӣ, аз қабили рубоию дубайтӣ, ғазалу қитъа, мухаммас, қасидаю маснавӣ ва достон дар шакли чаҳорпора низ шеърҳо офаридааст, ки чунин шеърҳо низ, тавре ки маълум аст, бо таъсири адабиёти рус ба назми шӯравии тоҷик ворид гардидааст:

*Ба бахти пахтакорҳо,*
*Шукуфта пахтазорҳо,*
*Дарахтҳои мевагӣ*
*Чунон ки дар баҳорҳо*
*Гурӯҳи корвони сурх,*
*Ба саҳни имтиҳони сурх,*
*Зи пролетар нишони сурх,*
*Гирифтааст борҳо [ 1, 321].*

Ҳамин тариқ, устод Садриддин Айнӣ аввалин поягузор ва асосгузори шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик маҳсуб гардида, бо маърифату фазилати баланди эҷодӣ ва ҷасорати беинтиҳо нахустин шаклҳои шеърии навро барои хонандагон пешниҳод намудааст.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 8.- Душанбе:Ирфон, 1981.-524 с.
2. Давронов С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ.- Душанбе: Дониш, 1974.-174 с.
3. Кӯчаров А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ.-Душанбе: Дониш, 2013.-140 с.
4. Рустами Ваҳҳоб. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик.- Душанбе: Ирфон, 2009.- 200 с.
5. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ.- Теҳрон, 1370 ҳ.- 194 с.
6. Шакурӣ М. Садри Бухоро.- Душанбе: Деваштич, 2005.- 330 с.

* * * * *

***Нуралӣ НУРОВ-***
***номзади илмҳои филологӣ,***
***ходими калони Институти илмҳои ҷомеашиносии***
***ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров***

# БАҲСЕ РОҶЕЪ БА МАТНШИНОСИИ ЯК МУХАММАСИ УСТОД АЙНӢ БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта муқаррар гардидааст, ки мухаммас чун жанри хоси адабӣ дар адабиёти форсу тоҷик аз вежагии махсус бархурдор буда, зуҳури он ба асрҳои миёна пайванд дорад. Муҳаққиқон Масъуди Саъди Салмонро ба ҳайси аввалин гӯяндаи мухаммас эътироф намудаанд. Вале густариш ва таҳаввули маънавию шаклии ин навъи адабӣ ба номи Сайидои Насафӣ марбут аст. Зеро аз ин шоири соҳибном ва соҳибсабки тоҷик теъдоди касири мухаммасот бо сабку равиши хоса ба ёдгор мондаанд, ки дар шумори беҳтарин намунаҳои мухаммас дар қаламрави шеъри форсӣ қарор доранд. Ҳамин гуна махсусиятбахшӣ ва таҳаввулпазирии жанри мухаммас дар осори Сайидо буд, ки минбаъд дар таърихи адабиёт анъанаи хосе идома ёфта, барои зуҳури тозакорӣ дар сабк ва суннати нигориши ин навъи шеъри форсӣ муассир омад. Дар натиҷа, доманаи густариши анъанаи мухаммассароӣ то ба қарни XX расида, шоирони зиёде дар сурудани мухаммас таҷрибаи ҳунариашонро ошкор намуданд. Устод Айнӣ аз зумраи суханвароне аст, ки беҳтарин суннатҳои мухаммассароии классиконро идома дода, ҳунари шоириашро дар ин самт равшан ба ҷилва овардааст.

Қобили зикр аст, ки устод Айнӣ дар қаламрави адабиёти навини тоҷик ба ҳайси бунёдгузори адабиёти комилан ҷадиди тоҷикӣ шинохта шудааст ва ин маънӣ пеш аз ҳама ба таваҷҷӯҳи ӯ дар дигарунсозии шаклӣ, дарунмоя ва мавзӯву мундариҷаи адабиёт иртибот

мегирад. Аз дигар ҷониб, ҳарчанд устод Айнӣ дар таҳаввули насри нав ва ҷорӣ намудани қаволиб ва ашколи тозаи осори мансур дар адабиёти тоҷик саҳм гирифтааст, вале мавҷудияти теъдоди касири осори манзум дар эҷодиёти ӯ аз тадовуми суннатҳои беҳтарини шеъри классикӣ ва тазоҳури падида ва аносири нахустини таҷаддуд дар шеър гувоҳӣ медиҳад. Идомаи анъанаҳои мухаммассароӣ дар осори устод Айнӣ ҳам ба наҳве пайгирии суннатҳои хоси шеъри классикӣ ва кӯшишҳои тозакорӣ дар навъу жанрҳои мутадовили адабӣ маҳсуб мешавад. Аз ин нуқтаи назар, идомаи суннатҳои хоси шеъри гузашта ва таҷаддуд дар шаклу дарунмояи шеъри нави тоҷик барои муаррифии шахсияти устод Айнӣ ҳамчун аламбардору асосгузори адабиёти навини тоҷик нақши равшан гузоштааст. Хоса, қареҳаи ҳунарии устод Айнӣ дар сурудани навъҳои маъмули шеъри классикӣ ва изҳори шаклҳои навтарини шеър барои пайрезии шеъри нави тоҷик дар ин раҳгузор қобили таъйид ва таъкид аст. Аммо, ин ҷо мо танҳо ба нақши мухаммас ҳамчун навъи хоси шеъри классикӣ ва мақоми Айнӣ дар густариши ҳунарии ин шакли шеърӣ ҳамчун идомаи суннатҳои шеъри гузаштагон таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем.

Дар баробари анвои мутадовили шеъри классикӣ, чун қасида, маснавӣ, ғазал, қитъа, рубоӣ, мусаддас дар ашъори Айнӣ мухаммасот аз ҷойгоҳи хоса бархурдор мебошанд. Дар ҷилди 8-уми «Куллиёт»-и Айнӣ, ки фарогири осори манзуми устод мебошад, 11 мухаммас ҷой дода шудааст. Аз ин мухаммасот ду адад ба ғазалҳои Ҳилолӣ, ду адад ба ғазалҳои Соиб, ду адад ба ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ, як адад ба ғазали Камоли Хуҷандӣ, як адад ба ғазали Бедил, як адад ба ғазали Қоонӣ ва як адад ба ғазали Яғмо ва як мухаммаси мустақил мебошанд, ки ҳар яке ба зоти худ баробари ҷилваи ҳунарии ашъори Айнӣ мақоми устодро дар сароиши мухаммасот ва шинохти қаволибу усули хоси мухаммаснигорӣ бозгӯ мекунанд. Вобаста ба тақсимбандии анвои мухаммас муайян кардан мумкин аст, ки ҳар ду шакли мухаммасот,

яъне мухаммаси тазминӣ ва мухаммаси мустақил дар эҷодиёти Айнӣ ба мушоҳида мерасанд. Ҳарчанд дар доираи эҷоди устод Айнӣ танҳо ба як мухаммаси мустақил дучор меоем, аммо, вуҷуди он худ аз маърифати комили ин шакли шеърӣ дар осори Айнӣ дарак медиҳад. Мухаммаси устод Айнӣ бо банди зайл оғоз меёбад:

*Бирасид аз муҳаббат ба сарам балои мушкил,*
*Шуда он санам ба рағмам ба рақиб шамъи маҳфил.*
*Ки зи рашк дида будам нанишонда дар муқобил,*
*Нагузошта зи ғайрат ҳавасаш ба хонаи дил,*
*Раҳи ӯ чӣ гуна акнун ба ҳазора хона бинам? (1, 195)*

Дар тавзеҳоти ҷилди 8-уми «Куллиёт»-и устод Айнӣ зикр шудааст, ки қисмати бозмондаи ин мухаммас танҳо 4 банди охири он аст ва бахшҳои дигари он аз байн рафтааст. Маълум мегардад, ки бандҳое аз ин мухаммас ҳазф шудаанд ва иллати ин дар маҳв шудани қисмате аз дафтари мухаммасоти устод Айнӣ будааст. (1,479)

Аз банди аввал эҳсос мешавад, ки дар он қолаби қофияву радиф риоя намешавад. Аз рӯйи ин тахмин намудан мумкин аст, ки банди нахустини мухаммаси мазкур порчаи зикршуда нест ва ин ҳолат низ худ баёнгари он аст, ки пораҳое аз ин мухаммас афтодааст. Аммо, ин мухаммас аз лиҳози бандубаст ва риояи қавонини дигари мухаммассароӣ устодона ба шумор меравад. Ба сарҳади шеър кашидани қофияи душворёб, ки дар банди аввал эҳсос мешавад, аз гӯянда ҳунари барҷастаи суханвариро тақозо дорад ва устод Айнӣ дар иҷрои ин амри ҳунармандона хеле муваффақ аст.

Зикри як нукта муҳим аст, ки чун устод Айнӣ яке аз охирин намояндагони мактаби пайравони Бедил ба шумор меравад, дар мухаммасоти ӯ унсурҳои сабки ҳиндӣ, хоса ашъори Мирзо Бедил ҷилваи равшан доранд. Ин албатта бесабаб нест. Маълум аст, ки устод Айнӣ аз донандагони хуб ва ба истилоҳи худи Бедил аз «маънипаноҳон»-и бузурги ин шоири муқтадир буд ва таълифи рисолаи арзишманди «Мирзо Абдулқодири Бедил» санади шоистае дар эътирофи мақоми устод дар бедилрасӣ маҳсуб мешавад. Ҳамзамон дар ҳамин китоб

устод Айнӣ се мухаммас аз Бедилро нақл кардааст, ки яке аз онҳо аз 22 банд иборат мебошад. (2,259)

Чунин бедилгароӣ ва баҳрамандӣ аз аносири сабки ҳиндӣ ҳам дар мухаммаси мустақил ва ҳам дар мухаммасоти тазминӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар мухаммаси мустақил банде бад-ин гуна ҷо дорад:

*Агар аз карам ба ҳоли мани синареш бинӣ,*
*Ба дилам зи доғи фурқат ду ҳазор беш бинӣ.*
*Набувад гунаҳ ба сӯйи мани меҳркеш бинӣ,*
*Агарам нишаста ҳар дам сари роҳи хеш бинӣ,*
*Чӣ кунам, магар ҷамолат ба ҳамин баҳона бинам. (1,195)*

Аз назари аввал содагии баён кӯшишҳои устод Айниро барои равонии забон ва услуби шеър ба ҷилва меоваранд. Аммо, вуҷуди калимаҳои мураккаби «синареш» ва «меҳркеш», ибороти «аз карам ҳоли синареш дидан», «ду ҳазор беш дидан», «доғи фурғат», «сари роҳи хеш дидан» ва монанди ин дар вусъати як банд ба вуҷуди аносири зиёди ҳунарии шеъри сабки ҳиндӣ дар мухаммасоти устод Айнӣ ишора мекунад.

Дар канори ин мухаммасот мавҷуд будани мухаммаси махсус ба як ғазали Мирзо Абдулқодири Бедил бори дигар нуфузи таъсири сабки бедилиро дар мухаммасоти Айнӣ ба субут мерасонад. Банди аввали мухаммаси мазкур ба таври зайл ибтидо ёфтааст:

*Абри хат бебок чун бар рӯйи моҳе меравад,*
*Ашки сурхам з-ин алам бар чеҳрагоҳе меравад.*
*Гарчи имрӯзам лақаб навхатпаноҳе меравад,*
*«Баъд аз инат сабзаи хат дар сиёҳӣ меравад,*
*Эй зи худ ғофил, замони хушнигоҳӣ меравад». (1, 193)*

Аз рӯйи анъанаи мухаммассароӣ дар сурати мухаммаси тазмин се мисраи аввал аз устод Айнӣ буда, ду мисраи баъд матлаби ғазали Бедил маҳсуб мешавад. Ба мушоҳида мерасад, ки зимни мухаммассароӣ устод Айнӣ кӯшидааст, ки барои наздик шудан ба сабки Бедил аз шигардҳо ва аносири сабки хоси бедилӣ корбандӣ намояд. Аз ин рӯ, назар ба мухаммаси мустақил дар ин мухаммас

унсурҳои хоси шеъри сабки ҳиндӣ афзалият доранд. Масалан, ибороти «абри хат», «ашки сурх», «абри хат бар рӯйи чун моҳ рафтан», «бар чеҳрагоҳ рафтани ашки сурх», «дар сиёҳӣ рафтани сабзаи хат», калимаи мураккаби «чеҳрагоҳ» дар доираи қаволиби шеъри сабки ҳиндӣ ҷилва додаанд. Ҳамзамон, услуби баёни мухаммас ҳам дар доираи суннатҳои шеъри сабки ҳиндӣ садо додааст, ки матолиби мазкур аз пайравони хуби шеъри Бедил будани устод Айниро ба субут мерасонад.

Мурур ба нашрҳо ва нусхаҳои хаттии Девони Мирзо Абдулқодири Бедил равшан месозад, ки ғазали шоир шомили 10 байт аст, аммо мухаммаси Садриддин Айнӣ аз 8 банд иборат мебошад. Муқаррар мегардад, ки устод Айнӣ ҳангоми иншои мухаммаси худ гӯё ду байти ин ғазалро сарфи назар намудааст, ки ба сурати зайланд:

*Мешавад сарсабзии ин боғ помоли хазон,*
*Хушдилиҳоят ба гарди рангкоҳӣ меравад.*
*Чора душвор аст дар тасхири ваҳшатпешагон,*
*Накҳати гул ҳар тараф гардид, роҳӣ меравад. (4,564)*

Аммо дар нусхаи Ризо Ромпур, нашрҳои анҷомдодаи устод Халилуллоҳи Халилӣ ва Акбари Беҳдорванд ду байти дигар низ мавҷуд аст, ки он низ ҳам дар мухаммаси Устод Айнӣ ҷой надоранд,ки абёти мазкур дар асоси нусхаи аввал зикр мешаванд:

*Нест собуни кудуратҳои дил ғайр аз гудоз,*
*Чун шавад хокистар аз оташ сиёҳӣ меравад.*
*Сайқали зангори кулфатҳо ҳамин оҳ асту бас,*
*Зулмати шаб то насими субҳгоҳӣ меравад. (3,587)*

Муқоисаи абёти омада дар мухаммаси Бедил бо матни ҳамон ғазал дар нусхаи хаттии китобхонаи Ризо Ромпур, ду нусхаи девони шоир, ки дар Теҳрон тавассути Ҳусайни Оҳӣ аз рӯйи нусхаи устод Халилуллоҳи Халилӣ ва Акбари Беҳдорванд нашр шудаанд, инчунин фарқият ва номутобиқатии шумораи абёти ба мухаммас вориднашуда дар матнҳо баҳсу баррасиҳоеро пешорӯи мо мегузоранд, ки ба зарурати таҳлили масоили матншиносии ин мухаммас, хоса абёти аз ғазали Бедил ишорат менамоянд. Аз ҷумла, дар ин нусхаҳо байтҳое мазкуранд, ки дар баробари абёти боло дар мухаммаси Айнӣ ба чашм

намерасанд. Масалан, байти шашуми ғазали Бедил ба шакли зайл омадааст:

*Сархуши паймонаи нози муҳити ҷилваем,*
*Мавҷи мо аз худ ба дӯши каҷкулоҳӣ меравад. (4,564)*

Ҳарчанд дар умум ғазали бо матлаи

*Баъд аз инат сабзаи хат дар сиёҳӣ меравад,*
*Эй зи худ ғофил, замони хушнигоҳӣ меравад*

оғозёфта аз 10 байт иборат аст ва устод Айнӣ гӯё ба 8 банди он мухаммас бастаанд, аммо мавҷуд набудани ин байт дар матни ғазали мазкур заруратеро пеш овард, ки ба масъалаи матншиносии он ва сабаби ҷой надоштани бархе абёт бар асоси таҳлили қиёси нусхаҳои мухталифи Девони шоир таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Вобаста ба ин дар ин нигошта асосан мо ба масъалаи матншиносии ду ғазали Бедил ва абёти истифодашуда дар мухаммаси устод Айнӣ аз Абулмаъонӣ руҷӯъ хоҳем намуд, то воқеияти тағйиру ихтилофи абёт равшан шавад.

Таҳлили муқоисавии матншиносии ғазали барои мухаммас баргузидаи устод Айнӣ бо нусхаи хаттии китобхонаи Ризо Ромпур ва дигар нашрҳои анҷомёфта баёнгари он аст, ки байти баъдии истифодашуда дар нусхаи Ризо Ромпур ва нашри устод Халилуллоҳи Халилӣ ба шакли зайл омада:

*Кист гардад монеи ранг аз тавофи барги гул,*
*Хуни ман то доманат, хоҳӣ нахоҳӣ меравад. (3, 578)*

Аммо мисраи дувуми байтро устод Айнӣ ба шакли “ Хуни ман дар доманат, хоҳӣ нахоҳӣ меравад”, зикр намудаанд. (1, 193)

Дар байти дигари мавриди истифодаи устод Айнӣ, ки шакли зеринро дорад, фарқият дар муқоиса бо нусхаҳои дигар ба назар намерасад:

*Ҷон ба пеши табъи бебокат надорад қимате,*
*Ройгон ин гавҳар аз дасти сипоҳе меравад. (1,193)*

Таваҷҷуҳ ба байти баъдии мазкур дар мухаммаси устод Айнӣ, ки ба сурати зайл омадааст, ки он дар нусха ва нашрҳои мавриди истифодаи мо дар таркиби ғазали шурӯъшуда дучор наомад.

*Бе ҷамолат ҷуз ҳалоки худ чӣ дорам дар назар,*
*Марг мебинад чу об аз чашми моҳӣ меравад. (3,579)*

Тааммул дар матни нусхаҳои хаттии мавриди истифодаи мо аз Девони Бедил, инчунин нашрҳои он муайян намуд, ки шояд дар нусхаи мавриди истифодаи устод Айнӣ аз ин ғазал гунаи дигари он мавҷуд бошад, зеро муқоисаҳо нишон дод, ки дар нусхаҳои хаттӣ ва чопии Девони Бедил бо радифи "меравад" боз чанд ғазали дигаре низ ҷой дорад, ки аз ҷумла ин байт ва боз ду байти дигари дар мухаммаси Айнӣ омада, дар ғазали дигари Абулмаъонӣ зикр шудаанд. Байти матлаи ғазали дувум ба гунаи зайл омадааст:

*Гар чунин ашкам зи шарми пургуноҳӣ меравад,*
*Ҳамчун абр аз номаам нанги сиёҳӣ меравад (3,579)*

Мисраи дувуми байти мазкур дар нашрҳои дигари мавриди истифодаи мо ба шакли "Ҳамчун абр аз номаам ранги сиёҳӣ меравад" (5,679) омадааст, ки ба андешаи мо ҳамон гунаи мазкур дар нухсаи хаттии китобхонаи Ромпур саҳеҳ ба назар мерасад. Чун бо тақозои мантиқи байт аз шарми пургуноҳӣ ашк бирезад, он гаҳ таносуб бо рафтани нанги сиёҳӣ, яъне домани ба гуноҳ олуда, ки дар мисраи аввал ба сурати пургуноҳӣ даромадааст, мутобиқат пайдо мекунад. Яъне Бедил, таъкид бар он дорад, ки агар ашкам чунин аз шарми пургуноҳии ман ҷорӣ шавад, нанги сиёҳии номаи аъмоли ман ба мисли абр аз ман бардошта мешавад. Абр ҳар чӣ бештар биборад, ранги сияҳ будан, аз ӯ шуста мегардад.

Ҳамин тағйироти матнии марбут ба байтҳои аз ду ғазали ба як радиф эҷодшудаи Бедил сабаби фарқияти шумораи абётро низ мушаххас намуд, ки тафовутҳои онҳо низ ба сарчашма дар ду ғазали шоир доштани байтҳои дар таркиби мухаммаси Устод Айнӣ омада марбут аст. Дар идомаи таҳлили якояки абёти мазкур бар пояи шеваҳои матншиносӣ матлабро равшан хоҳад намуд.

Баъдан ду байти мавриди истифодаи устод Айнӣ дар таркиби ғазали аввал ҷой доранд, ки чунин зикр шудаанд:

*Бо қади хамгашта фикри сайди ишрат аблаҳист,*
*Ҳамчу мавҷ аз чанги ин қуллоб моҳӣ меравад. (3,578)*
*Кист гардад мункири гул кардани асрори ишқ,*

*Рангҳо ин ҷо ба сомони гувоҳӣ меравад. (3, 578)*

Муқобала ва муқоисаи ин абёт бо нусхаҳои хаттӣ ва чопии Девони Бедил нишон дод, ки миёни онҳо дар мухаммаси устод Айнӣ ва шаклҳои дар ин нашрҳо омада фарқияте ба чашм намерасад.

Аммо ҳамоно байти баъдӣ ва ҳатто байти мақтаи мавриди истифодаи устод Айнӣ ҳарду дар таркиби ғазали дувум, ки матлаи он зикр шуд, ба сурати зайл омадаанд:

*Эй нафас, пеш аз ҳаво гаштан хурӯше соз кун,*
*Фурсати арзи қиёматдастгоҳӣ меравад.*
*Бедил, анҷоми тамошо маҳви ҳайрат гаштан аст,*
*Ин ҳама саъйи нигаҳ бо бенигоҳӣ меравад. (3,579)*

Вале дар нусхаҳои ба кор гирифтани мо байти мақтаи ғазали аввал ба сурати зайл омадааст:

*Аз хати ӯ дам мазан, Бедил, ба ин ҳарфи ғариб,*
*Бар забони хомаам сунъи илоҳӣ меравад. (3,578)*

Дар натиҷаи муқоисаи абёти мухаммаси мазкур бо гунаҳои онҳо дар нусха ва нашрҳои Девони Бедил маълум гардид, ки аз 8 байти ба кор гирифтаи устод Айнӣ панҷ байт аз як ғазал ва се байт аз ғазали дигар истифода шудааст. Аз ин баррасии марбут ба матншиносии ду ғазали Бедил ва мухаммаси устод Айнӣ дар навбати аввал ҳамоно тахмин метавон кард, ки шояд Айнӣ аз нусхаи хаттие истифода намуда бошад, ки ҳамин гунаи абёти омехта аз ду ғазали шоир дар он зикр шудааст. Маълум аст, ки бар асари нуфузи маҳфилҳои бедилхонӣ дар шаҳрҳои бузурги Самарқанду Бухорову Хуҷанд нусхаҳои фаровоне аз Девони Бедил ба шакли гузидаҳо китобат шудаанд, ки ба занни қавӣ мавҷудияти чунин шакли ғазал аз эҳтимол дур нест. Аз ин рӯ, бо сабаби ин ки вазну қофия ва радифи ҳардуи ғазал ягона мебошанд, иштибоҳан котибон абёти ғазалҳоро ба ҳам даромехтаанд ва дар айни китобат ҷойи онҳоро иваз намуда бошанд, чун ин гуна омезаҳои абёт дар ғазалиёти ҳамгуни Девони Бедил зиёд ба назар мерасад, ки албатта ин мавзӯи пажӯҳише ҷудогона аст.

Нуктаи дигари қобили таъкид он аст, ки чунин шакли ғазалро устод Айнӣ аз рӯи сурудаҳои ҳунармандони замони хеш шунидаву рӯи он мухаммас баста бошанд, зеро маълум аст, ки дар айёми рӯзгори ин устоди бузурги сухан аллакай бар матни ғазалиёти Абулмаъонӣ хеле сурудҳо эҷод шудаву теъдоде аз онҳо ба “Шашмақом” низ ворид гардида буданд. Чунин усули истифода аз матни сурудҳо дар тасҳеҳи мутун дар таҷрибаи аҳли завқ дар даврони мухталиф ҷой дорад ва ахиран муҳаққиқ ва бедилшиноси афғонистонӣ Муҳаммад Козими Козимӣ ҳам як гузидае аз ғазалиёти Бедилро тавассути идомаи ҳамин суннат таҳия намуда, ки бар асоси сурудаҳои ҳунарманди маъруфи Афғонистон устод Сароҳанг тасҳеҳ гардидааст. Мавсуф дар муқаддимаи ин китобаш аз ҷумла навиштааст, ки “Дар канори инҳо, наметавон аз овои сеҳрангези устод Муҳаммад Ҳусайни Сароҳанг, овозхони фақиди Афғонистон ёде накунам, ки шуморе аз ғазалҳои Бедилро бо зебоӣ ва маҳорати тамом иҷро кардааст. Оҳангҳои ӯ ҳам дилбастагиамро ба Бедил муассир будааст ва ҳам дар ҷалби таваҷҷуҳам нисбат ба баъзе ғазалҳо, ки агар он оҳангҳо набуда, шояд дар онҳо тааммуқ намекардам. Илова бар он,гоҳ –гоҳ дар ислоҳи ғалатҳо ва ёфтани шоҳиди мисол барои байтҳои душвор низ аз осори устод баҳра бурдаам, ки дар пайнавиштҳо мунъакис шудааст. (7,27)

Фарзияи дигаре ҳам метавонад ҷой дошта бошад, ки чун устод Айнӣ ба унвони як шоир ва мухлиси Бедил ашъори фаровонеро аз ин суханвари беназир азбар медониста, эҳтимол дорад, ки бар асоси гунаҳои дар хотираш ҳифз намуда ба эҷоди ин мухаммас иқдом намудааст.

Албатта, нукоте, ки дар заминаи ин як мухаммаси устод Айнӣ бар як ғазали Бедил ва бархе масъалаҳои матншиносии он изҳор ёфт, андешаҳои мухлисонаи мо ҳам ба Ҳазрати Абулмаъонии Бедил ва ҳам яке аз пайравони муваффақ ва муридони роҳи мактаби адабии ӯ – устоди бузург Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбанд. Муҳим он аст, ки аз ин мухаммас тавфиқ ва комгории устод Айнӣ дар роҳи истиқболи сабки сухани Абулмаъонии Бедил ба

равшанӣ ҳувайдост, ки мо матолиберо роҷеъ бар вежагиҳои он дар мақолае дигар изҳор доштаем. Ба гумони мо мувофиқи матлаб аст,ки ин ҷо дар фароварди мақола матни комили мухаммаси устод Садриддин Айнӣ ва ҳарду ғазали Абулмаъонӣ Бедили Деҳлавиро зикр намоем,то бори дигар барои хонанда нукоти марбут бар матшиносии ин мухаммас ва ғазалҳои Абулмаъонӣ Бедил равшан гардад:

*Мухаммаси Айнӣ бар ғазали Бедил:*
*Абри хат бебок чун бар рӯйи моҳе меравад,*
*Ашки сурхам з-ин алам бар чеҳрагоҳе меравад.*
*Гарчи имрӯзам лақаб навхатпаноҳе меравад,*
*«Баъд аз инат сабзаи хат дар сиёҳӣ меравад,*
*Эй зи худ ғофил, замони хушнигоҳӣ меравад».*

*Нест ҳоҷат корвони ишқро бонги дуҳул,*
*Ошиқонро аз назар пӯшида мебошад субул.*
*Аз куҷо омад, надонӣ, нашъа дар минои мул,*
*“Кист гардад монеи ранг аз тавофи барги гул,*
*Хуни ман то доманат, хоҳӣ нахоҳӣ меравад”.*

*Мурдам аз ҳиҷрон, нашуд аз боғи васлат накҳате,*
*Аз сарат гардам, худоро бар асирон раҳмате.*
*Дил зи каф шуд муфт, дар роҳат надидам шафқате,*
*“Ҷон ба пеши табъи бебокат надорад қимате,*
*Ройгон ин гавҳар аз дасти сипоҳе меравад”.*

*Аз фироқат тан фитад ҷоеву ҷон ҷои дигар,*
*Гар ҳамин соат намеорӣ ба болинам гузар.*
*Дар ҷаҳон з-ин пас нахоҳӣ ёфтан аз ман асар,*
*“Бе ҷамолат ҷуз ҳалоки худ чӣ дорам дар назар,*
*Марг мебинад чу об аз чашми моҳӣ меравад”.*

*Дард агар пирист, аз дармон на уммеди беҳист,*
*Ҳосили умрам зи иштаргоҳи даҳр ин огаҳист,*
*Қадди мино ҳам агар бошад ба базм, аз май тиҳист,*
*«Бо қади хамгашта фикри сайди ишрат аблаҳист,*

*Ҳамчу мавҷ аз чанги ин қуллоб моҳӣ меравад".*

*Булбул афғон мекунад, беҳуда дар гулзори ишқ,*
*Безабонӣ тарҷумонӣ дорад аз гуфтори ишқ,*
*Саъй кардан ҳеҷ ҳоҷат нест дар изҳори ишқ,*
*"Кист гардад мункири гул кардани асрори ишқ,*
*Рангҳо ин ҷо ба сомони гувоҳӣ меравад".*

*Эй назар, пеши ҷамолаш чашми ҳайрат боз кун!,*
*Эй нигаҳ,то метавонӣ, сӯи ӯ парвоз кун!*
*Эй фиғон, арзи ниёзи мо ба он пурноз кун!,*
*"Эй нафас, пеш аз ҳаво гаштан хурӯше соз кун,*
*Фурсати арзи қиёматдастгоҳӣ меравад."*
*Муфт наргисро тамошо кардани ин гулшан аст,*
*Айнӣ ин ҳирмон, ки ҳаст, аз ҷуръати чашми ман аст,*
*Гар назар боз аст аз оина, ин сир равшан аст,*
*"Бедил, анҷоми тамошо маҳви ҳайрат гаштан аст,*
*Ин ҳама саъйи нигаҳ бо бенигоҳӣ меравад". (1,193-194)*

Ғазали аввали Бедил бо радифи "меравад":

*Баъд аз инат сабзаи хат дар сиёҳӣ меравад,*
*Эй зи худ ғофил, замони хушнигоҳӣ меравад.*
*Мешавад сарсабзии ин боғ помоли хазон,*
*Хушдилиҳоят ба гарди рангкоҳӣ меравад.*
*Бо қади хамгашта фикри сайди ишрат аблаҳист,*
*Ҳамчу мавҷ аз чанги ин қуллоб моҳӣ меравад.*
*Чора душвор аст дар тасхири ваҳшатпешагон,*
*Накҳати гул ҳар тараф гардид, роҳӣ меравад.*
*Ҷон ба пеши табъи бебокат надорад қимате,*
*Ройгон ин гавҳар аз дасти сипоҳе меравад.*
*Сархуши паймонаи нози муҳити ҷилваем,*
*Мавҷи мо аз худ ба дӯши каҷкулоҳӣ меравад.*
*Нест собуни кудуратҳои дил ғайр аз гудоз,*
*Чун шавад хокистар аз оташ сиёҳӣ меравад*
*Сайқали зангори кулфатҳо ҳамин оҳ асту бас,*
*Зулмати шаб то насими субҳгоҳӣ меравад.*
*Кист гардад монеи ранг аз тавофи барги гул,*
*Хуни ман то доманат, хоҳӣ нахоҳӣ меравад.*

*Аз хати ӯ дам мазан, Бедил, ба ин ҳарфи ғариб,*
*Бар забони хомаам сунъи илоҳӣ меравад. (3, 578)*

Ғазали дувуми Бедил бо радифи “меравад”:

*Гар чунин ашкам зи шарми пургуноҳӣ меравад,*
*Ҳамчун абр аз номаам нанги сиёҳӣ меравад*
*Бе ҷамолат ҷуз ҳалоки худ чӣ дорам дар назар,*
*Марг мебинад чу об аз чашми моҳӣ меравад”.*
*Саъйи қотилро талофӣ мушкил аст аз қотилам,*
*То ба узр оем замони узрхоҳӣ меравад.*
*Лангари ҷамъияти дил дар шикасти орзуст,*
*Мавҷ чун сокин шуд, аз кишти табоҳӣ меравад.*
*Аз ҳавасҳои сарӣ бигзар, ки дар анҷоми кор,*
*Шамъи ин маҳфил ба доғи бекулоҳӣ меравад.*
*Гирудори авҷи давлатҳо ғуборе беш нест,*
*Бар ҳаво чун гирдбод аврани шоҳӣ меравад.*
*Тирабахтӣ ҳам шабистони чароғони вафост,*
*Доғ то равшан шавад зери сиёҳӣ меравад.*
*Кист гардад мункири гул кардани асрори ишқ,*
*Рангҳо ин ҷо ба сомони гувоҳӣ меравад”.*
*Эй нафас, пеш аз ҳаво гаштан хурӯше соз кун,*
*Фурсати арзи қиёматдастгоҳӣ меравад.*
*Шамъи тасвирам, мапурс аз дарду доғи ҳасратам,*
*Ашки ман умрест ногардида, роҳе меравад.*
*Бедил, анҷоми тамошо маҳви ҳайрат гаштан аст,*
*Ин ҳама саъйи нигаҳ бо бенигоҳӣ меравад. (3,579-580)*

**Пайнавишт:**


1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 8.–Душанбе: Ирфон, 1981.–С. 195.
2. Айнӣ С. Мирзо Абдулқодири Бедил. Баргардон ва пажӯҳиши Шаҳбози Эраҷ.–Теҳрон: Интишороти «Сураи меҳр», 1384.–С. 259.
3. Бедил Мирзо Абдулқодир. Девон. Нусхаи хаттии китобхонаи Ризо Ромпур, бо шумораи 3656. Чопи аксӣ. Ба кӯшиши Алиризо Қазва.-Теҳрон: - интишороти ширкати таъовунии корофаринони фарҳанг ва ҳунар. 1388.
4. Бедил Мирзо Абдулқодир. Девон. Ба кӯшиши Акбари Беҳдорванд.–Теҳрон: Интишороти «Нигоҳ», 1386.–С. 564.

5. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Ҷилди аввал, бахши аввал.-Теҳрон, интишороти Тилоя, 1389.
6. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Ҷилди аввал, бахши дувум.-Теҳрон, интишороти Тилоя, 1389.
7. Бедил, Абулмаъонӣ. Гузидаи ғазалиёт. Ба кӯшиши Муҳаммад Козимӣ Козимӣ.-Теҳрон: Ирфон, 1386.

* * * * *

***А. ҒОИБОВ-и.в. дотсенти***
***кафедраи филологияи Донишкадаи***
***давлатии фарҳанг ва санъати***
***Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода***

# УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ – ТАРҒИБГАРИ ФАРҲАНГУ ТАМАДДУНИ МИЛЛӢ

*Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.*
*Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,*
*Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.*

Устод Садриддин Айнӣ дар ҳама фаъолияти худ падид овардани рӯҳи миллӣ ва ташкили адабиёту фарҳанги миллӣ нақши бунёдгузорро иҷро намуд. Ҳақ ба ҷониби донишманди бузурги эронӣ Ғуломалӣ Ҳаддоти Одил аст, ки мефармояд: «Мо дар Эрон касеро надорем нақшеро, ки Айнӣ дар Тоҷикистон карда буд, ифо карда бошад». Устод Айнӣ дар ҳамаи риштаҳои фаъолият мактаби хоси худро дошт, ки барои ҳар роҳрави ин ҷода чун машъали роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Дар яке аз нишастҳои илмӣ дар санаи 15 апрели соли 2016 дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи устод Садриддин Айнӣ баҳсҳои тезу тунд сурат гирифт. Дар ҷамъбасти ҷаласа, ки шоири ширинкалом

Муъмин Қаноат ба он ҳусни анҷом бахшид, таъкид намуд, ки устод Садриддин Айнӣ дар муомила ва баҳс хеле ботаҳаммул ва боодоб буданд. Устод Муъмин Қаноат аз давраи донишҷӯйии худ мисол зада, қисса карданд, ки дар як нишаст муаллим Соҳиб Табаров, ки он вақт ҷавон буданд, дар маърӯзаи худ аз китобҳои дарсӣ берун намудани афсонаҳои «Чаҳор дарвеш»-ро талаб карданд. Ин пешниҳод ба устод сахт нофорам буд, вале бо як оғози нарм Соҳиб Табарови ҷавонро ситоиш намуда, устоди хуби донишгоҳ буданаш ва ба ояндаи некаш таъкид намуда, хоҳиш карданд, ки дар бораи ривояту афсонаҳои халқӣ, ки боигарии маънавии мардуми мост, боандешатар сухан гӯяд.

Дар бораи риояи талаботҳои услуби илмӣ дастур ва мақолаҳои зиёде ба нашр расидаанд, вале то имрӯз на дар ҳама ҷо риоя мегардад. Аз ин рӯ, дар атрофи ин масъала аз рӯзгори ин устоди устодон чанд далел овардан, ба андешаи мо, хеле бамаврид мебуд.

Устод Раҳим Ҳошим дар мақолаи «Омӯзгори ғамхору сахтгир» вазъи онвақтаи забону миллатро чунин ташбеҳ додааст:

«Дар рӯзҳои ташкил ёфтани Республикаи Тоҷикистон забони тоҷик ба як хонае монандӣ дошт, ки анҷому ускунаи бисёр, косаву табақи фаровон, асбоби ороиши зиёде ва чунон ки ҳоло мегӯем, мебел ва дастгоҳи бисёр олие дошта бошад ҳам, лекин як сарпараст, идоракунанда ва соҳиби бозавқе надошт, ки онҳоро мувофиқи талаботи нави зиндагӣ саришта карда ба тартиб андозад.Чунон ки медонем, то ин хел тартиб барқарор нашавад, қимат ва арзиши молу давлат ва анҷому ускунаи ҳеҷ хонае ба назар намоён шуда наметавонад.

Забони тоҷикӣ ҳам бо тамоми сарватҳояш, бо тамоми анъанаи деринааш, бо тамоми зебоӣ ва ороишҳояш ҳанӯз ба тартиби муайян надаромада буд. Хушбахтона, дар ин давра ба кор андохтани ин анҷому ускунаи бои забони тоҷик бо роҳбарии шахси муътабаре чун устод Айнӣ оғоз ёфт» (1,18).

Муҳаммадҷон Шакурӣ низ он вазифаи ба дӯши Садриддин Айнӣ афтодаро баъди инқилоб чунин ба қалам додааст: «Таърих ба зиммаи Садриддин Айнӣ вазифаи бузурге гузошт, ки иборат аз офаридани насри нави реалистии тоҷик буд ва устод ин вазифаи таърихиро бо сарбаландии тамом иҷро намуд, барои бинои муҳташами насри реалистонаи тоҷик таҳкурсии мустаҳкаме сохт. Дар ин байн устод Айнӣ дигар вазифаҳои таърихиро низ иҷро кард: он байраќи демократӣ кунонидани забони адабиро, ки Аҳмади Дониш баланд карда буд, ба марраи ғолибият расонд. Он муборизае, ки дар роҳи демократӣ кунонидани забони адабӣ дар замони Аҳмади Дониш сар шуда, дар ибтидои асри хх хеле вусъат пайдо карда буд, дар «Одина»-ву «Дохунда», «Ғуломон»-у «Марги судхӯр» ва дигар асарҳои Айнӣ бо ғалабаи тамом анҷом ёфт» (3, 62).

Устод С. Айнӣ на фақат ба воситаи осори боқигузоштааш ба мо бисёр чизҳо омӯхтааст ва меомӯзонад, балки ба воситаи ҳаёти шахсии худаш, тарзи зиндагии худ, муносибаташ ба кор, бо вазифашиносиаш, бо риояташ ба интизом низ барои мо, хусусан барои ҷавонон аз бисёр ҷиҳатҳо намунаи ибрат шуда метавонад.

Нигоҳ доштани фарҳанги баҳс шарти асосӣ барои эҷодкор аст. Аз солҳои аввали муҳарририи устод Садриддин Айнӣ дида метавонем, ки бо кадом дараҷаи баланди ҳирфаӣ ин корро анҷом додааст. Имрӯз баъзан донишмандони мо бо як дуруштӣ ва гоҳо бо таҳқир баҳсҳои илмӣ мероянд, ки хоҳу нохоҳ ин сабаби паст гардидани маданияти сухан ва қадри суханвар мегардад.

Бархе нависандагон, тарҷумонҳо ва аҳли матбуот дар масъалаи забон саҳлангорӣ карда, калимаву ибораҳои маҳаллии маҳдуд ва иборасозиву ҷумлабандиҳои вайрону нодурустро ба забони адабӣ роҳ додаанд. Аввалин касе, ки бар зидди ин майлҳои нораво муборизаи сахт оғоз кард, устод Айнӣ буд. Солҳои 1926 дар бораи китобҳое, ки нашриёти навбунёди Тоҷикистон чоп карда буд, бо сарлавҳаи «Китобҳои тоҷикӣ» чанд тақриз навишта, ин китобҳоро «меваи пешпазаки чорбоғи адабиёти нави тоҷик» номида, дар айни замон ба нуқсонҳои ин китобҳо, аз ҷумла ба нуқсонҳои забони муаллифони онҳо хеле

муфассал таваққуф кардааст. Мо тасмим гирифтем, ки бештар дар бораи тарзи ифшои нуқсонҳо аз назари устод Айнӣ суҳбат дошта бошем. Тақризеро, ки устод дар хусуси тарҷумаи китоби «Ҳисоб» (тарҷумон Саидризо Ализода) навишта, 30 июн ва 5 июли соли 1926 дар газетаи «Овози тоҷик» чоп кардааст, дар матбуоти тоҷик аввалин мақола, ки дар он баъзе масъалаҳои амалии маданияти суханро пеш гузоштааст, номидан мумкин аст. Вай дар бораи тарҷумон **бо эҳтиром сухан ронда,** дар айни ҳол баъзе камбудиҳои онро нишон медиҳад. Устод бо камоли эҳтиром нисбати муаллиф сухан меронад ва на чун имрӯз, мисли баъзе тақризнависон бо ҳақорат.

«Ин китоб, - менигорад устод С.Айнӣ оид ба «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»- и Саид Ризо Ализода, ки Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар ҳаҷми 128 саҳифа, соли 1926 дар Самарқанд чоп кардааст, аввалин китобест, ки дар ин мавзӯъ ба забони тоҷикӣ таълиф ва ба табъ ёфтааст, бинобар ин аз ҳар гуна камбудӣ ва кӯтоҳиҳояш метавон чашм пӯшид.

Дар ин китоб қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ, ба қадре ки тамомкунандагони мактаби миёнаро кифоя мекунад, дарҷ ёфтааст. Ҷумлаҳое, ки ба тариқи мисол оварда шудааст, бисёртарашон сода, осон ва пурманфиат аст. Аммо дар мавриди баёни қоидаҳо луғатҳои арабӣ бисёр ба кор бурда шудааст. Хусусан, истилоҳҳои фанниаш арабист, ки бисёртарини муаллимони ҳозира ҳам намефаҳманд, чӣ расад ба шогирдон.

Чунончи, исми басит ва мураккаб, исми тасғир, фоъилият, мафъулият, татобӯъи изофот, изофаи мақлубӣ, изофаи ломия ва баёния, мафъули фиҳ, мафъули маъа ва монанди инҳо. Лекин аз ин хусус муаллифро бозхост карда наметавонем, зеро то ҳол дар бораи истилоҳҳо муҳаррирони тоҷик ба як карор наомадаанд, ҳатто на дар рӯзномаҳо ва на дар маҷлисҳои илмӣ дар ин бобат гуфтушунид ҳам накардаанд. Истилоҳҳои фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳиме нест, ки як муҳаррир ба ихтиёри худ вазъу қабул намояд.

…Дар ин бобат низ муҳаррирро маъзур медонем, зеро таҷрибаи аввал аст ва мақсад аз ин таълиф ҷамъ намудани қоидаҳои забон аст. Дар ин ҷо ба ҳар ҳол то таълифи китоби сарфу наҳви бо усули тоза муаллимони забондон метавонанд аз ин китоб истифода намоянд ва ба шогирдони мактаб усуле ва забоне осонтар ёд диҳанд» («Овози тоҷик»,16 августи соли 1926).

Аз ин сабаб китобҳое, ки дар ин муддати андак аз чоп баромад, бенуқсон нест (Китобҳои тоҷикӣ).

Ба эътибори умумият, забонаш бад нест, ҳатто хеле сода ва авомфаҳми тоҷикист. Ин қадар сода навиштанро аз рафиқ Саид Ризо ҳеҷ кас умед намекард. Аз ин сабаб мутарҷим шоёни табрик ва таҳсин аст. Бо ин ҳама дар баъзе ҷоҳо луғатҳои ғайримаъруф, суханони бегона (бо ин ки дар муқобилаш суханҳои машҳури тоҷикиро ёфтан мумкин аст) ва ҷамъҳои арабӣ ба кор бурда шудааст. Чунончи, дар мавриди номи китоб, бо ин ки «Барои мактабҳои меҳнат» гуфтан мумкин аст «Макотиби меҳнат» оварда шудааст.

«Ин китобро то саҳифаи 40 мутолиа кардам, дар бисёр ҷойҳояш бо таъбирҳое, ки ба заъми худам вайрон аст, дарёфтам, ба тариқи мисол бинавиштам, ба ҳамин қадар қаноат кардам. Гумон меравад, ки дар ҳамаи ин вайрониҳо **таъсири забони аслии китоб ҳаст**. Вагарна ба дақоиқу қоидаи забони форсӣ аз ҳар кас бештар рафиқ Саид Ризо воқифтаранд. Фақат бо андак мусоҳала дар таъсири асл мондаанд.

Хатои матбаа низ дар ин китоб бисёр аст. Дар ин бора ҳамин қадар мисол кофист, ки дар мавриди номи мутарҷим ба ҷои «Саид Ризо Ализода» «Саид Алӣ Ризозода» тартиб ёфтааст» (4,74).

12 декабри соли 1948 мақолаи машҳури устод Айнӣ «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» чоп гардид. Дар ин мақола фикрҳои устод дар масъалаи истифодаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар забони адабӣ хеле муфассал баён гардидааст. Устод вазифаи ин мактуби саркушодаро ин тавр муайян кардааст: «Вазифаи ман ин аст, ки он **қобилияти баланди шуморо** иқрор карда истода, шуморо ба роҳи таълимоти Горкий даъват намоям».

Дар ҳақиқат, на танҳо Толис, балки Фарҳад, Шукӯҳӣ ва «дигар рафиқон»-ро бо як эҳтироми пурҷӯш «ба роҳи таълимоти Горкий» даъват намудааст.

Устод Айнӣ мегӯяд: «Шумо, рафиқ Толис, забони вайрони ба мурдан маҳкумшударо дар ҳикояи мазкур «зинда кардан» хостед…Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо, нависандагон, ана ҳамон дурдонаҳоро ба омма туҳфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъзе луғатҳои хона ё маҳаллаи худ бикӯшем». Чунон ки мебинем, устод Айнӣ дар ҳама ҳолат бо як самимият, меҳрубонии ба худ хос ва хайрхоҳона суҳбат мероя. Раҳим Ҳошим дар мақолаи «Омӯзгори ғамхору сахтгир» таъкид менамояд, ки **устод Айнӣ аксари вақт камбудиҳоро ба худи муаллиф танҳо ба танҳо мегуфт** ва дилсӯзона. «Боре, – меорад Раҳим Ҳошим, –устод маро ҷеғ зада:

- Дар дастат ягон кори нашриётро дорӣ? - гуфта пурсиданд.

- Не, дигар кор намегирам, ба тоҷикӣ нағз таҳрир ва дуруст ифода карда наметавонам, - гуфта ҷавоб додам.

-Не, метавонӣ, фақат саҳлангорӣ накун, корро тез шавам гуфта шитоб накун, ба корат зеҳн мон! - гуфтанд.

Ин- мегӯяд Раҳим Ҳошим- суханони роҳнома, насиҳатҳои асосии устод буданд ва ин гуфтугӯ барои ман мисли «фотиҳае» буд, ки устодони ҳунарманди пештара дар вақти ҳунарро омӯхта, ба мустақил кор кардан, як дараҷа лаёқат пайдо намудани шогирдони худ онҳоро бо чунин панд ва дастурамалҳо ба роҳи мустақилона гусел мекарданд» (1, 22).

Аз моро тарк гуфтани устод Садриддин Айнӣ наздики 66 сол сипарӣ мегардад, аммо то имрӯз бисёр паҳлуҳои шахсӣ, услуби кории ӯ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Устод Айнӣ ба танзиму таҳрир машғул буданд ва таҷрибаҳои андӯхтаи устод, бо он табъи салим, донишу фаросати камназири худ метавонад бисёре аз иштибоҳоти имрӯзро ба ислоҳ расонад.

Хулоса, ба назари мо, сухани Саид Нафисиро ин ҷо овардан ба маврид аст, ки гуфта буд: «Асарҳои нависандаҳои тоҷик С.Айнӣ, М. Турсунзода, Улуғзода, Миршакар…барои ҷавонони мо дар роҳи ба вуҷуд овардани адабиёти миллӣ ва ҳақиқатан халқии худ намунаи сазоворест». Чунин фурсат расидааст, ки бештару бештар ба осори устод Садриддин Айнӣ рӯ биёрем ва пайваста аз ӯ омӯзем.

**Адабиёт:**

1.Раҳим Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон. -Душанбе: Ирфон, 1983. -272 с.

2. Рустамов Ш. Забон ва замон. -Душанбе, Ирфон,1981. -258с.

3. Шакурӣ Муҳаммадҷон. Забони мо ҳастии мост. -Душанбе, Маориф, 1991. -232с.

4. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. -Душанбе, Ирфон, 2007. -720с.

5.Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. -Душанбе: Деваштич, 2012.

* * * * *

***Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА-***
***устоди Донишгоҳи давлатии***
***Қӯргонтеппа ба номи Носири Хусрав***

# МУВАШШАҲОТИ УСТОД АЙНӢ

Шоирони гузаштаи форсу тоҷик барои нишон додани маҳорати шеъргӯӣ дар ашъори худ аз саноеи адабӣ фаровон истифода мекарданд. Яке аз чунин санъатҳои шеърӣ, ки аз шоир риояи махсусро талаб мекард, ин санъати мувашшаҳ буд. Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» дар таърифи ин санъати шеърӣ аз ҷумла овардааст: «Мувашшаҳ сифати мафъулии ташвеҳ буда, маънои луғавии ташвеҳ ҳамоил, дар гардан овехтан аст.

Аммо дар истилоҳи бадеъ он аст, ки шоир қасида, қитъа ё ғазале менависад, ки сарҳарфи мисраъҳоро ҷамъ кунем, исме ё байте ҳосил мешавад» [1, 173].

Ба суханони Тӯрақул Зеҳнӣ илова карданием, ки шоирони гузаштаи форсу тоҷик ба ғайр аз навъҳои адабии қасида, қитъа ва ғазал, инчунин дар жанри рубоӣ низ мувашшаҳ эҷод кардаанд. Чунончи, дар маҷмӯаи «Баёзи ҷавоҳироти сухан» ба номи анъанаи деринаи халқи тоҷик, яъне «Барфӣ» дар жанри рубоӣ чунин мувашшаҳе оварда шудааст:

***Б****а чашмони хуморолудаат, эй маҳ, гирифторам,*
***Р****ухат бинмо, қиёмат шуд, аҷоиб ҳолате дорам.*
***Ф****идоят мекунам ҷонро, сарат гардам, намедонӣ?*
***Я****гон ҳарфӣ зи ҳар мисраъ ба хидмат муддао дорам*
*[2, 23-24].*

Ҳамчунин Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ ҳам натанҳо дар шакли ғазал, балки дар қолаби рубоӣ низ мувашшаҳ навиштааст. Масалан, ӯ бо унвони «Рубоии мустазод» бо номи «Аҳмад» чунин мувашшаҳе эҷод кардааст:

***О****йина ба базми дилкушои ту расад,*
*Эй ҷон, нигоҳ,*
***Ҳ****ам шона ба зулфи мушксои ту расад,*
*Моро чӣ гуноҳ?!*
***М****о хок шавему сурма манзур афтад,*
*Мурдем зи рашк,*
***Д****ил хун шаваду ҳино ба пои ту расад,*
*Субҳоналлоҳ?! [3, 297].*

Агар шахс дақиқназар набошад, ба гумон аст, ки ӯ аз ин мувашшаҳи дар сари мисраъҳои рубоӣ омада огаҳӣ ёбад. Агар мо ҳарфҳои аввали мисраъҳои дарози рубоӣ («А», «ҳ», «м», «д»)-ро якҷоя хонем, номи «Аҳмад» ба вуҷуд меояд, ки ин номи дигари пайғамбарамон ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад.

Мураттибони «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» ҳам санъати мувашшаҳро ба гуфтаҳои боло наздиктару равшантар нишон додаанд: «Мувашшаҳ – шеърест, ки агар ҳарфҳои аввали мисраъ ё байт ҷамъ карда шавад,

номи шахсе мебарояд. Ин хел мувашшаҳ одатан мазмуни ишқӣ дошта, ба ҳамон шахсе, ки номаш дар аввали мисраъ ё байт пинҳон гардидааст, бахшида мешавад» [4, 56].

Дар асрҳои XVIII – XIX дар миёни шоирони гузаштаи тоҷику форс мувашшаҳгӯӣ хеле ривоҷ дошта будааст. Ҳамин аст, ки дар китоби «Гиёҳи меҳр»-и Туғрал дар 45 ғазал ва як рубоӣ-мустазоди ӯ ин санъати шеърӣ, яъне мувашшаҳ ба назар мерасад, ки ағлаби онҳо ба номи ашхоси алоҳида таълиф гардидаанд.

Ҳангоми тадқиқи шеърҳои тоинқиболии устод Садриддин Айнӣ (15.04.1878–15.07.1954), ки дар ҷилди 8-уми «Куллиёт»-и ӯ ҷамъоварӣ шудаанд, маълум гардид, ки ӯ ҳангоми тахаллуси Сифлӣ доштанаш ҳам ғазал-мувашшаҳҳо навишта будааст. Тибқи таҳқиқоти бурдаи мо аён гардид, ки устод дар 15 ғазал санъати мавашшаҳро истифода кардааст, ки ҳамаи онҳо ба исми одамони алоҳида марбут мебошанд. Устод Айнӣ мувашшаҳҳои худро бо номҳои «Давронҷон» [5, 19], «Қодирҷон» [5, 20], «Мамонҷон» [5, 22], «Ҳабибҷон» [5, 35], «Назруллоҳҷон» [5, 58], «Мунираҷон» [5, 65], «Латифҷон» [5, 75], «Рамзият» [5, 92], «Нинаҷон» [5, 99], «Юсуфҷон» [5, 127], «Фазолат» [5, 133], «Қоримухтор» [1, 134], «Раҳимшоҳ» [5, 141], «Неъматҷон» [5, 160], Абдусатторҷон» [5, 450] навиштааст.

Инчунин шеъри «Ахгари инқилоб»-ро, ки дар шакли қитъа эҷод шудаву аз чаҳор мисраъ иборат аст, агар ҳарфҳои аввали мисраъҳои онро мувашшаҳ ҳисоб кунем, пас калимаи «адаб» ҳосил мешавад:

*__А__з ахгари инқилоби мо сӯхт*
*__Д__унёи ситамгарон чу хошок.*
*__А__фсӯс маҳӯр, ки сӯхт олам,*
*__Б__аргӯй, ки: «Хас каму ҷаҳон пок» [6, 19].*

Ба номи одамони алоҳида мувашшаҳ навиштани устод Айнӣ бесабаб нест ва албатта, ӯ дар умри 76-солаи худ бо ин ашхос ягон муносибате доштааст, ки номи эшон боиси эҷоди шеър гардидааст. Шояд ҳар як мувашшаҳи ба номи шахсони алоҳида эҷодкардаи устод таъриху қиссае

дорад ва ё меҳру муҳаббати муаллифро нисбат ба онҳо нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки мувашшаҳҳои бо номи «Давронҷон» ва «Мунираҷон» навиштаи устод Айнӣ мутаносибан байтҳои панҷум ва ҳаштуми онҳо ихтисор карда шудаанд, ки дар натиҷа ба ин санъати шеърӣ нуқсон ворид гардидааст. Агар ин мувашшаҳҳо ба хатти арабӣ гардонида шаванд, дар онҳо абёте, ки бо ҳарфи «нун» оғоз шаванд, аён нагардида, хонандаи ноогоҳ шояд аз мувашшаҳ будани он бехабар монад.

Шоистаи қайд кардан аст, ки мураттибони «Куллиёт»-и С. Айнӣ ҳангоми аз хатти арабӣ ба хатти кириллӣ баргардондани ғазалҳо баъзан фирефтаи шакли ҳарф шуда ба мантиқи шеър эътибор надодаанд, ки дар натиҷа мазмуни шеър халалдор шудааст. Масалан, дар байти сеюми мувашшаҳи бо номи «Рамзият» навиштаи устод калимаи «мекушам»-ро дар шакли «мекашам» овардаанд, ки ин боиси костагии мазмуни шеър гардидааст:

*Зиндагӣ бошад, ба рӯзи ид оям, гуфта буд,*
*Интизорам мекашад, оҳ интизор, оҳ интизор! [5, 92].*

Ҳамин байтро мо дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар шакли саҳеҳ мехонем, ки чунин аст:

*Зиндагӣ бошад, ба рӯзи ид оям, гуфта буд,*
*Интизорам мекушад, оҳ интизор, оҳ интизор! [7, 79].*

Дар мувашшаҳи бо номи «Фазолатҷон» навиштаи устод низ байти шашум, ки бояд бо ҳарфи «ҷим» сар шавад, мавҷуд набуда, ба ҷойи он байти дигареро мебинем, ки ин аз дубора таҳрир шудани ғазал дарак медиҳад. Дар байни ғазалҳои мувашшаҳдори устод Айнӣ танҳо дар якеи онҳо унвони «Мувашшаҳ» омада, дар 14-тои онҳо унвон дида намешавад. Азбаски мувашшаҳҳо дар шакли ғазали беунвон навишта шудаанд, бинобар ин дар матни мувашшаҳи «Фазолатҷон» дасти таҳрир рафта, ин санъати шеърӣ осеб пазируфтааст.

Ҳамчунин дар мувашшаҳи бо номи «Неъматҷон» омада низ дасти таҳрир расида, ба он байти сеюм изофа

гардидааст, ки ба санъати мувашшаҳ алоқамандӣ надорад.

Дар мувашшаҳи бо номи «Қодирҷон» устод ба ҷои ҳарфи «ҷим» ҳарфи «чим»-ро овардааст, зеро дар алифбои арабӣ ҳарфи «чим» вуҷуд надошта, онро форсигӯён ба алифбо ворид кардаанд ва шоирон ҳарфи «ҷим»-у «чим»-ро дар ҳисоби абҷад як рақам ҳисоб мекарданд ва баъдан дар навишт амалиёти бо ин ду ҳарф суратгирифта низ мисли ҳарфҳои «бе»-ву «пе», «зе»-ву «же», «коф»-у «гоф» дар як мақом гузошта шуда, ҷоиз шуморида мешуд.

Мураттибони «Куллиёт»-и С. Айнӣ вобаста ба ин шеър дар қисмати «Эзоҳот»-и китоб чунин овардаанд: «Ин ғазал, ки дар Баёзи Роҷӣ, саҳ. 28-29 оварда шудааст» [5, 460]. Аз ин бармеояд, ки мазмуни байти панҷуми ғазали устод ба сиёсати замони шӯравӣ созгор наомада будааст ва аз ҳамин сабаб онро ихтисор кардаанд.

Сахидод Раҳматуллозода ва Шоҳзамон Раҳмон дар мақолаи бо номи «Дафтари Айнӣ – шаҳодатномаи миллат» дар бораи Куллиёти нави устод барҳақ қайд намудаанд, ки аз «осори Айнӣ тибқи сиёсати замон дар давраҳои гуногун ҳангоми нашр бисёр порча, байту банд ва матнҳое партофта шудаанд, ки дар мазмуну муҳтавои умумии осори устод халал ворид менамоянд» [7, 11]. Дар ҷойи дигари ҳамин мақола боз ба ҳамин масъала дахл намуда, қайд кардаанд, ки «дар он замон баъзе ашъори мазмуни динӣ дошта ва ба табиати замони шӯравӣ номувофиқ (ба «Куллиёт»-и С. Айнӣ, Р. Х.) ҷойгир нашуда буданд» [7, 11].

Бинобар ин омӯзиш ва тадқиқи мувашшаҳҳои устод дар муайян кардани муносибати Айнӣ бо атрофиёнаш нақши бузург мебозад. Таҳқиқи муфассали мувашшаҳҳои сардафтари адабиёти муосири тоҷик аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки он бароямон бисёр масъалаҳои чигилро боз менамояд.

Мо дар бораи тамоми шахсоне, ки устод Садриддин Айнӣ ба номи онҳо мувашшаҳ навиштааст, сухан наронда, дар поён фақат роҷеъ ба се мувашшаҳе, ки ба

номҳои «Ҳабибҷон», «Латифҷон» ва «Ниначон» оварда шудааст, изҳори ақида мекунем.

Дар поён мувашшаҳи ба номи «Ҳабибҷон» (ҳарфҳои мувашшаҳ («Ҳ», «б», «и», «б», «ҷ», «о», «н»), дар аввали ҳар байт бо ранги сиёҳ ишора шудааст, Р.Х.) эҷодкардаи шоирро намуна оварда, баъдан ба ташреҳи он мепардозем:

*__Ҳ__оли дили нолон бари ҷонон натавон гуфт,*
*Хун рехтани дидаи гирён натавон гуфт.*
*__Б__едоди ҳабибону ситамҳои рақибон*
*Зоҳир натавон сохту пинҳон натавон гуфт.*
*__Я__к бор бад-он орази тобон натавон дид,*
*Як ҳарф бад-он лаъли сухнадон натавон гуфт.*
*__Б__емори ғамашро бигузоред, ки бо ӯ*
*Дору натавон сохту дармон натавон гуфт.*
*__Ҷ__он омада бар лаб зи ғам, аммо натавон мурд,*
*Дил хун шуда аз меҳнати ҳиҷрон, натавон гуфт.*
*__А__з офати он ғамзаи раҳзан натавон раст,*
*Аз фитнаи он наргиси фаттон натавон гуфт.*
*__Н__озукдилии ёр чунон аст, ки Айнӣ,*
*Дар пеши хаёлаш ғами ҳиҷрон натавон гуфт [5, 35].*

Мувашшаҳи боло дар ҳафт байт иншо гардида, тараннумкунандаи ишқи ирфонӣ мебошад. Шоирони гузаштаи тоҷику форс аксаран дар ғазалиёти худ ишқи ҳақиқӣ (ирфонӣ) ва ишқи маҷозӣ (заминӣ)-ро дар омехтагӣ бо ҳам меоранд, бинобар ин ҷудо кардани онҳо барои хонандаи имрӯз душворӣ эҷод мекунад. Дар ғазали боло тавсифи ишқи ирфониро мо аз мазмуни байтҳои он ба хубӣ ҳис мекунем.

Хонандаи аз алифбои ниёгон ва санъати шеърии мувашшаҳ бехабар ҳангоми бо ин ғазали устод Айнӣ рӯ ба рӯ шудан, ба гумон аст, ки аз номи «Ҳабибҷон» (ҳазрати Муҳаммад (с) воқиф гардад, зеро дар хатти арабӣ ҳарфҳои садоноки кӯтоҳ навишта намешаванд. Бояд қайд кард, ки ниёгони мо ҳар байти шеърро дар саҳифаи мусаввада ва ё нусхаи китобҳо дар ду сутун менавиштанд, бинобар ин

ҳарфҳои аввали байтҳо аз боло ба поён намоён мешуд ва онро зуд мехонданд. Азбаски мо имрӯз мисраъҳои шеъриро бо хати кирилликии тоҷикӣ таг ба таг менависем, бинобар ин ҳарфҳои аввали байтҳо якдармиён меоянд ва дар натиҷа санъати мувашшаҳ аз назари хонанда пинҳон мемонад.

Мувашшаҳи дигаре, ки бо номи «Латифҷон» эҷод шудааст, онро низ дар поён намуна оварда, баъдан дар борааш сухан меронем:

*__Л__аъли лабат давои дили дардманд шуд,*
*Ин турфа доруе ҳама ҷузъаш зи қанд шуд.*
*__Т__арзи нигоҳу рамзи сухан, ҷилваи хиром,*
*Ҳар як ба фикри сайди мани мустаманд шуд.*
*__Я__к партав аз Қамар маҳи рӯят зиёд тофт,*
*Як __шаз__ (?) зи сарв қадди накӯят баланд шуд.*
*__Ф__архунда он саре, ки ба пойи ту хок гашт,*
*Фирӯз он диле, ки ба зулфи ту банд шуд.*
*__Ҷ__ӯшид базм, шӯри тараб рафт то фалак,*
*Дар маҳфиле, ки лаъли лабат нимханд шуд.*
*__А__з нола, гуфтамат, ба сари лутф оварам,*
*Ранҷид табъат аз ману __ҷуръат__ дучанд шуд.*
*__Н__озам бад-ин ғазал, ки ба ин ранг содагӣ,*
*Айнӣ писанди он маҳи мушкилписанд шуд [5, 75].*

Хотиррасон менамоем, ки мураттибон байти сеюм ва шашуми ғазал-мувашшаҳи болоро дар «Куллиёт»-и устод Айнӣ бо андаке тафовут овардаанд ва мо шакли саҳеҳтари он байтҳоро аз маҷалаи «Садои Шарқ» баргузидем, ки чунинанд:

*Як партав аз Қамар маҳи рӯят зиёд тофт,*
*Як __ғаз__ зи сарв қадди накӯят баланд шуд…*
*Аз нола, гуфтамат, ба сари лутф оварам,*
*Ранҷид табъат аз ману __ҷаврат__ дучанд шуд [8, 77].*

Акнун ба сари масъала бармегардем, ки «Латифҷон» кист, ки устод Айнӣ ба номи ӯ мувашшаҳ навиштааст, ки аз ҳафт байт иборат мебошад. Ғазал-мувашшаҳи боло дорои матлаи мусарраъ ва байти тахаллус буда, аз ғазалҳои анъанавӣ ҳеҷ тафовуте надорад. Дар байти матлаъ лаби васфшавандаро «давои дили дардманд»,

«доруе ҷузъаш зи қанд», дар байти дуюм «тарзи нигоҳу рамзи сухан, ҷилваи хиром»-ашро ба фикри сайди дили мустаманди гӯянда медонад? Дар байти сеюм маҳи рӯи ӯро аз Қамар рахшонтар ва қадди накӯяшро аз сарв баландтар меҳисобад. Дар байти чорум ҳар саре, ки ба пои ӯ хок шавад, он сарро фархунда ва ҳар диле, ки ба зулфи ӯ гирифтор гардад, он дилро фирӯзу хуррам мешуморад. Дар базме лаби ӯ нимханд мезанад, шӯру тараби дар маҳфилбудагон ба фалак мерасидааст. Қаҳрамони лирикии шоир ҳарчанд мехоҳад, ки бо нолаю афғон дили ӯро ба лутфу меҳрубонӣ орад, вале аз доду фиғон табъи нозуки ӯ ранҷида ҷаврро дучандон кардааст.

Аз мазмуни байти мақтаъ бармеояд, ки Айнӣ аз ғазали ба ин содагию зебоӣ иншо кардаи худ меболад, ки шеъраш писанди «он маҳи мушкилписанд» шудааст. Устод Айнӣ дар қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и худ дар тавсифи Латифҷон-махдум чунин суханҳои неке гуфтааст: «Латифҷон-махдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда, дар вақте ки ман ба хизмати ӯ даромадам, 27 сол умр дошт.

Латифҷон-махдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд» [9, 7]. Аз ин бармеояд, ки устод Айнӣ ғазал-мувашшаҳи худро ба ҳурмати устоди худ Латифҷон-махдум эҷод карда будааст.

Дар поён аввал «Мувашшаҳ»-и ба номи «Ниначон» навиштаи устод Айниро оварда, баъдан перомуни он сухан меронем:

*__Н__озукбутеро дар сайргаҳ дӯш*
*Дар сирк дидем, гаштем мадҳуш.*
*__Е__вропазоде, русинажоде,*
*Симинтанутӯш, насринбарудӯш.*
*__Н__авбарниҳоле, дуҳафтсоле,*
*Абрӯҳилоле, софибаногӯш.*
*__Ҳ__ар кас, ки дида он наврасида,*
*Аз даст дода дину дилу ҳуш.*
*__Ҷ__ону дилу дин дар роҳи ӯ бин,*

*То ҳаст мумкин, дар васли ӯ кӯш!*
***О**ромиҷоне, ҷони ҷаҳоне,*
*Озодсарве, сарви қабопӯш.*
***Н**оме гузорӣ то ёдгорӣ*
*Дар васфи он шӯх, Айнӣ, ба ҷон кӯш [5, 99].*

Инро низ бояд таъкид кард, ки матни ғазал-мувашшаҳи бо номи «Ниноҷон» алоқаманд буда, соли 1899 таълиф гардидааст. Матни шеъри мазкур, ки дар китоби «Ашъори мунтахаб» ва «Куллиёт»-и С.Айнӣ оварда шудааст, бо баъзе фарқиятҳояшон аз ҳамдигар каме фарқ мекунанд.

Устод Айнӣ дар «Достони сайри Ширбадан», ки онро дар дохили «Ёддоштҳо» овардааст, он ҷо ҳангоми тамошои сирк воқеаи бо Нина ном русдухтар шинос шудани худро чунин баён намудааст:

*Дигар нозанинони русинажод*
*Дилу ҳушу тоқат диҳанда ба бод*
*Ба овози созу ба оҳанги кӯс*
*Басе рақс карданд дар роҳи рус.*
*Дар он байн духтарчае Нина ном,*
*Ба овози хубу ба ҳусни тамом*
*Суруде сароиду рақсе намуд,*
*Ба санъат ту гӯӣ, ки мислаш набуд.*
*Ба овози ӯ ҳар касе гӯш кард,*
*Дигар созҳоро фаромӯш кард.*
*Пайи рақс печид бар худ чунон,*
*Ки гуфтанд ӯ ҳаст беустухон [9, 460].*

Баъдан устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» сари ин масъала дуюмбора баргашта, доир ба муаррифии Ниноҷони русдухтар чунин сатрҳоро нигоштааст: «Дар вақте ки нависандаи ин сатрҳо дар сайри Ширбадан сирки русиро аввалин бор дидам ва чунон ки дар достони «Сайри Ширбадан» ёд карда шуд, аз бозигарони сирк Нина ном духтарча диққати ҳамаро ва, аз ҷумла, диққати маро ҷалб намуд, ман пеш аз навиштани достони мазкур дар бораи он духтарча ғазале ба тарзи мувашшаҳ тасвид намуда будам» [9, 461].

Аз осори ба меросмондаи устод Айнӣ бармеояд, ки ӯ аз солҳои 90-уми асри XIX, ҳангоми бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Муҳтоҷӣ» ва «Ҷунунӣ» шеър гуфтанаш низ бо санъати мувашшаҳ шеърҳо суруда будааст. Дар 15 ғазал-мувашшаҳе, ки номи шахсони алоҳида оварда шудааст, ин худ аз истеъдоди баланди шоирӣ доштани устод Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, зеро мувашшаҳгӯӣ низ шарту шароит ва талаботи хоси худро дорад. На ҳар кас қудрати эҷоди мувашшаҳро дорад.

Ҳамчунин маълум гардид, ки шахсоне, ки бо номи онҳо устод Айнӣ мувашшаҳ гуфтааст, аз ягон ҷиҳат мақбули дили зебоиписанди ӯ будаанд. Устод вобаста ба сиёсати замон шеърҳои худро доимо таҳрир мекардааст ва чунин амал боиси халадор гардидани санъати мувашшаҳ гардидааст.

Хулоса, омӯхтани мувашшаҳҳои устод Айнӣ дар равшан намудани баъзе паҳлуҳои торики ҳаёт ва эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, барои муайян кардани наздикону дӯстон ва шахсони писандидаи ӯ аз манфиат холӣ нест. Дар охир ба муҳаққиқон муроҷиат карда гуфтаниям, ки барои муайян намудани муносибати устод Айнӣ бо шахсоне, ки номашон дар ғазал-мувашшаҳҳо омадаанд, доираи тадқиқро васеътар намоянд, то ки мақоми устод Айнӣ ва ҷойгоҳи он шахсон низ дар адабиёти асри гузашта ҳаққонӣ баҳогузорӣ карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: «Ирфон», 1967. – 302 саҳ.
2. Баёзи ҷавоҳироти сухан. – Душанбе: «Маориф», 1987. – 140 саҳ.
3. Туғрал. Гиёҳи меҳр. – Душанбе: «Ирфон», 1986. – 352 саҳ.
4. Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: «Ирфон», 1964. – 184 саҳ.
5. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 8. – Душанбе: «Ирфон», 1981. –521 саҳ.

6. Садриддин Айнӣ. Ашъори мунтахаб. – Сталинобод: «Нашриёти давлатии Тоҷикистон», 1958. – 170 саҳ.

7. «Адабиёт ва санъат», №11 (1930), 15.03.2018. // Сахидод Раҳматуллозода, Шоҳзамон Раҳмон. Дафтари Айнӣ – шаҳодатномаи миллат, Саҳ. 11.

8. «Садои Шарк», 1973, № 4 // Садриддин Айнӣ. Чаҳордаҳ ғазал. Аз ашъори тоинқилобӣ, саҳ. 75 – 79.

9. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. – Сталинобод: «Нашриёти давлатии Тоҷикистон», 1955. – 570 саҳ.

* * * * *

***Фарҳод ҲУСЕЙНЗОДА-***
***д.и.ф.,профессори ДДД***
***Умаралӣ ДАВЛАТОВ-***
***саромӯзгори ДДД***

# АҚЛУ ҲУШ ВА ШАҲДУ НӮШИ МО АЗ МАКТАБ АСТ

Мактаб ва маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо эҷодиёти пурфасоҳат ва пурназокати устод С.Айнӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Маорифпарвари нотакрор тавонистааст, ки ба воситаи асарҳои назмию насрӣ ва осори публитсистиаш чароғи илму маърифатро дар қалби мардумони Осиёи Марказӣ ва берун аз он шуълапошӣ намояд. Дар ин хусус дар таҳқиқотҳои донишмандони тоҷик М.Шакурӣ, А.Маниёзов, А.Саъдуллоев, А.Сайфуллоев, Х.Асозода, А.Кӯчаров, М.Имомзода, А.Маҳмадаминов ва чанде дигар маълумотҳои зарурӣ мавҷуд аст, ки дар асоси омӯзиши он мо ба чунин хулоса омадем, ки нуқтаҳои ҷолибу ба соҳаи мактабу маориф дахлдорашро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Устод Садриддин Айнӣ қадами аввалинашро дар адабиёт бо гуфтани шеърҳои маорифпарварона сар

кардааст. Ашъори “Маснавӣ дар васфи мактаб”, “Саҳаргоҳон”, “Бомдоди Баҳорон”, “Боз мактаб”, “Замзамаи дабистон”(1909-1917) таранумгари онанд, ки мактаб ва маориф соҳаи афзалиятнок ва нерӯманди ҷомеа аст, ки бе он барои тамоми қишрҳои ҷомеа пешравӣ ба даст омаданаш номумкин аст. Дар шеъри “Маснавӣ дар васфи мактаб” С.Айнӣ бо забони сода ва корбурди санъатҳои бадеии такрору тавсиф мартабаи баланди таълимгоҳ, яъне мактабро чунин тасвир кардааст:

*Эй монда қадам ба роҳи мактаб,*
*Олист мақому ҷоҳи мактаб.*
*Мактаб сабаби ҳаёт бошад,*
*Мактаб сабаби наҷот бошад.*
*Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,*
*Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад.*
*Мактаб ба ту роҳбари яқин аст,*
*Мактаб устоди илму дин аст. [1, 11-12]*

Устоди борикбин ва донишманди фарзона доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АИ ҶТ Аламхон Кӯчаров ба маврид зикр кардаанд: “Шеърҳои ба мактаб ва талабогони мактаб бахшидаи устод Айнӣ чун намунаи назми нави панду ахлоқӣ дорои аҳамияти зиёди таълимиву тарбиявӣ мебошанд ва ҳоло ҳам саҳифаҳои китобҳои дарсиро оро дода, ба омӯзгорон ва талабагон таъсири эстетикӣ мерасонанд. Устод талабагони ҷавонро ба зиндагидарккунӣ ва меҳнати босамару фоиданок даъват карда, дар ин роҳ мавқеи мактабро дар ташаккули инсони созанда гаштаю баргашта таъкид мекунад ва мактабро басо муносиб ба гулистон ва талабагонро ба чинандагони гул ташбеҳ мекунад ва ба ҳамин зарари танпарварӣ ва бекориву нодориро дар ҳаёти инсон собит месозад [2,107]. Маорифпарвари нотакрор Садриддин Саидмуродхоҷа Айнӣ дар “Таҳзиб-ус-сибён” нигоштааст:

*Саҳаргоҳон гулистони дабистон,*
*Тароватбахш бошад чун гулистон.*
*Чаро аз ин гулистон гул начинед?*
*Чаро дар кунҷи бекорӣ нашинед?*
*Биёед, эй шарикон, дарс хонем,*
*Ба бекориву нодонӣ намонем.*
*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад [1, 44].*

Дар шеърҳои "Пешоҳангем, пешоҳанг" ("Пионер"), "Духтари Шарқ" ва чистони ба падари бузургвор эҳдо кардаи шоир муносибати дилсӯзонаи волидайн ба мактаб ва таълиму тарбияи фарзанд хуб эҳсос мешавад. Хулосаи шоир он аст, ки бояд кӯдакону наврасон ба қадри заҳмати падару модар бирасанд ва дар ояндаҳои дури дур ба ин подош некӣ карда тавонанд.

Аз мутолиаи асарҳои устод С.Айнӣ "Мактаби куҳна", "Ятим", "Аҳмади девбанд", "Тартил-ул-қуръон", "Духтарбача ё ки Холида", "Ёддоштҳо" ва чанде дигар маълум мегардад, ки устод дар ҷодаи таълим ва тарбияи кӯдакон ва наврасон то инқилоб ва пас аз инқилоби Октябр(1917) заҳмати арзишманде ба харҷ додааст ва масъалаҳои мубрами соҳаи маорифи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар асарҳои бачагонаи шоир дар такя ба забони зиндаи мардуми кӯҳистони тоҷик ва эҷодиёти шифоҳии халқ ба миён гузошта шудааст. Масалан, аз номаи ӯ, аз торихи 23.12.1934 ба устод Абулқосим Лоҳутӣ маълум мешавад, ки асари "Мактаби куҳна" бо дархости кормандони Институти татқиқотии омӯзгории Москва навишта шуда, ҷанбаи тарҷумаҳолӣ дорад ва ҳикояи "Аҳмади девбанд" саршори воқеаи реалӣ аст ва масъалаҳои таълиму тарбияи насли навраси тоҷикро фарогир аст. Устод С.Айнӣ хотиррасон кардааст: "Ман нахостам талабагони ҷавоне, ки баъд аз он ба майдон омадаанд, коргар ва колхозчиёне, ки баъд аз он саводнок шудаанд, аз мутолиаи ин порча (яъне "Аҳмади девбанд"- Ф.Ҳ) маҳрум монанд"[3, 7] Дар ин ҳикоя таззоди ду давр

ва бартарии замони нав дар соҳаи маориф бо далелҳои мушаххас нишон дода шудааст. Аз ин бармеояд, ки аллома Айнӣ ба масъалаи мактабу маориф эътибори махсус медодааст.

Фаъолияти омӯзгории С.Айнӣ аз соли 1904 оғоз мегардад. Ӯ пас аз хатми мадраса ҳамчун зулисонайн ба корҳои тарҷумонӣ аз тоторӣ, туркӣ, узбекӣ ба арабӣ ва тоҷикии форсӣ даст мезанад. Соли 1907 устод бо дастгирии рафиқи донишмандаш А.Мунзим мактаби наве таъсис медиҳад ва дар он бо тарзу услуби нав ҷараёни таълим ба роҳ монда мешавад. Китоби "Таҳзиб-ус-сибён"(1910, 1917) барои ҳамин мактаб навишта мешавад. Мавзӯи меҳварии онро устод С.Айнӣ дар такрори матн, қироати бехато ва навишти дурусти калимаҳоро аз ҷониби атфол бо ёрии омӯзгор мебинад ва таъкид мекунад:

"Ҷаноби муаллимин бояд, ки нахуст қосими ҳар сабақро ба атфол забонӣ такрор кунад. Сониян, ба худи атфол хонанда, хатоҳояшонро тасҳеҳ намоянд. Ҳар гоҳ шогирд такрор карда ба такрори хулосаи сабақаш иқтидор пайдо кунад, сабақи дигар интиқол диҳанд. Ба тафҳими манфиати ҳар сабақ некӯ диққат намояд. Агар шогирд аз синфи дувум бошад, ҳалли луғот низ кунанд."[1, 7]

Раванди кор дар ин мактаби навусул дер давом намекунад. Аз ҷониби амири манғиттабори Олимхон ва пайравони вай мактаб баста мешавад. Амир устодро дар яке аз мактабҳои олӣ мударрис таъйин мекунад. Устод Айнӣ ин таклифро рад карда ба навиштани мақолаҳои илмӣ – оммавӣ роҷеъ ба худшиносӣ ва бедории мардум машғул мешавад. Дар асл баъди инқилоби солҳои 1905-1907 рус мавҷҳои озодихоҳӣ, бедории фикрӣ ба воситаи рӯзномаю маҷаллаҳои гуногун аз қабили "Қабл-ул-матин" (Ҳиндустон), "Ҷеҳранамо" (Миср), "Сироҷ-ул-ахбор"

(Афғонистон), “Тарҷумон” (Боғчасарой), “Мулло Насриддин” (Тифлис), “Вақт” (Оренбург), “Шӯро” (Оренбург), “Садои Фарғона”, “Ойина” ба забонҳои форсӣ, туркӣ, тоторӣ ва русӣ чоп мешуданд, ки ба ҷаҳонбинии устод Айнӣ барин ҷавонони бедордил такони азиме медоданд. Устод Айнӣ бо ҳаммаслакони худ Абдувоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Назруллои Ғафурзод, Мирихони Порсо ва чанде дигар баҳри пиёда гардонидани орзую ормони худ дар соҳаи мактабу маориф аз ин минбарҳои эътирофшудаи иттилоотӣ низ баҳра бардоштааст. Рӯзномаҳои “Бухорои Шариф”, “Тӯрон”, “Овози тоҷик”, “Самарқанд” низ минбари муҳиме барои паҳн кардани ғояҳои мактабу маориф ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар нахустин мақолаи ба ин масъала бахшидаи устод “Танвири афкор” омадааст”Фикри соиб ба хатти ҳаракати дуруст пайдо намешавад, инсонро магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад, магар аз мактабу маориф... “ [4, 12].

Устод С.Айнӣ ғалабаи инқилоби болшевикиро хуб қабул мекунад ва худро шогирди 40- солаи он меҳисобад ва тарғиби мактабу маорифи замони навро ҳадафи асосии худ қарор медиҳад. Муҳтавои мақолаҳои “Сайф ва қалам”, “Ҳафтаи атфол чист?”, “Ба атфоли хурдсол ёрмандӣ намоед”, “Масъалаи маориф ва китоб”, “Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ”, ки дар “Шуълаи инқилоб” ба табъ расидаанд, самтҳои гуногунҷабҳаи мактабу маорифро дар замони шуравӣ мавриди баҳс ва андеша қарор медиҳад. Чунончи, дар мақолаи “Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ”, ки дар “Шуълаи инқилоб” ба табъ расидаанд, масъалаи саросар саводнок кардани аҳолии калонсолро ба миён мегузорад. Аз нигоҳи устод, деҳқонон дар се моҳи зимистон, айёми барфу борон, аз кори саҳро фориғанд ва вақти худро “дар меҳмонхонаҳо, ба атрофи гулхан ва манқали оташ бо суҳбат ва афсонаҳо” мегузаронанд ва “барои мубориза бо бесаводӣ аз ҳамин се

моҳи зимистон истифода кардан лозим аст.” Мулоҳизаҳои судманди устод замоне сурат мегирифт, ки дар сар то сари кишвар курсҳои кӯтоҳмуддати маҳфи бесаводӣ амал мекард ва мулоҳизаҳои пешқадамонаи Айнӣ аз манфиат холӣ набуд.

Тавре маълум аст, пешаи омӯзгорӣ чӣ дар мактаби миёна ва чӣ дар мактаби олӣ аз фаъолияти густурдаи устод қарор гирифтааст. Устод дар мактабҳои шаҳри бостонии Самарқанд бо методҳои классикии ба худ хос ба толибилмон сабақ медод, хонандагон дар вақти танаффус ва холигияшон аз маҳорати дарсдиҳии устод ба тавсил сухан меронданд. Ҷанбаи муҳим он аст, ки С.Айнӣ бо тамоми шогирдони синф дар соатҳои якум ва дуюми дарс ошноӣ пайдо мекард. Баъдан ба саводи хаттӣ ва қобилияти суханварии онҳо аз нигоҳи илми мантиқ эътибори хосса медод. Тамоми ҷавобҳоро дар тахтаи синфӣ хаттӣ қабул мекард. Бо ин услуб ба ҳусни хат ва доираи савод, шарҳу тавзеҳи матн ва маънии вожаҳо шогирдонро шинос мекард.

Маҳорати омӯзгории устод С.Айнӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба дарсҳои забон, адабиёт, таърих, мусиқӣ омодагии ҷиддӣ медид ва аз шогирдон низ бо тайёрӣ омадан ба машғулиятҳоро талаб мекард. Яке аз шогирдони фидоии ӯ шодравон Раҳим Ҳошим нигоштааст: “Устод дар вақти ин дарсҳо ба мо бисёр шеър ёд мекунонд, онҳоро бо овози баланд мехонд, ҳатто худаш нутқҳо навишта, ёд кунонда дар маҷлисҳо ба мо мегӯёнд, ба дуруст талаффуз карда шудани калимаҳо, ба равонии гуфтор диққат мекард, мувофиқи вазни оҳанг хондани шеърҳоро таълим медод, мавзӯъҳои гуногун дода иншо менависонд, онҳоро дар синф хононда ислоҳ менамуд, хулоса, бино ба гуфти Эраҷ Мирзо, ба даҳони шогирдони худ, “Як ҳарфу ду ҳарф алфоз ниҳода” ба онҳо гуфтан гап задан меомӯхт” [5, 258]. Аз ин бармеояд, ки пешаи

омӯзгории устод ва таҷрибаи аз ҳаёт андӯхтаи ӯ мушкилкушо ва мададгори шогирдон дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ гардидаанд.

Ба меҳнати ҷисмонӣ машғул шуданро низ устод ба шогирдон тавсия медод, лаҳзаҳои хотирмони замони ба мактаби мавзеъи Қушҳавзи шаҳри Самарқанд ҷудо кардани заминро роҳбари мактаб А.Г.Леменовский дар ёддоштҳояш чунин шарҳ додааст: "Айнӣ дар боғдорӣ ва гулкорӣ моҳир будааст... Дар ҳар дарахт тахтачаи муайянкунандаи навъи он овезон буд. Гулзори камбаре ҳам даста шуда буд. Махсусан гулҳои садбарг ва маҳсар ба чашм нур мебахшиданд. Айнӣ дар хилъати сафед ба талабагон роҳҳои нигоҳубини боғро меомӯхт. Ба ҳар дарахт як талаба вобаста шуда буд. Кордонӣ ва ғамхории омӯзгор баръало эҳсос мегардид [6, 240].

Тавре ёдрас шудем фаъолияти дигари омӯзгории устод С.Айнӣ ба мактаби олӣ алоқаманд аст. Устод аз соли 1946 то соли 1950 дар кафедраи адабиёти ӯзбеки ДДС ба номи Мир Алишери Навоӣ ба ҳайси мудир ифои вазифа кардааст. Адабиётшинос А.Худойдодов дар мақолаи "Садриддин Айнӣ дар шинохти Холиқ Мирзозода " ба маврид зикр кардааст, ки устод Айнӣ ба корҳои дипломии хатмкунандагони факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Самарқанд Холиқ Мирзозода (дар мавзӯи "Эҷодиёти Аҷзӣ"), Баҳром Ҳоҷизода (дар мавзӯи "Вазифаҳои семантикии калимаҳо") ва Лутфулло Бузургзода (дар мавзӯи "Шеваи Ворух") тақриз навишта, онҳоро барои ба Тоҷикистон рафта, ба илми тоҷик хизмат кардан ҳидоят мекунад:

"Мавзӯи кори дипломиам эҷодиёти Аҷзӣ" бошад ҳам, кори дипломиро танҳо дар бораи достони "Миръоти ибрат" навиштам, – гуфтааст Х.Мирзозода – Акнун тақризи беруна ва оппонент лозим буд, муқарризи тоҷикдонеро ёфтан лозим омад, қарор дода шуд, ки ба устод Айнӣ муроҷиат кунем. Мактубчаи илтимос ба забони ӯзбекӣ ва хати лотинӣ навишта шуда буд.

Ҳоҷизодаву Бузургзодаву ман мактубро бо сарфарозӣ гирифта, кори дипломиро ба бағал ниҳода ... ба ҳавлии Айнӣ равон шудем”[7, 5]

Маҳз бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои орифона ва олимонаи устод Айнӣ ин се ҷавони болаёқат номбардори илми суханшиносӣ гардиданд. Аз соли 1935 сар карда устод вақти пурқимати худро ба тайёр кардани мутахассисони илмӣ барои мактабҳои олии Тоҷикистону Ӯзбекистон равона месозанд. Бо роҳбарии устод якчанд нафар рисолаҳои номзадӣ ва доктори дифоъ кардаанд, ки рисолаи доктории Иброҳим Муъминов шамае аз он аст. Ҳамин заҳматҳои устодро ба инобат гирифта Шӯрои олимони университети ба номи А.А.Жданови Ленинград соли 1948 устодро бе дифоъ ба дараҷаи илмии доктори илми филология сарфароз мегардонад ва соли 1949 Шӯрои олимони УДС ӯро профессори донишгоҳ интихоб мекунанд.

Ҳамин тариқ, устод С.Айнӣ дар пешбурди соҳаи маориф ва илми кишварҳои дорои анъана, суннат, фарҳанги ягона, яъне Тоҷикистону Ӯзбекистон бо асарҳои баландарзишаш, ки тарғибгари тарбияи ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва амсоли он аст, хизмати бузургеро ба сомон расонидааст. Шоир хуб фармудааст:

*Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.*

**Адабиёт**

1.Айнӣ С.Таҳзиб-ус-сибён.– Душанбе: Маориф, 1994.– 48 с.

2.Ҷ.Ҷурабоев, А.Кӯчаров, С.Муллоҷонов, А.Сайфуллоев\\ Маориф – гарави пешравии ҷомеа.– Душанбе: Маориф, 2015 – 243 с.

3.Айнӣ С. Куллиёт.– Ҷ 5.– Душанбе: НДТ, 1963.– 276 с.

4.Айнӣ С. Куллиёт.– Ҷ. 9.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 416 с.

5.Ҳошим Р. Солҳо дар саҳифаҳо.– Душанбе: Адиб, 1988.– 320 с.

6.Леменовский А.Г. Из воспоминаний о Садриддине Айни\\ Ҷашнномаи Айнӣ.– Ҷ. 2– Душанбе, 1963.– С.229-251.

7.Худойдодов А. Садриддин Айнӣ дар шинохти Холиқ Мирзозода\\ Адабиёт ва санъат.-4 окт.2012.

* * * * *

***Хайрулло ТАБАРОВ -***
***номзади илмҳои филологӣ,***
***дотсенти кафедраи забони***
***тоҷикии ДСРТ***

# САД ПАНД АЗ ИН МАРДИ ХИРАДМАНД БИГИРАНД

Таърих гувоҳи адолат, ҷасорату хиёнат, воқеаву ҳодисаҳо ва ёдҳо буда, саҳифаҳои рӯзгорро дар хотираҳо акс мекунонад. Ҳамаи ин саховату адолат, хирадмандӣ, фидокориҳову иродаи қавӣ ва суботкориву ҷонбозиҳои абармардони накӯкор дар роҳи ҳимояи миллату сарзамини хеш аз забон ба забон мегузараду дар хотираиояндагон асрҳои аср нақш мебандад.

Яке аз ин ашхоси хирадманду боҷасорат, нависандаи бузурги халқи тоҷик, Асосгузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ мебошад, ки дар роҳи ҳимояи миллати хеш хизмати шоёнеро ба анҷом расонидааст. Устод ҳам ба назму наср асарҳо офаридааст, ки ин асарҳо як намуна, як далели аниқу дақиқ барои мо таърихи гузаштаро инъикос менамояд.

Ҳангоми ба асарҳои Садриддин Айнӣ назар мекунем, таърихи як давраи муайяни ҳаёт ва зиндагии мардуми тоҷик пеши назар ҷилвагар мегардад. Устод таърихи рӯзгори тоҷикро бағоят ҳаққонӣ дар асарҳояш тасвир кардааст. Хусусан, ҳар як хонанда баъд аз мутолиаи дилхоҳ асарҳои ӯ метавонад дар бораи хусусиятҳои табиат ва чи дар бораи шароиту муносибатҳои иқтисодию вазъи сиёсии маҳалҳои Осиёи Миёна, хосса дар бораи вазъи рӯзгори мардуми шарафманди тоҷик дар охирҳои асри 19 ва авали асри 20 тасаввуроти дақиқу муайян пайдо намояд.

Ба қавли Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки дар «Футувватномаи Султонӣ» менигорад: «Ҷавонмард он аст, ки аз сари ҷон бархезад … ва нафъе ба дӯстон расонад».

Аз рӯйи ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ бармеояд, ҳамчун «ҷавонмард аз сари ҷон бархеста, аз саховат бо дӯстон нафъ расонидааст» (Ҳусайн Воизи Кошифӣ. «Футувватномаи Султонӣ», Теҳрон 1350/1972) ва ҳамчун асосгузори адабиёти муосири тоҷик, таърихи рӯзгори миллати тоҷикро бағоят ҳаққонӣ дар асарҳояш тасвир намуда, чун «ҷавонмард» дар ҳаққи мардуми тоҷик хизмати босазоеро дареғ надоштааст. Аз мутолиаи асарҳояш маълум мегардад, ки сахтарин, талхтарин, душвортарин ва дар айни замон аз ҷиҳати дарки зиндагӣ бойтарин ва ширинтарин умри хешро дар байни мардум гузаронидааст ва ба қавли худ «тоҷик барояш хеле ва хеле ҳам азиз буд» ва ҳар маълумотеро, ки тасвир намудааст, пеш аз ҳама омили асосӣ муҳаббати ӯ нисбат ба ин мардум, ба халқи азизаш буд.

Ҳамаи ин гуфтаҳои боло ба он хотир пешкаш мегардад, ки мавзӯи интихобнамуда «Таҳқиқи унсурҳои забони гуфтугӯии дар насри Айнӣ» номгузорӣ гардида, маводҳо аз Осори баргузида (иборат аз ду ҷилд-Душанбе,

«Ирфон», ч. 2, 1978. Акнун навбати қалам) повести «Ҷаллодони Бухоро» ҷамъоварӣ гардидааст.

Повести «Ҷаллодони Бухоро» - аввалин асари насри бадеии С. Айнӣ аст, ки соли 1920 навишта шудааст. Нависанда пас аз 16 сол, соли 1936 ин повестро аз нав кор карда ба он чанд тағйирот даровардааст. Ин асар соли 1937 рӯйи чоп омад. Ба забони тоҷикӣ соли 1949 дар маҷмӯаи «Асарҳои мунтахаб» (с. 190-274) ва ниҳоят дар ҷилди якуми «Куллиёт»-и Садриддин Айнӣ (1958, саҳ. 101-182) чоп шудааст. Повест бо забони русӣ, ӯзбекӣ ва забонҳои дигар тарҷума ва интишор ёфтааст. Асар аз ҷиҳати ҳаҷм калон нест, аммо чун ба мутолиаи асар шурӯъ менамоӣ, як вазъи ногувор, ваҳшонияти амиру амалдорон, нотинҷу нооромии мардум чун оина пеши назар ҷилвагар мегардад.

Забони асарҳои Айнӣ, аз ҷумла забони повести «Ҷаллодони Бухоро» аз забони мурдумони зодгоҳаш ва аз забони мардумони Бухоро, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми асарҳои устод маҳсуб меёбад, иборат мебошад.

Ба қавли нависандаи намоёни рус Максим Горкий «забонро халқ ба вуҷуд меоварад» ва дар қатори вожаҳои адабии аслӣ вожаҳои гӯйишии ҳар як минтақа ҳамчун боигарии таркиби луғавӣ ва фонди луғавии забон дар ҳама давру замон хизмат мекунад ва дар заминаи вожаҳои гуфтугӯйӣ забони адабӣ пурра ва комил мегардад. Ба аҳли илму адаб маълум аст, ки забони дилхоҳ асари бадеӣ ба забони нақлии нависанда ва забони образ ва ё персонажҳои асар ҷудо мешавад. Агар ба нутқи асари бадеӣ назар кунем, забони нақлии нависанда мувофиқи талаби қонуну қоидаҳои грамматикии забон сурат мегирад ва забони образҳо бошад, одатан аз забони гӯйиш ва ё забони мардуми маҳалли тасвирёфта кор фармуда мешавад. Устод Айнӣ аз рӯйи мавзӯъ, воқеаҳо, тасвирҳо, ҷобаҷогузории симоҳо тавонистааст бо забони тоза, оммафам асарҳояшро аз рӯйи ҳақиқат ҳол сабт ва пешкаши хонанда гардонад.

Вожаҳои гуфтугӯйӣ дар муомилоти ҳаррӯзаи маишиву маъмурӣ, мавриди суҳбатҳои оддӣ ва дигар муносибатҳои одамон ба кор бурда мешавад. Вожаҳои гуфтугӯйӣ низ дар доираи меъёрҳои муқарраршудаи забони адабӣ қарор доранд. Дар ин гуна калимаҳо нормаҳои забони адабӣ риоя мешаванд. Як фарқи ин гуна калимаҳо аз калимаҳои адабӣ, китобӣ ҳамин аст, ки дар муносибатҳои расмӣ, забони асарҳои илмӣ ва таълимӣ истифода намешаванд.

Калимаҳои гуфтугӯйӣ аз забони зиндаи мардум ғизо мегиранд ва манбаҳои асосии бойшавии гурӯҳҳои дигари вожаҳои забони адабии тоҷик ба шумор мераванд. Н. Маъсумӣ дар асари худ "Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик" (Сталинобод, 1950, с.90) доир ба калимаҳои гуфтугӯйӣ ибрози ақида намуда менависад, ки онҳо "ба забони асари бадеӣ дохил шуда, ба асар қувваи фавқулодаи зиндаи ҳаётӣ ва табиӣ мебахшанд".

Устод С.Айнӣ ин калимаҳоро "**анбори холинашаванда**" номидааст ва истифодаи онҳоро зарур мешуморад. Ин амал бар хилофи баъзе аз қаламкашони пешинаи мо, ки бо сабки сунъӣ эҷод карданро «фазл» мешумурданд ва ба таъбири устод А. Н. Болдирев, аз истеъмоли шаклҳои «пасти» халқӣ ор мекарданд, воқеъ шудааст ва ба адибон борҳо таъкид менамуд, ки аз ин калимаҳои халқии нодир, қадима, ифодагари воқеияти зиндагии мардум ва суханҳои пуробурангу пурэҳсосро ҷустуҷӯ карда намунаи беҳтарини онҳоро дар асарҳои худ истифода намоянд.

Калимаҳои шевагӣ аз минтақа, ноҳия ва маҳалҳои муайян ворид мегарданд. Сабаби асосии ворид гардидан ба забони адабӣ ин намояндагони шеваҳо ва лаҳҷаҳои ҷудогона мебошад. Бахусус, агар соҳибқалами шинохта бошад, дар нутқи худ калимаҳои шевагиро беихтиёр ба кор мебарад, ки баъдан аз ҷониби хонанда истеъмоли онҳо идома меёбад.

Ҳамон гуна ки луғатшиноси машҳур С. Назарзода зимни таҳияи «Вожаномаи «Маснавиии маънавӣ» забони

Мавлоноро «саршор аз қолабу таркибҳои зиндаи забони халқӣ» гуфтааст, сухани устод Айнӣ ҳам ба ҳамин ҷиҳат молик аст ва ӯ низ монанди Ҷалолуддини Балхӣ «парвардаи обу хоки Хуросону Мовароуннаҳр буда, ашъори ӯ саршор аз таъбиру ибора ва вожаҳои хосси диёри тоҷикон аст».

Қатъи назар аз он ки асарҳои Айнӣ ба забони адабӣ навишта шудаанд, баъзе калима ва ибораҳоро дар "Ҷаллодони Бухоро"-и устод Айнӣ во мехӯрем, ки ин унсурҳои диалектизм барои тасвири воқеаҳо аз забони қаҳрамонҳои асар фаровон истифода шудаанд ва онҳоро унсурҳои хосси зиндаи аҳолии маҳали Бухоро номидан ба мақсад мувофиқ аст. Суоле ба миён меояд, ки чӣ гуна гунаи калимаҳои маҳалиро аз вожаҳои адабӣ, китобӣ фарқ кардан мумкин аст. Бо назардошти баъзе хусусиятҳои ин вожаҳо нишонаҳои калимаҳои шевагиро метавонем даврабандӣ намуд:

1. Калимаро бо қиёфаи овозиаш, ки инро дар забоншиносӣ бо истилоҳи диалектизм (юн. шева) ном мебаранд, аз қабили оҳистекак - оҳистакак, бурда - бурида, ёбон -биёбон, лағад - лагад, модар-бува, ҷога-ҷойгаҳ, истакон (стакон), пиртакул (протокол) ва монанди инҳо.

Устод Айнӣ вожаи **ёбон**ро يابان дар "Ҷаллодони Бухоро" дар маънии на дашту биёбон, ҷои бедолу дарахт, балки дар маънои замини киштукор, майдони зироат ба кор бурдааст ва ин калима дар забони адабӣ имрӯз дар шакли ***<u>биёбон</u>*** истифода мешавад ва маънии **саҳрои беобу алаф, чӯли бегиёҳ, бодия**ро дорост ва дар мисоли зер ба ҳодисаи фонетикӣ афтиши овоз дучор гардидааст. Мисол: …рӯз барвақт бошад, ҳам, дар ёбон ва киштзорҳо оҳиста - оҳиста гашта шаб кардам (25).

Лағад لغد дар забони гуфтугӯйӣ истифода мешавад ва шакли адабиаш **лагад** (لگد) буда маънои **лат ё зарбае, ки бо пой ба касе ё чизе зада мешавад**; бо як ё ду пои ақиб зарба задани чорпои сумдор; лагад задан бо пой зарба задан; ба зери лагад гирифтан; лой лагад кардан лойро бо по зер карда-зер карда тайёр кардан (*мас., барои*

*похсазанӣ*). Дар шеваи ҷануби Тоҷикистон ҳаммаънои калимаи лагад (манзур ба ибораи лой лагад кардан) вожаи сум (سم ) дасту пои чорпоён ва одамонро дар назар дорад) дар шакли ибораи **лой сум кардан** истифодаи васеъ дорад.Мисол:

-Дуруст аст, - гуфт Рӯзӣ сарносӣ, - агар инро бо забони авомонаи худ гӯям «лағати харро хар мебардорад»…(43).

**Оҳистекак.** ...ҳар кадом буттаи алафе, ки ба назарашон хуш ояд, ба дандони нафиси садафини худ аз сари он оҳистекак канда мегирифтанд(82).

2.Мавҷудияти муродифи адабии калимаи шевагиро диалектизмҳои луғавӣ меноманд. Як қатор калима ва ибораҳоеро аз эҷодиёти устод Айнӣ дарёфт намудем, ки бо калимаҳои синонимии худ иваз шудаанд. Ба монанди

**чапғала**т - маънои печ дар печ, пинҳонӣ, ба ғалат андохтанро дорост: Барои чапғалат додани роҳ ва пайгумкунӣ аз гузари Дулдул ва Зарафшон гузашта...молҳоро сиҳат-саломат ба Ҳаким-қассоб супурдам(30).

**лой** - истилоҳи бофандагон аст, ки ҳар қабати ба навард печидаи чизи бофтаро як "лой" меноманд. Карбосро, ки газаш зиёд бошад, "як лой зиёд", аммо дар истилоҳи омма ҳар чизи аз тахмин ё аз одат зиёдро "як лой зиёд" мегӯянд. Устод Айнӣ ба ҷойи муродифҳои ***як миқдор зиёд, як дараҷа зиёд, як қадар зиёд, аз тахмини ман зиёдтар*** истифода аз ин вожа дар маънои "як лой зиёд"-ро истифода намудааст: Аз ӯ аҳволпурсикунон аспро санҷидам, асп аз хоҳиши ман як лой зиёд буд.(с. 25).

3. Калима аслан хосси забони адабӣ буда, бо якчанд маънохояш шевагӣ аст, ки ин гуна калимаҳо дар забоншиносӣ диалектизмҳои маъноӣ ёд мешавад.

**қантар** قنتر бе ему хошок ё алаф мондани чорво (*бештар оид ба асп*); **қантар кардан** асп, хар ва дигар чорворо тавре бастан, ки даҳани он ба хӯрок нарасад; **ба қантар истодан** дам гирифта, хунук шуда истодани асп

баъд аз давидан ё пойга; **қантар карда гаштан** *гуфт.*, *мач.* бекор, дам гирифта бо кори муфид машғул нашуда рӯз гузаронидан. Дар забони мардуми минтақаи ҷануби Тоҷикистон ба ҷойи вожаи <u>*қантар*</u> калимаи <u>*қайза*</u> (қайза кардан) истифода мешавад. Дар фарҳангномаҳо вожаи қайза пайдо нагардид.

**собот ساباﺕ** бинои пешаш кушода; ҷои болопӯшидаи чор сӯяш кушода, пешайвон.

Дар тахти собот асп ба қантар истодааст(с. 26).

**Талвоса تلواسه** ноороми̅, беқарори̅, изтироб; **Талвосаи ҷон** ҷонкани̅; **ба талвоса афтодан** дар ташвиш мондан; **дар талвоса будан** дар ташвиш (ноором) будан; **талвоса доштан** беқарор (дар изтироб) будан; **талвоса кардан** беқарор (дар ҳолати изтироб) будан.

...кушташавандае, ки гулӯгоҳаш бо корд бурида мешавад, ба 15-20 дақиқа печу тоб хӯрда талвоса кардан ҷон дода осуда мегардид...(12).

**Посира پاسيره** вожаи тоҷикист ва дар таркиби луғави̅ ҳамчун вожаи таърихан куҳнашуда маҳсуб меёбад ва маъноҳои зеринро дорост: 1. қитъаи замине, ки заминдорон ба ятимон медоданд, то ки барои музди хизмати худ кошта, ҳосилашро гиранд. 2. як миқдор ғалла, ки дар сари хирман ба музди кор ё хизматаш дода мешуд. Дар ҷумлаи «То ҳамин вақт ман аз миршабии ин туман як пул ҳам посира карда натавонистам, ки ба ин рӯзам кор ояд» (24) вожаи **посира** на дар маънои дар боло зикргардида, балки дар маъноҳои **пул, ғалла ё чизи дигар барои соли оянда захира намудан, пасандоз кардан** истифода гардидааст.

**ТӮРУҚ تورق: аспи тӯруқ** аспи сурхранг: Дар самоворхона сари роҳ як чой дам карда хӯрда нишаста будам, ки аз роҳ як каси испанеги̅ як аспи калони туруқро савор шуда гузаштан гирифт (25).

**Обғалт آبغلت** дар Фарҳанги тафсири̅ забони тоҷики̅ **хамгашти оби дар ҷараёнбуда** маънидод шудааст. Аммо ҳангоми ба ҷумлаи «Рост ба хонаи яке аз обғалтҳо рафта баъд аз рафтани ман дар туман чи̅ воқеа рӯй доданро аз

вай пурсидам» (30) диққат намоем на дар маънои **хамгашти об,** балки маънои дигарро соҳиб аст. Обғалт дар ҷумла исми шахсро далолат мекунад. Ибораи «**ба хонаи яке аз обғалтҳо рафтан**» маънои ба хонаи фарде, ки ба об, фарде, ки ба ҷӯйканӣ машғул аст, ба обмонӣ сару кор доштаро соҳиб мебошад.

Вожаи **чапандоз** I چپانداز дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (ч. 2, с.524) дар маънои тирандози моҳире, ки ба дасти чап тир мепаронад ва бо иловаи пасванди **-ӣ** вожаи **чапандозӣ** - фиребгар, ҳилагар, маккор маънидод гардидааст. Аммо ҳангоми назар ба таркиби ҷумла дар ибораи «**аспро чапандозҳо барин… зин кардан**» (26) на дар маънии тирандози моҳир ва ё фиребгар, ҳилагар, маккор истифода гардидааст, балки дар маънoҳои **аспсавори моҳир, савори дар бузкашӣ ҳунарманд, бузкашро** соҳиб мебошад. Ногуфта намонад, ки дар шимоли Тоҷикистон калима **чапандоз** бо ҳодисаи тағийроти овозӣ дучор ва дар шакли «**човандоз**» сермаҳсул мебошад.

Устод Айнӣ дар повести «Ҷаллодони Бухоро» вожаҳои **забартанг (زبرتنگ)** ва **зертанг** (يرتنگ)-ро мавриди истифода қарор додаст, ки ҳар ду калимаҳо аз ҷиҳати сохт мураккаб буда аз ду реша **забар+ танг** ва **зер+ танг** иборатанд. Ногуфта намонад, ки калимаҳои **забар, зер** ва **танг** аз ҷиҳати луғавӣ вожаҳои сирф тоҷикиянд. Ҳангоми ба решаи аввали ин ду калимаҳо диққат медиҳем (манзур ба вожаҳои **зеру забар**) ҳар ду калима истилоҳи забоншиносист ва **забар** زبر **(фатҳа) -** аломатест дар алифбои арабии тоҷикӣ (ʹ ), ки дар болои ҳарфи ҳамсадо гузошта шуда, пас аз он талаффуз шудани овози «а» ва ё дар болои «алиф» гузошта шуда бошад, «а» талаффуз кардани онро нишон медиҳад боло, рӯй, бар, **зер (касра)** کسره бошад, дар алифбои арабии тоҷикӣ аломатест, ки ба зери ҳарфи ҳамсадо гузошта шуда, баъд аз он ҳарф талаффуз кардани овози садоноки кӯтоҳи «-и» ва гоҳо «э»-ро нишон медиҳад, зер, поён, таг. Вожаи **танг** **تنگ** дар фарҳангномаҳо маънoҳои ҷойи камгунҷоиш; дараи кӯҳ,

роҳи миёни ду кӯҳ (тангно); сахт, маҳкам, зич; ва инчунин **танг** маънои аили асп, аили рӯй, ки аз болои аили зер кашида мешавад; пуштанг маънидод гардидааст. Устод Айнӣ ин калимаҳоро аз забони қаҳрамони асари худ дар нутқ истифода намудааст, ки маъноҳои **забартанг** **زبرتنگ** тасмаи паҳни махсусест, ки аз рӯи ҷул ва зини аспу полони хар ва ғайра гузаронида мебанданд, пуштанг ва **зертанг** زيرتنگ бошад, камарбанди шиками ҳайвони саворӣ, айил; ба воситаи зертангу забартанг ҷул ва ё зинро устувору маҳкам кардан.

Баъд аз он тахти айвон зини аспро гирифта бурда аспро чапандозҳо барин зертангу забартанг карда зин кардам (26).

**ҲАЛҚАДАВАК حلقه دوک** ҳалқаи нӯги арғамчин, ки вақти аз он ҳалқа гузаронида кашидан арғамчин тез мегузарад: Ҷаллодон якбора ба мурдакашон дарафтоданд, баъзе онҳоро ба замин ғалтонда ба гарданашон ҳалқадавак андохтан гирифтанд… (35).

**НИХТА نخته** *гуфт.* халондани халачӯб (*ба хар дар вақти рондан*); **нихта кардан//нихта задан** а) халачӯб халондан (*ба хар*); б) нӯги ангуштро ба паҳлуи касе расонидан, оҳиста хала карда мондан (*барои водоштан ба коре*): -Сар кун, сар кун, - гӯён дигарон ҳам Ҳайдарчаро нихта кардан гирифтанд (37).

**<u>САРҚУТ</u> سرقوت** пасмондаи хӯрок; **оши сарқут** оши аз пеши хӯрандагон бозгашта, оши таги табақ: (Мақсади)…ту …пули бисёри он бечораро ба ҳаром баровarда ба муқобили ин “хизмат” аз тарафи миршабхона оши сарқут хурдан аст(22).

Дар повести “Ҷаллодони Бухоро” баъзе калимаҳое ба назар мерасад, ки аз дигар забонҳо, аз забони русӣ, арабӣ бо тағйироти овоӣ дучор гардида дар нутқи асар истифода шудаанд.

***<u>Ориятнишин-</u>***муллоест, ки на дар ҳуҷраи зархариди худ, балки дар ҳуҷраи дигарон зиндагонӣ менамояд: Калимаи ориятнишин аз ҷиати сохт мураккаб буда аз ду калима **орият+нишин** сохта шудааст. Вожаи орият аз рӯйи

пайдоиш лафзи арабӣ буда, дар Фаранги забони тоҷикӣ (ч. 1 с. 922) маънии чизеро барои истифода муваққатан аз касе гирифтан шарҳ дода шудааст. Вожаи нишин(шин) - асоси замони ҳозира аз **шиштан**. 2. ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии шинанда тоҷикист.

-Ҳуҷраи худаш нест, ин одам ориятнишин аст, - гуфта як мулло фарёд кашид (39).

Калимаҳои русии контур(тарҳ, суроб, ангора; элект. ҳалқаи сарбастаи ноқилҳо, радио)- кантӯр, полиция(политсия) - полис, стакон - истакон, протокол-пиртакул, гиром-грамм (вазн), агар бо тағйироти овозӣ дучор гардида дар повест истифода шуда бошад, пас бо калимаҳои музика, билет, бо пасвандҳои тоҷикӣ ва вожаҳои тоҷикӣ вожаҳои сохта ва мураккаб сохтааст Ба гунаи калимаҳои музикачиён, билетгирӣ, билетхона, консулхона. Мисолҳо:

...гунаҳкор шумурда <u>пиртакул(протокол)</u> карда онҳоро ба сардори худ супурдааст (66).

Занон шишаи пиво, ё ин ки арақро гирифта ба <u>истакон</u> ва румкаҳо рехта як-як ба мастон медоданд (67).

Дар шаҳнишини хона <u>музикачиён</u> менавохтанд...(67).

... барои шумо ҳам билет мегирам, аммо ман худро ба нодонӣ зада пулашро гирифтам ва ба тарафи <u>билетхона</u> рафтам (68).

Бояд барои <u>билетгирӣ</u> рафта истода бошед (68).

Хулоса, метавон калимаҳои зиёдеро аз повести «Ҷаллодони Бухоро», аз қабили <u>***олуқ***</u>-таоруфоти ҳармоҳаи аҳли дарбори амири Бухоро (277), <u>***кӯма***</u>-тӯдаи харбуза ва тарбӯз; тӯдаи ҳар чизи беҷон (173), <u>***гаваккашон***</u>-гавак кардан зону ва дастҳоро бар замин монда роҳ рафтан (65), <u>***чакак***</u>- чакка- истухони барҷаста, ки дар миёнаи зери чашм ва зери гӯш ҷо гирфтааст (418), <u>***гав***</u>- 1. чӯбест, бо вай сари роҳ, ё дами дарвозаро банд кунанд, то ки чорпоён аз он ҷо нагузаранд, 2. овози баланд, 3. монеъ шудан (496), <u>***ишкелбоғӣ***</u> – <u>***ишкел***</u> (занҷири оҳанин, ки дар даври амирӣ ба пои бандиён мезаданд (138), <u>***боғӣ***</u> (саркаш ва аз итоат берун рафта (58), <u>***лағат***</u>, ҷиреб (Даҳбошии ҷиреби лаби

ҳавзи Девонбегӣ (саршабгард) (44), ***чирогчӣ, шалтӣ, ялав***, ***фӯта*** - 1. порчаи сербари дароз, ки ба миён печонда мебанданд; 2. лӯнгии ҳаммом ва лӯнгии сартарошон (420), кодок, шуг, ҷук(олуфтаи мағлушуда дар ҷанги тан ба тан. Ин аз ҷанги бедона гирифта шудааст), ***банорас***- як навъи софтаи майданақши сиёҳу сафед аст, ки тораш абрешиму пудаш ресмон мешавад. Номи дигари ин бофтаро "пари пашша" мегӯянд (45) ва ғайраҳоро дарёфт намуд, ки хоси гӯйиши мардуми Бухоро буда, гувоҳи қарибии устод Айнӣ бо халқ мебошад ва хизмати устод фахри мардуми шарафманди тоҷик аст. Ба қавли шоири ширинкалом Бозор Собир

*Рӯйи ӯ бар сӯйи мову рӯйи мо бар сӯйи ӯст,*
*Халқ дар тимсоли Айнӣ халқи минбардор шуд.*

сазовор ба устод Айнӣ мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Болдырев А. Н. Перфект 11 в новоперсидском литературном языка. Труды АН СССР, отд. лит. и яз., т., вып. 6, 1964. - 510 с.
2. Вожаномаи «Маснавии маънавӣ» Таҳияи Назарзода С., Мискинов И. - Душанбе «Дониш», 2007. - 231 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Нашриёти «Дониш». -Душанбе, 1985, 356 с.
4. Н. Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» -Сталинобод, 1959, 176 с.
5. Русско-таджикский словарь (Луғати русӣ-тоҷикӣ). -Москва, «Русский язак», 1985, с. 407.
6. С.Айнӣ. Акнун навбати қалам аст.-Душанбе, «Ирфон», 1978, 464 с.
7. С. Айнӣ - бузурге аз дунёи форсизабонон. Муаллиф ва мураттиб Н. Аслонова. -Душанбе, «Шуҷоиён», 2010, 224 саҳ.
8. С. Айнӣ. Куллиёт. Нашриёти "Ирфон".-Душанбе 1976, ҷ.12, 565 с.
9. Ҷашнномаи Айнӣ. Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Ҷузъи 2. - Душанбе, 1963, 256 с.

10. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. - Душанбе, «Дониш», 1971, 344 с.
11. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. - Душанбе, «Дониш», 1978, 231 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Нашриёти «Советская энциклопедия», Иборат аз 2 ҷилд. -Москва, 1969.
13. Х. Ҳусейнов. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ. Нашриёти «Ирфон». -Душанбе, 1973, 256 с.
14. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. «Футувватномаи Султонӣ». -Теҳрон 1350/1972).

* * * * *

***А.Н.ДАВЛАТОВ-***
***устоди ДСРТ***

# СОХТИ ҶУМЛАҲОИ ДУТАРКИБА ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Ҷумла воҳиди том буда, аз рӯйи қонуну қоидаҳои грамматика шакл мегирад ва воситаи асосии ифодаи фикр аст. Чунон ки академик В. В. Виноградов қайд мекунад, забон ҳамчун воситаи алоқа ва мубодилаи афкор дар байни инсонҳо бо ҷумла чун бо шакли асосии муносибат сарукор дорад [2, с.82]. Асоси наҳви ин ё он забон қонуну қоидаҳои истеъмоли калимаҳо дар вазифаи ҷумла ва қонуну қоидаи таркиб ёфтани калима ва ибораҳо дар ҷумла аст.

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба қисми калони таркибии наҳв ба шумор меравconfigured [3, с.123]. Оид ба сохти ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва мавқеи истифодабарии онҳо дар асарҳои гуногуни бадеӣ забоншиносони шинохтаи тоҷик аз қабили Д.Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадав, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев асарҳои илмӣ навиштаанд.

Мо ба воситаи ин мақола мехоҳем, оид ба сохти ҷумлаҳои дутаркиба дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ маълумот диҳем.

Ҷумлаҳои дутаркиба ҷумлаҳои содае мебошанд, ки дар ташкили онҳо ҳар ду сараъзои ҷумла иштирок менамояд [4, с. 206].

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар «Ёддошҳо»-и Садриддин Айнӣ яке аз серистеъмолтарин хели ҷумла ба шумор меравад. Ин гуна ҷумлаҳо аз ҷиҳати интонатсия ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **хуллас ва тафсилӣ.**

**Ҷумлаҳои дутаркибаи хуллас** дар «Ёддошҳо»- и Садриддин Айнӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд ва аз рӯйи сохт ба таври зеринанд:

а) Онҳо метавонанд аз як мубтадову як хабар иборат бошанд:

**Дастухон баровардем [1, с.136]. Ширбирнҷ мепазем [1, с.136]. Шарофбой мурд [1, с.127].**

б) Ҷумлаҳои дутаркибаи хуллас метавонанд аз мубтадоҳои чида ва хабар иборат бошанд:

**Ноиб, одамони ӯ ва Қорӣ- ишкамба** барои рафтан бархостанд [1, с.255]. **Ҳамро-гавбоз ва Қаландар** роҳгузар буданд [1, с.94]. **Дев ва аҷина** душмани номард аст [1, с.91].

в) Ҷумлаҳои дутаркибаи хуллас метавонад аз мубтадо ва хабарҳои чида иборат бошад:

Қозикалон **рӯй туруш карду нишаст** [1,с.223]. Замистон **гарм буду сербарф [1, с.259 ]**. Арбоб **хашмгин буду хомӯш [1, с.258].**

**Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии** номӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз рӯйи иштироки аъзоҳои ҷумла ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд. Аз рӯйи маводҳои ҷамъшуда ин ҷумлаҳо аз сеаъзо то ҳафтаъзо мешаванд.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ аз ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ бо баъзе хусусиятҳояшон фарқ мекунанд ва гурӯҳҳои ҷумлаҳои бисёраъзо низ бо хусусиятҳои худ ҷудо шуда меистад.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ аз ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ аз рӯи миқдори аъзоҳо ва сохторашон он қадар фарқияте надоранд. Аммо агар дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ ҳам пуркунандаи бавосита ва ҳам пуркунандаи бевосита ояд, дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ фақат пуркунандаҳои бавосита иштирок карда метавонанд. Барои он ки хабарҳои номи ба худ пуркунандаҳои бевоситаро қабул намекунанд.

Инчунин дар навбати худ ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номии шашаъзо ба панҷ гурӯҳ тақсим мешавад. Ногуфта намонад, ки гурӯҳҳои якум, дуюм, сеюм ва панҷуми ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ дар ҷумлаҳои номӣ низ ҳастанд, аммо дигар гурӯҳҳоро вонахӯрдаанд. Дар забони ин асар истифодабарии ҷумлаҳои номӣ маҳдудтар аст.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон панҷ муайянкунанда доранд:

Ва **сухани ин амир миёни мардуми шаҳри азим паҳн шуд [1, с. 89].**

2) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву як пуркунанда доранд:

**Сабаби бедор шудани ман дар аҳволи мамлакат ин мард буд [1, с. 105].**

3) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон се муайянкунандаву ду пуркунанда доранд:

Ва **душмани халқ ҳама шаҳрҳоро забт карда аст, аз ғарб [1, с.123].**

4)Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон се муайянкунандаву ду ҳол доранд:

**Ва миёнаҷои ин девор аз девори хона миқдори понздаҳ газ дур аст [1, с.110].**

5)Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон ду муайянкунандаву ду пуркунанда ва як ҳол доранд:

**Маро ин шуғл аз мардум нокуштан афтод [1, с. 65].**

Истифодабарии ин гурӯҳҳо дар ҳамаи ин хели ҷумлаҳо баробар буда, танҳо гурӯҳи сеюм нисбат ба дигар гурӯҳҳо ду баробар зиёдтар вомехӯрад.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номии ҳаштаъзо

дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ хеле зиёд истифода шудаанд. Ин ҷумлаҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон панҷ муайянкунандаву як пуркунанда доранд:

**Шинохтани қадри неъмати Эзид таоло бандаро сарватманд кардааст [1, с.78].**

2) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву ду пуркунанда доранд:

**Ва ба номи нек рафта, ҳаққи фарзандони ту бар он худованд воҷиб бошад [1,с.150].**

3) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву як пуркунанда ва як ҳол доранд:

**Пас кори ҷавонмардӣ ин тоифа душвортар аст аз тоифаҳои дигар [1, с.174] .**

Чунон ки аз мисолҳои боло маълум шуд, дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ мисли ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ иштирок ва миқдори муайянкунандаҳо ҷои махсусеро доранд. Бояд қайд кард, ки дар ин хели ҷумлаҳо танҳо пуркунандаҳои бевосита иштирок карда наметавонанд. Барои он ки агар пуркунандаҳои бевосита иштирок кунанд, онҳо ба ҷумла тааллуқ надошта, балки ба ягон аъзои ҷумла вобастаанд, агар ин аъзоҳо ба масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода шуда бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои се-, чор- ва панҷаъзо дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии феълӣ ва ҳам дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номӣ серистеъмоланд.

Аммо иштироки аъзоҳои ҷумла бо баъзе хусусияташон дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии феълӣ ва номӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Аз рӯйи истеъмоли аъзоҳои пайрави ҷумлаҳои «Ёддошҳо»-и устод Айнӣ дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилӣ дар ҷои аввал муайянкунанда, баъд ҳол ва дар ҷои сеюм пуркунанда меистад. Барои он ки муайянкунанда дар таркиби ҳамаи аъзоҳои ҷумлаи бо исм, ҷонишин, масдар ва ҳиссаҳои нутқи исмшуда ифода ёфта омада метавонанд. Хабарҳои феълие, ки бо феъҳои таркибии номӣ ифода шудаанд, муайянкунанда доштанашон низ мумкин аст. Аз ин рӯ, муайянкунанда бо хусусият, иштироку миқдораш дар ҷумла аз дигар аъзоҳои пайрав фарқ карда меистад.

Чи хеле ки ба мо маълум шуд, пуркунандаи ҷумла танҳо ба хабари ҷумла тобеъ шуда меояд ва аз ин сабаб дар «Ёддошҳо» ҷумлаҳои зиёда аз ду ва баъзан се пуркунанда иштирок карда наметавонад. Қайд кардан ба маврид аст, ки агар дигар аъзоҳои ҷумла бо масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода гардида бошад, онҳо пуркунанда дошта метавонанд ва он пуркунанда хабари ҷумла намебошад. Дар он ҳолат миқдори пуркунанда зиёд мешавад.

Миқдори ҳол бошад дар ду типии ҷумлаи тафсилӣ фарқ мекунанд. Дар асари тадқиқшаванда миқдори ҳол нисбат ба ҷумлаи тафсилии номӣ дар ҷумлаи тафсилии феълӣ зиёд аст, зеро аломати амал, замону макон ва монанди онро ифода мекунанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978.- 463. 2. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. Монография/ Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986.- 136с.

3. Мирзоев А.Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. /Ш.А.Мирзоев ва диг. - Душанбе, 1986. - 266с.

4. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик./ Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1970. - 266 с.

5 . Хоҷаев Д. ва диг. Синтаксис ва пунктуатсия. Монография. / Д. Хоҷаев ва диг. – Душанбе: Маориф, 1991.- 57 с.

* * * * *

***Раъно РАҶАБОВА– н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДСРТ***

# ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ ДАР “ТАҲЗИБ-УС-СИБЁН”-И САДРИДДИН АЙНӢ

Дар аввали садаи XX тараққиёти босуръати форматсияи капиталистӣ ва гузариши Осиёи Миёна ба сохтори шӯравӣ, ки онро болшевикон ба кишварҳои Туркистон талқин намуданд, аз аҳли илму адаб ва хусусан маорифпарварони тоҷик, ки Садриддин Айниро бешакку шубҳа дар радифи шоёнтарин ва пурмаҳсултарини онҳо арзёбӣ метавон кард, тақозо намуд, ки барои халқи авом арзишҳои содатарин ва айни замон беҳтарини аҷдодиро, аз қабили саводомӯзӣ ва баланд бардоштани донишу васеъ намудани ҷаҳонбиниашон равшан ва илқо гардонанд. Дар ин раванд асарҳои маорифпарварона ва китобҳои дарсӣ аз фаннҳои забон, адабиёти як идда равшанфикрон, ба монанди Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Абдурауфи Фитрат, Сайидризо Ализода, Мунзим ва дигарон барои пешрафт ва тағйир ёфтани

сатҳи ҷаҳонбинии толибилмони макотиби типи нав мусоидат карданд.

Яке аз аввалин китобҳои дарсии Маҳмудхоҷа Бегбудӣ барои мактабҳои ҷадидия "Алифбои мактаби исломия" (1906) мебошад. Баъдан китобҳои дарсии дигари ин маорифпарвар, ба монанди "Китоб-ул-атфол" (1908) ба забони тоҷикии форсӣ, "Мухтасари таърихи ислом", "Амалиёти исломия", "Мадхали ҷуғрофияи имронӣ", "Мухтасари ҷуғрофияи Русӣ" ба забонҳои тоҷикии форсӣ ва чағатоии ӯзбекӣ рӯйи нашр баромаданд.

Солҳои 1904-1914 ба забони тоҷикӣ якчанд китоби дарсии дигар, аз қабили "Раҳбари форсӣ", "Мунтахаб-ул-гулистон ё худ қироати форсӣ"и Мулло Муҳаммад Расулӣ, "Раҳнамои савоб", "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт"-и Абдулқодири Шакурӣ (1875-943), "Меъёр-ул-ахлоқ", "Таърихи файзи ом"и Сайёҳ ва дигарон ба забони тоҷикӣ дастраси толибилмони мактабҳои ҷадидия гардиданд. Дар рушду нумӯи мактабҳои ҷадидия саҳми Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва дӯсти содиқаш Садриддин Айнӣ бавижа калон аст. Аввалин китоби дарсии Мунзим "Раҳбари хат" (1908) дастури бебаҳое гардид, ки солҳои зиёд талабагон аз рӯйи он дар мактаби типи нав, ки дар ҳавлии ӯ кушода шуда буд, таълим мегирифтанд. Пас аз Мунзим китобҳои Айнӣ "Заруриёти диния", "Тартил-ул-қуръон" ва "Таҳзиб-ус-сибён" ба табъ расиданд, ки дар бораи китоби ахир мехостем якчанд нуктаро баён созем.

Ин китоби дарсӣ аз байни се асари педагогии болозикри Айнӣ мавқеи хосаеро касб кардааст, зеро он ҳамчун натиҷаи сафарҳои Айнӣ ҳамроҳи Мунзим ба Самарқанд ва боздиди ӯ аз мактабҳои типи нави онҷо, бавижа мактаби Абдулқодири шакурӣ эҷод гардидааст.

"Таҳзиб-ус-сибён" китоби нахустини Айнӣ барои қироати толибилмон буда, соли 1910 аз тарафи ширкати " Бухорои шариф" дастраси хонандагон. Бори дуввум китоби мазкур соли 1917 дар Самарқанд (чопхонаи Газаров) бо якчанд такмилу иловаҳо дастраси хонандагон гардид.

Муқаддимаи китоб мисли дигар китобҳои дарсии ба қалами Бегбудӣ, Мунзим, Расулӣ тааллуқдошта бо огоҳномаю мурочиатнома, яъне “Ихтор” оғоз мегардад. Баъдан дар китоб матнҳои ҷолиб ва пур аз панду андарз оварда шудаанд, ки на танҳо солҳои зиёд ҳамчун маводи пурбаҳое барои таълиму тарбияи толибилмони худсол (синни 5-9 сола), балки ҳамчун манбаи омӯзиши афкори тарбивию ахлоқӣ, дидактикӣ ва доираи ҷаҳонбинии муаллиф, яъне Садриддин Айнӣ хизмат мекунанд.

Дар доираи мақолаи мавриди назар мо тасмим гирифтем, ки як қатор вожаҳои “Таҳзибуссибён”ро, ки ба қатори вожаҳои истилоҳӣ дохил мегарданд, таҳлилу баррасӣ намоем. Бояд тазаккур дод, ки одатан дар илми забоншиносӣ истилоҳ гуфта вожаҳоеро меноманд, ки аз якчанд ҷиҳат аз вожаҳои дигари фонди луғавии забон фарқ доранд. Ба ин ҷиҳатҳо хусусиятҳои зерин дохил мешаванд:

- якмаъно будани калима;
- муродиф қабул накардани он;
- шаклан кӯтоҳ будани он;
- танҳо ба соҳаи муайяни касб, илму техника тааллуқ доштани он ва ҳоказо.

Вале вожаҳое, ки мо мехоҳем онҳоро аз ҷиҳати сохторӣ ва маъноӣ таҳлил намоем, на ба ҳамаи ин талабот мувофиқанд, зеро онҳо новобаста аз он ки ба як соҳаи муайян мутааллиқанд, дар давраҳои пештара аз доираи маҳдуди ин талабот берун баромадаанд ва ба қатори калимаҳои оммафаҳм ва умумиистеъмол дохил гардидаанд, вале новобаста аз ин рисолати истилоҳ буданашонро гум накарданд.

Бояд таъкидан қайд кунем, ки истилоҳоте, ки мо ба соҳаи забон нисбат медиҳем, дар айни замон дар якчанд соҳаи дигари илму адаб, ба мисли адабиёт, педагогика, маориф, фарҳанг, санъат метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Вале чун дар соҳаи забоншиносӣ бидуни онҳо кор кардан мумкин нест, мо онҳоро ба гурӯҳи истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ дохил кардем.

Истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ, ки дар “Таҳзибуссибён” ба назари мо расид, инҳо мебошанд: *сабақ, хатоҳо, тасҳеҳ, хонондан, луғот, тафҳим, “Алифбо”, қаламаш (с.7), хондан ва навиштан, суханашон (с.8), ҷумла (с.9), калом (с.13), рисола, феълан (с.14), хонда ва навишта (с.15), қаламдон, ҷузъгир, дафтар* (с.18) ва ғ. Албатта, тавре ишорат рафт, на ҳамаи инҳо сифр ба соҳаи забоншиносӣ мутааллиқанд, вале азбаски дар ин соҳа низ истифода мешаванд, мо лозим донистем, ки онҳоро номбар кунем.

Як масъалаи дигаре, ки дар ин китоб диққати муҳаққиқи забоншиносро ба худ ҷалб мекунад ин аст, ки истилоҳот ба маънои маҷозӣ низ кор баст шудааст, яъне сермаъно гардидааст. Барои мисол боз вожаи ҷумларо меорем, ки ҳам ба маънои воҳиди наҳвӣ ва ҳам ба маънои “ҳама, умум” омадааст.

Қисми дигари бардошти мо аз нуқтаи назари грамматика ва имлою китобати асра ин аст:

- навискандаи мумтоз дар он калимаҳо ва ибораҳои хоси лаҳҷаи Бухоро, аз қабили даст гирифтан (ба маънои “қапидан”), истифода бурдааст, ки ба ҳусни асар ҳусни нав зам карда, боз як хусусияти диққатҷалбкунандаи забони асарро ташкил медиҳад;

- дар китоб калимоти динӣ ва ифодаҳои архаистӣ аз қабили *ҷаноби муаллимин* (с.7), *қосими ҳар сабақ* (ҳамон ҷо), *тақрир кардан* (ҳамон ҷо), *соири дурус* (с.21) ва дигарҳо бисёр ба назар мерасанд, ки маҳсули оғози садаи XX будани онро нишон медиҳанд;

-дар асар новобаста аз заҳмати текстологии мураттиб, яъне олими машҳур Соҳиб Табаров, як қатор ғалатҳои имлоӣ, аз қабили аълон ба ҷои алъон (с.8), мусоҳила ба ҷои мусолиҳа (с.9.) ва ғайра дида мешаванд, ки ҳусни баёнро коста мегардонанд;

- дар баробари ин забони асар бо истифодаи як қатор вожаҳо ва ибораҳои мурочиатие фарқ мекунад, ки дар забони асарҳои баъдинаи устод Айнӣ ва бахусус дар забони давраи муосир кам роиҷ буданд, вале ба назари мо

истифода бурдани чунин вожаҳо ба сабки баёни устод як навъ фасоҳату шаҳомате мебахшад. Манзури мо дар "Таҳзиб-ус-сибён" мавриди корбурд қарор дода шудани вожаҳои муроҷиатии *шафақатпаноҳо* (с.31), *фазилатпаноҳо* (с.33), *мурувватмандо, муҳаббатшиоро* (с.35), *иззатҷоҳо, иззатмандо* (с.36), *саодатнишоно* (с.37) ва дигарҳо мебошад, ки на танҳо аз сабки махсуси забони нависанда, балки дар он давра хеле серистеъмол будани истилоҳоти соҳаҳои забон, адабиёт ва фарҳанг шаҳодат медиҳанд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Айнӣ С. "Таҳзиб-ус-сибён". – Душанбе: Маориф, 1994. - 48с.
2. Луғати терминҳои забоншиносӣ. - Душанбе: Маориф, 1983. -255с.
3. Луғати соҳавии таълимӣ. - Душанбе, 2011, с.63-89.


* * * * *


***Ф.ИСКАНДАРОВА-н.и.п., дотсенти***
***кафедраи забони тоҷикии ДСРТ***


## МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ДАР ОСОРИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Ҷумлаи мураккаб воҳиди олиташаккули наҳв аст, он аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанг мебошад. Гарчанде ҷумлаи мураккаб монанди ҷумлаи сода воситаи ахбор буда, барои ифодаи фикр хизмат мекунад, он идроки мураккабтари ҳастӣ, тасаввуроту робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои ҳастиро ифода мекунад. «…табиист, ки интишору истифодаи он ба давраҳои нисбатан инкишофёфтаи ҷамъият, забон ва тафаккури забон вобаста аст» [5,3]

Дар ифодаи алоқамандии фикр забони ноби тоҷикии мо имконияти фаровон дорад ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз он воситаҳо маҳсуб мешаванд. Ин хели ҷумлаҳо бо ғановату рангорангии худ дар байни дигар ҷумлаҳо мақоми хосса доранд. Муҳаққиқони наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, Н.Маъсумӣ, С.Ҳалимов, Ф.Зикриёев ва даҳҳо дигарон хусусияти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрави онро аз ҷиҳати маъною вазифа, воситаҳои алоқаи наҳвӣ, тобишҳои маъноӣ таҳқиқоти мукаммал намуда, ақидаҳои пурарзиши худро иброз намудаанд.

Мо тасмим гирифтем, ки танҳо корбасти ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар осори устод Садриддин Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳем. Забон ва услуби устод Садриддин Айнӣ хусусияти ба худ хос дорад. Ҷумлаҳои мураккаб дар сохти наҳвии осори Садриддин Айнӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Дар осори адиб 3 навъи ҷумлаи мураккаб - ҷумлаи мураккаби пайваст, тобеъ, омехта ба назар мерасанд. Аммо бояд зикр намуд, ки нисбат ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст таносуби истеъмоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ зиёдтар аст. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб омехта қисми зиёди ҷумлаҳои таркиби онҳоро ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ташкил мекунанд.

Мисолҳои аз эҷодиёти адиб ҷамъ оварда собит месозанд, ки муаллиф бо маҳорати баланди фикррониаш дар истифодаи тамоми намудҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ моҳир аст. Истифодаи доираи бештари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои гуногуни пайрав аз маҳорату истеъдоди хеле баланди нависанда гувоҳӣ медиҳад. Чунончи:

***Будааст, набудааст, як подшоҳ будааст, ки*** *як писари аҳмақ доштааст,- гӯён рафиқи афсонагӯи мо гап сар кард,-*

*ӯ фикр кардааст,* ***ки*** *писараш баъд аз сари ӯ подшоҳ шуда мамлакатро идора карда наметавонад,* ***бинобар ин*** *ба ӯ ҳунаре ёд додан даркор аст, ки баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад,* ***то ки*** *аз гушнагӣ намурад…*[1,48].

Дар як ҷумлаи мазкур, ки ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад, панҷ хели ҷумлаи пайрав омадааст: ҷ.п. муайянкунанда (маънои тавзеҳӣ) «*ки як писари аҳмақ доштааст*», ҷ.п. пуркунанда *«ки писараш баъд аз сари ӯ подшоҳ шуда мамлакатро идора карда наметавонад»* *ҷ.п.*ҳоли сабаб*, «бинобар ин ба ӯ ҳунаре ёд додан даркор аст»,* ҷ.п.ҳоли натиҷа *«ки баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад»* ва ҷ.п.ҳоли мақсад «*то ки аз гушнагӣ намурад*». Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрави ҷумлаи мазкур пайвандакҳои тобеъкунандаи ***ки*** (3 бор), пайвандаки сабаби ***бинобар ин****,* пайвандаки мақсади ***то ки*** мебошанд. Ҷумлаҳои пайрави чидаи ин ҷумла байни худ муносибати маъноию грамматикӣ доранд, ки он муносибати пайиҳамзамонӣ мебошад.

Дар ҷумлаи дигари устод Садриддин Айнӣ низ ҷумлаҳои пайрави гуногун омадаанд. Чунончӣ:

***Дигар маро тоқат намонда буд, ки*** *барои фаҳмидани оқибати кор боз бо он гурӯҳи ваҳшиён пештар равем,* ***бинобар ин*** *аз он ҷо, аз он намоиши фоҷиабор ҷудо шуда бо паскӯчае роҳи манзили худ пеш гирифтем ва,* ***бе он ки*** *ба якдигар сухане гӯем, ҳар кадомамон ба ҳуҷраи худ рафтем* [1,159].

Ҷумлаҳои пайрави пуркунанда «***ки*** *барои фаҳмидани оқибати кор боз бо он гурӯҳи ваҳшиён пештар равем*», пайрави сабаб ***бинобар ин*** *аз он ҷо, аз он намоиши фоҷиабор ҷудо шуда бо паскӯчае роҳи* манзили *худ пеш гирифтем»,* пайрави тарзи амал « ***бе он ки*** *ба якдигар сухане гӯем*» низ муносибати пайиҳамзамонӣ дида мешавад.

Ҳар ду ҷумлае, ки мо баррасӣ намудем, ҷумлаҳои мураккаби тобеи **сертаркиб** маҳсуб мешаванд, чунки се ё

зиёда ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқро дар бар мегиранд. Ин гуна ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои мураккабе, ки аз ду ҷумлаи сода ташкил ёфтаанд, бо як қатор хусусиятҳояшон фарқ мекунанд (тарзи ҷой гирифтани ҷумлаҳои сода, воситаҳои алоқа, муносибатҳои ҷумлаҳои сода). Ҷумлаҳои мазкури асар ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаҳои пайравашон силсилавор, яъне яке ба дигаре тобеъ мансубанд.

Дар ҷумлаи дигари нависанда дар ҷойи аввал сарҷумла ва баъд аз он ҷумлаҳои пайрав пайи ҳам омада, фикри гӯяндаро хеле равшан ва пай дар пай баён мекунанд:

***Маро тоқати он набуд, ки*** *бо Пирак рӯ ба рӯ шавам,* ***чунки*** *аҳволи ӯ аз ҳад фузун аламангез буд,* ***бинобар ин*** *ба маросими таъзиярасонӣ ба сари хок нарафтам ва дар дили худ қарор додам,* ***ки*** *баъд аз як ҳафта ё даҳ рӯз,* ***ки*** *ӯ қадре таскин ва тасаллӣ ёбад, пеши ӯ рафта изҳори ҳамдардӣ хоҳам кард* [1,316].

Яъне, дар мисоли мазкур баъд аз сарҷумла «Маро тоқати ***он*** набуд» ҷумлаи пайрави мубтадо « ***ки*** бо Пирак рӯ ба рӯ шавам», ҷумлаи пайрави сабаб ***«бинобар ин*** ба маросими таъзиярасонӣ ба сари хок нарафтам ва дар дили худ қарор додам», ҷумлаи пайрави пуркунанда ***«ки*** баъд аз як ҳафта ё даҳ рӯз... пеши ӯ рафта изҳори ҳамдардӣ хоҳам кард» ва дар байни ин ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави ҷумлаи пайрави муайянкунандаи ҳолӣ «***ки*** ӯ қадре таскин ва тасаллӣ ёбад» омадааст. Як хусусияти ҷолиби диққати ҷумлаи мазкур дар он аст, ки ҷумлаи пайрави муайянкунандаи ҳолӣ ҷумлаи пайрави дигарро ба ду қисм ҷудо кардааст.

Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеи устод Садриддин Айнӣ ҷумлаҳои пайрав яке сарҷумларо ба ду қисм ҷудо намудааст ва дигаре аз рӯйи анъана пас аз сарҷумла омадааст. Ба монанди:

***Мирҳайдар**, **гӯё** забони булбулро медонист, **суханони ӯро мефаҳмид ва дилаш мехост**, ки ба гуфтаи булбул амал кунад* [1, 167].

Дар ин ҷумла сарҷумла « ***Мирҳайдар** … **суханони ӯро мефаҳмид ва дилаш мехост***» буда, «***гӯё** забони булбулро медонист*» ҷумлаи пайрави монандӣ аст, ки дар байни сарҷумла омадааст, ҷумлаи пайрави пуркунандаи « *ки ба гуфтаи булбул амал кунад*» пас аз сарҷумла ҷойгир шудааст.

Дар аксари ҷумлаҳои мураккаби тобеи осори нависанда аввал сарҷумла, сипас ҷумлаҳои пайрав ҷойгир шудаанд. Чунончи:

*“Аркони давлат” қарор доданд, **ки** ин ду ҷазо якбора иҷро карда шавад, **то ки** иҷрои онро дар кӯчаҳои шаҳр дар вақти гардиш додани гунаҳгор ҳамаи аҳолӣ дида тавонанд* [1,153].

Дар ҷумлаи мазкур сарҷумла «*”Аркони давлат” қарор доданд*» дар аввал омада, ҷумлаҳои пайрави пуркунанда « ***ки** ин ду ҷазо якбора иҷро карда шавад*» ва мақсад «***то ки** иҷрои онро дар кӯчаҳои шаҳр дар вақти гардиш додани гунаҳгор ҳамаи аҳолӣ дида тавонанд*» пас аз он ҷойгир шудаанд.

Дар асари «Одина» устод Айнӣ (нашри соли1960 бо хати арабиасос) бо як ҷумла табиати кӯҳистонро хеле пуробуранг тасвир кардааст:

*Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон бо вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб мавҷ мезад, мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое, **ки** ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасонданд, **лекин** ин гуна сангҳо бо вуҷуди нотарошидагӣ, **азбаски** ба сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд, дар ҳусну зебоии сабзазор меафзуданд, **агарчи** барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд, **вале** қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар*

*накарда буданд,* ***ки*** *ин ҳол ба чашми бинанда олами дигареро ҷилвагар мекард.* [*4,7*].

Таҳлили ин ҷумла нишон дод, ки он ҷумлаи мураккаби омехта буда, ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи "***ки*** *ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд*", ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб ***"азбаски*** *ба сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд",* ҷумлаи пайрави хилоф ***«агарчи*** *барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд*», ҷумлаи пайрави натиҷа "***ки*** *ин ҳол ба чашми бинанда олами дигареро ҷилвагар мекард"* дар таркиби он омадаанд. Ҷумлаҳои пайрави "*мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое ... халал мерасонданд"*, "***лекин*** *ин гуна сангҳо бо вуҷуди нотарошидагӣ ... дар ҳусну зебоии сабзазор меафзуданд*", "***вале*** *қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд*" бо алоқаи пайваст ба сарҷумла алоқаманд шудаанд. Бояд зикр намуд, ки дар нашрҳои пешинаи китоби "Одина" (1938 бо ҳуруфоти лотинӣ, 1949, 1958, 1960 бо хатти арабиасос) он ҷумлаи том аст, аммо, мутаассифона, ҷумлаи мазкур дар нашрҳои минбаъда (1969, ... 2016) ба ҷумлаҳои сода ҷудо карда шудааст, ки ин хосси услуби нависанда дар тасвири табиат нест.

Баъзе ҷумлаҳои нависандаро бояд аз ҷиҳати корбурди пайвандакҳои тобеъкунанда, ки воситаи асосии алоқаманд намудани ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла мебошанд, баррасӣ намуд. Масалан, дар ҷумлаи зерин таркиби ***ба болои ин ки*** аз рӯйи вазифа ва тобиши маъноӣ пайвандаки ***ба замми ин***ро иваз намудааст. Чунончи:

*Писаронашон бошанд,* ***ба болои ин ки*** *аз хешовандони худашон зан мегиранд, боз духтарони муриду мухлисонашонро ҳам ... ҳамхобаи худ мекунанд* [*2,380*].

Дар ҷумлаи дигар устод Айнӣ пайвандаки ***бо он ки***ро, ки хеле камистеъмол аст, истифода бурдааст:

*Лекин ман аз корҳои “Худои Бухоро” (генерал-губернатори Туркистон) он қадар хушнуд нестам, зеро, **бо он ки** ... шуҳрат дорад, “Худои мамлакати мо” азламуззолимин (золимтарини золимон) шуда баромад* [*3,385*].

Ногуфта намонад, ки дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ пайвандаки тарзи амали ***бе он ки*** омадааст, аммо пайвандаки ***бо он ки*** дар ин сарчашмаҳои илмӣ ба қайд гирифта нашудааст. Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавқеи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар осори Садриддин Айнӣ мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Ҷумлаҳои мураккаб, алалхусус ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар осори нависандаи забардаст хеле фаровон истифода шудаанд, ки ин аз маҳорати баланди ҷумлаороӣ, диди навоварона ва забондонии устод Айнӣ шаҳодат медиҳад;

2. Дар баъзе ҷумлаҳо пайвандаки тобеъкунандаи ***ки*** якчанд маротиба истифода мешавад, аммо аз ин ҳусни баён коста намегардад ва дар натиҷа услуби хосси адиб аён мегардад;

3. Аксари ҷумлаҳои устод Садриддин Айнӣ, ки аз якчанд пайвандакҳои тобеъкунанда фароҳам оварда шудаанд ва ҷумлаҳои гуногуни пайравро бо ҳам муттаҳид мекунанд, сабки махсуси нависандаро нишон медиҳанд. Устод Айнӣ ба ин васила тавонистааст, ки фикрҳои мураккабро дар қолаби як ҷумла ғунҷоиш диҳад, бахусус чунин падида дар тасвири табиат ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, дар осори нависандаи забардаст устод Садриддин Айнӣ мавқеъҳои гуногуни корбурди сарҷумла, ҷумлаҳои пайрав ва пайвандакҳои дохили он хусусияти услубӣ доранд, ки он ҳам дар доираи қоидаҳои наҳви забони тоҷикӣ ва мувофиқи меъёри забони адабии тоҷик сурат гирифтааст.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Айнӣ Садриддин. Ёддоштҳо. Ҷилди 4. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ.,1954, -426 с.
2. Айнӣ Садриддин. Ёддоштҳо. Ҷилди 6. - Душанбе: Нашр.дав.тоҷ., 1962, - 476 с.
3. Айнӣ Садриддин. Ёддоштҳо. Ҷилди 7. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ., 1962, -482 с.
4. Айнӣ Садриддин. Одина (повест).- Душанбе: Адабиёти бачагона., 2016, -176 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе: Дониш, 1989, -224 с.

* * * * *

***М.Э. ЯХШИБОЕВА-***
***н.и.п., омӯзгори кафедраи***
***забони тоҷикии ДСРТ***

# МУХОТАБ ДАР ОСОРИ АДАБИИ С. АЙНӢ

С.Айнӣ яке аз симоҳои барҷастаи адабу фарҳанги ҷаҳон мебошад. Мактаби эҷодии С. Айнӣ дар ташаккули усул ва равияи нави инқилобии адабиёти шӯравӣ ва халқҳои Шарқи хориҷӣ таъсири чашмгире гузоштааст.

Поягузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Ҷумхурии Тоҷикистон, олим, нависанда, академик ва аввалин президенти АИ ҶТ буда, мавзӯи асарҳои ӯ бештар таърих ва бобҳои қаҳрамононаи замонҳои гузашта мебошанд, вале он асарҳои С. Айнӣ бо замони муосир зич алоқаманд ҳастанд. Мавзӯъҳои мураккабе, ки дар саҳифаҳои очерк ва повесту романҳои Айнӣ бо тақдири халқ ва задухӯрдҳои намояндагони ҳамон давра вобастагӣ доранд, аз нуқтаи назари методи реализми сотсиалистӣ баррасӣ гардидаанд. Ӯ бо осораш нишон дод, ки халқ, манфиати халқ, заковат ва хирадмандии халқ маънии бузурги эҷодиёти нависанда мебошад.

Мазмуну муҳтавои осори С.Айнӣ бештар дар пояи далелҳо ва рӯйдодҳои воқеӣ бунёд ёфтааст ва нависанда ба қаҳрамононе рӯй меоварад, ки дар роҳи дастёфтан ба мақсадҳои худ дар ҷомеа, дар байни мардум кору пайкор мекунанд ва аз ин рӯ осораш саршор аз муколаммаҳои гуногуне мебошанд, ки дар ҳаёти воқеӣ рух медиҳанд. Дар ин муколаммаҳо ду тараф ширкат дошта, гоҳо яке аз онҳо мавриди муроҷиату хитоб қарор мегирад. Аз ин рӯ мухотаб дар осори нависанда, ки ҳанӯз дар забоншиносӣ яке аз мавзӯъҳои таҳқиқнашуда боқӣ мемонад, мавқеи муҳим пайдо кардааст.

Мухотаб шахси муроҷиатшуда аст, бинобар ин бо исми шахс ифода мегардад ва муроҷиати мутакаллимро ба мусоҳиб мефаҳмонад. Мухотаб баробари ифодаи муроҷиат ва хитоб тобишҳои зиёд дорад, ки онҳо аз мундариҷаи фикри баёншаванда падид меоянд. Гӯянда аксар вақт бо мақсади ҷалб намудани диққати мусоҳиб бо ёрии мухотаб ба вай муроҷиат мекунад:

-Ака-Ҳамроҳ, чоятон хунук шуда монд, хӯрда пиёларо холи кунед; Ака-Ҳамроҳ, ба шумо чй шуд, магар хобатон омад?

- Ака-Ҳамроҳ, астағфирулло гӯед, ба ҷаноби олй забон нарасонед [3, 568].

Дар мисоли аввал муроҷиат бо мақсади огоҳ намудан, дар мисоли дуюм — танбеҳомез ва дар мисоли сеюм таҳдидомез ифода ёфтааст.

Мухотаб муроҷиат ё хитобро фаҳмонад, дар аввали ҷумла меояд. Дар мобайн ё охири ҷумла барои ифодаи ягон ғарази ниҳонии гӯянда хизмат мекунад: **- Биёед,** бубинед, ки ин чӣ ҳол аст! – гуфт Арбоб

- Чӣ гап, чӣ гап шудааст, - гуфта аҳли деҳа мепурсиданд, Арбоб:

**-Бинед,** худ бубинед, ки чӣ шудааст, яъне шумо кардед, бояд худатон дуруст кунед! – гӯён мақсади худро равшан накарда онҳоро ба хонаи худ овард [4. 16-17].

Дар осори манзуми устод С.Айнӣ мухотаб ҷойгоҳи хоса дорад.

Фикр дар ҷумла хитобан ифода ёфта бошад, мухотаб чун воситаи таъкиди мундариҷаи умумии ҷумла, қувват додани лаҳни нутқ ва ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон хизмат мекунад. Нидои шакли хосаи феъл (бод, бодо) низ ба он кӯмак мерасонад. С.Айнӣ дар ин мисраъҳои шеъраш ва халқи ситамкашро ба муборизаи зидди истибдод даъват кардааст:

***Эй ситамдидагон, эй асирон!***
*Вақти озодии мо расид,*
*Муждагонӣ диҳед,* ***эй фақирон!***
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид! [4, 59].*

Мухотаб агар хитобан гуфта шуда бошад, даъватро мефаҳмонад:

*Хезед,* ***эй гурӯҳи ситамдидагон****, ба азм!*
*Дар рӯзгори кӯҳна кунед Инқилоби сурх!*
*Резед хуни душмани синфи худ чу шер!*
*Аз дида буздилона чӣ резед оби сурх! [1,4 ].*

Ифодаи муроҷиат, оҳанги гуфтор, ҷои мухотаб дар ҷумла ғарази аслии гӯянда ва муносибати ӯро ба фикр ва шахси муроҷиатшударо ошкор месозад. Эҳтироми мутакаллим нисбат ба мусоҳиб ё, баръакс, муносибати нописандона ва таҳқиромезонаи вай аз он аён мегардад, ки муроҷиат чӣ тарз ифода ёфтааст: зикри унвон, мансаб, калимаҳои ифодакунандаи дӯстиву рафоқат, хешу таборӣ аз муносибати неку самимонаи гӯянда нисбат ба мусоҳиб огоҳӣ медиҳад: **«Эй, сарбозони Бухоро! Эй, фарзандони деҳқонони меҳнаткаши Бухоро!** Донед ва огоҳ бошед, ки рӯзи вопасини амир расидааст, қасраш вайрон, аркаш ба замин яксон, бахту рахташ сарнагун, тоҷу тахташ пурхун хоҳад шуд. Шумо ба тарафи аскарони сурх, ки ёридиҳандагони мо ҳастанд, тир наандозед…[3, 254].

**-Э, меҳнаткашони Бухоро! Э, деҳқонони Бухоро!** Рӯзи озодӣ, рӯзи хушбахтӣ, рӯзи саодат ва рӯзи фирӯзии шумо расид, шумо анқариб аз зулме, ки садҳо сол боз мекашидед, халос хоҳад шуд…

Зинда бод меҳнаткашони Бухоро! Зинда бод фирқаи болшевикӣ! Зинда бод ҳукумати шӯроӣ! Нест бод амир ва ҳукумати амирӣ!» [3, 254].

Номи мусоҳибро тоқ гирифтан, бо лаққаби таҳқиромез ном бурдан, бо нидоҳои «ҳой», «ҳуй», «у-у» муроҷиат кардан нишонаи нописандӣ, бадбинӣ, таҳқир ва кинаву адовати гӯянда аст нисбат ба шахси муроҷиат шуда:

**-Уй, Арбоб!** Ман яқин медиҳам, ки писарамро худат кушта, ба кадом дара гурондаӣ!; **-Ой буз,** ба ман нигоҳ кун! Яке аз он даюсҳое, ки ман гуфтам, ту ҳастӣ [4, 29].

Мухотаб дар ин гуна ҳолатҳо баробари ифодаи шахси му- роҷиатшуда, сифатҳои маънавии ӯро низ дар бар мегирад. Дар услуби бадеӣ чунин мухотабҳо барои пурратар намудани характеристикаи маънавии қаҳрамонҳои асар ва равшан нишон додани муносибати одамон васеъ истифода бурда мешаванд: **- Бибиҷон!** Беҳуда худро ба андӯҳу алам наандоз! Ман дар ҳақиқат бемор нестам, лекин барои халос кардани худ аз дасти ин ҷаллодон тадбире андешида худро бемор нишон додам [4, 22].

**- Бибиҷон!** Ҳеҷ ғам нахӯр, агар ман зинда аз ин диёр ба саломат биравам, дар андак муддат соҳиби молу коло шуда ба хизмати ту пас хоҳам омад [4, 23].

Бо ёрии мухотаб эҳсосоти лирикии нависанда табий ва барҷаста ифода меёбад, бинобар ин дар назм яке аз воситаҳои муҳимтарини саҳвии тасвир ба шумор меравад. Бо исмҳои беҷон ё ҷондори ғайриинсон ифода ёфтани мухотаб дар шеър маҳз барои ифодаи эҳсосоти саршори нигоранда хизмат мекунад.

***Эй кафтари** мулки Ҳирот, дигар мапар!*
*Абдураҳмон сардор он ҷо гузар кардааст [6, 35].*
*Токро сероб кун, эй абри найсон, дар баҳор!*
*Қатра то май метавонад шуд, чаро гавҳар шавад?! [6, 38]*

Дар гуфтугӯ ва услуби бадеӣ мухотаб барои ифодаи навозиш, меҳру муҳаббати мутакаллим нисбат ба шунаванда ба кор бурда мешавад. Дар ин маврид ба номи

шахс пайвастани суффиксҳои хурдиву навозиш, тавсифоти меҳрангез ва такрори мухотаб ба мушоҳида мерасад:

**-Ҳа, балоча!** Ту дар ин ҷоҳо чӣ кор мекунӣ**? [**5, 39]

Мухотаб дар услубҳои муошират, бадеӣ ва дар музокироти расмию ғайрирасмӣ маъмул аст. Дар назми классикӣ ва муосири форсу тоҷик зимни санъати ташхис дар вазифаи мухотаб кор фармуда шудани исмҳои беҷон (гул, моҳ, хуршед, сабо, насим, осмон, само, дил, чон, ватан ва ғайра) ё ҷондори ғайриинсон (булбул, тӯтй, ғизол ва амсоли инҳо) мушоҳида мешавад.

*Эй бод, расон бар қадамаш мултамаси ман!*

*Шояд шавад ин лутфи ту фарёдраси ман! [6, 38]*

Бо калимаҳои «рафиқ», «устод», «муаллим» («муаллима»), «ҳазрат», «ҷаноб» ё бо насаб (номи худ ва номи падар) мурочиат намудан ба гуфтор ранги расмият медиҳад.

**- Ҷаноби ноиб!** Як тӯб чит ҳаққи ҳалоли шумост, ғайр аз ин, як ҷуфт кафшу як рӯймоли фарангӣ ҳам аз Одина гирифта ба шумо медиҳам, коре кунед, ки Одина аз дасти Арбоб Камол раҳоӣ ёбад [4, 75].

Мухотаб бо хелҳои исм омада чунин тасвир шудааст:

-**Ака-Ҳаким**, имсол коратон чй тавр аст, қар шуда бо - зору ҷонатон намонда гаштед? [7, 177]. 2. Як ту не, **бародар**, ҳар яки онҳо камбағалони қишлоқ нони хӯрдан надоранд.

**-Домулло**, дар ҳаққи Оданаи ман дуо кунед ва дуои шумо дар ҳаққи вай, албатта, қабул аст, гуфт [4, 73].

Ту ҳақ надорӣ, бо кори шариат забонрасонӣ кунӣ,- гуфтан мехост ба мӯйсафед дарафтад. Арбоб ба мобайн даромада гуфт:

**-Домулло**, ин гапҳо ба ин ҷо дахл надорад, биё, мон! Ислоҳи корро бинем.

-Хуб, хуб,-гӯён хомӯш монд…… [4,18].

Дар асарҳои С.Айнӣ тобишҳои гуногуни мухотаб бо ҷилваҳои рангини худ дар назар аён гардидааст. Инҳо

калима ва ё ибораҳое мебошанд, ки барои ифодаи муроҷиат ва ҷалб намудани диққати мусоҳиб оварда ба кор рафтаанд.

Ҳамин тавр, С. Айнӣ ҳаяҷону эҳсосоти худро дар асарҳояш тасвир карда, рангу об дода, бо шакли мухотаб бо мо расонидааст, ки ин яке аз масъалаҳое муҳиме дар шинохти забон ва сабки асарҳояш мебошад. С.Айнӣ осорашро бо тобишҳои гуногуни истифодабарии мухотаб ва ҷилваҳои рангини худ ва бо нозукиҳояш офаридааст.

**Адабиёт:**

1. Бобоев Ю. И. Садриддин Айнӣ. - Душанбе. 1968, -36с.
2. С. Айнӣ. Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Маориф, 1958, -568с.
3. Айнӣ С. Куллиёт. Дохунда - Душанбе: Маориф, 1981. – Ҷ.2. -524с.
4. Айнӣ С. Повести «Одина» - Душанбе: Адабиёти бачагона. 2016, -176с.
5. Айнӣ С. Ёддоштҳо –Сталинобод. Нашри давлатии Тоҷикистон. 1981. Қ 2, - 1949, -271с.
6. Норова И. Мухотаб ва калимаю ибораҳои туфайлӣ дар забони адабии тоҷик. – Сталинобод. 1961,- 91с.
7. Ҳошимов С., Ғафоров Р., Б.Камолиддинов. Услубшиносӣ синфи 10-11.- Душанбе. Маориф. 1995, -191с.

* * * * *

***С.И.САЛМОНОВА - омӯзгори кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳӣ- металлургии Тоҷикистон***

# АЙНӢ ВА РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Асарҳои нависандагони намоёни тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ барои ҷавонони мо дар роҳи ба

вуҷуд овардани адабиёти миллӣ ҳамчун сармашқ метавонад хидмат намояд. Яке аз ин нависандагони намоёни тоҷик Садриддин Айнӣ мебошад, ки саромади адибони худшинос ва тарғибгари руҳи миллӣ, зиндакунандаи адабиёту таъриху фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик дар асри гузашта ба ҳисоб меравад. Хидмати бузурги ӯ барои миллати мо буд, ки пас аз истиқлол аввалин шуда ба ӯ унвони Қаҳрамони Тоҷикистонро арзонӣ доштанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш бо мулоқот бо зиёиёни кишвар дар бораи замони зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамонона ва фидокоронаи фарзандони барӯманди миллат, ки устод Айнӣ аз ҷумлаи онҳост, чунин изҳор намуд:

"Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллие ба миён омад, ки бо номи Садриддин Айнӣ ва дигар фарзандони миллатдӯсти тоҷик алоқаманд аст, ки онро метавон ҳаракати шуубияи даврони Шӯравӣ номид".

Дар он солҳои пурошӯб, ки мактабҳои нав дари худро ба рӯи наврасону бузургон боз мекард, ҳар касе ҳам майли омадан ба мактабҳои навро намекард. Устод Айнӣ дар ғазали худ ин пиндорҳоро рад мекард. Мардумро ба сӯи мактаб даъват менамуд ва таъкид медошт, ки мактаб барои миллат ва инсонҳо саодату хушбахтӣ меоварад. Мактабу маориф дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошт ва ин вазъияти ноҳинҷор дар ҳикояи "Мактаби кӯҳна"-и устод Айнӣ басо везеҳу равшан ифода ёфтааст. Деҳаи Соктаре (зодгоҳи нависанда), ки дорои 300 хонавор буда, аз калонтарин деҳоти атрофи Бухоро ба ҳисоб мерафт, ҳамагӣ як мактаби бачагона дошт ва дар он, ки аз як синфхона иборат буд, 20-25 бачаи аз 4- сола то 12- солаи деҳаи Соктаре ва баъзе деҳоти атрофи он дар дасти як мактабдор таҳсил мекарданд. Ин мактаб, чи хеле, ки

нависанда тасвир мекунад, ба оддитарин қоидаҳои омӯзгорӣ ҷавобгӯ набуд.

Таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва баъдтар Ҷумҳурии шӯроии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ боиси оҳиста- оҳиста беҳтар гардидани ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии сокинони ин қаламрав гардид.Устод Айнӣ дар ҳикояи "Мактаби кӯҳна", бо ҷанбаи пурқуввати бадеӣ ва илмию публисистии худ хонандагони имрӯзи тоҷикро бо таърихи нобасомони гузаштаи наздики ниёгон равшану возеҳ шинос менамояд ва онҳоро водор мекунад, ки дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, ба қадри ин неъмати озодӣ, ваҳдати миллӣ тинҷиву амонӣ расида бошанд ва аз худ масъулияти баланди ватандорӣ ва шаҳрвандӣ зоҳир намуда, ин ватани маҳбубро боз ҳам зеботар ба наслҳои оянда пешкаш созанд. Мактаб аз нигоҳи Садриддини Айнӣ ҷоест, ки инсон дар он асли худро, хиради худро, инсон будани худро шакл медиҳад ва месозад. Таъсиси мактабҳои нав дилу дидаи мардумро равшан намуд. Ӯ дар асари бадеии худ «Мактаби кӯҳна» тарзи қафомондаю хурофотии мактабдорирo мазаммат намуд, бо мақолаву рисолаҳои илмиаш: «Дар бораи китобҳои дарсии тоҷикон», «Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии тоҷикон», иштироки бевосита дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дахолати фаъолона ба раванди таълиму тарбия саҳми намоёни худро дар эҳёи ин соҳа низ гузошт.

Барҳақ, устод Айнӣ бо як хушҳолӣ ва илҳоми тоза гуфтааст:

*Мактаб сабаби ҳаёт бошад,*
*Мактаб сабаби наҷот бошад.*
*То дар ду ҷаҳон азиз бошӣ,*
*Бодонишу ботамиз бошӣ.*

Маҳз мактаб калиди ганҷеро ба дасти мо медиҳад, то дари иқболро боз намоем. Мо бояд ба қадри он бирасем

ва баҳри ободии он саъю талош варзем, ки фардои дурахшони ҳар як шахс аз ҳастии таълимгоҳ маншаъ мегирад. Мо омӯзгорон ва волидайн бояд, имрӯз барои фарзандони худ дар бораи асарҳои нависандагони намоёни тоҷик, ки яке аз онҳо Садриддин Айнӣ мебошад, мисолҳо оварда, онҳоро барои дар оянда ба халқу ватани худ саҳми арзанда намудан раҳнамоӣ кунем. Мактаб макони илму маърифат, фарҳангу адаб ва донишу хирад аст. Ҳама дастпарварони мактабанд, ки замоне чун тифлакони аз ақлу хирад дур дар остонааш қадам гузошта, аз он бузург гардидаанд. Мактаб гулшани ҳамешабаҳорест, ки рангу тароват ва гулҳои зиннатбахши он илму фарҳанг, одобу маърифат ва фазлу камоли инсонист.Тамоми он осору дастовардҳои фарҳангие, ки имрӯз мо дорем, маҳсули заҳмат ва эҷоди фарзандони барӯманди миллат ҳастанд, ки бо забони ноби тоҷикӣ асарҳо менавиштанд ва имрӯз симои фарҳангии миллати моро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд. Яке аз онҳо романи “Дохунда” мебошад, ки С. Айнӣ онро соли 1930 ба анҷом расонидааст. “Дохунда” нахустин роман дар таърихи адабиёти шӯравии тоҷик мебошад. Роман муҳимтарин масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар бар мегирад. Образи Гулнор ва Ёдгор дар романи “Дохунда” бо ҳам пайвастагии қавӣ доранд. Ин ду қаҳрамон, ки мақсаду маромашон як аст, дар ҳар лаҳза ба ёрии якдигар мекӯшанд ва саъй мекунанд, ки ҳақиқатро дарёбанд, ба бечорагону бенавоён дасти ёрӣ дароз кунанд.

Образҳои Гулнору Ёдгор симои халқро таҷассум мекунанд.

Ёдгор образи одами нав аст, образи фарзандони халқи тоҷик, ки барои некуаҳволии халқи хеш фидокориҳо кардаанд. Ёдгор марди ҷасур, поксиришт, ҳалолкор ва матинирода буд, ки барои амалӣ намудани мақсади хеш аз ҳеҷ гуна хавфу хатар наметарсид. Ӯ аз мушкилиҳои

зиндагӣ руҳафтода нашуда, сабақ меомӯхт. Ёдгор дар зиндон аз як марди инқилобӣ, ки номаш Абдуллоҳоҷа буд, бисёр нуктаҳои норавшанро мефаҳмад. Пас аз озодӣ аз зиндон Ёдгор бе ҳеҷ шубҳаю дудилагӣ хешро ба сафи инқилобиён мезанад.

Хамин тариқ, Ёдгор ва Гулнигор - ин ду қаҳрамони асосии “Дохунда” дар насри шӯравии тоҷик, бунёдкорони ҳаёти замони наванд. С. Айнӣ тавассути ин образҳо пирӯзии дунёи навинро бар дунёи феодалӣ нишон додааст.

Аҳамияти романи “Дохунда” дар он аст, ки С. Айнӣ бо симоҳои офаридаи худ ҷавононро барои ба мушкиливу сахтиҳо тобовар будан, ба бечорагону бенавоён дасти ёрӣ дароз кардан раҳнамоӣ мекунад. .

Фарзандони фарзонаву шоистаи Ватан муттакои ҳамдигаранд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хирад ва фазилати устод Айниро шинохт ва қадрдонӣ кард. Хидмати бузурги ӯ барои миллати мо буд, ки бо ташаббусу иқдоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пас аз истиқлол аввалин шуда ба ӯ унвони Қаҳрамони Тоҷикистонро арзонӣ доштанд. Зиндагӣ ва корнамоиҳои устод Айнӣ гувоҳӣ он аст, ки ҳастии як миллатро на фақат силоҳу зӯри бозу ва марзҳои мустаҳкаму сарбозонаш нигоҳ медоранд, балки хирад, фарҳанг, илму дониш ва маърифати баланд низ метавонанд дар баробари силоҳ нигаҳдор ва пуштибони ҳувияти як халқ бошанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлолу мо бо рангу ҷилои нав медурахшад ва аз шӯълаи ҳаётбахши он рӯзгори мо мазмуну таровати тоза ва осоишу баракати рӯзафзун пайдо карда, шаҳру деҳот, водиҳои сарсабзу хуррам ва қуллаҳои сарбафалаккашидаи кишварамон ғарқи нури истиқлол мебошанд.

Тамоми ҷабҳаҳои зиндагии имрӯзаи Ватан маҳз бо иқдоми шарафмандонаи нависандагони намоёни тоҷик ва Президенти кишвар рӯ ба рушд ҳастанд. Ҳар як фарди

бохирадро зарур аст, ки ба монанди Садриддин Айнӣ новобаста аз мавҷудияти камбудию душвориҳои муваққатии зиндагӣ ба қадри суботи ҷомеа, тинҷию оромӣ расида, баҳри тақвият бахшии ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошад ва дар ободонию рушди иқтисодию иҷтимоии Ватани хеш фаъолона ширкат намояд.

**Адабиёт:**

Садриддин Айнӣ. Мактаби кӯҳна. – Душанбе: Адиб, 2016 с.

* * * * *

***Гулҷаҳон ҶИҲОНОВА* - унвонҷӯи ДМТ, омӯзгори кафедраи амалия ва методикаи таълими забон ва адбиёти тоҷики ДДҚ ба номи Носири Хусрав**

# СОХТОРИ ИСМҲОИ МУРАККАБ ДАР ПОВЕСТИ "МАРГИ СУДХӮР"-И САДРИДДИН АЙНӢ

Насри бадеии устод Айнӣ басо ғанӣ ва рангин буда, диққати олимону муҳаққиқони забоншиносу адабиётшиноси зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Хусусиятҳои услубӣ, лексикӣ, морфологӣ, синтаксисии асарҳои устод Айнӣ аз тарафи забоншиносон Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Ҳ. Ҳусейнов ва дигарон мавриди тадқиқотҳои илмӣ қарор гирифтаанд. Вале бо ин ҳама тадқиқотҳо осори гаронбаҳои ин нобиғаи нотакрор садҳо пажӯҳишҳои навро хоҳон аст, зеро "забон"-е, ки устод С. Айнӣ аз он васеъ истифода кардааст, забонест, ғанӣ ва қудратманд, ки тамоми эҳтиёҷоти ҳамарӯзаи

ҷомеаро қонеъ гардонида метавонад ва ҳамеша дар ҳолати такмилу инкишоф қарор дорад.

Забон ва услуби устод Айнӣ дар ҳар як давраи муайяни эҷодӣ хусусияти ба худ хос дорад. Аз ин ҷост, ки эҷодиёти устод аз як асар то асари дигар ба дараҷаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ дар инкишофи забони ҳозираи тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Осори насри безаволи нависанда ба таърихи гузаштагони мардуми тоҷик бахшида шудааст, ки нависанда сарвати забони адабии тоҷикӣ ва қонуну қоидаҳои сохта шудани калимаю ибораороиро бо як маҳорати беҳамто истифода намудааст. Устод Айнӣ роҳу усулҳои калимасозию таркибсозӣ, ибораороӣ, ҷумлабандӣ, ифодаи образҳо, ифодаи воситаҳои тасвири адабии муассир, равшан нишон додани тасвири воқеаву ҳодисаҳоро устокорона ва мавридсанҷона ба кор бурдааст. Ҳар як калима дар осори нависанда ба ҳодисаву воқеаи таърихӣ алоқамандӣ дорад. Аз ин сабаб, омӯзиши осори нависандагону шоирон аҳамияти хоссе дорад. “Вобаста ба маҳорати фардии шоирону нависандагон калимаҳо дар шаклҳои гуногун барои ифодаи маъноҳои нозук корбаст мешаванд, ки омӯзиши хусусияти забонии ин шаклгириҳо басо муҳим ба шумор меравад” [7, 17].

Мақолаи мазкур ба таҳлили сохтори калимаҳои мураккаби исмӣ дар повести “Марги судхӯр”-и С. Айнӣ бахшида шудааст, ки устод Айнӣ яке аз нобиғаҳое мебошад, забони осораш басо ҷолибу рангоранг ва дилнишину ҷаззоб аст.

Сермаҳсултарин тарзи калимасозӣ дар забони тоҷикӣ навъи мураккаби исмҳо ба ҳисоб меравад. Ҳақ бар ҷониби забоншинос С. Ғаниева мебошад, ки гуфтааст: “.... ин ё он калимаи мураккаб худ аз худ пайдо нашудааст ва онҳо ҳаргиз натиҷаи ба таври механикӣ ба ҳам махлут шудани калимаҳои алоҳидаи мустақилмаъно нестанд. Вай дар

ҷараёни ташаккули худ бо дигар воҳидҳои грамматикӣ пайванди занҷирӣ ва алоқаи ногусастанӣ дорад” [4,15].

Забоншинос С. Ҳошимов мегӯяд: «Усули калимасозии мураккаб аз роҳҳои маъмултарину мураввaҷтарини ба амал омадани калимаҳои нав дар таърихи забони адабии тоҷик ба шумор меравад. Ин тарзи калимасозӣ аз давраҳои пешин ташаккул ёфта, минбаъд мураввaҷ гардидааст… Дар ташаккули ин қабил вожаҳо мавқеи ҷузъҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ калон мебошанд» [8, 90].

Исм низ ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ тарзҳои гуногуни калимасозӣ дорад ва аз дигар ҳиссаҳои нутқ бо калимасозии худ фарқ мекунад. Дар исм усулҳои зерини калимасозӣ мушоҳида мешавад: 1) морфологӣ, ки бо ду восита ба амал меояд: а) бо пасванд б) бо пешванд; 2) синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад: а) васлшавии калимаҳо б) тарзи омехта; 3) морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ; 4) луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб; 5) луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст; 6) ихтисора [5, с. 95-96].

Аз нигоҳи муҳаққиқон калимасозии исм дар забони тоҷикӣ бо ду роҳи морфологӣ – *пайваст ва тобеъ* сурат мегирад. [6, 96].

Ба тарзи тобеъ таркиб ёфтани калимаҳои мураккаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик яке аз роҳҳои асосӣ ва сермаҳсули қолаби калимасозӣ ба шумор меравад. Калимасозии навъи тобеъ як гурӯҳи басо бузурги калимаҳои мураккаб мебошад, ки як ҷузъ ба ҷузъи дигар тобеъ аст ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ таркиб ёфта, дар забон хеле серистеъмоланд. Дар ҳамин замина, сохтори семантикии калимаҳои мураккаби исмиро дар повести “Марги судхӯр”-и С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст. Калимаҳои мураккаби навъи тобеъро вобаста

ба сохторашон ба қисматҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Исм+исм.** Яке аз қолабҳои исмсози навъи калимаҳои мураккаби тобеъ мебошад, ки қолаби сермаҳсули калимасозии навъи тобеъ ба ҳисоб меравад. Қолаби мазкур дар повести устод Айнӣ низ ба таври фаровон истифода шудааст. Бо истифода аз ин қолаб исмҳои ифодакунандаи шахс, предмет ва исмҳои маънӣ сохта мешавад: *мӯйсар (5), мӯйлаб (8), гулқанд (16), сармоя (16), муллобача (18), шарикдарс (18), лойшакар (20), калламанора (22), машкоб (25), чӯбкаду (28), хиштпорча (39), хасбурё (43), падарарӯс (45), кисабағал (55), сарсинф (72), хорпушт (78), заркафил (88), сангпушт (89), дастранҷ (106), деҳқонписар (124), боғбондухтар (129), сарбозбача (126), чӯбдаст (128), астаршоҳӣ (135), ҷойхоб (145), ҷойнамоз (148), қазитушбера (79), хокбозӣ (156), буҷулбозӣ (178), векселбозӣ (115), дандонхилол (31).*

....Қорӣ Исмат монанди **хорпушти** шаттахӯрда, ки сару пояшро ба дарун мекашад, кулӯлаю лӯнда шуд [1, 78]. ...лекин давидани ноиб аз давидани **сангпушт** ҳеҷ фарқ надошт, чунки ӯ ҳам монанди Қориишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери зақан ва пушти сари ӯ дамида баромада буд [1, 89].

Дар повести “Марги судхӯр”-и С. Айнӣ исмҳои зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки ҳамчун ҷузъи асосӣ ва серистеъмол истифода шуда, вобаста ба муносибаташон ба калимаи тобеъ тобишҳои зиёди маъноиро ифода мекунад. Яке аз хамин гуна исмҳо калимаи **хона** мебошад, ки ифодакунандаи макон мебошад: *меҳмонхона (25), тӯйхона (26), ошхона (34), ҳабсхона (38), соҳибхона (41), болохона (41), самоворхона (61), саисхона (61), қозихона (69), ноибхона (90), худоихона (92), мурдахона (107), зиндонхона (103), тиҷоратхона (133), беморхона (148).*

...Қориишкамба ҳамеша шиками худро аз хонаи мардум, аз хонаҳои қарздоронаш, ҳуҷранишинонаш, аз **туйхонаҳо** ва **худоихонаҳо** ва аз таомҳои сари дӯкони муомиладоронаш пур мекард... [1, 92].

2. **Исм+сифат** қолаби бемаҳсул буда, устод Айнӣ низ дар асараш ҳамагӣ дар ду калима аз ин қолаб истифода кардааст: қозикалон (20, 70,69..) ва муйсафед (63).

-Илоҳӣ ҳамаатон мударрис шавед, муфтӣ шавед, аълам шавед, охун шавед, раис шавед, қозӣ ва **қозикалон** шавед!...- гӯён дуо кард Раҳими Қанд [1, 20].

3. **Сифат+исм.** Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаби навъи тобеъ серистеъмол буда, дар повести "Марги судхӯр"-и С. Айнӣ фаровон истифода шудааст: *Қориишкамба (4,7,8,...150), ширинкор (4), пасткӯча (24), тангкӯча (26), бойбача (35), зардолу (56), зардоб (151) барзагов (92), нимайвон (41), зерсутун (88).*

-Дар ҳавлӣ оши маро "набераааш" гуфта мехӯред. Ин ошро чӣ гуна мехӯред?-пурсид **бойбача...** [1, 35].

4. **Исм+ асоси замони ҳозираи феъл.** Бо истифода аз ин қолаб қариб тамоми хелҳои исм сохта мешавад, вале гурӯҳи асосиро исмҳои ифодакунандаи шахс ташкил медиҳад. Ба кадом ихтисос ва касбу кор машғул будани шахсро ҷузъи номии калимаи мураккаб далолат мекунад. Устод Садриддин Айнӣ низ аз қолаби мазкур басо фаровон истифода кардааст, ки дар повести "Марги судхӯр" бо касбу кор ва ҳунарҳои гуногуни мардумии замони эҷоди асар ошно шудан мумкин аст: *мӯйсаргир (6), ҷанозахон (7), чинифурӯш (10), нонфурӯш (10), сандуқфурӯш (11), тоҷияфурӯш (12), чойфурӯш (12), қандфурӯш (12), танбурнафоз (18), дегфурӯш (21), маҳсифурӯш (27), кафшфурӯш (28), тамокуфурӯш (28), намакфурӯш (31), ошпаз (34), хӯшачин (35), ошхонадор (36), рангуборфурӯш (38), донафурӯш (42), нишоллопаз (56), қиморбоз (77), чӯталгир (79, тирпарон (81),*

*ривоятфурӯш (116), мурдашӯй (136), роҳзан (138), доруфурӯш (147), собунфурӯш (147), шеърхон (151).*

Қориишкамба бо **чинифурӯш** чой менӯшид, дар ҳамин вақт як **нонфурӯш,** ки ба сараш як сабад ва ба дасташ як сабади дигар пури нон буд, “гарм, дастсӯз, обаш равған, ордаш шакар, нахӯрда намонед, ки дар ҳасрат мемонед!...” гӯён аз раста гузаштан гирифт [1, 10].

Дар баробари ҳамаи ин, инчунин, бо истифода аз қолаби мазкур бо як гурӯҳ калимаҳое вохӯрдан мумкин аст, ки предмет ва дигар исмҳои маъниро ифода мекунанд: *дастмол (6), чойҷӯш (8), бодбезак (10), роҳгузар (11), сарпӯш (16), мурчхар (17), дудкаш (33), кафгир (35), арақчин (43), чилимкаш (51), ҳукмрон (52), лошахӯр (56), меросхӯр (70), ҳуҷранишин (77), даҳанбанд (90), яхнихӯр (90), аспсавор (105), тамошобин (107), аробасавор (125), гарданбанд (125).*

Ҳақиқатан ҳам аз печҳои дастори Қориишкамба, гӯё ки дар вай **дастмолҳои** дегшӯиро печонда баста бошанд, тасма-тасма чиркҳои равғанолуд намоён буд [1, 6].

.... ба руйи сандалӣ як кӯрпа буд, ки мувофиқи гуфтаи худи Қориишкамба аз **арақчини** зери полони хар фарқ надошт... [1, 43].

5**. Исм+асоси замони гузаштаи феъл**. Бо ин қолаб дар асари устод Айнӣ танҳо якчанд исмҳои маънӣ сохта шудааст: *саргузашт (20), ёддошт (20), ҷонзод (56).*

Ҳикояҳои Раҳими Қанд бештарин аз **саргузашт** ва **ёддоштҳои** худаш, аз аҳволи худаш ва ё дида ё шунидаҳояш буд [1, 20].

6**. Исм+сифати феълӣ (бо шакли –он).** Ин қолаб бемаҳсул буда, танҳо дар якчанд калимаҳо дида мешавад: гӯштбирён (67), мурғбирён (79), баррабирён (79).

Ҳар шаб ба хонаи чандин бой, ки онҳо қарздорони ӯ буданд, рафта палави хушгӯшту равған, **мурғбирён, баррабирён,** қазитушбера, ва мантура ҳар чи қадаре ки метавонист, мехӯрд [1, 79].

Навъи дуюми калимасозии морфологӣ ин бо роҳи пайваст мебошад, ки устод Садриддин Айнӣ дар повести “Марги судхӯр” ба таври густурда истифода кардааст. Қисми зиёди калимаҳои мураккаби пайваст ба воситаи миёнванди -у- , ки аз ҷузъҳои асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл таркиб ёфтаанд, сохта шудаанд. Ба воситаи миёнванди -у- исмҳои моддӣ ва маънӣ сохта мешаванд: *пурсупос (35), пурсуков (17), давутоз (75), ҷустуҷӯ (4), кофтуков (10), гуфтугузор (12) гуфтушунид (12), ҷастухез (125), рафтуой (127), додугирифт (69).*

Азбаски ҷойи нишасти ман аз ҷойи нишасти Қориишкамба дур буд, дар байни ӯ ва сандуқфурӯш чӣ **гуфтугузор** шуданро шунида натавонистам, аммо гумон мекунам, ки дар байни онҳо **гуфтушуниди** барзиёде бояд нашуда бошад. [1, 12].

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ дар повести “Марги судхӯр” аз тамоми анвои қолабҳои калимасозии морфологӣ васеъ истифода кардааст, ки бояд аз қолабҳои офаридаи нависанда барои покиза нигоҳ доштани асолати забони тоҷикӣ фоида бурд. Зеро дар осори нависанда калимаҳои сохтаву мураккаберо мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо аз хазинаи луғавии забони зинда гирифта шудаанд.

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Марги судхӯр. / С. Айнӣ. - Душанбе: Истиқбол, 2011. – 156.

2. Бобомуродов Ш. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст / Ш. Бобомуродов. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 241 с.

3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.

4. Ғаниева С. Калимаҳои мураккаб бо ҷузъи қиёсии “дил” ва таносуби онҳо бо воҳидҳои фразеологӣ/ С. Ғаниева // Паёми донишгоҳ, 1990, №1-С.14-19.

5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик/ Ш. Рустамов - Душанбе , 1972. – 223 с.

6. Рустамов Ш. Исм/ Ш. Рустамов. –Душанбе, “Дониш”,1981. 218с.
7. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби “Одина”-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 254 с.
8. Ҳошимов С. Якчанд ҷиҳати семантикии калимаҳои арабӣ дар «Дастурулмулук» // Вазифаи воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор/ С. Ҳошимов// Душанбе, 1995. –С. 141-147.

* * * * *

***Шамшоди ҶАМШЕД - докторанти PhD-и кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,***
***Давлатов МАҲМАДСАФАР - саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ***

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Масъалаҳои мактабу маориф, ақидаҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллию хештаншиносӣ ва афкори пешқадами маорифпарвариро дар осори шоирону нависандагон бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Моҳиятан, мавзӯи мактабу маориф дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаҳои хеле муҳим ба шумор меравад, зеро аз худ кардани илму дониш ва дар рӯҳияи инсодӯстию хештаншиносӣ ба воя расонидани ҷавонон маҳз аз ҳамин соҳа шурӯъ мегардад.

Яке аз он бузургон, ки дар ин боб заҳматҳо кашидааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Осори нависанда сар то сар инъикоскунандаи ҳаёти воқеии халқи тоҷик буда, мавзӯи мактабу маъориф ҳам дар назм ва ҳам дар насри ӯ дарҷ гардидааст. Ин андешаҳо дар асарҳои «Ёддоштҳо», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби кӯҳна», «Аҳмади девбанд», «Ахгари инқилоб», мақолаҳои «Акнун

навбати қалам аст», «Масъалаи маориф ва китоб», «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик» ва ғайраҳо моҳиронаю нозук, возеҳу равшан ва тавъам бо санъати баланди бадеӣ тасвир ёфтаанд.

Асосгузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, ки роҳи пуршарафи эҷодиро тай намудааст, тамоми ҳаёт ва фаъолияти серсоҳаи адабӣ ва илмии худро ба хизмати содиқонаи халқу Ватан ва дӯстию ҳамкории инсонҳо бахшидааст.

Дар ибтидои асри XX дар афкори сиёсиву ҷамъиятии халқи тоҷик дигаргуниҳои муайяне пайдо шуд. Идеали ҷамъиятии Садриддин Айнӣ дар ин марҳила хизмат кардан ба миллат бо чароғи илму маърифат ва нури каломи бадеӣ афрӯхтани роҳи мардуми ранҷбар буд ва метавон инро аз мақолаҳои «Акнун навбати қалам аст», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик» ва «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ» возеҳу равшан дарк кард.

«Устод Айнӣ, ки зиндагӣ ва эҷодиёти пурмаҳсулаш ба даврони гузариш рост омад, – қайд мекунад профессор Нуриддин Саид,–таҳиягару тарғибгар ва татбиқкунандаи ислоҳоти куллӣ – ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар зеҳни мардум буд» [5, 14]. Оре, устод Айнӣ шахсиятест, ки барои халқи тоҷик, барои миллате, ки дар саргаҳи парокандашавию нестшавӣ қарор дошт, хизмати шоён кардааст.

Яке аз асарҳое, ки дар охири умри устод Айнӣ таълиф гардидааст, «Ёддоштҳо» мебошад. Ин асар воқеаҳои таърихию сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро дар як давраи муайян дар бар гирифтааст. Дар ин миён тавсифи илму дониш ва вазъи толибилмони Бухоро низ ба таври возеҳу равшан маънидод карда шудааст. Боби «Хатмашққунӣ», ки дар қисми якуми асар ҷой дорад, бешак хонанда, хусусан, хонандаи хурдсолро барои илм омӯхтан ва ба асбобҳои илмомӯзӣ ташвиқ мекунад. Нависанда зимни ин боб аввал орзу ва ҳаваси толибилми

хурдсолро нисбат ба хатмашқкунӣ тасвир карда, хислат ва рафтори Саидакбар, ки ҳамчун муаллим бояд хатмашқкуниро меомӯзонид, ба таври бадеӣ баён кардааст. Саидакбар, ки худ хатро дуруст навишта натавониста, ба сохтакорӣ роҳ медиҳад, боиси қафомонӣ ва аз худ накардани  Садриддини хурдсол мегардад. Ба таъкиди устод Айнӣ, баъд аз анҷоми хатмашқкунӣ ҳам, натавонистааст, ки навиштани хатро ба таври хоно омӯзад ва бадхатӣ дар ӯ боқӣ мондааст.

«Ҳарчанд бо гузаштани вақтҳои бисёр, – қайд кардааст С. Айнӣ, – дар натиҷаи бисёр навиштан хатам як андоза дуруст шуда бошад ҳам, то ҳол ман бадхати гузаро ҳастам. Ин натиҷаи сохтакории муаллим аст, ки бо кирдори худ ба ман омӯхта буд» [1, 145-146]. Аз мазмуни ин боб бармеояд, ки ҳар омӯзгор дар тарбия ва камоли хонанда саҳмгузор аст. Байти зерини Саъдии Шерозӣ низ тасдиқкунандаи ҳамин фикр мебошад:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Дар ҳақиқат, рушду инкишоф ва қобилияти эҷодии хонандагон аз омӯзгорон, хусусан, омӯзгороне, ки ба таълими синфҳои ибтидоӣ машғуланд, вобастагӣ дорад. Зеро кӯдакон шабеҳи донаи гандуманд, ки ба парваришу нигоҳубин ниёз доранд, агар онҳоро хуб тарбия кардаву талаботашонро қонеъ кард, пас метавон гуфт, ки дониш ва маҳорату малакаи онҳо рушд хоҳад кард. Дар сурати ғайри ин хонандаро чун донаи гандум, ки обу неруҳо намерасанд ва сабзиш намеёбанд, пассив мегардонад.

Ақидаҳои олии инсонпарварию ростқавлӣ, омӯхтани илму дониш дар боби «Падарам» дар симои Саидмуродхӯҷа, падари С. Айнӣ, хеле олӣ тавир карда шудааст. Саидмуродхӯҷа барои фарзандаш дар баробари падар будан, инчунин муаллим буд. Ӯ дар асар шахси хирадманду дурандеш, ботамкин, соҳибмаърифат дар тарбияи фарзандаш чун идеал намоён шудааст. Аксарияти насиҳатҳои падар ба таври муколама  сурат гирифтааст.

Масалан, дар бораи шоирӣ ва шеъргӯӣ баъд аз пурсиши фарзандаш чунин мегӯяд:

– Шеъргӯӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илм як шамшер аст, агар ба шамшер одами бадро – душманро кушӣ хуб аст, аммо агар бо шамшер ягон одами оддӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест [1, 180].

Ин гуна андешаҳои инсопарварии Саидмуродхӯҷа на танҳо ба худи нависанда таъсир кардааст, балки ҷавонони имрӯзаро низ ба фикр кардан ва андеша рондан водор мекунад. Андешаи солим танҳо дар сурати доштани илму дониш ба вуҷуд меояд ва инсони донишманд дар ҳама давр саодатманду баландқадр ва соҳибмартаба буд, ҳаст ва хоҳад монд. Ба ифодаи адабиётшинос Аламхон Кӯчаров «Садриддин Айнӣ дар тарбияи меҳнатии фарзанд мавқеи волидонро баланд арзёбӣ мекунад ва ин ақидаро дар мисоли падари худ – Саидмуродхӯҷа (дар ҳикояҳои «Мактаби кухна», «Аҳмади девбанд» ва «Ёддоштҳо») тақвият медиҳад. Саидмуродхӯҷа, ки худ барои таъмини рӯзгори оила ҳамеша банди кору меҳнат буд, боз дар фурсатҳои муносиб аз бузургони сухан мисолҳо оварда, фарзандонро дар рӯҳи меҳнати ҳалол тарбия менамуд» [5, 123].

Дар боби «Мардикорӣ» низ нуктаҳои ҷолибе дар бораи қадру манзалати илму дониш баён шудааст. С. Айнӣ таъкид мекунад, ки ҳангоми дар мадрасаи Бадалбек таҳсил кардан зиндагии худро ба воситаи ҷомашӯию ошпазӣ ва дигар корҳо мегузаронидааст. Аммо вақти таътил, ки дар мадраса қариб касе намемонд, ин корҳо низ анҷом дода намешуд. Баъд маҷбур мешавад, ки ба мардикорӣ барояд. Ӯ иброз медорад, ки дар ин росто бо сабаби қобилияти хондану навиштан доштан аз кори вазнини ҷисмонӣ халос мешавад:

Он одам баъд аз ба саломи ман ҷавоб гардонидан, аз ман пурсид:

– Хат доред?

– Кам-кам менависам, - ҷавоб додам ман.

– Бисёр хуб, ин тавр бошад, шумо имрӯз дар қатори мардикорон кор накунед! Ман ба шумо як кори муносиби худатонро мефармоям, – гуфт хӯҷаин ва аз ҷояш нимхез шуда, аз тоқчаи болохона як дафтарро гирифта пеши ман гузошту илова кард:

– Шумо ин дафтарро кушода, аз як сар хонед, ман шунавам! [3, 177].

Устод Айнӣ дар идомаи сухан мегӯяд:

Ман дар хонаи он хӯҷаин се рӯз кор кардам. Ошу нонро аз ҳамон ҷо мехӯрдам ва ҳар рӯз бегоҳонӣ вақте ки корро тамом карда ба ҳуҷраам мерафтагӣ шудам, хӯҷаин ба ман ду танга музди меҳнат медод, ки дар се рӯз ба шаш танга (90 тин) соҳиб шудам [3, 180].

Мисоли оварда далел бар он аст, ки шахси маърифатнок ва соҳибилм ҳамеша муваффақ ва сарбаланд аст. С. Айнӣ, ки маорифпарвар буд, ба воситаи асарҳои худ, хусусан, «Ёддоштҳо» хонандаро ҳушдор месозад, ки бояд ҳамеша ба илмомӯзӣ машғул шаванд.

Дар «Ёддоштҳо» оид ба тарғибу ташвиқи илму дониш ва тавсифи он сухан зиёд меравад. Аз ҷумла, фаъолияти мударрисии С. Айниро метавон дар боби «Аҳволи умумиам ва машғулоти илмӣ ва адабиам дар мадрасаи Ҳоҷӣ-Зоҳид» мушоҳида кард. Дар ин ҷо нависанда дар баробари дигар паҳлуҳо дар бораи ҷавононе сухан кардааст, ки ба онҳо дар омӯзиши илм кӯмак мерасонад. Яке аз онҳо Мулло Комил ном толибилми ғиждувонӣ мебошад. Мулло Комил бинобар кундзеҳн буданаш дарсҳоро хуб намедонист ва бинобар нодориаш касе ба ӯ дар илмомӯзӣ ёрмандӣ намекард ва аз Айнӣ хоҳиш мекунад, ки ба ӯ ёрӣ расонад. Айнии ҷавон, ки сахтии рӯзгорро дида буд, аз рӯйи шафқат дар тайёр кардани дарсҳояш ба ӯ кӯмак мерасонад:

«Ман ҳам аз ҷиҳати ҳамтуман буданамон ва ҳам аз ҷиҳати бисёр қашшоқ ва аз ёрии маънавии дигарон ноумед будани ӯ, албатта, талабашро бо хурсандӣ ва ба тарзе ки дили ӯ бардошта шавад, қабул кардам» [2,54].

Насриддин Махдум ва Салоҳиддин бародароне ҳастанд, ки С. Айнӣ ба онҳо низ дар илмомӯзӣ кӯмак кардааст. Насриддин Махдум бародари калонӣ буда, назар ба Салоҳиддин хушхат ва саводи дурусте доштааст, лекин бинобар сабаби кам аҳамият доданаш ба дарсҳои мадраса дар омӯзиши баъзе масъалаҳо душворӣ мекашидааст. С. Айнӣ таъкид мекунад, ки акнун маро лозим буд, ки ғайр аз дарсҳои худ, боз се нафари дигарро барои дарстайёркунӣ ёрӣ расонам. Ҳамчунин, зикр мекунад, ки он ду бародарон ба ман ёрии моддӣ мерасонданд:

«Ин бародарон ба муқобили ёрии маънавии ман ба ман ёрии моддӣ мерасонданд: либосворӣ, қанду чой ва баъзан равғану биринҷ оварда медоданд. Ин чизҳоро ба тарзе оварда медоданд, ки гӯё ба онҳо аз ҷое тухфа омадааст ва аз вай ба ман ҳам ҳисса баровардаанд. Аммо бо пули худашон харида, барои хизмати илмиам ба ман оварда доданашон маълум буд» [2, 56].

Дар ин ҷо, дар баробари он, ки фаъолияти мударрисии устод Айнӣ баён шудааст, подош ва самараи меҳнат низ ба назар мерасад.

Бояд ёдовар шуд, ки имрӯзҳо шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун зиёд ба чашм мерасад. Онҳо мехоҳанд бо ҳар роҳ мардумро гумроҳ карда, ба доми худ кашанд. Агар назаре ба ҷомеи ҷаҳонӣ афканем, дархоҳем ёфт, ки озодӣ чисту ободӣ чист. Хушбахтии мардуми сарбаланди тоҷик дар он аст, ки дорои таърихи қадима, фарҳанги бой ва равшанфикрони зиёде аст. Ҳикояи «Ҷанги муллоён бо аробакаш» дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» бозгукунандаи ҳамин гуна воқеа буда, хонандаро бетараф намегузорад, зеро он нақли фарогири воқеаи даҳшатангезе – ба сангсор гирифтор кардани

аробакаше мебошад. С. Айнӣ қайд мекунад, ки дар Бухорои амирӣ як моҳ сайр барпо мегашт. Аробакаше барои кироякашӣ машғул шуда, барои пешбурди зиндагиаш кор мекард. Иттифоқан рӯзе панҷ нафар «муллои машҳури Бухоро» ба аробаи он аробакаш савор мешаванд. Ҳангоми талаби роҳкиро миёни аробакаш ва он панҷ нафар ҷанҷол мешавад. Ҳаққи роҳкиро якуним тангаро ташкил медод, аробакаш бо хоҳиши онҳо ба пардохти як танга сари ҳар касе ризоият медиҳад. Баробари наздик шудан ба таваққуфгоҳ аробакаш ҳаққи роҳкироро талаб мекунад, лекин онҳо сари ҳар кас на як танга, балки нимтанга медиҳанд. Маблағи додаи онҳо ба аробакаш басандагӣ намекард, зеро ӯ аз пули ҷамъшуда, миқдори камашро худ гирифта, боқимондаро ба хуҷаин месупорид. Миёни онҳо хеле баҳс сурат мегирад. Дар охир аробакаш маҷбур мешавад, ки онҳоро аз ароба пеш кунад. Он шахсони ҳангоматалаб бошанд, дар фикри муҷозот додани аробакаш шуда, қарор доданд, ки ӯро ба қозихона кашида, «кофир» эълон карда, ҳукми қатлашро бароранд. Инҳо дар охир ба мақсади худ мерасанд, зеро ба онҳо шахсони мансабдор – қозӣ, миршаб ва дигарон тарафдорӣ карданд. Аробакаши мазлумро бо қарори «маҳкама» барои сангсоркунӣ ба назди мардум мебаранд. Аввалин сангро он панҷ нафари ҳангоматалаб тарафи аробакаш ҳаво медиҳанд, баъд қозиқалон, қушбегӣ, раиси калон ва миршаб низ санг мезананд. Мутолиаи муфассали ин ҳикоя ниҳоят таъсиркунанд аст, чунки мардуми авом бо иғвои чанд нафар як шахси мазлумро чунон бо санг мезананд, ки аз инсон будани худ фаромӯш мекунанд. Порчаеро аз ин воқеа манзури хонандагон гардонидан ба мақсад мувофиқ аст:

«Ман дар умри худ якум бор дар он ҷо дидам, ки одам бо тарбияти бад ва одатҳои ваҳшиёна чӣ навъ аз ҷилди одамгарӣ баромада, аз ҳайвони дарранда ҳам бадтар мешудааст. Оре, онҳо аз ҳайвони дарранда бадтар шуда буданд, зеро ҳайвони дарранда барои сер кардани шикам ё мудофиаи ҳаёти худ ба одам ё ба ягон ҳайвони дигар

ҳуҷум кунад ҳам, аз ин кори худ шодмон шуда намехандад ва ҳатто аломати хурсандӣ ҳам нишон намедиҳад. Аммо ин одамони бадтар аз ҳайвон, дар вақте ки бо ваҳшонияти тамом як одами дасту по бастаро зада кушта, дасту пою сару рӯю гӯшту пӯсти ӯро пора-пора карда истода буданд, чунон ки дар маросими домодбарӣ ё арӯсбиёрӣ иштирок карда истода бошанд, шодмонӣ мекарданд…»[2, 158].

Бад-ин манзур, адабиётшинос Муҳаммадҷон Шакурӣ таъкид мекунад, ки «воқеияти аробакаш ва сангсор шудани ӯ (қ. IV) яке аз фоҷиавитарин ҳикояҳои «Ёддоштҳо»-ро ташкил додааст»[6, 163].

Мехоҳам ин нуктаро биафзоям, ки ҳадафи овардани мисоли зикршуда бар он аст, ки ин гуна одамон имрӯз низ дар пайи иҷрои нақшаи сиёҳи худ, дигареро аз зиндагӣ маҳрум месозанд. Маҳз сабаби ҷангҳои дохилии мамлакатҳо гурӯҳҳои иғвоангезу тундгаро мебошанд. Сангсор шудани аробакаш аз воқеаҳои даҳшатангезе, ки имрӯз дар мамлакатҳои гуногуни дунё, хусусан, Шарқи наздик рух дода истодааст, фарқияте надорад. Нависанда ба воситаи тасвири воқеаҳои давраи амирӣ хонандаи имрӯзро ҳушдор медиҳад, ки инсон бояд дар ҳама вақт таҳаммулпазиру дурандеш ва закӣ бошад, ки ин пеш аз ҳама, бо доштани илму дониш ба даст меояд.

Мисолҳои зиёде дар «Ёддоштҳо» дарҷ гардидаанд, ки омӯзиш ва баррасии онҳо барои баланд бардоштани мафкураи илмии ҷавонон, тарғиби илму дониш ва ҷалб кардани онҳо ба самти илмомӯзӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дар самти ба воя расонидани ҷавонон дар руҳияи ватанпарварӣ ва инсондӯстӣ соҳаи маориф нақши бориз дорад. Имрӯз давлат ва ҳукумати кишвар кӯшиш ба он доранд, ки ҷавонони мо илм омӯзанду ояндаи кишварро пеш баранд. Дар эҷодиёти устод С. Айнӣ низ ҳамин масъала пайваста таъкид мегардад. Кас аз мутолиаи онҳо дарк мекунад, ки мо бояд ҳар чи бештар илм омӯзему савод гирем, зеро илму дониш калиди ҳамаи муваффақиятҳост.

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қ. I. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1949. – 253 с.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қ. IV. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954-428с.
3. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 7. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962-646с.
4. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. - Душанбе: Ирфон, 1977- 478с.
5. Ҷураев Ҷ., Кучаров А., Муллоҷонов С., Сайфуллоев А. Маориф – гарави пешравии ҷомеа. - Душанбе: Маориф, 2015-242 с.
6. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1966-260с.

* * * * *

***Неъматова БИБИҚАНД-***
***омӯзгори калони кафедраи***
***методикаи таълими фанҳои***
***гуманитарии ДҶТИБКСМ,***
***аспиранти Донишгоҳи давлатии Хоруг***
***ба номи М. Назаршоев***

# САҲМИ ХОНАВОДА ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ УСТОД АЙНӢ

Муҳаққиқ ва мунаққиди варзидаи тоҷик Муҳаммадҷон Шукурӣ дар яке аз мақолаҳояш мусаммо ба «Панду ҳикмат фалсафафурӯшӣ нест!» чунин баён кардааст: «Ҳар кас ки фарзанд калон кардааст, медонад, ки барои тарбияи кӯдак дар баъзе мавридҳо панду насиҳат бисёр зарур аст. Лекин таъсири ин насиҳат ба ҳунари худи падару модар, ба маврид шиносии онҳо вобаста аст…» («Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ», саҳ. 51).

Зиндагиномаи устод Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар ташаккулу таҳаввули шахсияташ чӣ андоза андарзгӯийиҳои

ҳунармандонаи волидайни ӯ таъсиргузор будааст. Падари устод Садриддин Айнӣ Саидмуродхоҷа ном шахс, ки аз одамони баобрӯи диёри худ буд, мебошад. Ба ишораи худи Айнӣ падараш «як дараҷа дағал ва сахтгап» буда, «корҳои ба худаш номақбулро бо суханҳои сахт ва талх фош мекард ва аз ранҷидани тарафи муқобил ҳеч парво надошт» (Куллиёт, ҷ.6, саҳ. 71). Ин сифатҳо, албатта, таъсири худро ба писари аз муҳаббати падар баҳраманд нагузошта наметавонист. Маҳз ба таъсири падараш риёву тазвир ва хизмати хирсонаро бадтарин хислату сифат меҳисобид ва дар ҳар мавриди мақбул камбуду норасоии замонаву нуқсу айби шахсиятҳои алоҳидаро фош месохту ба ислоҳашон ташвиқу талқин менамуд. Маълум аст, ки ин хислати одамони замонасоз набуд. Барои зидди ҷараёни ақибмондаву бозмонда аз даврони асримиёнагӣ бархестан дониши мукаммалу ақли комил доштан шарти асосӣ буд. Аммо барои соҳиб шудан ба дониши пурраву ақли солим меҳнати шабонарӯзӣ кардан лозим меомад. Саидмуродхоҷа, ки шахси таҷрибадида ва талхию ширинии рӯзгорро чашида ва дар баробари ин, аз хонаводаи камбағал буд, медонист, ки барои донишманду олим шудан имконияту шароити моддӣ бояд муҳайё бошад, зеро ба ақидаи ӯ одамони донишманд зотан аз байни бенавоён мебароянд.

Баъдтар, устод Айнӣ аз номи падараш чунин нақл мекард: «Зотан, одамони донишманд аз байни қашшоқон мебароянд, аммо афсӯс, ки қашшоқзодагон барои хондан имконият надоранд» (Куллиёт, ҷ.6, саҳ. 109).

Чун Саидмуродхоҷа ба иллати нодориву камбизоатӣ натавонист мадрасаро хатм намояд, ин доғи дар ҷигар монда ҳамеша ӯро азоб медод ва кӯшиш менамуд, то ки писаронаш ба ҳар роҳу равише соҳиби хату саводу маърифат гарданд. Ҳатто модараш, ки аз дилсӯзиву меҳрубонии модарона писари дар синни чаҳорсолагӣ ба

масҷиди қишлоқ рафтаро аз хондан бозмонд, баъд аз чанд муддат писарашро насиҳат менамуд, ки «акнун хуб кӯшиш карда хон, ки мондагиҳоятро гирӣ ва бо ҳамсолонат, ки дар чаҳорсолагӣ ба мактаб рафтаанд, баробар шавӣ» (Куллиёт, ҷ. 5, саҳ. 53). Сахтгирии падарона ва ғамхориву насиҳатҳои модарона ба Айнии ҳанӯз хеле хурд, албатта, таъсири мусбат расонданд. Заҳматҳои беҳад ва истеъдоди фавқулода ӯро аз тамоми ҳампешагонаш пешсаф менамуд.

Падари устод Айнӣ агарчи саводи кофии мадрасавӣ нагирифта бошад ҳам, шеърро хуб дарк мекард ва мушкилии касби шоириро амиқ эҳсос менамуд. Ба ёдоварии устод Айнӣ аз номи падараш «шеъргӯӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илме, ки шамшер аст, агар бо шамшер одами бадро – душманро кушӣ, хуб аст, аммо агар бо он шамшер ягон одами одӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад, кушандатро куштан лозим меояд. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест» (Куллиёт, ҷ.6, саҳ. 143).

Аз ин суханони ба зоҳир соданамо чанд андешаи назариявӣ ва афкори адабии Саидмуродхоҷаро, ки дар осори асримиёнагии классикӣ доир ба шеъру шоирӣ изҳор намудаанд, метавон дарёфт намуд. Аввалан, Саидмуродхоҷа андешаи он нафаронро, ки шоириро ворисӣ пайғамбарӣ дониста, илҳоми шоиронро аз олами улвӣ медонистанду шоирро манбаи фаҳму одобу ахлоқ қабул мекарданд, рад менамуд. Яъне, шоир ҳам ба қавли ӯ мисли дигар инсонҳо неккирдор мешаваду бадрафтор. Баъдан, шеърро ба шамшере ташбеҳ додааст, ки вазифаи шамшер қасд гирифтан асту куштан, аммо душманро аз дӯст фарқ бояд кард. Дар ҳоли хато кардан, соҳиби шамшер ҳам бояд кушта шавад. Агар мутақаддимин дар бораи мавзуниву муқаффиву тахайюли шеър сухан карда бошанд, падари Айнӣ бо каломи омиёна вазифаи шоиру ҳадафи шеърро нозукбинона муайян намудааст.

Падари устод Айнӣ шеърро бисёр хуб медонист. Дар ҳар мавриди муносиб байтеро аз ашъори классикон аз ёд мегуфт ва мазмунашро ба писараш бо лафзи падарона шарҳ медод. Кӯшиш менамуд, ки мазмунҳои сӯфиёнаву талқини дунёбезориро ба писараш таълим надиҳад. Маънохои дунёро дӯст доштан, аз пайи касб ризқ дарёфтан, ба доми фиреби муллоҳои чаласавод нағалтидан, аз риёву тазвир дур буданро аз шеърҳо дарёфт менамуд ва писарашро ба амалӣ кардани онҳо дар зиндагӣ ташвиқ менамуд. Ба ташвиқи падар устод Айнӣ саллаҳои калони олимтарошонро бад медид ва аз бекориву бекорхӯҷаҳо нафрат пайдо менамуд.

Падару модари устод Айнӣ ба ҳар роҳу васила дар дили писари ҳанӯз ҳам хеле кӯдак тухми илму донишро коштанд. Мутаассифона, бахташон омад накард, ки баҳраи кишташонро чашида тавонанд. Ҳанӯз ёздаҳсол дошт, ки аз падари азизу модари гиромиаш ҷудо шуда буд ва муддатҳои тӯлонӣ ҳамсафари ҳамешагии ӯ муҳтоҷиву камбағалӣ гардида буду халос. Нишонаи он ҳама андӯҳу аламу ҳасрат ва азоби қалбии устод Айниро дар осори безаволаш метавон пайдо кард.

Доғдида буду аламзада, андӯҳгин буду ҳасратзада… Фаррош буд, ошпаз буд, ҳисобчӣ буд… Ҳарчанд «ин гуна зиндагонӣ, албатта, душвор ва ҳатто тоқатнопазир буд», ёде аз заҳматҳои падару насиҳатҳои модар басанда буд, ки «он ҳама душвориҳоро ба умеди «муллои хуб шудан» ба осонӣ ба гардан» мегирифт ва дар мушкилтарин шароитҳо ҳам даст аз таҳсил намебардошт. Меомӯхту шавқу рағбати омӯхтанро дар дилу чашму мағзи дигарон бедор мекард. Махсусан, «булбулони боғи мактаб» - ро ба шаббедориву субҳхезӣ ва «дар кунҷи бекорӣ» нанишастан даъват менамуд, то он ки оқибат «ба бекориву нодонӣ» умр нагузаронанду «ба чашми аҳли олам» хор нагарданд.

Устод Садриддин Айнӣ аввалин дарси донишро дар пеши падару модар гирифта буд ва таълиму тарбияи оилавиро аввалин зинаи камолоти маънавии худ

меҳисобид. Аз ин ҷиҳат, хуб дарк мекард, ки оилаи солим миллатро бо амну амону солим нигоҳ медорад. Дар бораи саодати хонаводагӣ мегӯяд: «Хушбахт он касе аст, ки дар хонадони ӯ касе бе илму бе тарбият набошад. Ҳамаи афроди хонаводаи хушбахт соҳибони ахлоқи нек, ботамиз, некӯкирдор мешаванд. Саркори хонадони саодатманд ҳамаи авлод ва атбоашро илму дониш меомӯзад» («Таҳзиб-ус-сибён», саҳ.84).

Хулласи калом, устод Садриддин Айнӣ дар тамоми фаъолияти эҷодияш принсипи омӯхтану андӯхтанро, ки падари сахтгиру модари мушфиқаш ӯро меомӯхтанду ҳидояташ мекарданд, амал менамуд ва ба дигарон низ талқин мекард. Зеро ӯ медонист, ки танҳо тавассути илму дониш метавон бозуи ҷаҳлу нодониро бартофту хушбахтиву саодати ҳақиқиро дарёфт. Ин ду байти зерин аз шеъри «Нидо ба ҷавонон»-и шоирро ҳар як ҷавони соҳибфаҳми тоҷик бояд шиори ҳаррӯзаи зиндагии худ гардонад:

*Чун сарв агар самар надорӣ,*
*Аз сояи худ бубахш боре.*
*Бахшой ба қадри исти тоат*
*Аз умр ба хидмати ҷамоат.*

* * * * *

***З.С. БАРОМБЕКОВА-ассистенти кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳӣ- металургӣ***

# АЙНИ- НАШ ПИСАТЕЛЬ

Не часто бывает так, что биография одного человека почти полностью слилась с биографией его народа, как это произошло у Садриддина Айни. Жизнь его неразрывно связана с жизнью таджиков от черных лет беспросветного прошлого до счастливых дней настоящего

времени. И если проследить год за годом, шаг за шагом бурный поток событий в течение почти целого века, когда жил Айни, то это будет рассказ о том, как из нищеты и бесправия трудовой люд поднялся к счастью и свету, построив одну из многих стран того времени.

На первую половину жизни выдающегося таджикского писателя падает сумрачная тень бухарского эмирата. Вторая половина проходит в новое, светлое время, когда свежий ветер Великого Октября смел с лица нашей земли феодальные отношения. Своеобразный талант Айни впитал в себя все богатства тысячелетней культуры таджиков, бережно хранившиеся и неисчерпаемых сокровищницах непокоренной народной души. Писатель сумел донести до наших дней прекрасную песню о любви к человеку, к свету и счастью.

Детство и юность Айни прошли в гуще народа. Он болел с ним одной болью, радовался одной радостью. Из преданий и легенд он о героическом прошлом таджиков и через всю жизнь приносит чистую любовь и восхищение славными подвигами своих предков. Становясь зрелым человеком, Айни выковал в себе решимость бороться за правду, нести в народ истину и просвещение. В своём благородном стремлении помочь народу Айни смело и честно шел по избранному им пути. Он принимал активное участие в совпадении «новый методы школ», писал для них учебники и вел преподавания. Когда по приказу эмира школы были закрыты, Айни продолжал свою просветительскую деятельность в рядах тайного общества «Воспитания юношества», ставившего своей целью распространение новой литературы и критику отдельных недостатков эмирского режима. В ту же пору Айни активно сотрудничает в первой газете на таджикском языке «Бухорои шариф». Первым значительным вкладом Айни в общенародное дело было

его стихотворение «Марш свободы», написанное в 1918 году на мотив «Марсельезы». От этой крылатой песни, исполненной боевого революционного духа, мы начинаем летосчисление нашей таджикской советской литературы.

Садриддин Айни нашел свое место в строю бойцов за новый общество, став основоположником таджикской советской литературы, впрочем, не только художественной литературы, но и журналистики.

А педагогика? Айни стал первым таджикским учителем в советской школе, автором и составителем первых учебников для детей и взрослых. Правда, в составлении букварей и учебников он принимал участие всю свою жизнь, всегда оставаясь просветителем в самом лучшем и широком смысле этого слова. В 1925 году Айни принимается за составление первой антологии литературы от древнейших времен до наших дней.

К этому времени Айни был уже хорошо известен читателям как автор острой разоблачающей сатиры «Бухарские палачи», которая явилась своеобразным памфлетом, бичующим уже свергнутый, но ещё не добитый эмират, и как автор повести «Одина»- первой реалистической повести в истории таджикской литературы. Каждое из созданных им произведений было направлено на утверждение нового, социалистического уклада жизни.

После повести «Одина» Айни обращается к созданию более крупных полотен. Он пишет романы «Дохунда» и «Рабы», в которых показывает духовной рост своих земляков, их революционную борьбу за народное счастье. В романе «Рабы» Айни показывает не только угнетённые массы, но и даёт беспощадную характеристику представителям класса эксплуататоров и их идеологам – джадидам, мечтавшим о реставрации оплота контрреволюции – старой Бухары. Наиболее яркими выразителями народных мечтаний и борцами за осуществление этой мечты выступают в романах Айни

образы коммунистов. Это были первые образы коммунистов таджиков и представителей других народов Средней Азии, запечатленные в таджикской советской литературе. Сейчас в наши дни «Рабы» не потерял своей остроты и актуальности. Вот и сегодня Айни так близок всему прогрессивному человечеству. В странах зарубежного Востока популярны его книги. На конференции писателей стран Азии и Африки в Каире среди четырёх писателей двух континентов, признанных учителями собравшихся, было названо и записано имя Садриддина Айни. Вот почему труженики Советского Таджикистана, перечитывая этот роман, с ещё большей гордостью и любовью смотрят на свою Родину где трудятся, творят и созидают потомки раба Некадама-сегодняшние государственные деятели, инженеры, архитекторы, руководители богатейших и красивейших колхозов миллионеров.

Наши учёные объединены в многочисленных институтах; центром научной мысли стала Академия наук Таджикистана, первым президентом которой был Садриддин Айни.

Ещё в 1925 году в антологии «Образцы таджикской литературы» он впервые ввел в научный обиход много малоизвестных и неизвестных вовсе литературных имен, разработал новую концепцию развития таджикской литературы. Его исследования посвященные Рудаки, Абу ибн Сине, Фирдоуси, Саади, Бедилю, Навои и посегодня остаются образцами замечательного научного анализа.

Писатель обязан быть энциклопедистом- учил нас Айни и сам показывал образец удивительной эрудиции и широчайшей образованности. Мы имеем в виде не только его филологические и искусствоведческие работы не только исследования по историю эмиров мангытской династии и очерки Бухарской революции, но и романы. В

своем романах писатель художественно проанализировал процесс роста самосознания таджиков, показал их революционную борьбу, были новаторскими не только по содержанию, но и по самому принципу изображения жизни. О влиянии Горького на творчестве Айни лучшего всего сказал он сам.

«Творчество великого писателя являет прекрасный пример того, как нужно писать для народа. Читаешь его произведения и поражаешься глубине знания жизни, умению касаться тончайших струн народной души. И поэтому образы, характерные для его произведений, так типичны, так понятны народу… . Мы писатели братских советских республик, считаем Горького своим великим учителем… Творчество Горького очень многому меня научило и, нужно прямо сказать, оказало решающее влияние на формирование меня как советского писателя».

Айни как писатель глубоко интернационален. И, несмотря на то, что по форме его произведения сугубо национальны, подлинно народный характер его творчества и привел его к пролетарскому интернационализму. Айни создал образы представителей всех народов Средней Азии, у которых была общая судьба в прошлом и которые вместе боролись за установление Советской власти. В годы Великой Отечественной войны весь накал своего творчества Айни подчинил одной цели – вдохновить народ на победу. Созданные им в ту пору исторические повести были обращены прежде всего к задачам насущным, к заботам сегодняшнего дня.

В послевоенные годы Айни работает над главной своей книгой – знаменитыми «Воспоминаниями» («Бухара»), которая сразу же завоевала широчайший успех. В своих «Воспоминаниях» Айни рассказывает о тяжелой доле крестьян – своих односельчан, их безрадостном труде, о представителях разных профессий, бедняках, ремесленниках и искусных народных мастерах.

Сила книг Айни прежде всего в их большой человеческой правде.

«В какой-то мере роман «Рабы» является историей и моей собственной жизни», говорил писатель. Это признание относится ко всему творчеству Айни, к его удивительной судьбе, воплотившей в себе судьбу всего таджикского народа.

Европейский читатель также узнал и полюбил Садриддина Айни по переводам на французский, английский, итальянский, польский, болгарский и другие языки.

* * * * *

***Н.Н. ЮСУПОВА–***
***ассистенти кафедраи***
***забонҳои тоҷикӣ ва русӣ***

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФПАРВАРИИ АЙНӢ

*Ба мулки сухан Айнии хушбаён,*
*Чу шамъ аст урёну равшан равон.*
*Ба назму насри сухан довар аст,*
*Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст.*
*(Садри Зиё).*

Имсол дар сар то сари Ватани азизамон 140-солагии Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти муосири тоҷик ҷашн гирифта шуда истодааст, ки вобаста ба ин дар муассисаҳо ҳар гуна чорабиниҳо гузаронида истодаанд.

Садриддин, фарзанди Саидмуродхоҷа 15- апрели соли 1878 дар қишлоқи Соктаре, тумани Ғиждувони музофоти Бухоро дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд ёфтааст. Оилаи онон 6 нафар буда, 4-писар - Муҳиддин, Садриддин, Сироҷиддин ва Киромиддин боиси бахту

саодати падару модар буданд.

Падари Айнӣ, ки соҳиби хату савод буд, яке аз одамони болаёқат ва зарофатманди деҳа ба ҳисоб мерафт. Ӯ ҳамеша дар кӯшиши он буд, ки донишу таҷрибаи ҳаётиашро ба писаронаш омӯзонад. Ин шахси ҳунарпеша ғайр аз ин касби деҳқонӣ, ки дар ним гектар замин аз падараш мерос монда буд, шуғл дошт, боз ҳунари бофандагӣ, сангиосиётарошӣ ва чархи осиёбсозӣ дошт.

Бачагии Садриддин дар ду деҳа гузаштааст, ки онҳо аз ҳамдигар 16 чақрин дурӣ доштанд. Яке - Соктаре, дигаре - Маҳаллаи Болои Шофирком, ки он ҷо бобои модарӣ ва тағоҳои Айнӣ зиндагӣ мекарданд. Аҳолии ин деҳаҳо асосан деҳқон, хокпош, чӯпон, ҳезумкаш ва косиб буданд. Мана ҳамин муҳити меҳнату меҳнатдӯстии оила ва атрофиён боиси тарбияи солими Садриддин барин камбағалбачагон гардида, ба ҷисму ҷони ӯ як умр маскан гирифтааст.

Садриддин дар ду мактаб таҳсил кардааст ва дар шашсолагӣ ба мактаби назди масҷиди қишлоқ меравад. Усули таълиму тарбияи он мактаб ақаллан барои ёд гирифтани алифбо имконият надодааст. Бинобар ин, падари Айнӣ ӯро ба мактаби духтарона медиҳад. Ин мактаб дар ҳавлии даруни хатиби деҳа буда, вайро зани ӯ идора мекард. Айнӣ дар синни 10 - солагӣ соли 1888 ин мактабро ба охир расонид.

Ҳамин тариқ, давраи бачагии Садриддин дар оғӯши падару модар дер давом накард. Соли 1889 дар Бухоро Айнӣ дар байни чиҳил рӯз ҳам аз падар ва ҳам аз модар маҳрум мегардад.

Баъди як соли вафоти падару модар Садриддин соли 1890 ба Бухоро меояд. Ба мадрасаҳои Бухоро дохил шуда, дар он ҷо 16 сол таҳсил намудааст. Айнӣ дар мадрасаҳои Мири Араб (1890-1891), Олимҷон (1892-1893), Бадаобек (1894-1896), Ҳоҷӣ Зоҳид (1896-1898) Кӯкалтош (1899-1906) таҳсил карда, соли 1906 онро хатм мекунад.

Айнӣ шеърнависиро бо шавқу завқ меомӯзад. Аввалин

шеъре, ки Айнӣ навиштааст, ин "Гули сурх" мебошад, ки писанди хонандагон гардидааст, ки дар соли 1895 иншо шудааст.

*Рози дил мегуфтам, ар як марҳаме медоштам,*
*Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.*
*Дар шаби ҳиҷрон намешуд захми дил реши равон,*
*Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.*
*Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,*
*Гар ба каф, чун аҳли олам дирҳаме медоштам.*

Дар соли 1905 дар Россия инқилоби якуми буржуазии демократӣ ба вуқӯъ омад, ки вай аҳамияти байналхалқӣ дошт.

Дар ҳақиқат, инқилоби соли 1905 дар байни оммаи халқи меҳнаткаши аморати Бухоро ҳаракатҳои озодихоҳӣ ба вуҷуд овардааст. Фаъолияти маорифпарварии Айнӣ ва баъзе шарикони ӯ қисман дар зери таъсири ин инқилоб вусъат меёбад.

Дар ин вақт дар Бухоро якчанд мактабҳои усули нав кушода шуда буд. Айнӣ бо Мирзо Абдулвоҳид Мунзим низ мактаби нави тоҷикӣ кушоданд.  Айнӣ дар ин мактабҳо китобҳои дарсӣ тартиб медиҳад. Масалан, Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳид барои мактаби дар соли 1908 дар ҳавлии Мунзим кушодаашон як алифбо ва як китоби қироат низ тартиб медиҳанд. Дар соли 1909 Айнӣ китоби «Тазҳиб-ус-сибиён»-ро ҳамчун китоби дарсӣ-хрестоматӣ дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ эҷод кардааст.

«Таҳзиб-ус-сибиён»-ро, ки бо забони содаи оммафаҳм навишта шуда, бо ислоҳу иловаҳо дар соли 1917 бори дуюм нашр гардидааст, ибтидои насри реалистии тоҷик донистан равост. Дар ин китоб, ки омӯхтани илмҳои дунёвӣ тавсия кардааст, ғояҳои пешқадамонаю гуманистии Айнӣ маорифпарварию меҳнатдӯстии ӯ ба ҳам омада, ҷавононро дар роҳи ҷадали донишомӯзӣ,

одамгарӣ ва мустақилӣ ҳидоят мекунад.

Айнӣ, ки дар давраи пеш аз инқилоб ҳамчун муаллими мактабҳои нав шуҳрат дошт, барои тарбияи солими мактабиён якчанд китоби дарсӣ таълиф кардааст.

Бояд гуфт, ки таълифи "Таҳсиб-ус-сибиён" чун асари насрӣ воқеаи тасодуф набуд. Айнӣ ҳанӯз дар овони ҷавониаш аз осори насрии Аҳмади Дониш баҳра бурда, орзуи насрнависиро дар дил менуҳуфт.

Баъд аз муддати муайяне дур будан Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳид барои ислоҳ кардани мактаб ва мадраса як ҷамъияти махфӣ ташкил мекунанд. Номи ин ҷамъиятро ҳам "Тарбияи атфол" мениҳанд. Ин ҷамъияти тарбия дар муҳити мураккаб дар инкишофи маорифу маданияти нави замон саъю кӯшиш мекард.

Шеърҳои ба мактабу илмҷӯӣ бахшидаи Айнӣ бо забони содаю воситаҳои тасвири дилнишин гуфта шудаанд. Идеяҳои маорифпарварии ӯ дар шеърҳои «Замзамаи дабистон», «Суруди мактаб», «Саҳаргоҳон» ва ғайра боварибахш ва самимона зуҳур ёфта, ба фазилати мактаб, таълиму тарбия такя дорад:

*Биёед, эй шарикон, дарс хонем,*
*Ба бекорию нодонӣ намонем.*
*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад.*

Айнӣ як муддат фаъолияти маорифпарвариашро бо фаъолияти ҷадидҳо вобаста кард. Вале ин тасодуф набуд. Айнӣ барои кушоиши ақидаҳои халқӣ ва пешқадамонааш ташкилотеро меҷуст, ки зидди системаи амиру аморат ва шариатпаноҳҳои мутаассиб бошад.

Айнӣ ва шарикони идеявии ӯ ҷавонони тозафикре буданд, ки бо таъбири М.Шукуров, ҷон ба каф гирифта, дар роҳи интишори маорифу маданияти нави замон ба мубориза қадам гузошта буданд, ҳарчанд, ки худро ҷадид меномиданд.

Онҳо ҳамчун маорифпарвар дар мубориза бо худсарии давлатмандону ҳокимон, дар роҳи аз хоби

ғафлат бедор кардани мардуми ҷафодида хеле хизмат мекарданд.

Нахустин асари калони насрии Айнӣ повести "Ҷаллодони Бухоро" дар соли 1920 эҷод шуда, дар соли 1922 мухтасар ба забони ӯзбекӣ нашр гардид. Таҳрири пурраи нави тоҷикии он бо чанде тағйирот соли 1937 аз чоп баромад.

Соли 1920 Айнӣ дар "Ҷаллодони Бухоро" тавассути ҳаҷву истеҳзо амир, хизматгорони ӯ ва рӯҳониёни тамаллуққорро, ки ҷаллодони ёрии империалистони Англияю Америка бо даъват ба "ғазоват" муборизаро зидди ҳокимияти советӣ ба воситаи тӯдаҳои босмачиён давом дод, ки ҷаллодони ҳақиқии халқи меҳнаткашу одамони пешқадами замон буданд, фош карда, ниқобро аз рӯи онон мебардорад.

Дигар ин повести "Одина" мебошад, ки соли 1927 нашр гардидааст. "Одина" повести бадеиест, ки дар он образи муздур мавқеи асосӣ ишғол кардааст.

"Одина" аввалин повести реалистонаи Айнӣ ба шумор меравад. Методи реализм, ки бидуни айният хусусиятҳои ҷамъбасту фардикунонии воқеаҳои муҳимтарини рӯзгору ҳодисаҳои ҷамъиятиро мадди назар дорад, дар ин асар равшан намоён мегардад.

Дар байни солҳои офариниши повести "Одина" (1927) ва романи "Дохунда” (1930) Садриддин Айнӣ ду повести ҳаҷман хурд "Аҳмади Девбанд"(1928) ва "Мактаби кӯҳна" 1930-ро иншо намуд.

Ин асарҳо солиён бар зидди дину ҳурофот мубориза бурда, дар тарбияи насли наврас ба рӯҳи далериву шуҷоат ва нотарсиву қавиродагӣ хуб хизмат карданд.

Повести "Одина", романҳои "Дохунда" ва "Ғуломон" дар таърихи адабиёти навини тоҷик ҳамчун достони қаҳрамонӣ ё ҷангномаи сегона эътироф шудаанд. "Ғуломон" (1935) асари охирини сегона, характери

ҷамъбастӣ дошта, дар байни дигар асарҳои Айнӣ доир ба инъикоси ҳаёти гузаштаю ҳозираю халқи тоҷик мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Устод Айнӣ бештар ба мавзӯъҳои таърихӣ муроҷиат мекард, орзу дошт ба таълифи асарҳои ба мавзӯи воқеаҳои замони баъди инқилоб ҳам рӯ оварад.

* * * * *

***Раҷабалӣ САНГОВ – сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котиботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ТАЛОШҲОИ МАОРИФПАРВАРОНАИ САДРИДДИН АЙНӢ

Барҳақ, устод Садриддин Айнӣ яке аз поягузорони илму маорифи халқи тоҷик ба шумор меравад. Ҳаёту мамот, ҷаҳду талош, ғамхориву дилсӯзӣ, ошкор намудани камбудиҳои мавҷудаи замона ва тавсияву ҳидоятҳо барои бартараф намудани онҳо, раҳнамоии ҷомеа барои расидан ба маърифатнокии аҳолӣ ва осори бою гаронбаҳои моҳияти таълимиву тарбиявӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатидошта, таҷассуми тавачҷуҳи хоси поягузори адабиёти муосири тоҷикон, нахустқаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Саидмуродхоҷа Айнӣ мебошад.

Саҳми устод Садриддин Айнӣ дар ташаккули илму маориф, таъсиси нахустин муассисаҳои таълимӣ, тарғибу ҷалби шаҳрвандон ба омӯзишу саводнокшавӣ ва маърифатнокии тоҷикони солҳои аввали қарни гузашта назаррас аст. Ҷасорату матонат, ошкор намудани ҷаҳолату разолати замона ва замонадорон, ҷаҳду талош, ғамхорӣ ва ҳидояту раҳнамоиҳои маорифпарваронаро дар тамоми осорашон мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар мақолаҳои мавриди андеша ва мулоҳиза қарордодашудаи устод С. Айнӣ, ки дар давоми солҳои 1918-1924 таълиф ёфтаанд, мавсуф ҳамчун шоҳиди бевоситаи ду замон саҳми арзандаи Ҳукумати Шӯравиро на ин ки дар самти иқтисодиёту саноат ва сиёсату иҷтимоиёт, балки бевосита дар масъалаи бениҳоят муҳим – ташаккули илму маориф ва таъсиси нахустин муассисаҳои таълимӣ махсус ёдоварӣ менамояд. Аз рӯи таъкидҳои Айнӣ чунин маънӣ бардоштан мумкин аст, ки дастрасӣ ва ё огаҳӣ аз илму маориф баробар ба эҳтиёҷоти зарурӣ ва ҳамешагии одамӣ ба обу ҳавост. Яъне, барои инсоният илму маориф чун обу ҳаво зарур аст. Тавре ин маъниро дар мақолаи «Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод?», ки онро дар «Шуълаи Инқилоб» 15 декабри соли 1919 бо имзои «Син-Мим» ба табъ расонида буданд, таъкид менамояд, ки «…барои зиндагии як қавм лузуми илму маориф мисли лузуми обу ҳавост. Чунончи ҳеҷ ҷондоре бе обу ҳаво зиндагонӣ карда наметавонад, инчунин фарзандони одам низ беилму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд. Қавми беилм, имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд. Аз ин ҷост, ки мо туркистониён аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қаря-қаря (деҳа-деҳа) ва фирқа-фирқа (гурӯҳ-гурӯҳ) шуда якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем… Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем… ва дар солҳои охирӣ баъзе мутафаккирони аз байни мо сар барзада дарди моро ба худи мо нишон доданд, давои ин дард илму маърифат буданро ба мо фаҳмонданд ё хостанд бифаҳмонанд, мо чун омосдоре, ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешӯрад, ғавғо мекунад, шӯридем, ғавғо барпо кардем. Табибони худро: «ин кофир, ин ҷадид, ин даҳрӣ, ин зиндиқ…» гуфтем…»[24].

---

[24] Садриддин Айнӣ. Ахгари инқилоб. – Душанбе: Ирфон, 1974. С.-37-38.

Устод Айнӣ ҷаҳлу ҷаҳолат ва нодониро мараз ва ё вабои ҳамонвақта ҳисобида, раҳоӣ аз чунин вабоаро дар бунёд ва ё таъсиси мактабҳо - ҳамчун давохонаи илму маърифат медонад, ки дар ҳар кӯчаву маҳаллаҳо барпо шуда буданд. Зикри муаллиф дар бораи он ки барои ононе, ки дорои хату савод не ва умрашон аз синни таҳсилӣ гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва шабона таъсис додан ва барои бо омӯзгорон таъмин кардани мамлакат ва ба ҳар ҷое ки худи мо хостем, курси омӯзгорон кушода, маишати давомкунандагонро аз худ таъмин кардан, хеле арзишманд аст.

Устод Айнӣ бо шукргузорӣ аз таъсиси Ҳукумати Шӯроӣ, ки чашми мардумро дар роҳи расидан ба озодӣ, ҳуқуқу манфиатҳои худ ва раҳоӣ аз ғуломию бардагӣ, ҷавру зулм ва ситами бою муллою амиру вазир боз карда буд, такя ба иқдомҳои хайрхоҳонаи ҳукумати мавҷуда, аз ҷумла қайд менамояд.

«Дар дунё кадом ҳукумат аст, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базли ҷаҳд намояд, кадом салтанат аст, ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф кунад. Мо бояд, ки ҷавонони афифи боҳушамонро дар курси омӯзгорон давомот кунонем. Онҳое, ки ба коре машғуланд, хату савод надоранд, ё ки хату саводу маълумоти дуруст надоранд, ба курсҳои бегоҳӣ ва шабона даъват кунонем ва фарзандони ҳафтсола то ҳафтодсолаамонро ба мактабҳои ибтидоӣ даъват кунонем, то ки фоидаи маъмуларо ба даст дарорем»[25].

Хулосаи калом, ифтихору эътимоди Айнӣ аст, ки мегӯяд: «Ҳукумати Шӯроӣ ба мо ҳар чизро дод ва ҳар чиро доданист, лекин мо дуруст фоида гирифта наметавонем ё намехоҳем. Гар гадо коҳил бувад, тақсири соҳибхона чист? Агар мо хоҳем, ки дар дунё дар ҷиргаи милали мутамаддинаи ҳайя (зинда) зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда, то ҷон дорем, аввал дар илм ва

[25] «Ҳукумати шӯроӣ ба мо чӣ дод?»* бо имзои «Син-Мим» дар шумораи 24 «Шуълаи инқилоб» соли 1919 чоп шудааст; Ҳамон ҷо, саҳ. 41

маориф кӯшем. Дувум чизҳоеро, ки Ҳукумати Шӯроӣ ба мо дод, истеъмоли бад накарда дар ҳамин ҳаққо сазовор буданамонро нишон диҳем. Ҳам дар қуввати ҳукумат такя карда, дар ислоҳи ахлоқ ва барҳам додани олоти разилаамон бикӯшем. Баъд аз он медонем, ки Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дода будааст»[26].

Дар мақолаи «Сайф ва қалам», ки устод Айнӣ онро дар шумораи 40-уми «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» 17 июни соли 1920 ба табъ расонида, «сайф» -ро ба манзалаи ҷисм ва «қалам»-ро ҳисобаи ҷон ҳисобида, таъкид мекунад, ки «бе ҷисму ҷон одамӣ дар хориҷ вуҷуд надорад, инчунин ҳайати иҷтимоия, ки бесайфу қалам аст, дар олами маданият гӯё ки вуҷуд надорад. Ҳамчунин ки ҷисми беҷон, ҷони беҷисм масдари коре шуда наметавонад, инчунин ҳайати иҷтимоия, ки яке аз сайфу қаламро доро нест, кореро пеш бурда наметавонад… Олами ислом ҳар шараф ва манзалате, ки дид, ба воситаи сайфу қалам дид, ба ҳар хорӣ ва манзалате, ки афтод, ба сабаби аз даст додани ин ду афтод. Оре, олами ислом дар қарнҳои охирӣ ин ду қувватро тамом аз даст дод, бинобар ин иззат, шараф, номус, ватан ва билҷумла, ҳар чӣ ки дошт, аз даст дода, поймоли сарватдорон ва империёлистони фаранг гардид.

Мо – туркистониён низ мисли соири аҷзои олами ислом нахуст қаламро аз даст додем, пас аз он ба сабаби ҷаҳолат шамшери зангзадае, ки аз ниёгони худ ба мерос доштем, ба сари ҳамдигар шикаста, ба асорати ҳукумати мустабиддаи императории Рус афтодем»[27].

Устод Айнӣ раҳоӣ аз асорати ҳукумати мустабидаи императориро маҳз тавассути қиёми ранҷбарони Русия, ки тавонистанд ранҷу бахти императориро зеру забар карда, дар баробари ба ҳама фуқарову миллатҳои маҳкума озодӣ

---

[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 42

[27] «Сайф ва қалам» дар шумораи 40-уми «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» 17 июни соли 1920 ба табъ расидааст. (Ҳамон ҷо, саҳ. 44)

бахшанд, ба мо – туркистониён низ ҷумҳурият ва мухторияти ҷудогона бахшиданд, ки ин пеш аз ҳама «сайфу қалам»-ро, ки ҳукми нигини Сулаймонро дорад, бахшиданд.

Ба ин маънӣ устод Айнӣ қаламро аз шамшерамон беҳтар наҳисобида, қайд менамояд, ки дар замони истибдод ба хондан ва хонондан, дар навиштан ва нашр кардан озод набудем. «Дар зарфи сесола инқилоб дар роҳи нашри маориф ва танвири афкор миллионҳо пул сарф шуд, бадбахтона мо дуруст истифода карда натавонистем. Дар Туркистон шаҳри бузурге нест, ки дар он ҷо барои мусулмонон рӯзнома нашр нашавад. Аммо хонанда нисбат ба аҳолии он ҷо сад як, балки ҳазор як намеафтад, хусусан рӯзномаи форсӣ, гӯё ки хонанда надорад. Аз як сол зиёд аст, ки барои форсизабонони Туркистон маҷмӯаи «Шӯълаи инқилоб» нашр мешавад. Аз шаҳри Самарқанд иддае хонанда дорад, ки эшон низ ба воситаи саъю кӯшиши саркорони ҳукумат ва фирқа ба майдон омадаанд. Аз соири аҳолии форсизабон, ки дар Ӯротеппа, Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва ғайра ҳастанд, асари таваҷҷӯҳе надидаем»[28].

Ин ҷо устод Айнӣ махсусан таъкид менамоянд, ки «Гумон наравад, ки мо хонандаро барои таъмини масорифи маҷмӯа мехоҳем, не! Масориф маа зиёдоти шарифа аз тарафи ҳукумат таъмин ёфтааст, мо хонандаро барои таъмини манфиати худи хонанда, ба иборати дигар, барои фоида бурдани аҳолӣ мехоҳем. Бародарони ӯзбакамон як қадаре осори интибоҳ (нишонаи бедорӣ) нишон дода истодаанд. Чунончи, ба идораи рафиқамон «Меҳнаткашлар товушӣ» (Садои меҳнаткашон) аз ҳар тарафи вилояти Самарқанд, ҳатто аз соири нуқот, кам ҳам бошад, асари таваҷҷӯҳ ва мукотибот ба миён меояд. Чунончи, аз Андиҷон ва Намангон, Авлиёато ва Туркистон мактубҳо, хабарҳо ва мақолаҳо мерасад. Аммо ба маҷмӯаи мо аз ягон нукоти форсизабонони Туркистон

[28] Ҳамон ҷо, саҳ. 45

мактубе ва хабаре наёмадааст. Ин камоли беэътиноии ҳамзабонони моро нишон медиҳад. Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба ибораи кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, бояд ки фурсат нагузаронда, чанг ба домани сайфу қалам занем. ...Моро лозим аст, ки ҳар чи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф ва танвири афкор раҳсипор гардида, аз байни худамон аҳли қаламҳои намоён ба майдони мубориза расонем». «Агар ҳаёт ҷӯед, ба даст гиред сайфу қаламро»[29].

Дар мақолаи «Сайф ва қалам» мақсади Айнӣ ҳар чи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф ва танвири афкор раҳсипор намудан, аз байни аҳолӣ аҳли қаламҳои намоён ба майдони мубориза расонидан мебошад. Ба ин хотир, қотеъона ва бо боварию умедворӣ баъд аз як моҳ дар мақолаи «Акнун навбати қалам аст», ки дар саҳифаҳои якуму дуюми шумораҳои 44 ва 45-уми «Шуълаи Инқилоб» рӯзҳои 26 июл ва 2 августи соли 1920 нашр шудаанд, сафарбарӣ ба аскариро ҳалшаванда ҳисобида бошад, пас ҳалли масъалаи «қалам»-ро мушкил меҳисобад. «Қалам» иборат аз хондан, навиштан, хонондан, мусоҳабаҳои адабӣ кардан, ба ҳар гуна адабиёт ривоҷ додан, рӯзномаҳои муваққата ва рисолаҳои фавқулодаро таълим ва нашр кардан аст. Билҷумла, тамоми илму маорифро метавонем ба таҳти унвони «қалам» дохил намоем».

Дар мақола дарҷ гардидааст, ки пас аз ташкили Ҳукумати Шӯроӣ дар Туркистон «масъалаи маориф дар майдон гузошта шуда, ба таълим ва нашри илм ва маърифат ғояти ҷаҳд ба кор бурда шуд ва ба кор бурда шуда истодааст».

Дар Туркистоне ки қабл аз инқилоб даҳ мактаби мунтазами бобадал ва як мактаби мунтазами маҷҷонӣ ёфт намешуд, ҳазорҳо мактаби маҷҷонии ибтидоӣ, садҳо ҳар гуна курс (доруттаълими муваққатӣ) ба вуҷуд оварда шуд.

---

[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 58

Масъалаи маорифро ба ду сабаб ҳал нашуда ҳисобида, «якеро умумӣ ва ихтиёрӣ», дигарашро «хусусӣ ва иҷборӣ» гуфтааст. Дар шарҳи «умумӣ ва ихтиёрист» устод Айнӣ мегӯяд, ки он ҳанӯз дар байни мо номавҷуд аст. Ҳатто мардуми мо чӣ будани таҳсили «умумӣ ва ихтиёриро» намедонанд, таҳсили умумӣ ва ихтиёрӣ иборат аз таҳсили илм ва маърифат кардани ҳар шахс аст, ба ҳар синну сол, ки бошад ва ба кадом воситае, ки ба даст дарояд, аз ғайри иҷбори шахсе ва қуввате. Масалан, як шахси босаводи миёнсол ё ки кӯҳансол ҳаст, ки ба корҳои зиндагӣ гирифтор аст, рӯзе ҳашт ё даҳ соат корҳои воҷибии расмӣ ва хусусӣ дорад. Лекин ин шахс метавонад, ки ба ҳар шабу рӯз камаш ду соати худро баъд аз фароғати кор ва хоб ва дигар корҳои воҷибӣ ба таҳсили илм сарф намояд.

Шумо мегӯед, ки ин шахс бо ин ду соат чӣ гуна ва бо кадом восита таҳсили илм карда метавонад?

Инак арз мекунем: Рӯзнома ва маҷаллаҳои воридаро бо диққат ва бо назари ибрат мутолаа мекунад, китобҳои илмӣ, ахлоқӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки бо худ дорад ё ки аз кутубхонаҳои шаҳр ба даст медарояд, сафҳа-сафҳа, боб-боб ба қадри ҳавсала ва ғунҷоиши вақт аз назар мегузаронад. …Назариёти ёдгирифтаашро ба бародароне, ки аз неъмати мутолиа маҳруманд, ба ҷои лаҳвиёт* (вақтгузаронӣ) ба тариқи мусоҳаба (на ба тариқи устодӣ ва шогирдӣ) меомӯзад».

«Агар ин шахс хеле олим аст ва ба ин гуна мутолааҳои сатҳӣ эҳтиёҷ надорад, ин шахс ду соати фориғии худро ба ёд гирифтани ҳунаре ё забоне ки намедонад, сарф мекунад.

Агар ин шахс бесавод ва ё кӯрсавод аст, ба макотибе ки барои бузургон кушода шудааст, давом карда савод мебарорад ё ки хату саводи худро такмил мекунад, лоақал ба анҷуманҳои илмӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ихлос давом карда, чизе ёд мегирад, ба тамошохонаҳои мисли театру

кинемотуғраф ва амсолаш ба нияти ибрат (на ба қасди лаҳву лааб) рафта ҳисса мебардорад…»[30]

«Ҳамин аст мисдоқи* (маънои) таҳсили илм кардан аз маҳд, яъне гаҳвора, то лаҳад, яъне то гӯр. Ҳамчунон ки пайғомбари мо талаби илмро аз маҳд то лаҳад ба гардани мо фарз кардаанд, эҳтиёҷи зиндагӣ низ моро иҷбор мекунад, ки ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соатӣ умри худро ба тарзе ки дар боло арз шуд, ба таҳсили илм сарф намоем, ба ифода ва истифода машғул шавем, то ки дар машоғили дунявӣ аз дигарон ба қафо монда, аз неъмати илму маърифат, ки инқилоби ҷаҳон ва озодии ранҷбарон ба мо бахш кардааст, маҳрум ва бебаҳра намонем. Аз таҳсили «хусусӣ ва иҷборӣ» дар мақолаи дигар баҳс ронда мешавад»[31].

Тавре болотар таъкид шуд, устод С. Айнӣ қисми дувуми таҳсили илмро «хусусӣ ва иҷборӣ» гуфта буд. Дар тавзеҳи ин гуфта қайд менамоянд, ки «таҳсили хусусӣ таҳсилест, ки дар синни махсус ва дар доруттаълимҳои махсус ба ӯ машғулӣ меравад. Масалан атфол аз панҷсолагӣ то ҳаштсолагӣ ба дорулатфол, аз ҳаштсолагӣ то ҳафтдаҳ-ҳаждаҳсолагӣ ба ду дараҷа мактаби ибтидоӣ давом мекунанд. Иҷборӣ он аст, ки ба фармони ҳукумат атфоле, ки дар байни синну соли мазкураанд, ба доруттаълимҳои мазкурра давом карданашон маҷбурист».

Бо таъсиси Ҳукумати шӯроӣ дар Туркистон таҳсили маҷбурӣ эълон карда шуд. «Атфоле, ки ба макотиб давом кардаанд, ба қадри машғулият ва сарфи авқоташон истифода бурданд? Оё аз қувваи моддӣ ва маънавӣ, ки дар ин дусола қаҳтии риҷол ва асбоб дар роҳи илм ва маърифат сарф гардид, фоидаи маъмула ба даст даромад? Мааттаассуф дар ин суолҳо «не» гуфта ҷавоб додан лозим меояд. Дар он тақсири ашхосе, ки ба ваколати ҳукумати

[30] Ҳамон ҷо, саҳ 48
[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 49

ранҷбарон дар сари кори маорифи Туркистон нишастаанд, мебинем.

Сабаби ҳамаи инро дар надоштани муаллим, надоштани китобу қаламу сиёҳӣ, дафтару коғаз ва бино медонад. «Оре! Мо муаллим надоштем ва надорем, ин чанд нафаре, ки номи муаллимиро бардоштаанд, аз курси муаллимин баромадаанд».[32]

Агар аз соли 1918, ки ба ҳар тарафи кишвари Туркистон курси муаллимин кушода шуда, дар ин боб қадаре эҳтиёт мерафт, агар ба миқдори муаллимини ҳозира намерасид ҳам, муаллимҳои биннисба* (нисбатан) муқтадир ба даст хеле медаромад.

Китоб надоштем ва надорем. Лекин барои китобҳои макотиби Туркистон хеле коғаз таъсис ёфт. Аммо аз он коғазу асбоб дуруст истифода карда натавонистем. Ҳамаи инро дар ғояти ҷидду ҷаҳд дар роҳи маориф ҳисобида, изҳори умедворӣ менамоянд, ки «масъалаи қалам» ҳар чи зудтар ҳал карда шавад. Ва бо хитоб меафзоянд, ки «Зуд ба кор бошед, бародарон! «Акнун навбати қалам аст»[33]

Дар мақолаи «Масъалаи маориф ва китоб», ки 1 августи соли 1921 дар «Шӯълаи инқилоб» чоп шудааст, устод Айнӣ асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар миллат ва қавмро вобаста бар маориф ва макотиб меҳисобанд. Масъалаи маориф нисбат ба Туркистони мо, ки солҳои дароз боз ба ғафлат ғунуда аст, зиёдтар аҳамият пайдо мекунад. Туркистоне, ки аз фунуни ҷадида ва аз таърихи олам, аз муҷоҳада ва муборизаи сунуф ва билҷумла аз тамоми вуқуоти дунёи куҳна ва нав билкуллия бехабар буд, бояд ба воситаи макотиб огаҳӣ ёфта ба майдони инқилоб як насли ҷадид расонад. Ҳамин аст, ки Ҳукумати Шӯроӣ «ҳама чиз барои мактаб аст»-ро ба худ шиор қарор дода, дар нашри маориф кӯшиш намуд ва менамояд. Дар ин чаҳорсолаи инқилоб дорои хеле муассисаҳои илмӣ ва соҳиби фавҷҳо муаллим ва

[32] Ҳамон ҷо, саҳ. 49
[33]Ҳамон ҷо, саҳ. 59

мутааллим гардид. Дар Туркистон то биёбонҳои қирғиз ва қазоқ аз шарофати маориф, кам ҳам бошад, баҳраёб шуданд. Ҳукумат дар бораи таъсиси макотиб ва бунёди асбоби он мисли курсӣ ва лавҳаи таълим ва расонидани муаллим хеле кӯшишҳои ҷиддӣ ба кор бурд ва мебарад, ки шоҳидаш пеши назари мо ба майдон муҷассам истодааст.

«Ба назари таҳқиқ бингарем, авлоди Туркистон аз ин макотиб ба қадри гумони халқ ва орзуи ҳукумат баҳраманд нагардиданд. Ба ин ду сабаб ҳаст: яке камтаҷрибагии муаллимон, дуввум- бекитобист».

«Таҷриба» ба қонуни тадриҷ вобастааст. Сабаби дувумӣ, ки бекитобист, сабаби асосии адами истифода аз макотиби ҳозира аст.

«Ҳар сол дар масъалаи китоб музокараҳо мешавад, қарорҳо пазируфта мегардад, ҳайъатҳои таълиф ва тарҷима ташкил меёбад…

Устод Айнӣ дар ин мақолааш дар бораи он ки дар марказ- Тошканд аз тарафи Комиссариати маорифи Туркистон як «ҳайати илмӣ» таъсис дода шуда, аз ҳисоби ин ҳайат маблағи бузурге низ тахсис гардид, лекин кори намоёне ба сомон расонида нашуд. Яъне, боз «бетолеии бузург насиби ӯзбакону форсиёни Туркистон буд»[34]. Тавре қайд менамоянд «қирғизу тоторҳои маскуни Туркистон «як навъ гилемгӯшаи худро аз об кашиданд ва мекашанд. Тоторҳо зотан як қавми маорифдида ва дорои васоёти илмӣ буданд. Тоифаи қирғиз аз он ҷо ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ ба сари кор омада, то ҳол хеле китоб ҳозир намуданд. Аммо ба ном тоифаи ӯзбак ғайр аз ду-се китобчае, ки аз тоторӣ табдил дода шудааст ва ҳанӯз дар лаҳҷаи нахустини худ боқист, дигар чизе ба майдон нест.

Барои форсиёни Туркистон танҳо китобчаи «Соли нахустин» интишор ёфт, ғайр аз ин чизе ба назар намеояд

---

[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 60

ва барои омода кардани китоби форсӣ кӯшише ҳаст ё нест, ин ҳам ба мо маълум нест».

«Агар аҳвол бад-ин минвол давомот кунад, махориҷи мофавқуттоқа (хароҷоти тоқатшикан), ки ҳукумат дар роҳи маориф мекашад, ҳама ҳадар ва беасар меравад». Бинобар ин, устод Айнӣ таъкид менамоянд, ки шуъбаҳои маориф ва ҳамаи маорифхоҳонро зарур аст, ки кӯшишҳо карда, то сари таҳсили оянда, кам ҳам бошад, як қисм китоби мактабии ӯзбакӣ ва форсиро ҳозир намоянд», вагарна натиҷа ҳамон аст, ки дар боло арз шуд»[35].

Мақолаи «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ»-ро устод С.Айнӣ 23 сентябри соли 1921, дар саҳифаҳои 1-2-юми «Шӯълаи Инқилоб» ба табъ мерасонанд. Барҳам додани бесаводии аҳолии Туркистон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор мерафт, ки устод Айнӣ ин масъаларо кӯшишҳои анқариб яксолаи фавқуллодаи Ҳукумати Шӯроии Туркистон бо роҳи таъсис додани комиссия, ки ҳазорҳо китоби алифборо нашр карда буд, меҳисобад. Бо кӯшиши чунин комиссия дар вилояти Самарқанд асбобу адавоти лозима омода карда шуда, курси тайёр кардани муаллимин низ кушода шудааст.

Айнӣ қайд менамояд, ки «..қазияи аз офтоб равшан аст, ки то кас соҳиби хату савод ва дорои дониш набошад, агар дунё аз адолат пур шавад, боз ҳам беҳуқуқ ва маъзур хоҳад монд».

Адиб таъсиси мактабҳои ибтидоиро татбиқи ҳаққи атфоли хурдсол ва огаҳӣ аз ҳуқуқҳои худ ва ҳамзамон таъсири онро ба фуқарои деҳқон ва коргар низ медонад. Дар ин мавзӯъ таъкиди Айнӣ ҷолиби диққат аст: «Лоақал ҳамин қадар донишро доро бошем, ки як мирзои фиребгар бо як порча коғази сохта моро гӯл зада натавонад. …ба муқобили бесаводӣ як муборизаи қаҳрамонона эълон карда, ин душманро дар муддати андак мағлуб ва маққур намоем... мардуми саводнок дар байни синфи деҳқон ва коргар саде аз ду-се зиёда нест.

[35] Ҳамон ҷо, саҳ. 60

Боқӣ ҳама бесаводанд. Барои омӯхтани ин ҳама бесаводон ҳазорҳо омӯзгор лозим»[36].

Яке аз роҳҳои таъмин кардан бо омӯзгорон ва дар ин роҳ ба матлаб расиданро устод Айнӣ дар ба таври биззот иштирок кардани мардум меҳисобад. Яъне, дар се моҳи фасли зимистон, ки деҳқонон аз кор фориғ мешаванд ва айёми барфу боронро дар меҳмонхонаҳо, дар атрофи манқали оташ ба ҷойи суҳбату шунавидани афсонаву қиссаҳо ҳар рӯз чанд тартиби таълимро бинанд, он гоҳ даҳ-понздаҳ нафар бародарони худро дорои хату савод менамоянд. «Ба ҳамин тартиб то ду-се соли дигар дар кишвар касе бесавод нахоҳад монд… чизе ки дар ин бора аз мардум сарф мешавад, бисёр чизи муҳим нест. Аз рӯзҳои бекории сари гулхан ва манқал фақат рӯзе ду-се соат вақт аст!»[37]

Дар мақолаи «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» 4 сентябри соли 1924 чоп шудааст, устод Айнӣ масъалаи мактабу маорифро ҳаёту мамоти қавми тоҷик ва ба роҳ андохтани онро аз лозимтарин корҳо меҳисобад. «Барои ба роҳ андохтани мактабҳои тоҷик нахустин мартаба муаллим ва китоб даркор аст»[38]. Ҳамчунин, зикр менамояд, ки «..ҳукумати марказии Туркистон ҷиҳати ҳозир кардани муаллим барои тоҷикон дар Тошканд як мактаб мекушояд. Дар ин мактаб дусад нафар аз ҷавонони тоҷикро, ки толиби илм ва маърифатанд, ҷо медиҳад. Шогирдон шабу рӯз дар мактаб истиқомат карда, илм меомӯзанд, хароҷоти хӯроку пӯшоки ин шогирдон ҳам ҳама аз тарафи ҳукумат аст. ..ин кор барои тоҷикон зиёда муҳим ва бароиояндаи эшон зиёда боровар аст»[39].

---

[36] Ҳамон ҷо, саҳ. 61
[37] Ҳамон ҷо, саҳ. 63
[38] Ҳамон ҷо, саҳ. 67
[39] Ҳамон ҷо, саҳ. 68

Албатта, барои ин сабр лозим аст, ки хонандагони ин мактаб муаллим шуда бароянд ва мактабҳои тоҷиконро ба роҳ андозанд. Ба ин хотир тавсия медиҳанд, ки «…ҳеҷ фурсат нагузаронда, дар Самарқанд, ки ба кӯҳистони тоҷикон наздик аст ва маркази маданият ба шумор меравад, як курс кушода шавад. Дар ин курс аз Фалғар, Мастчоҳ ва сойири кӯҳистон ва деҳоти тоҷикон толибилмон бирасанд ва ҷавононе, ки дорои хатту саводанд, тахминан 40-50 нафарро ҷамъ карда, 4 ё 5 моҳ тарбият карда шавад»[40]. Бо ин мақсад махсус таъкид менамоянд, ки дар Самарқанд аз ҳисоби муаллимоне, ки дорулмуаллимин ва курсҳои таълиму тарбияи Самарқандро идора карда истодаанд, забони тоҷикиро хуб медонанд. Маҳз аз ҳисоби чунин муаллимони самарқандӣ, ки соҳиби маълумот ва таҷриба шудаанд, метавонанд дар муддати ду-се моҳ аз ҳисоби ҷавонони тоҷик муаллим расонанд.

Устод Айнӣ таъсиси чунин курсҳоро, ки солҳои нуздаҳуму бистуми қарни гузашта барои ӯзбакон дар Самарқанд кушода шуда буд, нофеъ ва самараноктар меҳисобад. Чунки он вақт муаллимони самарқандие, ки курсҳоро идора мекарданд, таҷриба ва маълумоти кофӣ надоштанд ва муаллимони бегонае, ки дар он курсҳо дарс медоданд, бинобар сабаби бегонагии забон (забони ӯзбекӣ) фоидаи дурусте расонида наметавонистанд. Илова бар ин дар курсҳо шогирдон бе пурсишу тафтиш қабул карда шуда буданд ва манфиати зиёде ҳам дода наметавонистанд.

Ба ин хотир Айни махсус таъкид менамоянд, ки барои самарадор шудани курс дар қабули шогирдон диққат дода, шогирди бисёреро ҳам ҷамъ кардан лозим нест. Шеваи «тала куну сара кун»-ро ба кор бурда, бо пурсиш ва имтиҳон интихоб намудани ҷавонони қобил»-ро мувофиқи мақсад мешуморад.

---

[40] Ҳамон ҷо, саҳ. 68

Устод Айнӣ дар моҳи октябр барои тоҷикон кушода шудани курсҳои таълиму тарбияро умедворие дар боз гардидани чанд мактаби усули нав дар моҳҳои январ ё феврал дар кӯҳистони тоҷикон меҳисобад. Ифтихору итминони Садриддин Айнӣ дар мақолаи мазкур ин кушода шудани мактаби нав дар кӯҳистони тоҷикон ва ба ин васила ба майдон баромадани зеҳни соф ва қобилияти фитрии аҳли кӯҳистон мебошад.

Дар мақолаи «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», ки устод Айнӣ онро 12 сентябри соли 1924 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба табъ мерасонанд, барои қавми тоҷик масъалаи маорифро воҷибтарини масъалаҳо ҳисобида, таъкид менамоянд, ки «Барои ба роҳ андохтани мактаб ва маорифи тоҷик ҳозир намудани муаллим чи қадар лозим бошад, тайёр кардани китоб ҳам ҳамон қадар зарур аст».

Ҳамзамон, пешниҳод менамоянд, ки «...барои китобҳои мактабии тоҷикон аз забони кӯҳистони тоҷик, ки забони форсии сода, аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт (махлут) наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст. .. дар талаффуз назар ба забони форсиёни шаҳрӣ қадаре ғализӣ дорад... Ин гуна забон аз Фалғар – Мастчоҳ гирифта то Қаротегин ва Дарвоз маъмул ва ҳамафаҳм аст. ...бояд забони китобҳои мактабии тоҷикон забони форсии сода бошад. Ба иборати дигар забони аксарияти тоҷикони кӯҳистон бошад»[41].

Бо ҷорӣ шудани мактаби усули тоза ду-се ҷузъ китобҳои форсие, ки дар Туркистону Самарқанд ва Бухоро чоп шуд, дар баробари он ки ба усули таълим он қадар мувофиқ нестанд, аз ҷиҳати забон ҳам хеле нуқсон дошта, дар давраҳои истибдод навишта шудаанд ва ба зиндагонӣ ва усули ҳозира он қадар мувофиқ нестанд. Бинобар ин, устод Айнӣ пешниҳод менамоянд, ки «...моро лозим аст, ки китобҳои мактабии тоҷиконро аз

---

[41] Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон, саҳ. 71

алифбо гирифта то китоби савод, ҳисоб, таърих ва ҷуғрофия, маълумоти мадания ва сиёсия аз сари нав таълиф ва тартиб намоем».

Дар навбати аввал алифбо ва китоби саводро тайёр карда, баъд кадом китоберо, ки бештар даркор аст, пештар ҳозир намоем. Бо ин мақсад, таъкид менамоянд, ки «то моҳи декабр бояд ду-се китоб чоп карда шавад, вагарна дар кӯҳистони тоҷик мактаб кушода намешавад»[42]. Ба ин хотир, таваҷҷуҳи доираҳои ҳукуматӣ ва шахсони алоҳидаро ба масъалаи тоҷикон ҷалб карда, дар мақолаи пас аз ин интишорнамудааш- «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон» (14 октябри соли 1924 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шудааст) махсус таъкид менамоянд, ки «..қобилияти ташкилотии шӯроӣ дар тоҷикони кӯҳистон аз сойири қавмҳои Туркистон бештар аст… ҷавононе, ки дар курсҳои хату савод қобилияти фавқуллодаи худро нишон медиҳанд, зиёдтар дар тарбияи эшон кӯшиш карда, ба курсҳои махсус дохил карда тарбияти сиёсӣ ва тарбияти идорагии эшонро ба камол расонида шавад»[43].

Устод Айнӣ дар ин мақола бо умедвории бепоён изҳор медоранд, ки «...то барпо шудани вилояти мухтори тоҷик ба миқдори коркунони шӯроии дараҷаи дуввум аз худи ранҷбарони тоҷик ба ҳам расад. Агар ин дастаи тарбиятшударо бо роҳбарии одамони таҷрибадида ба ҳар тарафи вилояти мухтори тоҷик тақсим карда шавад, умед аст, ки вилояти мухтори тоҷик бе коркун намемонад. …ҳамин ки ташкилоти идораҳои шӯроӣ, агарчи ба дараҷаи ибтидоӣ бошад, дар вилояти мухтори тоҷик барпо шавад, ба андак фурсат оммаи фуқаро ва ранҷбарони кӯҳистони тоҷик дар атрофи идораи шӯроӣ гирд омада, кори худро худ хоҳанд кард»[44].

Ҳамин тариқ, масъалаи маърифатнокии тоҷикон дар солҳои 1918-1924 нахустталошҳо ва ҷидду ҷаҳди

[42] Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон, саҳ. 71
[43] Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон, саҳ. 72
[44] Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон, саҳ. 73

ҳамаумрии поягузори илму маориф, бунёдгузори маърифату фарҳанг, раҳнамо ва ҳидоятгар ба ҷаҳони аз нигоҳи иҷтимоӣ нав, андешаҳои созандаву бунёдгароёна ва ҳидоятгароёна ба фардои дурахшони нахустқаҳрамони Тоҷикистон, мубориз, муаррих устод Садриддин Саидмуродхоҷа Айнӣ масъалаи муҳиме арзёбӣ мешавад, ки барои ташаккули маърифатнокии тоҷикон нақши бориз дорад. Моҳияти масъалаи мазкур дар доираи чанд мақолаҳо таҷассуми талошҳои маърифатпарваронаи устод Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Садриддин Айнӣ. Ахгари инқилоб. – Душанбе, 1974
2. Садриддин Айнӣ. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. - Сталинобод, 1958.
3. Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе, 1987

* * * * *

***Эҳсон САФАРЗОДА-***
***сардори Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илм,***
***аспиранти ДМТ***

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Нахустқаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ на танҳо адиб, адабиётшинос, забоншинос ва таърихшиноси барҷаста буд, балки дар муҳокимаю баррасиҳои ҷамъиятию сиёсӣ низ дасти тавоно дошт. То имрӯз муҳаққиқон дар бораи публитсистикаи устод Айнӣ таҳқиқотҳои кофӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни ин осори беназири устодро аз диди адабиётшиносиву

таърихӣ ва ҷамъиятӣ ошкор намудаанд. Аммо ногуфта намонад, ки ҷиҳати сиёсӣ, хусусан, тасвири вазъи сиёсати байналхалқии давр ва таъсири он ба ҷомеаи Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аз тарафи донишмандон ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Ин ҷо кӯшиш мекунем, ба масъалаи публитсистикаи сиёсӣ дар осори устод Айнӣ ва аҳамияти он дар худшиносии миллии тоҷикон то андозае рӯшанӣ андозем.

Омӯзиши осори публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ аҳамияти бузурги илмӣ дорад. Устод Садриддин Айнӣ асосан солҳои бистум ва аввали сиюми асри бист баъди он ки масъалаҳои аввалиндараҷаи сохтмони давлати Шӯравӣ ба итмом расид ва то андозае ҳалли худро ёфт, рӯ ба публитсистикаи сиёсӣ ва байналмилалӣ овард. Чи тавре ки маълум аст, баъди Ғалабаи Инқилоби Октябр ва мустаҳкам шудани давлати Шӯравӣ яке аз ғояҳои асосии ин давлат таъсиррасонӣ ба давлатҳои Шарқи хориҷӣ буд. Зеро бо таъсири Инқилоби Октябр, дар ҳақиқат дар мамлакатҳои мазлуми Шарқ, мустамликаҳои давлатҳои Ғарб ҳаракати озодихоҳӣ вусъат ёфт ва давлати ҷавони Шӯравӣ ин ҳаракатҳоро дастгирӣ менамуд. Ин мавзӯъ дар адабиёти тоҷик агар аз солҳои бистум оғоз ёфта бошад, то солҳои панҷоҳуму шастуми асри бист низ идома дошт.

Ҳамин тавр, муқоисаи сохти Шӯравӣ бо давлатҳои дигар, тасвири ёрии давлати Шӯравӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ ва махсусан, Шарқи хориҷӣ дар марҳалаи аввали публитсистикаи устод Айнӣ мавқеи хос дорад. Дар мақолаҳои сершумор аз қабили «Масъалаи Шарқ», «Аҳволи Эрон», «Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаи Шарқ», «Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид», «Инқилоби байналмилал, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон» ва ғайра, ки роҷеъ ба вазъи байналхалқӣ навишта шудаанд, устод ҳамчун «интернатсионалист»-и собитқадам, ҳомии озодӣ ва сулҳу осоиши ранҷбарони тамоми олам сухан меронад.

Устод Айнӣ, махсусан, ба вазъияти мамолики Шарқ таваҷҷуҳи зиёд равона кардааст. Ӯ дар як қатор мақолаҳояш сабабҳои асосии аз тарафи мустамликадорони мағрибӣ истило шудани мамлакатҳои Осиёро баён намуда, макру фиреб ва ҳилаву найрангҳои «империалистон»-ро, ки худро «ободкунандагон»-и кишварҳои Шарқ, «паҳнкунандагон»-и илму маданият ва «мураббиён»-и аҳолии ин сарзамин ба қалам дода, бо ваъдаҳои бардурӯғ ва мунофиқона онҳоро ба худ мутеъ месохтанд, фош мекунад.

Дар ин бобат, мақолае, ки бо унвони «Масъалаи Шарқ» навишта шудааст, диққатангез мебошад. Дар мақолаи «Масъалаи Шарқ» Садриддин Айнӣ бори нахуст ба таҳлил ва баррасии масоили байналмилалӣ пардохта, муҳиммияти вазъи сиёсии даврро таъкид менамояд ва дар иртибот ба ин мавзӯъ ба таври муфассал дар хусуси мамолики абарқудрати Аврупо, ки устод Фарангистон меномад, доир ба чигунагии аҳволи сиёсию иқтисодӣ ва пешрафту тараққии он кишварҳо маълумот медиҳад. Ба ақидаи устод С.Айнӣ, аҳли Ғарб, фарангиён чи дар рушди саноат, чи иқтисод ва кишоварзӣ бар пояҳои баланд расидаанд, ки ин ҳақиқати бебаҳс аст. Мавсуф бо андешаю муҳокимаронии хоси худ пешрафти кишварҳои Ғарбро тасдиқ ва таъсири он мамоликро ба дигар сарзаминҳо бо далелҳои мушаххас исбот менамояд ва нишон медиҳад, ки ҳадафи ниҳоии фарангиён ба зери итоати худ даровардани давлатҳои Шарқ ва сарвату бойигариҳои онҳо мебошад, ки дар ин байн кишварҳои Осиёи Миёна низ ҳастанд. Менависад: «Чун аҳли Ғарб, яъне фарҳангиён аз ҷиҳати илм, ҳунар ва санъат тараққӣ карданд, конҳоро кофтанд, кӯҳҳоро шикофтанд ва аз ҳар гуна қувваи табиӣ… истифода карданд.

…Сарватдорони Фаранг ҳам ҳар қадар ки дар зоҳир «мо машриқзаминро обод мекунем, дар машриқ илму

маданият нашр менамоем ва аҳли Шарқро тарбият мекунем ва амсолаш...» гӯянд ҳам, мақсадашон буду нобуди Машриқзаминро ба яғмо бурдан ва аҳли Шарқро ғуломосо, бал ҳайвонвор ба манфиати худ кор фармудан аст»[45]. Чи тавре ки мебинем, ҳарчанд устод Айнӣ пешрафти давлатҳои Ғарбро қойил бошад ҳам, назари бадхоҳонаи онҳоро ба Шарқ низ ошкор баён кардааст ва дар зимн сабаби фақирӣ, нодории халқҳои Шарқро аз худашон низ донистааст, ки ба ҷойи илму дониш андӯхтан ба гапу корҳои беҳуда машғул мешаванд ва яке аз ҷурми асосиашон танбалист.

Мамлакатҳои, абарқудрати Аврупо барои тараққии бештари соҳаҳои иқтисоду саноат ва кишоварзӣ ба ашёи хому бозорҳои сарзаминҳои Шарқ ва заминҳои ҳосилхези онҳо чашми тамаъ дӯхта, баҳри дар асорату ғуломӣ нигоҳ доштани миллатҳои мазлум талош мекарданд. Ба андешаи устод С. Айнӣ, ин масъала барои он «Масъалаи Шарқ» ном гирифтааст, ки ҳар яке аз давлатҳои Ғарб ба мақсади бештар ба даст даровардани ин сарзаминҳо ва истифода аз сарватҳои онҳо мубориза мебурданд.

С. Айнӣ хусусияти иртиҷоъпарастона ва истилогаронаи он кишварҳоро баён намуда, чунин мегӯяд:

«Инак ҳамин: ба даст даровардани бозорҳои Шарқ ва соҳибӣ кардани хоки ҳосилхези машриқзамин ва аз сарват ва давлат ҷудо карда, ба худ ғулом кардани аҳли Шарқро ва ҳар кадомашон саҳми бузургтар ва хубтар гирифтан аз машриқзаминро фарангиён «масъалаи Шарқ!» мегӯянд»[46].

Дар ошкор намудани хусусияти ғосибона доштани муносибати кишварҳои Ғарб ба мамолики Шарқ устод С. Айнӣ ҳамчун сиёсатмадори донишманд ба шикаст ва азобҳо гирифтор шудани кишварҳои Осиёиро бо диду

---

[45] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.110-111.

[46] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.110-111.

мушоҳидаҳои илман асоснок бозгӯӣ мекунад. Дар ин росто, вай се давлатро, ки мунтаҳо аз сиёсати ҳилагаронаи кишварҳои Ғарбӣ огаҳ гардида, барои озодию соҳибистиқлолии худ ба мубориза бархостанд, зикр мекунад: «Аз сад сол ин тараф «масъалаи Шарқ» рӯз то рӯз шиддат мекунад. Ба ин балоҳо, ки ба сари Усмонӣ омад, ба ин вайрониҳо, ки Эрон гирифтор шуд, ба ин фоҷиаҳо, ки Ҳиндустон мубтало гардид, ба ин харобиҳо, ки бар Чин рӯй дод, ба ин асорати тоқатсӯзи панҷоҳсола, ки Туркистон кашид, «масъалаи Шарқ» сабаб ва боис буд. Фалокатҳое, ки «масъалаи Шарқ» дар ин сад соли охирӣ ба сари аҳли Шарқ умуман ва бар миллати ислом хусусан овард, агар даҳякашро нависем, ҷилдҳо китоб мешавад».[47]

Ишораҳои С. Айнӣ аслан ба сиёсати мустамликадории кишварҳои Ғарб нигаронида шуда, вай омилҳои мухталифи соҳиб гардидан ба сарватҳои мамолики Шарқро аз ҷониби фарангиён ба таври мушаххас ва дақиқ баён менамояд.

«Аз аҳли Шарқ танҳо ду давлат ба ҳақиқати «масъалаи Шарқ» пай бурданд: Якум – давлати Жопуния: давлати Жопуния ба масъала пай бурда, аз мавқеи ҷуғрофиёии худ, яъне аз будани хоки худ ба канори дунё, дар даруни дарё ва дур аз Фарангистон, истифода карда, дар зарфи панҷоҳ соли охирӣ хуб ҳозирӣ дида, ба сари сӣ соли ҳозирии худ, худро ба маърака нишон дод. Дуввум – давлати Усмонӣ: давлати Усмонӣ ҳарчанд пештар аз давлати Жопуния ба асли масъала воқиф шуд, афсӯс ки мавқеи ҷуғрофиёнаш, яъне будани хокаш ба наздикии Фарангистон ва махлут ба Фарангистон роҳ надод, ки хотирҷамъона таҳияи асбоб намуда, дар муқобили ин яғмогарони фарангӣ ба омодагии тамом барояд ва ҳам қисми бузурги Шарқро, ки фарангиён чашм дӯхта буданд,

---

[47] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.110-111-112.

мусулмонон ташкил мекарданд, хилофати ислом қувваи рӯҳонӣ ва ҷисмонии аҳли ислом ба дасти давлати Усмонӣ буд. Барои хубтар ҳазм кардани олами ислом маҳв кардани хилофати Усмонӣ лозим буд, бинобар ҳамин ҷиҳатҳо аввал зарбае, ки фарангиён мезаданд, ба сари Усмонӣ буд. Миёни худ ҷидол мекарданд, дар бадали сулҳ аз хоки Усмонӣ порча-порча мегирифтанд, якеш ба Усмонӣ ҳуҷум мекард, они дигараш мусаллаҳ шуда ба миён даромада (гарчи Усмонӣ ғолиб шуда бошад ҳам) як қисм аз замини Усмониро соҳибӣ мекард ё худ ихтиёр ва имтиёзе ба хоки Усмонӣ мегирифт.

Ин ваҳшигарони муддаии маданият, яъне фарангиён дохилаи мамлакати Усмониро ҳам осуда намегузоштанд. Ҷавонони Усмонӣ аз ҷанги хориҷӣ фориғ шуда-ношуда имрӯз силоҳ ба даст, гуруснаву ташна дар регзорҳои Арабистон медавиданд, чаро? Зеро Англис силоҳ ва пул дода, як қисм аз аъробро бар хилофи хилофати Усмонӣ барангехтааст»[48].

Устод С.Айнӣ аз рушди тараққӣ бозмондани кишварҳои Шарқ ва ба итоати мамолики Аврупо даромадани онҳоро ба зери танқид гирифта, зикр менамояд, ки ин омил аз сатҳи пасти фаҳмиш ва нодонии миллатҳои мазкур вобаста аст. Устод бо таассуф хотирнишон менамояд, ки империалистон аз заифию ҷоҳилии қавлу миллатҳои Осиёи Сағир истифода бурда, ин кишварҳои қафомондаро ба ҷанги зидди ҳамдигар тела медиҳанд. Имрӯз ҳам чунин аст. Аксари чунин ҷангҳои ваҳшиёна байни давлатҳои аҳолияш мусулмон сар мезанад ва табиист, ки мамолики Ғарб ин вазъро ба суди хеш истифода намуда, ба ин миллатҳо фишор оварда, онҳоро бераҳмона истисмор мекунад. Устод С. Айнӣ ин раванди сиёсиро огоҳмандона таҳлил ва характери таҷовузкоронаи давлатҳои империалистиро ошкор месозад. Ӯ мегӯяд:

---

[48] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.112.

Нависанда акнун Шарқро ба беморе ва мустамликадоронро ба ворисони беинсофу чашмгурусна шабоҳат дода, мунофиқат ва риёкории шахсони сарватпарастро боз ҳам равшантар тасвир мекунад. Услуби публитсистии устод Айнӣ аз дигар публитсистони маълуми мо фарқ мекунад. Адиби тоҷик ин ҷо аз тасвир ва ташбеҳу истиораҳои шарқӣ истифода мебарад ва ин сабк ба фаҳмо, равшан ва нишонрас баромадани афкори ӯ ёрӣ мерасонад.

«Аҳли Шарқ, - менависад устод, - дар ин солҳои охир бемореро монанд буд, ки бистари мараз ба ҳолати эҳтизор монанд буд, ки дар атрофаш ворисони чашмгурусна ҷамъ шуда, мунтазири баромадани ҷони бемор ва дар фикри бисёртар ҳисса рабудан аз моли мерос бошанд...

Чунон ки ворисони беинсоф пеши бемор бардурӯғу риё ҳарфҳои тасаллиомез зада, ҳақиқатан ҳар чӣ зудтар мурданашро аз Худо металабанд, инчунин фарангиён ҳам ба сари бистари бемори Шарқ нишаста, тасаллиҳои дурӯғину риёкорона медиҳанд, масалан: «Дар истиқлоли шумо ҳаргиз халал нахоҳад расид, ҳуқуқи сиёсӣ ва миллии шумо ба қуввати қонуни байни дувал маҳфуз аст; мо дар мулки шумо чашм надӯхтаем, балки мехоҳем мамлакати шуморо аз ҷиҳати тиҷорат ва иқтисод тараққӣ диҳем, ба таъмироти маданӣ обод кунем, масориф ва мадохили шуморо мунтазам намоем, бар рӯйи аҳолии шумо дари илму маърифатро кушоем…» гуфта, ҳақиқатан ҳар чӣ зудтар осори ҳаёти ин бечораро аз дунё бардошта ба амлокаш соҳиб шуданро мехостанд»[49].

Ҳамин тавр, нависанда бо чунин роҳ ниқобро аз рӯйи империалистони ғосиб ва тороҷгар барканда, сирати манфури онҳоро дар пеши назари хонанда возеҳу равшан нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

---

[49] Айнӣ С. Осори баргузида. Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон, 1958. -С.113.

Садриддин Айнӣ дар як силсила мақолаҳояш, ки ба тафсири авзои байналхалқӣ бахшида шудаанд, оид ба вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии кишварҳои Шарқ ва таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқҳои он таваққуф карда, таъсири Инқилоби Октябрро ба олами Шарқ ва вусъати ҳаракатҳои инқилобии он хотиррасон менамояд.

Дар мақолаи мазкур нависанда оид ба тарзи мубориза ва роҳҳои халосии Шарқ фикру мулоҳизаҳои худро баён карда, ҳатман ба озодӣ расидани онҳоро баён месозад. Адиб шароити таърихӣ ва воқеаҳоеро, ки дар арсаи байналхалқӣ рӯй медоданд, пеши назар оварда, ба чунин хулоса меояд:

«Имрӯза аҳволи дунё ҳаминро нишон медиҳад, ки рӯзи подшоҳони Фарангистон ба охир расида, наздик аст, ки Инқилоби умумӣ рӯйи дунёро гирифта, Шарқу Ғарбро аз вуҷуди мурдори ин хунхӯрони ғаддор пок карда, ба осудагӣ зиндагонӣ карданро насиби умуми одамиён намояд…

Эй маҳди маданият! Эй манбаи илму маърифат! Эй маҳалли ростию диёнот! Эй парваришгоҳи инсоният! Эй мабдаи одамият! Эй валинеъмати рӯйи ҷаҳон! Эй Шарқ!!! Бархез, ки ҷаҳон барои истихлоси ту бархост! Эй аҳли Шарқ, ҳозир бош, ки масъалаи Шарқ ба нафъи ту ҳал хоҳад шуд»[50]. Бале, сатрҳои охир як нидо, руҷуи лирикии устод Айнӣ мебошад, ки ба хонанда таъсири бузург мебахшад. Инчунин мақолаҳо то ба ҳол аҳамияти худро гум накардаанд, афсӯс, ки мо ҳоло аз онҳо ба таври комил истифода намебарем.

Суоле ба миён меояд, ки устод Айнӣ дар бораи вазъи мамолики Шарқ аз куҷо ин қадар маълумоти комил дошт, ки бо як боварӣ сухан меронад ва хулосабарорӣ мекунад? Бояд гуфт, ки устод дар ин қабил мақолаҳояш бештар ба хабарҳои матбуот ва агентиҳои телеграфӣ, ки равиши амалиёт ва муҳорибаҳои зиддиимпериалистии аҳолии

---

[50] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.118-120.

Шарқ, ҳаракатҳои миллию озодихоҳии халқҳои Туркия, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Арабистон ва дигар кишварҳои Осиёро инъикос менамуданд, такя менамуд. Нависанда, дар ин маврид, дар бораи он давлатҳои Шарқ, ки дар муборизаҳо суботкорӣ ва азми қатъӣ нишон дода, ба ҳуқуқи миллии худ соҳиб мешуданд, бо таваҷҷуҳи махсус сухан меронад. Чунончӣ, ӯ амалиёти халқи Афғонистонро, ки дар натиҷаи ҷонфишониҳо юғи асорати мустамликадорони англисро дур партофта, ба истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ ноил гардидааст, тавсиф мекунад. Устод С. Айнӣ вазъи сиёсӣ ва марҳалаҳои инкишофи кишвари Афғонистон ва таҳкиму такомули давлатсозиро дар ин мамлакат муфассал таҳлил карда, ба дараҷаи баланди худшиносии миллӣ ва соҳибистиқлолӣ муваффақ гардидани онро дар байни дигар ҳамсояҳо, аз қабили Эрон ва хонигарии Хеваю аморати Бухоро дастоварди бузурги ин миллат меҳисобад.

Дар ин маврид, гуфтан зарур аст, ки яке аз хусусиятҳои асосии мақолаҳои публицистии сиёсии устод Айнӣ истифодаи муқоиса аст. Ҳамин тавр, ба ақидаи устод С. Айнӣ, давлати Эрон ва хони Хеваю амири Бухоро бар ивази роҳи тараққии кишварҳои худро пеш гирифтану самтҳои инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқро мушаххас намудан ва ба ин васила, принсипҳои эъмори давлатдории вижаи миллиро пешниҳод кардан зери ҳидояту амри мамлакати Англия (Англис) сиёсати худро роҳандозӣ намуданд.

Ҳамчун муаррих у мутафаккир устод С.Айнӣ таъсири Ҳукумати Шӯроии Россия ва муносибати онро бо мамолики Шарқ дар муқоиса бо кишварҳои Ғарб мавриди баррасӣ қарор дода, нахуст дар хусуси сиёсати хориҷии ин ҳукумат ва аҳволи иқтисодии он дар солҳои охир маълумот дода, аҳамияти таърихии инқилобро, ки дар ин сарзамин ба вуқӯъ пайваст, ба таври алоҳида арзёбӣ мекунад. С. Айнӣ ваҷҳи сар задани ошӯбҳо ва тадриҷан ба

раванди инқилобӣ мувоҷеҳ гардидани кишвари Русро хеле олимона қаламдод карда мегӯяд:

«Чун дар ҷанги охирии панҷсола аз ҳама зиёдтар хуни ранҷбарони Русия рехт, аз ҳама зиёдтар қути лоямути деҳқонони Русия аз даст рафт, умуми ранҷбар ва деҳқон ва аскари Русӣ, алами инқилобро бардоштанд, Николай ва итбоашро ба ҷаҳаннам фиристоданд, чун диданд, ки Ҳукумати муваққата (ҳукумати Керенский) аз хатти ҳукумати Николай раҳсипор шуда, ба хаёли гирифтани Исломбул ва нишондани салиб бар сари манораи масҷиди Аясофия ҷангро давомат кунонад, онро низ аз миён бардошта, шӯрои аскару деҳқон ва ранҷбарро ба ихтиёри комила бар сари кор оварданд. Ин инқилоб ба сарватдорони дохилаи Русия чӣ қадар таъсир карда бошад, ба сарватдорони хориҷа ва ҳукумати эшон садчандон таъсир кард».[51]

Бо вуҷуди ин баъзе иштибоҳҳо устод С.Айнӣ дар умум роҳи растагории миллатҳои Шарқро дар муборизаи инқилобӣ бар зидди ҳукуматҳои иртиҷоии империалистӣ медонад, ки оқибат онҳоро ба бунёди давлати миллии соҳибистиқлол, ки мардумонаш соҳибҳуқуқ ва озод мебошанд, бурда мерасонад.

Устод С.Айнӣ бисёр бамаврид ва воқеъбинона ҳадафи золимонаи мамолики Ғарбро, ки ба сарвату боигариҳои кишварҳои Осиёӣ чашми тамаъ дӯхтаанд, фош месозад. Дар ин роҳ ба Фарангистон давлатҳои Ҳиндустон ва Арабистон ёрӣ расонида, ба хотири ҳифзи манфиатҳои вижаи худ сарзаминҳои исломиро ба зулм ва истибдоди мамлакатҳои Аврупо гирифтор менамоянд. Сарчашмаи ин ҳама зулм аз ҷониби Фарангистон манбаи ашёи хом будани давлатҳои Осиёи Сағир ба шумор меравад.

Устод С.Айнӣ вазъи сиёсии ҷаҳони онрӯзаро дар мисоли робитаҳои давлати Жопуния бо Фарангистон бо тамоми ҷузъиёташ таҳлил намуда, зикр мекунад, ки

[51] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С.116-117.

нақшаи давлатҳои Ғарб ва Америкою Фаронса монеъ гардидан ба ошӯбҳо ва инқилобҳои мардумӣ буда, онҳо мехоҳанд оламро дар зери тобеияти худ, дар зулму асорат нигоҳ доранд. Вале чунин бархӯрд бо кишварҳои осиёӣ, ба ақидаи С.Айнӣ ба эътирози шадиди оммаи меҳнаткаш, ба инқилоб оварда мерасонад.

«Душмани Жопуния, ки Америко аст, низ ҳозирии мукаммал дида, шарики ҷинояти худ Англис ва Фаронсаро ба худ гирифта, мехоҳад дунёро дубора қассобхона бикунад. Хоҳ ранҷбарони Жопуния бошанд, хоҳ ранҷбарони соири давлатҳои ҷаҳонгир бошанд, ба ин рехтани хуни бани навъи инсон (ки бисёртар хуни ранҷбар хоҳад рехт), қатъиятан розӣ нахоҳанд шуд. Ранҷбароне, ки то ҳол маҷоли инқилоб наёфта буданд, агар имкон ёбанд, барои мумонаат ба ин ваҳшигарӣ, пеш аз вуқӯаш ва агар имкон наёбанд, баъд аз вуқӯаш ба якбора хоҳанд бархост. Асоси дабдабаи ин заламаро (зулмкунанда) ба хоки сиёҳ яксон хоҳанд кард. Ба кадом ҳол ки бошад, инқилоби умумӣ бар рӯи дунё ва мақсади байналмилали саввум воқеъ шуда умуми фарзандони одам рӯи шоҳиди озодиро хоҳанд дид»[52].

С.Айнӣ Ҳукумати Шӯравии Россияро наҷотбахш ва аз зери зулм озодкунандаи мардуми Шарқ ҳисобида, таъкид месозад, ки маҳз Россия ба масобаи халосгар миллати ранҷбари ин сарзаминҳоро ба шинохти ҳуқуқ ва озодиҳои худашон водор хоҳад сохт. Илова мекунад: «Лекин дар халос кардани Шарқ вазифаи бузург ба гардани худи аҳли Шарқ меафтад; аҳли Шарқро лозим аст, ки ба сари вазифа ҳозир шаванд, ҳаракати мазбӯҳонаро, ки чандин сол боз доштанд, ба як ҳаракати муттаҳидонаи зиндадилона табдил диҳанд, бар ҳаёти озодонаи оянда дил қавӣ доранд, агар дар байни худашон касе ёфт шавад, ки ба сиёсати сарватдорони Фарангистон майдони қалб дошта

[52] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. -С. 118-119.

бошад, ӯро аз ин роҳи хато баргардонанд, агар исрор карда ба манфиати подшоҳони Фарангистон ҳаракат кардани̅ шаванд, аз миён бардоранд, нагузоранд, ки ин меҳмонони нохонда, баъд аз ин дар Шарқ ҳокимӣ кунанд, нагузоранд, ки ин ҳилагарони ваҳшӣ баъд аз ин гӯшти аҳли Шарқро ба равғани худи аҳли Шарқ бирён карда, нӯши ҷон намоянд.

Дар поёни мақола устод С.Айнӣ хитобан ба мардуми Шарқ мегӯяд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ фирефтаи ваъдаҳои мамолики Аврупо нагардида, барои озодии худ ин миллатҳо бояд ба мубориза бархезанд, «алоқаи худро тамоман аз ин мутакаббирони ҳақношинос бибуранд».

Дар ин мақола чун дар дигар навиштаҳои публитсистии устод С.Айнӣ рӯҳи барозандаи ӯ ҳамчун фарди ватандӯсту истиқлолиятхоҳ, ки баҳри ба озодӣ расидани қавму халқиятҳои Шарқ, аз ҷумла, тоҷикон, бо сухан талош меварзад, намоён мегардад.

Навиштаҳои устод С. Айнӣ дар масъалаи Шарқ асосан дар жанрҳои мақола ва нигориш буда, бо манбаъҳои матбуоти туркӣ ва форсии берун аз Осиёи Миёна такя мекарданд.

Масъалаи дигаре, ки дар мақолаҳои вобаста ба Шарқ бахшидашудаи устод ба чашм мерасад, ин мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва иттиҳодияҳои ҳалқҳо мебошад. Бояд гуфт, ки С. Айнӣ ин масъаларо яке аз шартҳои асосии аз зулму истисмор наҷот ёфтани оммаи меҳнаткаши дунё донистааст. Ба ақидаи ӯ, агар тамоми мардумони тараққипарвар дар муборизаи умумӣ бар зидди ҷабру ситам, ҷанг ва истилогарӣ бо ҳам муттафиқ шаванд, дар тамоми замин озодӣ ва адолат ҳукмфармо хоҳад шуд.

Вай дар мақолаи дигари худ «Ҳукумати Шӯроӣ-Туркистон ва масъали Шарқ» менависад, ки «баъд аз Инқилоби Ӯктобир дар Туркистон низ Ҳукумати Шӯроӣ барпо шуд, фирқаҳо ва ҷамъиятҳо ба номи иштирокиюн ва ранҷбарон ташкил ёфт. Лекин он «бародароне», ки аз номи ранҷбарон ва аз номи фирқаи иштирокиюн бар сари кор омада буданд, аксаран бо барномаи иштирокиюн

амал намекарданд. Бинобар ин, мусодираҳои бемавқеъ, бемаврид ва амсолаш бисёр воқеъ шуд». Дар ин порча душманони Ҳукумати Шӯроиро, ки бо ҳар васила ба сохторҳои давлатӣ сар даровардa, бар хилофи нишондодҳои Ҳизби коммунист амал менамуданд ва дар байни халқҳо оташи нифоқ афрӯхта, ба манфиати мардуми меҳнаткаш зарарҳо мерасониданд, устод Айнӣ фош ва маҳкум менамояд.

С.Айнӣ махсусан, аҳамияти калон доштани робитаи халқҳои Шарқ ва Ғарбро дар муборизаи муқобили империализм таъкид менамояд. Вай халқҳои Шарқ ва Ғарбро даъват мекунад, ки ба якдигар ёрӣ ва ҳамкорӣ намуда, муттаффиқона барои ҳуқуқ ва озодии худ, бар зидди зулму асорат бархезанд. Ҳамчунин, устод дар мақолае, ки бо унвони «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб!» навиштааст, чунин изҳори ақида менамояд:

«Дар ҳангоме, ки давлатҳои ҷаҳонгир бо олами Шарқ дар ҳолати муҳориба ва қатъи муносибат ҳастанд, агар ранҷбарони зери дасти эшон ба як ҳаракати шерона ба майдон дароянд, зеру забар шудани ҷаҳони кӯҳна бисёр фурсат намехоҳад…

Хулосаи калом: барои таъмини инқилоб ва озодии ҷаҳон ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб»[53].

Аз таҳлили мақолаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарғиби дӯстӣ ва иттиҳоди халқҳои ҷаҳон дар муборизаи умумӣ барои озодӣ ва саодати инсоният дар мақолаҳои ба масоили Шарқ бахшидаи С.Айнӣ мавқеи муҳим ишғол карда, яке аз асосҳои идеявии публитсистикаи ӯро фароҳам овардааст.

Бидуни шакк метавон гуфт, ки дар осори ҳеҷ як адиби тоҷик ба андозаи осори устод Айнӣ масоили миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ матраҳ нагардидааст ва ин масъала дар бисёр маврид бо масъалаи Шарқ вобаста таҳлил гардидааст. Айнӣ аз аввалин лаҳзаҳои фаъолияташ ба

---

[53] Айнӣ С. Осори баргузида. Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон, 1958. -С.117.

ғаму дарди ин миллати ҷафокаш шарик буд. Масъалаи худшиносии миллӣ аз муҳимтарин мавзӯоти осори устод Айнӣ буда, дар аксари навиштаҳои ӯ гоҳе кушоду рӯшан ва гоҳе ба тариқи рамзу дигар воситаҳои тасвири бадеӣ аз он сухан рафтааст. Худи нависанда дар як мақолааш бо номи «Тақдири як халқ» ба ин маънӣ ишора дорад: «дар муддати ҳаёти худ ман китобҳои зиёде навиштаам ва ҳамаи онҳо бо як мавзӯъ бахшида шуда, аз як мавод фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кӯҳистони ман, дар бораи кишвари азизам, ки дар замонҳои гузашта урдуҳои сершумори аҷнабиён поймол карданд, дар бораи фарзандони он сарзамин мебошад, ки дар қарни 8-уми эраи мо ба худ номи тоҷикро гирифт»[54]. Мавзӯи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ки дар даврони Шӯравӣ мавриди назорати сахт қарор гирифта буд ва нависандагон имкон надоштанд, ки аз ҳадди эътидол фарохтар по бигзоранд, дар навиштаҳои Айнӣ аз ибтидои фаъолияти ӯ нақши босазо касб кардааст.

Дар асарҳои устод Айнӣ ҳам илмӣ, ҳам публитсистӣ ва ҳам адабиаш манфиатҳои миллати тоҷик дар радифи аввал меистад. Мубориза Айнӣ барои барқарор кардани ҳувияти миллии тоҷикон ба бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ дар онҳо камтар аз майдони ҷанг набуд, зеро ба «қариб аз ҳар як асари илмии вай (ҳамчунин, асарҳои бадеии ӯ) аз «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда, то рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» сарнавишти сангине насиб гаштааст. Пантуркистону нигилистон доим ба осори илмии ӯ дар мубориза буданд ва Айнӣ тани танҳо ба муқобили ин гуна қувваи азими харобкор истодагарӣ кардааст»[55].

Дар ҷаҳонбинии устод Айнӣ намунаи нахустин падидаҳои миллии озодихоҳии халқҳои Шарқ эҳсос

---

[54] Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ // Садои Шарқ, 1996, №5-8.-С.59-62.

[55] Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ. // Садои Шарқ, 1996, №5-8. -С.59-62.

мешавад. Инқилоби Октябр арзишҳои маънавии ҷомеаро дигар карда, пеши замон масъалаҳои зиёди миллиро гузошт ва андешаҳои миллии Айнӣ нисбати онҳо мушаххас гардид. Тамоми фаъолияти нависанда дар замони инқилоб ва баъди он дифои манфиатҳои миллии тоҷикон буд. Дар солҳои минбаъда низ орзуву омоли мардуми тоҷик аз назари С. Айнӣ дур намондааст.

Устод Айнӣ вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии мавҷударо хушбахтӣ ва дастоварди калон меҳисобид. Агар Инқилоби Октябр ҳам намебуд, миллати тоҷик ба чӣ рӯзҳои сахт гирифтор мешуд. Аз ин рӯ, мавзӯи мақолаҳои устод Айнӣ «Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод?» ва «Масъалаи Шарқ» ва амсоли инҳо аз шукргузорӣ аз дастовардҳои инқилоб иборат мебошад. Масъалаи муҳимме, ки ин ҷо баён мешавад, набояд аз хотирҳо фаромӯш шавад: давлатҳои абарқудрат дар ҳама замонҳо ва имрӯз ҳам ба занҷири асорат гирифтани халқҳои Шаркро мақсади асосии худ меҳисобиданд ва мешуморанд. Дар мақола омадааст: «…дигар номи ин қитъаро «Туркистон» гуфтан бемаънӣ шумурда, масалан, «Новая Русия» мегуфтанд»[56]. Албатта, замони Шӯравӣ бартариҳо дошт. Аммо агар устод Айнӣ медонист, ки баъди чандин сол ҳадафи ниҳоии давлати фуқаропарвари Шӯравӣ ҳам ягонагии миллатҳо, мунтазам ба рус мубаддал гардондани халқҳои дигар мегардад, шояд чунин ибрози ақида намекард. Зеро баъди чанд даҳсолаи баёни ин фикрҳо агар вазъи шаҳрҳои саноатии камшумори Тоҷикистонро пеши назар орем, дармеёбем, ки аксарияти нуфузи онро русҳо ва русзабонҳо ташкил дода, нисбат ба маданият, фарҳанг ва забонҳои миллӣ фишори рӯирост ба амал оварда, онҳо аз майдони фаъолият дур карда мешуданд. Хавфи тамоман аз байн рафтани халқи тоҷик, ба вуҷуд омадани боз як «Новая

[56] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С.106-107

Россия» ё «Новомосковск» ба миён омада буд. Ин ҳолат аллакай дар солҳои шастум-ҳаштодуми асри бист баръало мушоҳида мешуд. Ба вуҷуд омадани шаҳру ноҳияҳое чун Ленинобод, Сталинобод, Ленин, Москва, Чкаловск, Орҷоникидзеобод, Ленинград, Куйбишев ва ғайраву ҳоказо (бештар аз ҳафтод дарсади номҳои ҷуғрофӣ) ва то ба ҳаштод фоиз расидани шумораи русзабонҳо дар шаҳрҳои саноатӣ аз ин хавфи бузург дарак медод. Ин аст, ки мо Истиқлолияти давлатии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро (соли 1990) бояд чун мардумаки чашм нигаҳдор бошем ва аз он шукргузорӣ намоем. Баъди мутолиаи сатрҳои зикршудаи устод Айнӣ ба вуҷуд омадани чунин хавф бештар ба назар намоён мегардад. Ҳисси миллии тоҷикон баланд мегардад. Мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ дар баланд бардоштани рӯҳи миллии тоҷикон хизмати сазоворро ба ҷо меоранд. Чунин огоҳии гӯё то андозае ғайриихтиёрии устод Айнӣ ҳамеша пеши назаранд. Имрӯз ҳам ҳадафи асосии давлатҳои абарқудрат ҳамин аст. Онҳо бо мақсади ба даст овардани бозори арзони ашёи хом, фурӯши аслиҳаи хеш демократияро баҳона карда, давлат ва халқҳои Шарқро ба ҳам ҷанг меандозанд ва аз ин манфиати иқтисодӣ, сиёсӣ мегиранд. Бинобар ин, ҳушёрии сиёсиро ҳамеша бояд аз даст надод. Ва мақсади устод Айнӣ ҳам ҳушдор додани халқи хеш аст, ки манфиатҳои миллии хешро ҳеч гоҳ аз даст надиҳанд.

Дар ин бобат устод Айнӣ бисёр вақт дар мақолаҳои худ аз таҷрибаи Туркияи усмонӣ мисолҳо меорад. Дар он солҳо Туркия, Эрон ва Афғонистон барои истиқлолият ва раҳоӣ ёфтан аз таъсири давлатҳои Ғарб кӯшишҳо ба харҷ меоварданд. Дар ин бобат Туркия дар сафи пеш буд. Имрӯз мебинем, ки дар роҳи раҳоӣ ёфтан аз таъсири Ғарб ҷавонтуркон аз ҳадди эътидол гузаштанд ва аз дасти тарғиботи туркпарастии онҳо чанде аз халқҳо, аз он ҷумла халқи тоҷик ҷафоҳои зиёд диданд. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд дар ин роҳ Туркия шикастҳои калон дид, империяи Туркия барҳам хӯрд, қисми заминҳои истилокардаашро аз

даст дод, аммо истиқлолияти миллии худро барқарор ва рӯ ба рушд ниҳод. Устод Айнӣ, ки зиёни пантуркизмро аз ҳама бештар ва аёнтар медонист, бар зидди он мубориза бурда буд, дар чанде аз мақолаҳои оҳанги сиёсӣ доштаи худ кӯшиши ҷавонтуркони пешқадамро барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ дастгирӣ ва тарафдорӣ ва қобили омӯзишу пайравӣ донистааст.

Бо мутолиа кардани мақолаи «Масъалаи Шарқ» пай бурдан мумкин аст, ки устод баробари адиби намоён, публитсисти оташинсухан, адабиётшиноси фароҳдоман будан сиёсатмадори хуб ҳам буд, вазъи сиёсӣ, мақсадҳои давлатҳои абарқудратро медонист ва ба зиёиёни миллати хеш мефаҳмонд. Имрӯз ҳам чунин ҳодисаҳо мушоҳида мешаванд: давлатҳои абарқудрат ба халқҳо ба ном истиқлолият медиҳанд, аз кадом хавфҳо муҳофизат мекунанд, аммо дар асл мақсадҳои дигар, зердаст кардани онҳоро доранд. Дар ин бобат, баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии халқи хеш устод Айнӣ дар мақолаи дигар «Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ» («Шӯълаи инқилоб», 2 феврали соли 1920), ки идомаи маънавии мақолаҳои пешин аст, устод Айнӣ зикр мекунад: «Дар Туркистон ба он маънӣ, ки дар Русия ҳастанд, тавонгар ва заминдори калон набуд. Агар аҳёнан бошад ҳам, аз аҳолии Туркистон не, балки аз бегонагон буд»[57]. Чунин дарк мешавад, ки дар замони пеш аз инқилоб аллакай заминдорон ва сарватмандони Россия дар Осиёи Миёна ашёи манқулаи зиёд ба даст оварда буданд. Ҳамчунин, намояндагони ҳукумати подшоҳии Россия ва ҳукуматдорони Бухоро: «Ба воситаи маъмурони худ буду нобуди аҳолиро ба худ ҷамъ мекарданд»[58]. Чи тавре ки таърих собит месозад, ҳамаи ин боигариро баъди чанде ҳукумати Шӯроӣ мусодира намуда, ба марказ фиристод. Забондарозӣ ва соҳиби имтиёзҳо будани

---

[57] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С.126

[58] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С.127

фуқарои давлати рус дар минтақаҳои фатҳшуда ба ҳамагон аён буд ва ин бисёр вақт боиси таҳқир ёфтани халқҳои дигар мегашт. Дар ин бобат нависанда дар мақолаи дигараш қайд месозад: «Пеш аз инқилоб як нафар тоҷики фалғарӣ ё ки мастчоҳиро ёрое набуд, ки ба тоғбегии (ҷангалбон-Э.Х.) рус гап занад»[59]. Ин ҳолатро устод Айнӣ мушоҳида кардааст. Дар ҳақиқат, чи тавре ки мушоҳидон зикр карданд, дар минтақаҳои фатҳгардидаи Туркистон ҷангалбони рус шахси аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт ва ягон кас ба ӯ гап задану эрод гирифтан надошт, ҳарчанд ки танҳо дар як минтақаи калон кору фаъолият дошт.

Устод Айнӣ дар бораи бузургии забони форсию тоҷикӣ, миллати тоҷик дар соли 1934 мақолае бо номи «Муносибати адабияи Осиёи Миёна бо Эрон» навишта буд, ки асли он танҳо соли 1962 дар матбуоти тоҷикӣ ба табъ расидааст. Ба мулоҳизаҳои устод таваҷҷуҳ намоед: «Вақте ки арабон Эронро истило карданд, дар қатори ҳамаи осори Аҷам, забон ва адабиёти Эронро ҳам аз миён бардоштанд. Бузургони ба дарбори араб муқарраршудаи Эрон, ҳатто дар хонаи худ ҳам, бо забони арабӣ ҳарф мезаданд.

Дар солҳои аввали барқарории Ҳукумати Шӯравӣ устод Айнӣ ба муносибатҳои дӯстонаи мамолики форсизабони дунё таваҷҷуҳи зиёд медод. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, худи ҳукуматдорони Шӯравӣ низ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар оғоз дарвозаи Шарқи сурх медонистанд ва аз ин ҷиҳат аз ин ҷумҳурӣ, забон ва миллати он умедвории калон доштанд. Бо ин роҳ яке аз ҳадафҳои муҳими Шӯравиён-кӯчондани инқилоби сурх ба Шарқи хориҷа имконпазир мегашт. Мақолаи «Муносбати адабияи Осиёи Миёна бо Эрон»-и устод Айнӣ ба ин муносибат навишта шуда, зимни таъкиди муносибатҳои қавии адабию фарҳангии ин мамлакатҳо дар замони гузашта изҳори умедворӣ карда, қайд шудааст, ки «ба

---

[59] Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С.281

муносибати ҷашни ҳазорсолаи Фирдавсӣ боз ҳам муносибати адабӣ ва ҳамкорӣ қувват гирифта, осори замонии худро ба якдигар доду гирифт намуда аз ҳам истифода кунанд. Ва ҷашни ҳазору садсолагии устод Абулҳасан Рӯдакии Самарқандиро ҳам бо ҳам гузаронанд»[60]. Яъне, устод новобаста ба садгузориҳои низоми Шӯравӣ аз ояндаи дурахшони ин муносибатҳо изҳори умедворӣ кардааст.

Ҳамин тавр, дар байни осори публитсистии устод С. Айнӣ мақолаҳои сиёсии хусусияти байналмилалӣ доштаи ӯ аҳамияти калон доранд. Онҳо аз ҷаҳонбинии васеи устод Айнӣ, дониши қавии таҳлилӣ, муқоисавии мавсуф дарак медиҳанд. Мушоҳида мегардад, ки устод на танҳо шоир, нависандаи баистеъдод, балки публитсисти оташинсухан низ мебошад. Чи тавре ки аз иқтибосҳо пай мебарем, дар онҳо нидоҳои оташин, руҷӯъҳои лирикию публитсистии таъсирбахш ба кор рафтаанд, ки ба ҷону дили хонанда коргаранд. Агар мухтасар зикр кунем, дар чунин мақолаҳо масъалаҳои зерин зикр гардидаанд:

-Шарқ бедор мешавад;

-Шарқи бедор аз паи Россияи Шӯравӣ меравад;

-Байни Шарқу Ғарб ҳамеша талош мавҷуд буд ва Ғарб мехост Шарқро чун ғулом истифода намояд;

-Мустамликадорон дар сиёсати худ нисбат ба Шарқи мазлум ҳам зӯрӣ ва ҳам фиребро истифода мебурданд ва мебаранд.

Каломи публитсистии устод Садриддин Айнӣ хоси худаш аст. Тавре ишора рафт, мавзӯи Айнӣ ва худшиносии миллӣ танҳо баъд аз бозсозӣ (1985) мавриди таваҷҷуҳи айнишиносон қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар навиштаҳои М.Шукуров[61], С.Табаров[62],

---

[60] Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.11. - Душанбе, 1963. –С.190

[61] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. -Душанбе: Оли Сомон, 1997.

[62] Табаров С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби 3. -Душанбе: ДДМТ, 1999.

А.Маҳмадаминов[63], Х.Асозода[64], М.Абдуллоҳ[65] И.Усмонов[66], М.Имомов[67] оид ба ин масъала сухан рафтааст, аммо аз рӯи мизони арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон паҳлӯҳои гуногуни он, аз ҷумла вобаста ба масъалаи Шарқ ба омӯзиш аз таҷдиди назар ниёз дорад. Омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни он кори ояндаи пажӯҳишгарон мебошад.

* * * * *

***Шаҳлои АБДУАЛИЗОДА-***
***мутахассиси раёсати таҳсилоти***
***томактабӣ ва миёнаи умумии***
***Вазорати маориф ва илм***

# ЛУҒОТ ВА ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР «ЁДДОШТҲО» - И САДРИДДИН АЙНӢ

Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ривоҷу равнақи онҳо барои худогоҳӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии насли ҷавон аҳамияти муҳим дорад. Азбаски тамоми муошират ва муносибат дар ҷомеа тавассути забон сурат мегирад, луғот ва истилоҳоти зиёде мавҷуданд, ки марбут ба ҳунарҳои мардумӣ мебошанд.

Забоншинос М. Мирзоева дар монографияи «Муродифоти луғавию фразеологӣ дар осори насрии Садриддин Айнӣ» доир ба воситаҳои ифодаи маъно дар

---

[63] Маҳмадаминов А.С. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. -Душанбе: Сино, 1998.
[64] Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва С.Айнӣ. -Душанбе: Шуҷоиён, 2010.
[65] Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ //Садои Шарқ, 1996, №5-8. –С.90-96.
[66] Усмонов И. Тоҷикон. -Душанбе, 2001.
[67] Имомов М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ. -Душанбе: Адиб, 2007.

осори Садриддин Айнӣ маълумоти муҳим овардааст: «Образнок ва нотакрор тасвир намудани як лавҳаи зиндагӣ, табиати зебо ва дигар ҳолатҳои ҳаёт имкон медиҳад, ки диққати хонанда ба он ҷалб гардад ва ӯ аз тарзи ифодаи марғуб баҳрае бардорад. Осори устод Садриддин Айнӣ аз қабили ҳамин гуна эҷодиёт аст, ки метавонад намунаи забони ноби тоҷикӣ барои кулли хонандагонаш бошад» [1, 83]

"Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ яке аз асарҳоест, ки ба қатори 200 номгӯйи адабиёти ҷаҳонӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ворид гаштааст. Луғат ва истилоҳоти марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар ин асар ба таври васеъ истифода бурда шудааст. Бо дарназардошти он ки саноат ва манафактура дар Осиёи Миёна, дар замони кӯдакии устод Айнӣ нав дар ҳоли тараққиёт буд, мардум асосан бо ҳунарҳои дастӣ рӯзгорро пеш мебурданд. Ба ҳамин хотир аст, ки дар қисми аввали китоби "Ёддоштҳо" – дар хотироти "Дар саҳро"маълумоти гаронарзиш доир ба ҳунарҳои гуногуни мардумӣ овардааст. Аз нигоҳи илми забоншиносӣ вожаҳои гуногун доир ба ин мавзӯъ дар "Ёддоштҳо" вомехӯранд, ки сохти гуногун дошта, ба гурӯҳи вожаҳои архаистӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик мансубанд. Тадқиқу пажӯҳиши ин вожаҳо дар замони имрӯза, ки таъсири ҷаҳонишавӣ ба забонҳо бениҳоят зиёд аст, нақши муҳим дорад. Ҳунарҳои мардумӣ нишондиҳандаи таърих, муаррифгари фарҳангу тамаддуни миллат мебошанд, луғоту истилоҳоти марбут ба он ҷузъи ҷудонашавандаи захираи луғавии забон ба шумор меравад. Вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумиро метавонем ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, мавриди омӯзиш қарор диҳем: 1. Ҳунарҳои мардумие, ки манфиати моддӣ доранд: **кухнадӯз, такламадӯз, пахтакашӣ, дӯконбофӣ, дуредгарӣ, ҳаллоҷисоз, чархиосиётарош, ҳезумкашӣ, ҳалвогарӣ, читгарӣ, косагарӣ ҷӯпонӣ ва ғ**. 2. Ҳунарҳои

мардумие, ки манфиати маънавӣ медиҳанд: **нақорачӣ**, **сурнайчӣ, доирадаст ва ғ**.

Як қатор мисолҳоро дар зер барои нишон додани мавридҳои истифодаи истилоҳоти мансуб ба ҳунармандӣ овардан мумкин аст, ки дар "Ёддоштҳо" – и Садриддин Айнӣ дучор омад: "Дар ин деҳа саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо **кӯҳнадӯзон** буданд, ки онҳо ҳам ба монанди худ побараҳнагон хизмат мекарданд" [3, 12]. **Кӯҳнадӯз -** вожаи сирф тоҷикӣ буда, аз ҷиҳати сохт мураккаб аст ва аз вожаи исмии **кӯҳна**+феъли фармоиши **дӯз** сохта шудааст. Мувофиқи шарҳи фарҳанг **кӯҳнадӯз -** он ки пойафзорҳоро дарбеҳу пина мекунад, порадӯз, пинадӯз, ямоқгар [5, 646].

"Дар маркази деҳа –дар Деҳнави Абдуллоҷон **takламадӯзон**-касоне, ки ба соқи мӯзаи кӯҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар инҳисор-монополияи такламаҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд" [3, 12]. Истилоҳи **такламадӯз** дар мисоли боло корбурд шудааст, ки аз ҷиҳати сохт калимаи мураккаб мебошад ва аз вожаи исмии таклама+феъли фармоиши дӯз таркиб ёфтааст. Бо сабаби он ки ин вожа дар шеваҳои дигари забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор надорад, устод Айнӣ дар ин ҷумла шарҳи онро низ овардаанд: **такламадӯзон** – касоне, ки ба соқи мӯзаи куҳна таг ва рӯй мебанданд.

"Назар ба нақли падарам - Саидмуродхоҷа, падари ӯ - Саидумархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ **дӯконбофӣ** ва **дурудгари**ро хуб медонистааст" [3, 13]. **Дӯконбофӣ -** мувофиқи шарҳи Фарҳанги забони тоҷикӣ бофандагӣ аст. **Дурудгарӣ -** ҳунари мардумии дуредгарӣ аст ва ба маънои устои чӯбтарош, наҷҷор истифода бурда мешавад. Дар асари "Ёддоштҳо" вожаи **дуредгар** дар бисёр мавридҳо дар шакли **дурудгар** корбаст шудааст. Ин падида вариантнокии калима аст ё вожаи хоси як маҳал, шева аст, ба ҳар сурат пажӯҳиши мукаммалтареро ниёз

дорад, чунки дар Фарҳанги забони тоҷикӣ шарҳи худро наёфтааст.

Ба ҳамин монанд номи як қатор дигар касбу ҳунарҳои мардумӣ дар асар оварда шудаанд ва дар ҳаҷми маҳдуди як мақола ҳамаи онро баррасӣ намудан имкон надорад ва танҳо бо овардани якчанд мисол бо истифодаи луғоту истилоҳоти ҳунарҳои мардумӣ қаноат мекунем:

“Дар ин ҷо бошад ғайр аз харротони **чархи ресандагӣ** ва **ҳаллоҷисоз** дигар **дурудгар**е нест. Ба болои ин дар наздикии ин деҳа – дар деҳаи Болои Рӯд, дар Сарваре ва Табариён ном деҳаҳо чандин санги осиё будааст, аммо устои **чархиосиётарош** ҳеҷ набудааст.” [3, 13].

“Тобистон бо модарат дар Соктаре истода деҳқонӣ карда сардарахтиҳоро меғундоштем ва дар зимистон дар деҳаи Маҳаллаи Боло бо падар зиндагонӣ карда **чархиосиётарошӣ** ва **бофандагӣ** менамудам.” [3, 14]. “**Бофандаги**и падарам фақат **барои пӯшок** ва **кӯрпа-болиши** хонавода буда, **чархиосиётароши**аш барои фурӯш буд.” [3, 15] .

“...Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ дар зери айвончае **дарсозӣ** мекард.” [3, 63].

“Дар як гӯшаи суфа як **нақорачӣ**, як **сурнайчӣ** ва ду **доирадаст** нишаста менавохтанд ва доирадастҳо гоҳо ҳар кадом танҳо ғазалхонӣ мекарданд. Дар рӯ ба рӯи созандагон – дар поёни суфа ҷавони баландқомате, ки миёнаш аз рӯй бастагӣ буд, дар ду дасти худ ду ҷуфт **қайроқча** гирифта онҳоро бо ҳам зада, аз онҳо мувофиқи оҳанги доира ва нақора садо мебаровард ва **ракс** мекард.” [3, 17 ] .

“...ин ҳавлии усто Бароти **ҳалвогар** аст.” [3, 29] .

“Дар даруни ҳавлӣ як хонаи калон ҳаст, ки вай **ҳалвогархона** аст...” [3, 28].

“Ман ҳам **тешазани**ро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам.” [3, 64] .

“Ин нақшро **дувоздаҳгиреҳ** меноманд.” [3, 64].

“...дар ин коғаз дар байни **гиреҳи дувоздаҳгона ситораҳо** ва **бодомчаҳо** нақш ёфтаанд.” [3, 64].

“Падарам дар Соктаре баъд аз фориғ шуданаш аз кори деҳқонӣ ҳамеша ба **бофандагӣ** машғул мешуд.” [3, 74] .

“**Читгарҳо** одатан ҳар чизро мувофиқи худаш нақш ва ранг мекарданд.” [3, 74].

“Устоамак ғайр аз кандакории худ, ба устохонаҳои дигар ҳам нақшҳои шинам кашида медод, аз ин ҷумла **косагарон, читгарон** ва **гилкорон** барои худ ба ӯ нақшаҳо фармуда мегирифтанд.” [3, 98].

“Устоҳои гилкор дар хонаҳо бар рӯи **гулгач** кандакорӣ мекарданд.” [3, 189] .

Ҳар касбу ҳунар луғоту истилоҳоти ба худ хос дорад. Дар ҷадвали зер баъзе аз вожаҳои мансуб ба ин ё он касбу ҳунар оварда шудаанд, ки дар “Ёддоштҳо” – и Садриддин Айнӣ зикр гардидаанд:

| ***дуредгарӣ*** | ***бофандагӣ*** | ***ҳалвогарӣ*** | ***навозандагӣ*** |
|---|---|---|---|
| кандакорӣ, сутун, нақш, хаттотӣ, чӯбтарошӣ | карбос, шуштагар, шитта кунонидан, курта-лозимӣ, абра, астар, кӯрпа, кӯрпача, болиш, дастурхон, ҷомаи таҳпӯш, ҷомаи рӯпӯш, чархресӣ, ресмонресӣ, калова, зағӯта, ночатайёркунӣ, каловарангкунӣ | ҳалвои қоқтӣ, ҳалвои равғанӣ, дег лат задан бел бели чӯбин шиннӣ, қиём, як лӯнда, як қабза | доира нақора қайроқча оҳанг |

| **наққошӣ** | **читгарӣ** | **дарсозӣ** |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| накш<br>қалами маҳин<br>дувоздаҳгиреҳ<br>ситорачаҳо<br>бодомчаҳо | қаламӣ,<br>алоча, суф,<br>чит | тешазанӣ, чӯби гуҷум, сайқал задан, тахтаҳои санг, қалами пӯлодин, кандакории нозук, хушнамо, қалами мӯин, санги мазор, нақшҳои шинами хушнамо, коғаз, қайроқ. |

Одамон барои ёфтани ризқу рӯзӣ ва таъмини рӯзгор машғулият ва корҳоеро низ ба сомон мерасонанд, ки заҳмати зиёд дорад. Дар он кор маҳорати махсус пайдо карда нозукиҳои онро ёд мегиранд ва ҳунарманди ҳамон касб мегарданд. Дар “Ёддоштҳо” низ чунин касбу ҳунарҳо қайд гардидаанд. Масалан, **пахтакашӣ:**

“Касби асосии зимистонии оммаи аҳолии ин деҳа **пахтакашӣ** буд. Пахтакашон аз пахтаҷаллобон ғӯзаи ҷойдориро гирифта бо даст кашида, аз ҳаллоҷӣ гузаронида пахтаи тоза карда, бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупурданд ва дар ин кор ҳаққи ночизе мегирифтанд. Музди муайяне ки дар ин кор ба пахтакашон мемонд, **кокула**-пӯчоқи ғӯза буд, ки вайро дар оташдон ва дар гулханашон месӯхтанд.” [3, 12] .

**Чӯпонӣ, ҳезумкашӣ:**

“Як қисми аҳолии деҳаи Маҳаллаи Боло **чӯпонӣ, ҳезумкашӣ** мекарданд, ё ин ки ба бойҳо **ятимӣ-батракӣ** менамуданд.

Тадқиқи ҷанбаи сохторӣ, маъноӣ ва миқдор, хусусиятҳои сарфию наҳвӣ ва ҷойи истифодаи луғот ва истилоҳоти марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар “Ёддоштҳо” – и Садриддин Айнӣ пажӯҳиши калонҳаҷмеро талаб мекунад ва барои илми забоншиносии тоҷик аҳамияти калон дорад.

## ПАЙНАВИШТҲО:

1. Мирзоева М. Синонимҳои лексикӣ–фразеологӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ. / М. Мирзоева - Душанбе, 2011. – 224с.

2. Розиқов Б. А. Лексика ювелирного и медницкого мастерства в таджикском языке. / Б. А. Розиқов. Автореферат научной диссертации на соискание уч.степ.канд.фил. наук. – Худжанд, 2000, 27с.
3. Садриддин А. Ёддоштҳо. / А. Садриддин – Сталинобод, 1954, 397 с.
4. Суперанская А. В., Общая терминология. / А. В. Суперанская - Москва, 2005 .
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. – Ҷ.1.- 951с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. – Ҷ.11.- 949с.
7. Энциклопедияи адабиёт ва санъати точик. Душанбе, 1989, т. 2, 560; 2004, т. 3, 524с.
8. https://infourok.ru/statya-yazik-i-globalizaciya
9. http://ru.science.wikia.com/wiki/

* * * * *

***И.АБДУЛЛОЕВ-дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ,***
***С.ТАБАРОВ-мудири кафедраи ДҶТИБКСМ***

# ҶОЙГОҲИ «ТАҲЗИБ-УС-СИБЁН» ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

*Эй монда қадам ба роҳи мактаб,*
*Олист мақому ҷоҳи мактаб.*
*Мактаб сабаби ҳаёт бошад,*
*Мактаб сабаби наҷот бошад…*

15-уми апрели соли 1878 дар вилояти Бухоро, деҳаи Соктаре дар хонаводаи Сайидмуродхоҷа ва завҷаи ӯ Зеварой пас аз писари калонӣ – Муҳиддин баъди 8 сол писари дуюм- Садриддин ба дунё омад. То 6-солагӣ ӯ ҳамроҳи падару модар дар Маҳаллаи Болои Бухоро мезист.

Соли 1884 дар синни шашсолагӣ падараш Садриддини хурдсолро ба мактаби масҷиди Соктаре бурд. Модараш

ба Садриддин ҳангоми мактабравӣ гуфт: «- Туро дар вақти 4-сола, 4-моҳа ,4- ҳафта ва 4-рӯза буданат ба мактаб фиристода будем. Он вақтҳо ту бисёр хурд будӣ. Дили ман ба ту месӯхт, ки дар мактаб азоб мекашӣ. Бинобар ин, туро аз мактаб гирифтем. Акнун хуб кӯшиш карда хон, то ки бо ҳамсолонат баробар шавӣ».

Ин тавсияи модараш ба Садриддин хуш омад. Ӯ кӯшиш мекард, ки ҳар чӣ зудтар сабақ омӯхта, ба ҳамсолонаш баробар шавад ва ҳатто аз онҳо гузарад.

Дарс дар таълимгоҳ қориазёди сураҳои «Ҳафтяк» буд.

Садриддин мегӯяд:

-Ман дар дарсҳо мунтазам иштирок мекардам ва то абҷадхонӣ расидам. Дар анҷоми соли таҳсили синфи як падарам аз ман имтиҳон гирифт:

-Акнун ту абҷадхон шудӣ гуфту ҳамзамон тахтачаи абҷад навишташударо ба пешам гузошт ва ҳарфҳоро ба ман нишон дода пурсид. Ман зери назари падарам ба хондани абҷад сар кардам. Маълум гашт, ки ҳарфҳоро намешиносам, зеро чӣ будани он чизҳоро (ҳарфҳоро) касе ба ман нишон надода буд. Ошкор шуд, ки ин ҳама қориазёд будааст.

Падар донист, ки омӯзиш ин гуна идома ёбад, писараш бесавод мемонад ва ба Садриддин гуфт, ки имрӯз ту ба мактаб нарав!

Рӯзи дигар модар Садриддинро ба мактаби духтарона бурд.

Солҳои 1885- 1887 Садриддин давоми се соли таҳсил дар мактаби духтарона «Ҳафтяк», «Чоркитоб»-ро тамом кард,

«Қуръон»-ро низ хатм намуд. Вале хатнависиро ҳеҷ наметавонист. Ҳисоби абҷадро бошад, падараш ёд дод.

Саидмуродхоҷа дид, ки писараш дилбастагии гарм ба шеър дорад, бинобар ин, барояш аз ғазалҳои Ҳофизу Саъдӣ хондан мегирифт. Шеърхонӣ ӯро хуш меомад.

Соли 1888 дар синни даҳсолагӣ Садриддин зери назари падараш, ки ҳар бегоҳ ӯ як соат бо писараш кор мекард, чизҳоеро омӯхту донист, ки ҳатто босаводони

деҳа намедонистанд. Ӯ китобҳои «Аввали илм», «Бидон» (сарфу наҳви арабӣ ба забони тоҷикӣ), инчунин иншои забони арабӣ «Муъиз» ва «Занҷонӣ»-ро хатм кард…

Соли 1905 бори аввал барои мактабҳои ҷадидия аз ҷониби Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ китоби дарсии «Алифбои мактаби исломия» (соли 1906) ва дастури таълимии «Китоб-ул-атфол» (соли 1908) навишта шуд, пас аз ин пайиҳам китобҳои дарсии ӯ «Мухтасари таърихи ислом», «Амалиёти исломия» ва ғайра аз чоп баромаданд. Китоби алифбо бо номи «Раҳбари хат»- и Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим соли 1908 чоп шуд.

Пас аз Мунзим дӯст ва ҳамсабақаш Садриддин Айнӣ барои мактабҳои ҷадидия китобҳои қироати «Таҳзиб-ус-сибён», «Заруриёти диния» ва «Тартил-ул-Қуръон»-ро менависад.

Дар байни китобҳои қироати Садриддин Айнӣ «Таҳзиб -ус-сибён» махсусан дар ташаккули мактабҳои ҷадидии аморати Бухоро мақоми хосае дошт. Ин китоби нахустини қироати Айнӣ дар соли 1910 дастраси мактаббачагон мегардад ва баъд худи ӯ омӯзгор мешавад.

«Таҳзиб-ус-сибён» ба монанди китобҳои дарсии тоҷикии Беҳбудӣ, Мунзим, Расулӣ ва дигар маорифпарварон матнҳои гуногунро барои хониши мактаббачагон фаро мегирад.

«Таҳзиб-ус-сибён» барои мактаби қироати форсӣ тартиб дода шуда, ҳамчун маҳсули афкори илмию педагогӣ, ахлоқӣ, дидактикӣ ва ҷаҳонфаҳмии устод Садриддин Айнӣ дар роҳи дарки ақидаҳои маорифпарварӣ, ҷамъиятӣ ва тарбиявии солҳои 1905-1917 ин адибу маорифпарвари бузург сарчашмаи муҳимме маҳсуб меёбад.

Дар китоби «Таҳзиб-ус-сибён» матнҳои аҳамияти таълимӣ, тарбиявӣ ва ахлоқидошта гирд оварда шудаанд, ки мо онҳоро бо таври зерин гурӯҳбандӣ менамоем:

- матнҳои дорои **аҳамияти таълимӣ:** бачаи боодоб, устоз-муаллим, мактаб, саволу ҷавоб, ҳикоят дар қоидаи мактаб, маснавӣ дар васфи мактаб, мактаб чӣ гуна бояд бошад?, синфи аввал, ҳикояти Араббек ва бародаронаш,

чаҳорбоғи Араббек , имтиҳон, ҳикояти Закӣ, хонадони хушбахт, саҳаргоҳон;

- матнҳое, ки дар вақти хониш хонандагон дар рӯҳияи **одоби ҳамида** тарбия меёбанд: бачаи тарбиятдида, бачаи боодоб, насиҳати падару модар ва иззати онҳо, чистонҳо оид ба падару модар, бачаи ростқавлу росткор, ҳикояти Тош, бачаи боақл, ҳикояти муаллим ва шогирдонаш, ҳикояти тилло нарм аст;

- матнҳои дорои **аҳамияти таълиму тарбия дар ҳамгироӣ:** ҳикояти Йӯлдоши дурӯғгӯй, Аҳмадҷони соҳибмарҳамат, одами баақл ва соҳиби бахти баланд, бачаи боҳуш, ҳикояти ду бародар, Муҳаммадюсуф, Муҳаммадфарид ва мактубҳо;

- матнҳои **тарбиявии эътиқод ба Оллоҳ Таъоло**: қисме аз эътиқод, ба Оллоҳ Таъоло имон овардан, ба Ҳазрати Муҳаммад Алайҳиссалом имон овардан, Қуръон - каломуллоҳ, Муъмин – мусулмон;

-матнҳои **аҳамияти гуногундошта**: солшуморӣ, идҳо, чор фасли сол, унсурҳои зиндагӣ, ҳайвоноти хонагӣ, зиёфат, шеърҳои «Заминро бояд нафурӯшед!», «Замзамаи дабистон»,

«Мактаб», «Боз, мактаб», «Қасидаи форсӣ».

Солҳои охир дар соҳаи таълими ибтидоӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Баробари омӯзиши мавзӯъ ба инкишофи қобилият, зеҳн, шавқи маърифатҷӯйӣ, нутқи гуфторию навишторӣ, тафаккури мантиқии талабагон эътибор дода мешавад.

Бинобар ин, муаллифон дар таълифи китобҳои дарсии насли нави забони модарии синфҳои ибтидоӣ (соли 2012) ва муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим (соли 2017) масъалаҳои фавқуззикрро ба инобат гирифта, аз маводи «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ самаранок истифода намуданд.

Муаллифон дар саҳифаҳои китоби забони модарӣ барои синфи 3-юми нашри соли 2012 матнҳои «Мактаб»-таълимӣ (саҳ. 7 ва 44), «Тилло нарм аст»-тарбиявӣ (саҳ.52), «Мактуби Муҳаммадфарид ба бародараш

Ҳасан»-тарбиявӣ (саҳ. 69), «Ҷавоби мактуби Муҳаммадфарид аз Ҳасан»- тарбияи меҳнатӣ» (72); дар саҳифаҳои китоби Забони модарии синфи 4-уми нашри солҳои 1997- 2012 матнҳои «Саҳаргоҳон» - таълимӣ (саҳ. 3), «Хонадони хушбахт»- таълимию тарбиявӣ (саҳ. 23), «Хонадони Муҳаммадюсуф»- таълимию тарбиявӣ (саҳ.23-25), «Мактуби Муҳаммадфарид ба падари худ»-таълимӣ (саҳ.26), «Ҷавоби мактуби Муҳаммадфарид аз падар» - таълимӣ (саҳ. 26-27), «Мактуби Муҳаммадфарид ба бародараш Мӯҳсин»-тарбияи меҳнатӣ (саҳ.30), «Ҷавоби мактуби Муҳаммадфарид аз Мӯҳсин»- тарбияи зебоиписандиро (саҳ. 30 -31) ҷой додаанд.

Ба ин тариқ, ҳар як талаба, донишҷӯ ва падару модар дастури таълимию тарбиявӣ ва ахлоқии «Таҳзиб-ус-сибён»-и устод Айниро метавонанд мутоила намуда, дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор бидиҳанд.

* * * * *

***Салоҳиддин АМОНӢ-***
***ходими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи Абдураҳмони Ҷомии***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

# АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА ТАРБИЯВИИ ОСОРИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Доир ба шахсияти устод Садриддин Айнӣ ҳамчун адиб, нависанда, шоир, олим, омӯзгор, ходими фарҳангу сиёсат навиштаҳо зиёданд ва дар доираи он навиштаҳо мавзӯъҳое аз қабили «Айнӣ - сардафтари адабиёти советии тоҷику ӯзбек», «Айнӣ -поягузори насри муосир», «Айнӣ – шоир», «Айнӣ ва забон», «Айнӣ ва забони меъёр», «Айнӣ ва тарҷумаи бадеӣ», «Айнӣ ва фарҳангнигорӣ», «Айнӣ ва робитаҳои адабӣ», «Айнӣ ва мероси адабӣ», «Айнӣ- муҳаққиқ», «Айнӣ ва таърихи

халқи тоҷик», «Айнӣ ва арзишҳои миллӣ», «Нақши «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ташаккули ҳувияти миллӣ», «Айнӣ ва «Шашмақом»», «Айнӣ ва матбуоти тоҷик», «Айнӣ ва маориф», «Айнӣ ва фарҳанги суннатӣ», «Айнӣ ва адабиёти Шарқ», «Тарҷумаи осори Айнӣ ба забонҳои дигар», «Осори Айнӣ ба забони ӯзбекӣ», «Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ» ва «Шинохти устод Айнӣ дар даврони Истиқлол» мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин ҷо кӯшиш намудем дар бораи мақоми навиштаҳои Айнӣ дар матни китобҳои дарсӣ ва арзиши таълимию тарбиявии онҳо изҳори андеша намоем.

Чун адабиёт назар ба рисолати аслии хеш ҳадафи бузурги созандагӣ дорад, дар тарбия ва омӯзиши афроди ҷомеа, бахусус, насли наврас нақши зарурӣ ва муассиреро адо менамояд. Намояндагони адабиёт ашхосе дониста мешаванд, ки умри худро барои халқу миллат ва башар бахшидаанду саодати онҳоро саодати худ медонанд.

Устод Айнӣ бетардид аз ҷумлаи онҳост.

*Эй, булбулакони боғи дониш.*
*Шодона таронаҳо муборак!*
*Боз омадааст фасли хониш,*
*Таҳсили нави шумо мубрак!*

Ё:

*Биёед, эй, рафиқон, дарс хонем,*
*Ба бекорию нодонӣ намонем.*
*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад.*

Ин ҳамон суханони содаву равону ҳикматбор ва даъватоваре ҳастанд, ки дар рӯзҳои аввали таҳсил фарзандони мо аз устод Айнӣ азбар менамоянд.

Устод Айнӣ баракати сухан ва аниқтараш, баракати умрро дар сангинию маҳрумиятҳо, дар сабру шикебоӣ ва дар меҳнату садоқат ба зиндагӣ дарёфтааст. Чун ба осори устод рӯ меоварем, дар онҳо саҳнаҳои воқеияти рӯзгорро

дар камоли балоғат, ҳақиқат, риояти одоб ва тахайюли зебо тамошо мекунем.

Айнӣ чун сарвари мактаби реализми социалистӣ дар Шарқ тавонист, ки ҳақиқати зиндагиро дар саҳифаҳои адабиёт чун оинаи рӯзгор нишон диҳад. Дар ҷараёни ҳаводиси рӯзгор ва саҳнаҳои нотакрори замон адиб шахсан ширкат мекунад ва бо далелҳои муътамаду раднопазир арзи матлаб менамояд.

Дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик шиносоӣ бо Айнӣ аз тасвири рӯзгор ва зиндагиномаи адиб шурӯъ мешавад. Овони тифлӣ ва кӯдакии адиб тавре ки медонем, аз сӯйи худи устод қаламдод шудааст, ҳама ба навиштаи ӯ «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» хуб ошно ҳастем. Гузашта аз ин асари «Мактаби кӯҳна» дар таълиму омӯзиши хонандагон боиси майлу рағбат ба каломи бадеъ ва воқеияти таърихӣ мегардад. ***Мисол: «Пас аз падарам рафтан мактабдор маро ба наздиктари худ ҷой дода, ба яке аз бачагони калон амр дод, ки маро ёд диҳад. Он бача маро ба он тахтача нигоҳ кунонда, «алиф, бе, те, се...» гуфт. Ман ҳам аз забони ӯ гирифта, ин чор калима, яъне номи чор ҳарфро такрор кардам, пас аз он ки худи ман инҳоро гуфта метавонистагӣ шудам, он бача ба сари бачаҳои дигар рафт ва онҳоро ҳам ёд медод. Бачагон он бачаро «халифа» мегуфтанд. Баъд аз он мактабдор аз мактаб баромада рафт. Акнун шӯрест, ки дар мактаб бархост» (Адабиёти Ватан барои синфи 4. Душанбе с. 1980, с. 62)***.

Чун асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик Айнӣ ба анъанаҳои пешқадами адабиёти шифоҳӣ ва классикии тоҷику форс, инчунин ба таҷрибаи инқилобии адабиёти русу ҷаҳон такя карда, ба адабиёти нави тоҷик мазмуни нави инқилобӣ ворид кард, методи реализми сотсиалистӣ ҷорӣ карда аз жанру намудҳои тозаи адабӣ истифода намуд.

Тавлиди адабиёти нави тоҷик ба номи устод Айнӣ сахт пайванд аст. Барои Айнӣ ҳақиқати воқеӣ сарчашмаи

асосии эҷодӣ буд. Ба фарроши нимгуруснаи мадраса, ки бо як бурида нон қаноат карда, дониш андӯхтааст, моҳияти тағйироти зиндагӣ якбора равшан нагардидааст. Роҳи Айнӣ ба сӯйи комёбиҳои адабиёт аз зиндони амири Бухоро мегузарад. Нақши 75 чӯб дар тахтапушташ нақши ситаму алами замона аст. Нависанда ба гузаштаи таърихи халқи хеш рӯ меорад, то аз қуллаи музаффариятҳо дигаргуниҳои бузургро равшантар бубинад. Дар солҳои гуногун паси ҳам асарҳои ӯ, ки бо ҳаёти воқеӣ сахт алоқамананд, хонандагони бешумор пайдо намуданд. Аввалин асарҳои илмии устод китобҳои дарсӣ буданд, ки барои мактабхои навтаъсис иншо гардидаанд. Повесту романҳои нависанда «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Ятим», «Дохунда», «Ғуломон», «Ёддоштҳо», «Ахтари инқилоб», аз зиндагии мардуми азияткашида ҳикоят мекунанд.

Айнӣ ҳамчун устоди каломи бадеъ барои наслҳои оянда мероси бойи адабӣ боқӣ гузошт, ҳамчунин чун мураббӣ як зумра нависандаву шоир ва адабиётшиносонро тарбия намуд. Умри тӯлонии Айнӣ ба ду давраи таърихӣ рост меояд: муҳити тоқатфарсои ҳукмронии амирони манғит дар Бухорои «шариф» ва дар шароити сотсиализм.

Айнӣ услуби нигориши хос дошта, ҳаводиси таърихӣ ва муосирро ҳақиқатнигорона таҳлил мекунад. Асарҳои ӯ тасвиру саҳнаҳои дилчаспи ибратомӯзе доранд, ки ба ҳадафи омӯзиш дар зинаҳои таҳсилот мусоидат менамоянд. ***Мисол: «Диловаршоҳ шамшерро аз ғилоф кашида, хост ба духтар ҳуҷум кунад, духтар ҳам аз бағали худ ханҷареро бароварда хост ба тарафи синаи вай ҳавола намояд; Диловар даст ёзонда аз дастаи ханҷар гирифт ва хост, ки онро аз дасти духтар даррабояд; дар ҳамин вақт тири милтиқи панҷтирае бо камоли даҳшат ба гӯшхонаи Диловаршоҳ омада расид, ки ҷо ба ҷо ба замин афтид…» (Дохунда, ҷ.2, саҳ 405. Адабиёти советии тоҷик барои синфи 10,саҳ. 107)*** . Чунин саҳнаҳои серталош ва хотирмон дар осори адабии Айнӣ хеле фаровонанд ва

хулқу атвори қаҳрамононро, ки аксарият ҳақҷӯйӣ ва ҳақталошӣ мекунанд, намоиш медиҳанд.

Ҳамчунин намунаҳо аз осори дигари ӯ мисли «Ёддоштҳо», повести «Ятим», «Одина», «Марги судхӯр», «Ҷаллодони Бухоро», романи «Дохунда», «Ғуломон» дар саҳифаҳои китобҳои дарсии донишомӯзони макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ мақоми хос доранд.

***Мисол: «Ман дар солҳои 1312-и ҳиҷрӣ (1894-и мелодӣ) , ки талабаи мадрасаҳои Бухоро ба шумор мерафтам, бе бошишгоҳ мондам ва дар Бухоро, ки тақрибан, сад дар мадрасаи калон ва қариб ҳамин қадар мадрасаи хурд дошт, барои ман ҳуҷраи қобили истиқомате ба зудӣ ёфт нашуд. Зеро ҳарчанд ҳамаи мадрасаҳои Бухоро расман вақф буда, хариду фурӯши онҳо аз рӯйи шариат раво набошад ҳам, дар замонҳои охир бо фатвои уламои дин, ки дар масъалаҳои динӣ ҳилаҳои шаръиро ба кор мебурданд, ҳамаи ҳуҷраҳои мадрасаҳо ба тарзи хариду фурӯш мулки хусусӣ шуда, ба дасти одамони пулдор афтода буд ва талабаҳои фақир дар ҷойи истиқомат ёфтан ба душвориҳо меафтоданд» (Адабиёти Ватан барои синфи 7, Душанбе,-1970, саҳ. 100).***

Омӯзиши Айнӣ дар синфи 7 ба ғайр аз маълумоти умумӣ аслан тавассути шарҳу маънии мазмуни қиссаи «Марги судхӯр» сурат мегирад. Қорӣ-ишкамба бошад, дар рӯзгори иҷтимоии мо фаррохтар аз китоби Айнӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ҳазлу зарофат ва тасвирҳои нависанда боиси он мегардад, ки асари мазкур бетаваққуф мавриди мутолиа қарор мегирад.

Дар китоби Адабиёти тоҷик барои синфи 11, ки ба қалами Худойназар Асозода ва Аламхон Кӯчаров тааллуқ дорад, қариб ҳама паҳлуҳои осори Айнӣ шарҳу баён ёфтаанд. Дар ин китоб дар бораи осори Айнӣ, Айнӣ - шоир, фаъолияти нависандагии Айнӣ, романи «Ғуломон», қиссаи «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо», хусусиятҳои «Ёддоштҳо» ва фаъолияти илмии Айнӣ маълумот фароҳам оварда шудааст.

Ба ҳисоби мо дар маводи китобҳои дарсии синфҳои 4-11 бештар аз 130 мисол ҳамчун намуна барои исботи мавзӯъ аз осори Айнӣ оварда шудааст.

Чизи дигаре, ки боиси маҳбубияти Айнӣ гаштааст, ин забони осори ӯст.

Инчунин, дар маҷмӯаҳои диктант ва нақли хаттии солҳои гуногун матнҳои зиёде мувофиқи синну соли хонандагон барои синфҳои алоҳида пешниҳод карда шудаанд, дар онҳо қариб аз ҳама навиштаҳои Айнӣ порчаҳои намунавӣ интихоб гардидаанд.

Ҳамзамон, паҳлуҳои гуногуни осори Айнӣ дар мавриди навиштани иншо ва эссе ба хонандагон пешкаш карда мешаванд, ки зимни он шинохт ва бузургдошти адиби бузург дар зеҳни насли ҷавон ҳадафи асосӣ дониста мешавад. Ҳамасола осори Айнӣ барои хониши берунназсинфӣ чи дар давраи таҳсил ва чи дар давраи таътил дар феҳристи умумӣ ҷой дода мешавад.

Дар фароварди матлаб гуфтанием, ки дар шинохти мо Айнӣ аз фидокорони миллат буда, дар зиндагии шахсӣ ва дар фаъолияти сиёсиву фарҳангӣ, илмию эҷодӣ намунаи ибрат аст барои имрӯзу ояндаи миллат. Устод қаҳрамони ҳақиқии миллат аст, ки дар қатори дигар қаҳрамонон садоқат ба Ватан ва созандагӣ ҳидоят мекунад.

*Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.*

*(Б.Собир)*

* * * * *

***Насруддин ОХУНЗОДА -***
***аспиранти ДМТ***

# БУЗУРГДОШТИ УСТОД АЙНӢ ДАР ОСОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси хидматҳои мондагор ва заҳматҳои хастагинопазири устод Садриддин Айнӣ, ки барои бақои

миллати тоҷик ва тарбияи ҳисси ватанпарварӣ ва ҳувиятхоҳии он анҷом додааст, ба гунаи ҷудогона, дар маърӯзаю суханрониҳояш ба тафсил андешаҳои худро баён намудааст. Аз ҷумла, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки фашизми гитлерӣ ба хоки паҳновари Иттиҳоди Шӯравӣ по ниҳод, дар радифи дигар адибон устод С. Айнӣ аз нахустинҳо шуда, ба мақолаю эссе ва очеркҳои таърихии худ, ки муҳтавояшон инъикоси қаҳрамонӣ ва ҷасорати бемислу монанди фарзандони баруманди миллати тоҷик маҳсуб меёфт, садо баланд кард. Як хусусияти вижаи навиштаҳои публитсистии устод С. Айнӣ, ки он ба тамоми осори эҷоднамудаи ӯ хос мебошад, ин ҳамоно тасвири рӯҳи барозандаи миллии халқи тоҷик, қаҳрамонӣ ва шуҷоати барҷастаи муборизони ҷодаи озодию истиқлолиятхоҳии ин марзу бум ба шумор меравад. Ин ғоя ва консепсияи олии ватанхоҳӣ, ки марбути тамоми эҷодиёти устод С. Айнӣ мебошад, махсусан, дар давраи ҷанги бедодгаронаи фашистони гитлерӣ бештару равшантар инъикоси бадеии худро ёфтаанд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин самту ҳадафи таълифоти бадеию публитсистии Айниро ба таври муассир баҳогузорӣ намуда, мегӯяд: «Адабиёт, каломи бадеӣ эҳсоси ватандӯстӣ, нангу номуси ватандории мардумро ба ҷӯш меоварад, онҳоро ба муборизаи зидди фашизми гитлерӣ, меҳнати фидокорона баҳри ғалаба рӯҳбаланду сафарбар менамуд. Устод Айнӣ бо мақолаҳои тезутунди публитсистии худ моҳиятаи фашизмро ошкор сохта, дар мисоли гузашта қаҳрамонононаи халқи тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардумро бедор мекард».[68] Беҳуда набуд, ки маҳз дар давраи ҷанги мазкур (соли 1942) устод С. Айнӣ бо ҳадафҳои муайян, ки аз ормонҳои бузурги миллию ватанпарварӣ ва бедорию ангезиши эҳсоси волои ҳимояти ватану ватандорӣ сарчашма мегирад, ду очерки таърихӣ

[68] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 298

«Исёни Муқаннаъ» ва «Темурмалик»-ро таълиф намуд. Устод бо иншои очеркҳои номбурда таъкид кард, ки дар ҳама давру замон абармардони фидокори миллати тоҷик баҳри ҳифзу ҳимояти марзу буми аҷдодӣ, монанди Муқаннаъ ва Темурмалик бар зидди душманони аҷнабӣ (арабу муғулони истилогар) ба мубориза бархоста, сина сипар кардаанд. Ба ин қаҳрамонии худ онҳо нагузоштанд, ки ватан помоли неруҳои аҷнабӣ ва истилогарони беруна гардад. Дар ин хусус, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад:

«Маҳз ғурури миллӣ, кӯшиш барои бақоми Ватан ва нигоҳ доштани фарҳанг ба Садриддин Айнӣ имкон дод, ки очерки пурмуҳтавои «Темурмалик»-ро нависад. Ба азобу шиканҷа ва калтаккӯбиҳо нигоҳ накарда, устод Айнӣ таърихи адабиёти моро эҷод кард. Вай собит намуд, ки халқи тоҷик на танҳо вуҷуд дорад, балки дорои тамаддуни бостонӣ мебошад».[69]

Устод С. Айнӣ фаъолияти эҷодии худро, чунонки маълум аст, аз таълифи мақолаҳо дар хусуси масоили гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ, бунёди каналу роҳҳо, мактабҳои замонавӣ ва амсоли ин оғоз намуда, дар тӯли минбаъдаи эҷодиёти хеш аз публитсистика ва умуман рӯзноманигорӣ канор намонда, пайваста дар мавзӯоти рӯзмарраи иҷтимоӣ бо навиштаҳои худ афкор ва нуқтаи назари худро баён менамуд. Осори публитсистии устод дар рушду инкишофи ҷамъият, билхоса, ҳалли масоилу мавҷуда нақши муассир бозидааст. Дар бахши аъзами мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ғояи дорои фарҳангу тамаддуни қадимӣ будани миллати тоҷик ва соҳиби арзишҳои ғановатманди миллӣ будани он ба таври ҷиддӣ хотирнишон ва таъкид карда мешавад. Ин маънӣ аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле саҳеҳ ва сухансанҷона изҳор гардида, мавсуф аз

[69] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 299

хидматҳои солҳои аввали инқилобии устод С. Айнӣ ёдовар шуда (сухан нахуст сари шеъри «Марши ҳуррият» ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ меравад Н.О.), иброз медорад:

«Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ (С. Айнӣ дар назар аст Н.О.), ки солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ менамуданд, имрӯз низ аҳамияти бузурги таърихӣ моликанд».[70]

Дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ густариш ва вусъати тоза пайдо кардааст, тарбияти насли наврас ва ҷавонони соҳибтафаккур ва дорои ҷаҳонбинию донишҳои пешрафта хеле муҳим мебошад. Маҳз инсони соҳибандеша, интеллект ва донишманд бар умқи рӯйдодҳои сиёсӣ дар ину он мамолики ҷаҳон сарфаҳм рафта, моҳияти амалкарди манфиатҷӯёнаи гурӯҳҳову аҳзоби сиёсии динии тундгароро, ки мунтаҳояш ба даст овардани суккони қудрат ва ҷангу хунрезӣ мебошад, дарку фаҳм карда метавонад. Аз ин лиҳоз, тарбият ҳамчун амали инсонсоз ва рушду пешрафти кишвару ҷомеа асливу муқаддам ба ҳисоб меравад. Нодонӣ, ҷаҳолату гумроҳӣ дар банди афсонаю мафҳумоти хурофоту мазҳаб гирифтор мондан дар ҳама ҳолат ҷомеаро ба вартаи муҳлики бунбаст мувоҷеҳ месозад. Замони С. Айнӣ низ аз ин қабил гирифторию ошуфтагиҳои мазҳабӣ ва адами маърифатӣ озоду вораста набуд. Маҳз ба ҳамин хотир, устод С. Айнӣ мақолаҳои бешумор иншо намуда, саводнок гардидани мардумро дар мубориза алорағми ҷаҳолату таассуби динӣ ва хурофотзадагӣ муҳиму ҳалкунанда мешуморид. Бо ин мақсад дар солҳои инқилобӣ устод Айнӣ ду рисола: «Тартил-ул-қуръон» ва

---

[70] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 304

«Таҳзиб-ус-сибён»-ро таълиф намуд, ки баҳри таълим ва саводнок гардидани насли ояндасози давр хидмати арзанда анҷом дод. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин паҳлуи эҷодиёти устод Айнӣ огоҳона ишорат карда, аз ҷумла, иброз медорад:

«... Боз як сабақи таърихиро аз худ кардани зиёиён, ба назарам хеле муҳим аст. Ин устуворӣ дар мавқеи сиёсӣ, зиракӣ дар шинохти манфиатҳои миллӣ, парвариш ва талқини ҳисси ватанпарварӣ, оштинопазир будан бо ҷаҳолат ва хурофоту таассуб мебошад. Устод С. Айниро мисол мегирем. Мударриси забардаст буд, динро ба дараҷаи аъло медонист. Китоберо низ бо номи «Заруриёти динӣ» таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мебориза мебурд. Барои ба давлатҳои бедору пешрафта баробар кардани Ватанаш, то сатҳи миллатҳои мутараққӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқаш фидокорона ҷаҳду талош меварзид».[71]

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлилу баррасии мақолаҳои публитсистии устод С. Айнӣ, ки ба масоили худшиносии миллӣ ва бунёду таҳкими давлатдории суннатӣ бахшида шудаанд, ба хулосаи илмӣ, дақиқтараш ба кашфиёти ноби назариявӣ мерасад, ки иборат аст аз андешаи он ки Айнӣ дар солҳои нахусти инқилобӣ соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии алоҳида таманно карда, дар навиштаҳои худ ин фикрро такрор ба такрор таъкид ва хотиррасон менамояд.

«... Доираҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор на фақат асолат ва ҳастии таърихи тоҷиконро аз ҷиҳати идеявӣ ва сиёсӣ бадқасдона инкор мекарданд, балки ба ҳамдастӣ ва мусоидати фаъоли як тоифа фарзандони нохалафи халқи мо мекӯшиданд, ки миллати тоҷик асил ва соҳибватан асири фаромӯшхонаи таърих гардад.

---

[71] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 306

Дар чунин даврони тақдирсоз устод Садридин Айнӣ вориди саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ шуд. Муборизаи ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, идеявӣ, адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар оянда буд».[72]

Пешвои миллат бо зикри талошҳои пайгиронаи устод Садриддин Айнӣ таъкид мекунад, ки рисолати як зиёии даврони муосири кишвар бояд ҳамин гуна бошад. Яке аз хидматҳои таърихии устод С. Айнӣ, ки болотар ишора намудем, ҳамоно маърифтаманду саводнок гардондани мардум ва рушду инкишофи соҳаи маориф ба шумор меравад. Вай анъанаҳои неку омӯзандаи маорифпарварони гузашта, хусусан, Аҳмади Донишро идома додаю онҳоро бо фаъолияти ҷонбозонаи хеш амалӣ намуд ва худ дар сафи маорифпарварони даврони нав қарор гирифт. Сарвари давлат ба таври возеҳу равшан хидматҳои устод С. Айниро дар бедории шуури мардум ва ангезиши диду тафаккури пешрафтаи онон ҳалкунанда ва барои минбаъд ҳидоятгарона унвон карда, менигорад:

«Ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ бо дарки амиқи ин масъала мардумро ба савод ва дониш андӯхтан даъват мекард ва худ дар сафи аввалин маорифпарварони замонаш қарор дошт. Устод бо рағбати зиёд китобҳои дарсӣ менавишт ва солҳои 1919 - 1920 дар саҳифаҳои матбуот як силсила мақолаҳо мунташир намуда, таваҷҷуҳи мардумро ҳарчи бештар ба мактабу маориф ҷалб месохт. Ӯ мактаб ва маорифро ҳаёту мамоти халқи тоҷик медонист ва бо далелҳо собит менамуд, ки «қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми завол» мебошад. Устод С. Айнӣ ҳанӯз соли 1920 ба хотири пешрафти мардум, бедории тафаккури ҷомеа ва худшиносиву худогоҳии наслҳо навишта буд: «Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ

---

[72] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 308

хоҳем, моро лозим аст, ҳар чи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф қадам гузорем».[73]

Ҳамин тариқ, Пешвои миллат аз хусуси фаъолияти рӯзноманигорӣ ва илмию пажӯҳишгаронаи устод Садридддин Айнӣ андешаю мулоҳизаҳои худро баён карда, дар ин ҷабҳаҳо низ Айниро ҳамчун асосгузори матбуот ва пештози таҳқиқгарони илму адабиёти тоҷик мешуморад:

«…Вақте ки ба таърихи матбуотамон назар меафканем, қабл аз ҳама хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айниро ба ёд меорем, ки ба хотири гузоштани асосҳои давлати мустақили мо анҷом додааст. Маҳз устод Айнӣ бо мақолаҳои ватандӯстонаву маорифпарваронааш ва сухани миллатсози худ ба бедории мардуми тоҷик такони ҷиддӣ бахшидааст».[74]

Мусаллам аст, ки устод Садриддин Айнӣ ҳамчун олими забоншинос низ бо тадқиқоту пажӯҳишҳои илмии худ маъруф гардида, дар тафсиру ташреҳи калимаю вожаҳои забони тоҷикӣ бо сухансанҷию дақиқкории хеш саҳми арзанда гузоштааст. Ин гуфтаи моро силсилаи мақолаҳои пурмуҳтавои устод ва китоби «Луғати нимтафсирӣ» - и ӯ далели барҳаққанд. Ин самти фаъолити пурбори С.Айниро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби дуюми китоби пурарзиши худ – «Забони миллат – ҳастии миллат», ки «саргузашти таърихии вожаи «тоҷик» ва забони тоҷикӣ» унвонгузорӣ шудааст, ба таври фарогир ҳамчун далелу мадраки қотеъона мавриди истифода қарор додааст. Зимни овардани андешаю мулоҳизаҳои донишмандони забоншиноси кишварҳои хориҷӣ, Аврупою рус, иронию турк ва пажӯҳишгарони тоҷик перомуни тафсиру маънидоди вожаи «тоҷик» Пешвои миллат аввалтар аз ҳама ба афкори илмии устод

[73] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 312
[74] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 314

С. Айнӣ истинод карда, онро саҳеҳ ва ба ҳақиқат наздик мешуморад. Эмомалӣ Раҳмон нуқтаи назари Айниро дар хусуси аз се ҷузъи мураккаб шудани вожаи «тоҷик», «тоҷ-ӣ-к» оварда, ба чунин хулоса мерасад:

«Ин гуфтаҳои устод Айнӣ имрӯз яке аз маъмултарин ваҷҳи тасмияи калимаи «тоҷик» аст. Вале ақидаи аз калимаи «тоҷ» пайдо шудани вожаи «тоҷик», ки аз тарафи аксари донишмандон, махсусан, донишмандони тоҷику рус пешниҳод мешавад, аз тарафи таҳиягарони «Доиратулмаорифи исломӣ» «бидуни қайду шарт» ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам таърихӣ маҳдуд диниста шудааст».[75]

Пешвои миллат ҷойи дигар воқеият доштани ин ақидаи С.Айниро ба таври зайл таъйид ва собит месозад:

«Устод С.Айнӣ фармудаанд, ки калимаи «тоҷик» ба сифати номи як халқи форсизабон, сараввал нисбат ба мардуми форсизабони Осиёи Марказӣ ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳама форсизабонони рӯйи дунё ба кор бурда шудааст.

Маъмулан, калимаи «тоҷик» ҳамрадиф ва ҳаммаънои ориёӣ, яъне, наҷибзодагон будааст. Ба забони имрӯзаи тоҷикӣ маънои калимаи «тоҷик» мардуми тоҷдор, олимартаба, озодманиш аст. Ва номи имрӯзаи тоҷик ба ҷойи номи этникии эрониёни кунунӣ ба ивази ориёӣ омадааст».[76]

Дар ҳама ҳолат, сухану гуфтор ва афкори устод С. Айнӣ нишонрас, ба маврид ва дурандешона буда, бо гаронмоягию созандагии худ дар ҳеҷ давру замон қимату арзиши худро гум намекунад. Афкору андешаҳои устод дар замони муосир низ чун дастури маънавӣ, тарбиятгар, ҳидоятгар мавриди истифода қарор мегирад. Зеро ин абармарди майдони сиёсат, фарҳанг, адабиёт дар рушду такомули давлатдории тоҷикон таҳаввули марҳалаҳои

[75] Раҳмон Э. Забони миллат – ҳастии миллат. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 87

[76] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 298

озодманишию ҳувиятхоҳии миллати тоҷик ва пешрафти маорифи кишвар хидматҳои безавол анҷом додааст.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид менамояд:

«Дар фарҷом мехоҳам аз як мақолаи устод Садриддин Айнӣ ёдовар шавам. Ин мақола чунин ном дорад: «Кори Тоҷикистон гул карданист!». Дар пайравии устод ман гуфтанӣ ҳастам: - Бале, кори Тоҷикистон гул карданист, ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дурахшон аст! Мо ҳатман ба ҳадафҳои милливу стратегии худ баҳри рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ноил хоҳем шуд».[77]

* * * * *

***А.ШИРИНОВ-***
***аспиранти ДМТ***

# НАҚШИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ДАР ШИНОХТИ УСТОД АЙНӢ

Падидаи шинохт аз шахсияти устод Садриддин Айнӣ агар ҳанӯз аз вақти дар ҳаёт буданаш оғоз гардида бошад, ин падида бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рангу ҷилои тоза касб кард. Тавре маълум аст, айнишиносӣ дар Тоҷикистон ду марҳиларо тай кардааст: давраи шӯравӣ ва истиқлол, аммо замони истиқлол аз муҳимтарин ва дурахшонтарин марҳила ба шумор меравад. Дар ин давра на танҳо нашри осори устод Садриддин Айнӣ афзуд, балки таҳқиқи амиқу

[77] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: Эр-граф. 2016. - Саҳ. 314

ҳамаҷонибаи рӯзгору осори ӯ, шинохти шахсияти мондагор ва арҷгузорӣ ба шахсияти ӯ аз ҷониби Пешвои муаззами миллат таҷдиди назар шуд.

Пешвои муаззами миллат дар суханрониҳои таърихии хеш эъҷози қалами бузургони миллат, аз ҷумла устод Садриддин Айниро ҳамеша васф намуда, нақши мавсуфро дар рушди ҷомеа ва таҳкими худшиносии миллӣ мунтазам таъкид менамоянд. Дар мулоқот бо зиёиёни кишвар, таҷлили Рӯзи забони давлатӣ, суханрониҳо дар таҷлили ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мулоқоту суханронӣ, мақолоту китобҳо аз хидматҳои мондагор, саҳми шоистаи устод Садриддин Айнӣ дар худшиносии миллӣ ва таъмини истиқлоли Ватан, махсус таъкид намудаанд.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғибу ташвиқи корномаи устод Садриддин Айнӣ бамаротиб афзуд. Устод Садриддин Айнӣ ба унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» мушарраф ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ номгузорӣ гардид. Гузашта аз ин, Боғи фарҳангиву фароғатии ба номи устод Садриддин Айнӣ тармиму бозсозӣ карда шуд.

Пешвои муаззами миллат сабаби ба фарзандони фарзонаи миллат устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода сазовор дониста унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон»-ро чунин зикр кардаанд: «Рисолати азалии зиёиёни тоҷик ҳамин аст ва ман бовар дорам, ки зиёиёни имрӯза низ нерӯи ақлонии мамлакатамонро афзун мекунанд, ба кашфиёти нодири илмӣ муваффақ мегарданд, асарҳои шоистаи даврон меофаранд, санъатро ривоҷ медиҳанд. Бояд ҳар иқдоми зиёиён ба номи миллату Ватан ва ба хотири шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол шурӯъ гардад. Тимсоли чунин хизмати олӣ ба миллату Ватани хеш осори миллатсозу талошҳои фидокоронаи устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода мебошад, ки ба унвони

ифтихории «Қаҳрамони Тоҷикистон» мушарраф гардидаанд» [1, саҳ 305-306].

Дар мавриди ба номи устод Садриддин Айнӣ гузоштани аввалин муассисаи олии кишвар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат қайд намуданд, ки: «Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забону адабиёт, таъриху фарҳангамон ва умуман, тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон ва арбобони давлати ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳама гуна қадршиносист. Бинобар ин, пешниҳод мекунам, ки аввалин мактаби олии маорифи кишвар, яъне Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ номгузорӣ шавад» [1, саҳ 310].

Пешвои муаззами миллат зимни суханрониҳо, мулоқоту дидор бо аҳли ҷамоатчигии кишвар оид ба масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ ҳамчун далели қотеи таърихӣ аз корномаи устод Садриддин Айнӣ ёдоварӣ менамоянд, зеро ба андешаи Пешвои миллат: «Дар он даврai ҳассос ва қисматсоз устод Айнӣ соли 1926 дар кӯтоҳтарин муддат китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба майдон овард, даъвоҳои ғаразноки нотавонбинонро фош сохт, ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ба таърихи куҳан, ба забон ва адабиёти оламшумулаш исбот ва таъмин намуд» [2].

Пешвои муаззами миллат эҳёи забони тоҷикиро баъд аз таназзули давлати Сомониён маҳз ба талошҳои устод Садриддин Айнӣ нисбат медиҳанд, зеро устод Садриддин Айнӣ барои шинохти тоҷикон, миллатсозӣ ва давлатсозии тоҷикон дар садаи XX талошҳои бунёдӣ кардааст. Бояд қайд намуд, ки дар эҳёву инкишофи ин забони ноб хизматҳои абармардони миллат Садриддин Айнӣ ва Пешвои муаззами миллат қобили эътироф аст. Агар устод Садриддин Айнӣ дар баробари бо забони софи адабии

тоҷик сухан гуфтану асар эҷод кардан, ҳифзу истифодаи лаҳҷаҳои маҳаллии забони тоҷикиро таъкид дошта бошад, Пешвои муаззами миллат дар рушду такомули забони тоҷикӣ нақши мондагор гузошт.

Басо рамзист, ки бо ифтихори 140 –солагии устод Садриддин Айнӣ бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат азнавсозии Боғи фарҳангу фароғатии асосгузори адабиёти нави тоҷик устод Садриддин Айнӣ ба анҷом расида, муҷассамаву мақбараи устод аз нав бо тарзи бисёр зебои меъмории миллӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Пешвои муаззами миллат зимни суханронӣ қайд намуданд, ки: «Корномаи беназири устод дар таърихи миллати мо камназир буда, тамоми умри бобаракати ӯ барои ҳифзи ҳувияти тоҷикон ва ба сифати миллати қадимӣ эътироф гардидани онҳо сарф шудааст. Дар ин хусус худи устод Садриддин Айнӣ дар мақолааш бо номи «Тақдири як халқ» навишта буд: «Дар давоми умри худ ман китобҳои зиёде навиштаам, ки ҳамаи онҳо ба як мавзӯъ бахшида шуда, аз як мавод фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кишвари кӯҳистони ман, дар бораи хоки муқаддас, дар бораи фарзандони ин сарзамин мебошанд, ки дар қарни ҳафт ба худ номи «тоҷик»-ро гирифт».

Устод Садриддин Айнӣ дар аввали асри XX дар мақолаву очеркҳо, шеъру достонҳо ва повесту романҳои худ аз таърих, забон, адаб ва ҳунару фарҳанги миллати тоҷик озоду ошкоро дифоъ менамуд ва мардумро ба худшиносӣ даъват мекард. Мақолаҳои устод ва махсусан, китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дар солҳои бистуми асри гузашта ба сифати шаҳодатномаи миллати тоҷик хизмат карда, боиси ҳамчун халқи қадима ва фарҳангӣ эътироф гардидани тоҷикон гардидааст.

Устод Садриддин Айнӣ он солҳо бо мақолаҳои «Масъалаи тоҷикон», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», «Забони тоҷикӣ», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ба дифои ҳуқуқу ҳастии тоҷикон бархоста,

қадимӣ, таърихӣ ва бумӣ будани миллаташро исбот намуд.

Рисолати таърихии бачоовардаи устод Садриддин Айниро дар бақои миллату зуҳури типи нави давлатдорӣ Бозор Собир басо шоирона ифода кардааст:

*Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,*
*Чун китоби куҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.*

Устод Айнӣ ба муқобили иддае аз зиёиёни он замонҳо, ки забони тоҷикиро забони куҳна мепиндоштанд, баромада, ботил ва беасос будани чунин ақидаҳоро фош мекард ва таъкиду исбот менамуд, ки тоҷикон забони адабии оммафаҳми беш аз ҳазорсола доранд ва он то кунун на танҳо дар муҳити халқи тоҷик, балки дар байни ҳамаи форсизабонони дунё роиҷ мебошад. Дар андеша ва осори устод Айнӣ масъалаи ташаккули ҳувият ва баланд бардоштани худшиносии миллӣ дар ҷойи аввал қарор дошт.

Маҳз аз баракати озодиву соҳибистиқлолии Тоҷикистон доираи васеи хонандагон имкон пайдо намуданд, ки бо китоби басо арзишманди устод Айнӣ « Намунаи адабиёти тоҷик» ҷиддитару дақиқтар шинос шаванд [3].

Пешвои муаззами миллат андешаҳои хешро дар бораи устод Садриддин Айнӣ дар масири бисту шаш соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи «Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ» [1], муфассал ҷамъбаст намуда, ҷойгоҳи устод Садриддин Айниро дар ташаккули халқи тоҷик дар марҳилаи нави таърихӣ муайян намуданд, ки дар самти айнишиносӣ марҳилаи нав мебошад. Пешвои муаззами миллат перомуни ҳувияти миллии устод Садриддин Айнӣ андешаронӣ намуда гуфтаанд: «Агар мо нақши бузурги китобро дар ҳаёти сиёсӣ ва давлативу иҷтимоӣ равшантар донистан хоҳем, бояд бори дигар асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба хотир оварем. Дар он

давраи ҳассос ва қисматсоз (соли 1926) устод Айнӣ дар кӯтоҳтарин муддат китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба майдон овард, даъвоҳои ғаразноки нотавонбинонро фош сохт, ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ба таърихи куҳан, ба забон ва адабиёти оламшумулаш исбот ва таъмин намуд» [3,312-313].

Пешвои муаззами миллат нақши устод Садриддин Айниро дар фарогирии аҳли илму адаб ва умуман, аҳли зиё дар солҳои аввали таъсиси Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон қайд намудааст. Зеро бо ибтикороти устод Садриддин Айнӣ аҳли илму адаб, мутахассисони соҳаҳои мухталиф ба пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе омада, дар пешрафти илму санъат, маориф саҳми муносиб гузоштанд. Дар ин маврид Пешвои муаззами миллат қайд менамоянд, ки «Устод Садриддин Айнӣ бо хираду ҷасорати таърихиаш ба ҳифзи фарҳангу адабиёти куҳанбунёди миллати тоҷик бархоста, дар густариши онҳо дар сафи пеш қарор дошт. Бо ҳидояти ӯ даҳҳо шогирдонаш ба пойтахти навтаъсис кӯч бастанд. Ҳамон солҳо даҳҳо шоирону нависандагон, олимон, овозхонону оҳангсозон ва дар маҷмӯъ, зиёиёни зиёд ба пойтахти мамлакат омаданд, то ин ки неруи солим ва пешбарандаи зеҳниву ақлонии онро ташкил дода, ҳамчунон, дар маҳви бесаводии мардум саҳми сазовор гузоранд. Пойтахти давлати навини тоҷикон ба макони нашъунамои сиёсатмадорони нав, қаҳрамонони меҳнат, олимони забардасти соҳаҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ, шаҳри дӯстию бародарии миллатҳои гуногун табдил ёфт [1,308].

Пешвои муаззами миллат «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро мисоли барҷастаи таъсир расондани адабиёт ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон мешуморад: «Дар лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан зиёиён бояд мавқеи сиёсии устуворро ишғол намоянд, аз калавандагию бетарафӣ ҳазар кунанд ва ифодагари ормонҳои миллати хеш бошанд. Дар ин маврид ба ёд овардани сухани миллатсози устод Айнӣ – «Намунаи адабиёти тоҷик» кофист, ки

мисоли барҷастаи таъсир расондани адабиёт ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон мебошад» [1,310].

Пешвои муаззами миллат аз мақолаи «Кори Тоҷикистон гул карданист!»-и устод Садриддин Айнӣ ёдовар шуда, дар пайравии устод чунин изҳори андеша намудаанд: «Бале, кори Тоҷикистон гул карданист, ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дурахшон аст! Мо ҳатман ба ҳадафҳои милливу стратегии худ баҳри рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ноил хоҳем шуд» [1,314].

Ин нукта низ шоистаи таъкид аст, ки устоди зиндаёд Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба заҳматҳои Пешвои миллат дар ин замина баҳои баланд дода, кору пайкори эшонро бо талошҳои устод Айнӣ қиёс намуда, гуфта буд: «Талошҳои Айнӣ ва пайравони ӯ ранги хусусӣ дошт, талоши шахсӣ буд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон... он талошҳои хусусии Айнӣ ва пайравонашро ба сатҳи давлатӣ бардоштанд». [4].

**Пайнавишт:**

1.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. / Раҳмон.Э.- Душанбе-ҶДММ «Эр-граф» - 2016, 362 саҳ.

2.Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни кишвар ва маросими ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ .20.03.2012 14:00, шаҳри Душанбе) URL:httr// president.tj (санаи воридшавӣ 6.02.2018)

3.Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими баъди бозсозӣ ба истифода супурдани Боғи фарҳангу фароғатии ба номи устод Садриддин Айнӣ // «Ҷумҳурият».-2017.-6 ноябр.- №: 227.

4. Султонов А. «Нақши Пешвои миллат дар рушди забони тоҷикӣ» // «Ҷумҳурият».-2017.-21 ноябр.- №: 238.

* * * * *

***А.Т. БАРОТОВ-магистрант***
***филологического факультета РТСУ***

# ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЯ С. АЙНИ «РАБЫ»

Сравнительный анализ русского перевода исторического романа «Рабы», этого произведения с оригиналом выполненного С. Бородиным в 1950 году, позволят прийти к выводу, что переводчик по мере возможных сил, пытается сохранить национальную специфику речевых образов подлинника, национально-культурные и исторические реалии языка оригинала, что позволяет адекватно передать стилевые особенности авторского текста. Рассмотрим несколько примеров:

*«Телпаки сафеди пӯстигӯсфандии он пирамард, як-ду печ саллаи сафеди ба даври телпак печондааш,* ***мисвоки*** *ба печи сала халонидаи ӯ ва тасбеҳи ҳазору якдонагии аз донаки хурмо тартибдодаи вай, ки дар рӯи ҷойнамоз монанди мори печхӯрда ҳалқа зада афтода буд, аз ҷумлаи* ***сӯфиён*** *– порсоён будани ин пирамардро нишон медод»* [5;9].

В подстрочном переводе этот отрывок звучит следующим образом: *«Белая из овечья шапка этого старца, его же белая чалма завернутая в два- три оборота вокруг шапки, зубочистка, воткнутая в челму и четки, состоящие из тысячи и одной финиковой косточек, летали на молитвенном коврике как, свернувшаяся кольцом змея, всё это говорило о том, что этот старик был из числа суфиев – благочестивых».*

Этот от рывок русский переводчик перевел таким образом: *«Отовсюду был виден и этот молящийся старец. Его белая баранья шапка, два оборота чалмы вокруг шапки,* ***пучок щетины,*** *воткнутый в чалму, четки из тысячи и одной финиковой косточки, лежавшие на коврике, как змейка, -- все это было обычно для наложных* ***суфиев»*** [1;27].

Переводчик не перевёл слово **«суфий»** на русский язык, так как он понял безэквивалентность этого слова и даёт такое пояснение: «Суфий – монах, последователь суфизма, мистического течения в мусульманской религии».

Но в этом же предложении переводчик переводит слово **«мисвок»** как **«пучок щетины».** На наш взгляд, перевод этого слова неверный, так как это слово имеет совершенно другое значение. В «Таджикско-русском словаре» (Москва, 1954 г. стр. 230) это слово дано в значении зубочистки. То есть в данном контексте его следовало бы перевести, например, так: **«Мисвок»** – **«деревянная зубочистка».** А можно было не переводить, а дать пояснение: **Мисвок** – это специальная палочка, которая используется вместо зубной щётки. Также можно предъявить претензию переводчику, что он заметно изменил стиль языка оригинала.

Обратимся к другому примеру: *«-Ба даст дароред, ба даст наяфтед; пахш кунед, пахш нашавед;* ***Хизру Илёс ёратон; чорёр*** *мададгоратон бод! – гӯён халифа дастони худро бар рӯ кашида»* [5;17].

Этот отрывок переводчик перевел по своему: *«-Берите в руки, но не давайтесь в руки! Покоряйте, но не покоряйтесь! Да помогут вам* ***Хизр и Ильяс*** *и да будет с вами помощь божья!»* [1;36].

С. Бородин в этом диалоге дал объяснения этим словам: «**Хизр** – легендарный пророк, якобы ставший бессмертным, испив «живой воды». **Ильяс** – библейский Илья. Оба пророка считаются покровителями путников».

В данным диалоге переводчик исключил из текста словосочетание «***чорёр» (четверо друзей),*** видимо по причине того, что не понял его значения. Это слово в тексте оригинала даётся с пояснением: «***чорёр» - то есть четыре наместника пророка Мухаммеда, глава мусульманского государства: Абубакр, Умар, Усмон, Али.***

Эта национально–культурная реалия не упоминается в русском варианте, что, на наш взгляд, является недопустимой ошибкой. Вместе с этим словом теряется национальный колорит текста, который мог бы о многом рассказать иноязычному читателю.

Следующий пример текст оригинала звучит таким образом: «*Бой, ки ғафсии* ***мошпиёбаи*** *тайёршударо дид, якбора ба Ризвон шӯрида гуфт:*

- *Ту дар асл чӯрии зархариди ман бошӣ ҳам, «баъд аз он, ки аз ман модари фарзанд шуда, ба қатори занони ман гузаштӣ, моли маро монанди моли худ дониста саришта мекунӣ» гуфта ман гумон карда будам.* ***Аммо ман ба ин гумони худ хато карда будам. Бадҷинс ҳаргиз дуруст намешудааст»*** [5;71-72].

Подстрочный перевод: *«Увидев густоту, приготовленной похлебки из маша и мука, бай разом набросился на Ризван с упрёками:…»*

Следуя содержанию текста оригинала Бородин перевел так: *«Похлебка, приготовленная из* ***маша****, показазалась Абдуррахиму слишком густой, хозяин рассердился:*

- *Ой, Ризван! Я тебя купил за золото. А когда ты мне родила, я тебя перевёл в жены. Ты должна б беречь моё добро, как своё, а ты?»* [1;86-87].

Национально-культурную и историческую реалию ***мошпиёба*** С. Бородин не перевел, но зато дал в примечаниях объяснение этого слова: «**Маш** – сорт мелкой среднеазиатской фасоли».

Но в этом монологе в оригинале С.Айни даются такие предложения: ***«Аммо ман ба ин гумони худ хато карда будам. Бадҷинс ҳаргиз дуруст намешудааст»*** **-** *(Но я ошибался. Низкий человек никогда не исправляется).*

Как мы видим в русском переводе, переводчик проигнорировал эти предложения.

Изучение таджикских реалий литературного языка XX века на материале произведений Садриддина Айни,

использование при их выделении метода сравнительного анализа позволило уточнить понятие безэквивалентной лексики и её состава, показать литератураведческие свойства реалий. В произведении С. Айни «Рабы» переводчик выделил и описал 145 реалий.

На основании проведенного сравнительного анализа произведений Садриддина Айни «Рабы» было выявлено, что переводчик С. Бородин, в целом справившийся со своей задачей, допустил, однако, погрешности в переводе национально-культурных и исторических реалий, монологов и диалогов, а иногда проигнорировал целые предложения.

«Рабы» («Ғуломон») – второй роман Садриддина Айни (после «Дохунда»), написанный в 1932-1934 годах, охватывает исторический период в целое столетие – от начала XIX века до победы колхозного строя после установления Советской власти в Средней Азии.

Впервые роман был опубликован в 1934 году на узбекском языке, на таджикском он вышел в 1935 году. Существуют два русских перевода романа «Рабы». Оба перевода выполнены были с сокращениями – Л. Соцердотовой с узбекского текста (Ташкент, 1935) и С. Бородиным (Москва, 1950) по построчного переводу с таджикского языка.

«Рабы» в переводе С. Бородина выдержали восемь изданий. Роман публиковался на некоторых языках народов СССР и иностранных языках.

Советский читатель по праву называет «Рабы» летописью жизни нескольких поколений таджикского народа. На самом деле, в этом романе Айни рисует целую галерею положительных образов, прослеживая исторически закономерно складывающиеся отношения и судьбы отдельных людей и различных классов общества на протяжении более чем ста лет.

В первой части романа перед нами раскрываются страшные картины феодального разбоя. Мы видим, как людей навсегда отрывали от родины и угоняли в рабство на чужбину, как люди становились рабами на своей земле, где родные пастбища и родные реки превращались в руках баев и помещиков в орудия угнетения и эксплуатации широких народных масс.

В последней части романа мы знакомимся с героями наших дней — трудовыми советскими людьми Эргашем, Сафаром, Кулмурадом и Хасаном, которые вдохновенно строят новую жизнь на освобожденной счастливой земле. Потомков бывших рабов писатель показывает в дни торжества колхозного строя, когда трудовой народ выступает полноправным хозяином своих богатейших земельных и водных просторов.

Сейчас, в наши дни, роман «Рабы» не потерял своей остроты и актуальности. В нынешнем веке нет уже работорговли в том виде, в каком показал ее Айни, однако во многих местах земного шара существуют еще нищета и голод, угнетение и геноцид. *[5;19-20].*

**Литература:**

1. Айни Садриддин. Собрание сочинений. В 6-ти томах. Т.3. Повести, рассказы, стихи. Пер. с тадж. Пер. романа «Рабы» под ред. К. Айни и Т. Гольц. Ред. коллегия: К. С. Айни, И. С. Брагинский и др. Прим. К. Айни. М., «Худож. лит.». - М., 1972.

2. Большой Энциклопедический словарь. 2000.

3. Влахов С. Безэквивалентная лексика в нереводоведении // Болгарская русистика. 1976, кн.5.

4. Мулloджонова З. Стиль оригинала и перевод: (К проблеме изучения прозы С. Айни). – Душанбе: Дониш, 1976. – 136 с.

5. Садриддин Айни. Куллиёт/ Ҷилди III «Ғуломон». Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. - Сталинобод, 1960.

6. Томахин Г. Д. Америка через американизмы. - М.: Высш.шк., 1982.

# МУНДАРИҶА

Н.ҲОТАМОВ. Устод Садриддин Айнӣ ва ҳаракати ҷадидии Бухоро……………………………………………………5
Ҳ.МУРОДИЁН. Васияти устод Айнӣ дар мавриди интишори девони Саҳбо ……………………………………14
О.Ҳ.ҚОСИМОВ, Н.Б. ЗУҲУРОВ. Устод Айнӣ ва танзими истилоҳоти тиббӣ……………………………………24
Қ.ВОСЕЪ, Р.ВОСИЕВА. Нигоҳи Садриддин Айнӣ ба романҳои халқӣ…………………………………………………34
А.ДАВЛАТШОЕВА. Садриддин Айнӣ - шиносномаи миллати тоҷик…………………………………………………42
С. АМИНОВ. Мавқеи ҳунарҳои мардумӣ дар осори устод Айнӣ……………………………………………………52
З.ХОЛИҚОВА. Ашъори маорифпарварии Садриддин Айнӣ……………………………………………………………63
А. КАРИМОВ. Мубаллиғи ғояҳои озодихоҳона ………..68
Н.ШАМСОВ. Садриддин Айнӣ - асосгузори шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик……………………………74
Н.НУРОВ. Баҳсе роҷеъ ба матншиносии як мухаммаси устод Айнӣ бар ғазали Бедил..........................................80
А.ҒОИБОВ. Устод Садриддин Айнӣ – тарғибгари фарҳангу тамаддуни миллӣ............................................92
Р.ХУДОЁРЗОДА. Мувашшаҳоти устод Айнӣ.................98
Ф.ҲУСЕЙНЗОДА, У.ДАВЛАТОВ. Ақлу ҳуш ва шаҳду нӯши мо аз мактаб аст.......................................................108
Х.ТАБАРОВ. Сад панд аз ин марди хирадманд бигиранд...................................................................................116
А.Н.ДАВЛАТОВ. Сохти ҷумлаҳои дутаркиба дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ....................................127

Р.РАҶАБОВА. Истилоҳоти соҳаи забон ва адабиёт дар "Таҳзиб-ус-сибён"-и Садриддин Айнӣ....................132
Ф.ИСКАНДАРОВА. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар осори устод Садриддин Айнӣ........................136
М.Э. ЯХШИБОЕВА. Мухотаб дар осори адабии С. Айнӣ.............................................................................143
С.И.САЛМОНОВА. Айнӣ ва робитаҳои адабӣ.............148
Г.ҶИҲОНОВА. Сохтори исмҳои мураккаб дар повести "Марги судхӯр"-и Садриддин Айнӣ..................153
Ш.ҶАМШЕД, Д.МАҲМАДСАФАР. Инъикоси масъалаҳои соҳаи маориф дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ.....................................................160
Н.БИБИҚАНД. Саҳми хонавода дар ташаккули шахсияти устод Айнӣ…………………………………168
З.С. БАРОМБЕКОВА. Айни - наш писатель……………172
Н.Н. ЮСУПОВА. Баъзе ҷанбаҳои фаъолияти маорифпарварии Айнӣ……………………………….......177
Р.САНГОВ. Талошҳои маорифпарваронаи Садриддин Айнӣ.....................................................182
Э.САФАРЗОДА. Инъикоси масъалаҳои сиёсати байналмилалӣ дар публитсистикаи устод Садриддин Айнӣ…………………………………………………………...197
Ш.АБДУАЛИЗОДА. Луғот ва истилоҳоти марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар «Ёддоштҳо» - и Садриддин Айнӣ.........................................................................216
И.АБДУЛЛОЕВ, С.ТАБАРОВ. Ҷойгоҳи «Таҳзиб-ус-сибён» дар раванди таълими забони модарӣ..................222
С.АМОНӢ. Аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии осори устод Садриддин Айнӣ дар китобҳои дарсӣ...................226
Н.ОХУНЗОДА. Бузургдошти устод Айнӣ дар осори Пешвои миллат...........................................................231

А.ШИРИНОВ. Нақши Пешвои муаззами миллат
дар шинохти устод Айнӣ……………………………………..239
А.Т. БАРОТОВ. Проблемы перевода произведения
С. Айни «Рабы»……………………………………………...246

Садриддин Айнӣ - маорифпарвар. – Душанбе, 2018, - 254 с.

**Мураттибон:**
Хуршед ЗИЁЙ
Обидҷон МАҲМУДЗОДА
Эҳсон САФАРЗОДА

**Муҳаррирон:**
М.РУСТАМЗОДА
Н.ОХУНЗОДА

**Тарроҳ:**
Н.МУМИНОВА

Ба матбаа _____________ супорида шуд. Ба чопаш ______________ имзо шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ ______. Адади нашр ______ нусха.

Матбааи Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ш.Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 6, гузаргоҳи 1